Дар ҳақиқат, ҳамагуна зуҳуроти номатлуби зидди ҷомеа аз қабили қонуншиканиҳои коррупсионӣ аз надонистан ва зоҳир намудани беэҳтиромӣ нисбат ба қонун сар мезанад. Зеро сатҳи пасти шуур ва фарҳанги ҳуқуқӣ дар содир намудани чунин кирдор боис мегардад. Дар ин радиф, ба ҳайси асосҳои меъёрӣ-ҳуқуқии мубориза бо коррупсия ва тарбияи ҷаҳонбинии зидди коррупсионӣ метавон Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 апрели соли 1997 № 691 "Дар бораи сиёсати ҳуқуқӣ ва таъмини тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 августи соли 1997 №883 "Дар бораи баъзе чораҳои беҳтар намудани тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон ва корҳои ҳуқуқӣ дар ҷумҳурӣ" ном бурд [2]**.** Гузашта аз ин, нақши тарбияи ҳуқуқӣ ҳамчун омили муҳими пешрафти ҷомеаи навин, дар тағйир ва ташаккули тафаккури шахс эътирофи арзишҳои нави ҳуқуқӣ афзалиятнок буда, дар таърихи кишвари соҳибистиқлоли мо хусусан дар ташаккули иқтисодиёт мавқеи кофӣ пайдо кардааст.

Аз ин лиҳоз, тарбияи ҳуқуқӣ ҳамчун воситаи муҳими пешгирӣ ва решакан намудани қонуншиканиҳои коррупсионӣ, ташаккули ҷаҳонбинии зидди коррупсионӣ хусусан дар ташаккули иқтисод афзалиятнок аст.

Воқеан, дарки зарурии пешгирӣ аз ҳама гуна зуҳуроти номатлуби зидди ҷомеаи инсонӣ аз қабили коррупсия, густариш ва тақвият бахшидан ба ташаккули ҷаҳонбинии зиддикоррупсионӣ дар ичрои Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз 21 июли соли 1999 «Дар бораи чораҳои иловагӣ оид ба пурзӯр кардани мубориза бар зидди ҷиноятҳорӣ дар соҳаи иқтисод ва коррупсия» дарҷ гардидааст. Гузашта аз ин, нақши Фармони мазкур дар инкишофи минбаъдаи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва тақвият бахшидан ба кор ва мукаммалгардонии раванди фаъолияти мақомотҳои мубориза бо коррупсия назаррас аст. Зеро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қариб дар ҳар суханронии худ бевосита ба масъалаи қонуншиканиҳои аз қабили коррупсия ва тарзу усулҳои мубориза бо он дахл мекунад. Гуфтаҳои ҷаноби Олӣ «Итоат ба қонун бояд ба одати ҳар шаҳванд табдил ёбад»,- моҳияти миллии пешгирӣ ва муборизаи беамон бурдан бо коррупсияро арзёбӣ менамояд. Дар ин радиф, ба ҳайси асосҳои пиёда намудани тарзу усулҳои кори тарбиявӣ ва мубориза бо коррупсия «Стратегияи мубориза бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008-2012» ки 26 январи соли 2008 интишор гаштааст. Дар қатори амалӣ намудани принсип ва ҳадафҳои сиёсати зиддикорупсионии давлат дар ин ҳуҷҷат такмили усул ва таҳияи чораҳои комплексии ташкилию ҳуқуқӣ, ичтимоию иқтисодӣ ва тарбиявӣ, ки ба пешгирии самаранок ва муассир ошкор ва бартараф кардани коррупсия, ташкили муборизаи судманди он дар сатҳи баланди касби арзёбӣ шудааст. Қаблан, «Стратегияи мубориза бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008-2012» ҳамчун яке аз бахшҳои ҷудонопазири «Барномаи давлатии мубориза бо ҷиноятҳорӣ дар Ҷумҳурии

Тоҷикистон барои солҳои 2008-2015» маҳсуб аст. Бояд тазаккур дод,ки «Стратегияи мубориза бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008-2012» аз 2 Фасл ва 5 боб иборат аст.

Дар Стратегия маҷмӯи тадбирҳо ва чорабиниҳо дар бахши мубориза бо коррупсия бо назардошти иштироки доираи субъектон баррасӣ шудааст [3].

Зимнан бояд қайд кард,ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон санади мушаххаси ҳуқуқӣ, ки алайҳи мубориза бо куррупсия ва дар ин росто дуруст ба роҳ мондани тарбияи ҷаҳонбинии зиддикоррупсионӣ ба тасвиб расидааст, ки баъзе лаҳзаҳои онро дар боло зикр намудем ва ин ҚонуниҶумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» мебошад, ки онро ҳамчун намунаи санади ҳуқуқии мубориза бо коррупсия метавон номид.

Мувофиқи м. 1 ҚонуниҶумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон»: «Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти ваколатдори назорати давлатии молиявӣ ва ҳифзи ҳуқуқ буда, назорати давлатии молиявиро оид ба истифодаи самарабахши маблағҳои давлатӣ ва молу мулки давлатӣ барои таъмини амнияти иқтисодии давлат, бо роҳи огоҳсозӣ, пешгирӣ, ошкорсозӣ, рафъи ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ, фошнамоӣ, таҳқиқ ва тафтишоти пешакии ҷиноятҳои коррупсионӣ,иқтисодии хусусияти коррупсионидошта ва ҷиноятҳои ба андоз алоқаманд, инчунин дигар вазифаҳоеро, ки ҳамин Қонун ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ кардаанд, иҷро менамояд» [4].

Инчунин, дар ҳамин ҷо омадааст, ки «Агентӣ дар фаъолияти худ танҳо ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тобеъ ва ҳисоботдиҳанда буда, ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба натиҷаҳои тафтишу санҷишҳои молиявӣ ҳисобот пешниҳод менамояд». Бояд тазаккур дод, ки коррупсия дар ҷабҳаҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоӣ рух медиҳад. Аз ин лиҳоз, баҳри аз байн бурдани ин падидаи номатлуби ҷомеа сохтори қудратӣ лозим аст, ки мақсад ва ҳадафҳои таъсисёбии он бо муҳайё сохтани заминаи ҳуқуқии миллию байналмилалӣ усулҳои пешгирӣ ва мубориза бо коррупсия рост ояд. Яъне чунин сохтор бояд бевосита бо мубориза бо коррупсия сарукор дошта бошад. Ҳамин тавр ҳам шуд, бо мурури замон соли 2006 ислоҳоти мақомоти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид. Ин ислоҳот ба давраи нав ва васеи мубориза бо коррупсия дар кишварамон боис шуд. Аз ин ҷо, ки тибқи қонун мақомоти Агентӣ ҳамчун ҳомии мубориза бо коррупсия номбар шудааст ва баҳри пиёда намудани ҳадафҳои хеш дар таъмини амнияти кишвар, раванди низоми демократия, тақвият бахшидан ба густариши муносибатҳои иқтисодӣ ва бозоргонӣ дар ин замина мусоидат намудан ба устувор ва пойдоргардии қонуният ва амалисозии сиёсати давлатӣ дар соҳаи мубориза бо коррупсия бояд фаъолияти хешро пеш барад.

Аз ин лиҳоз Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» сарчашмаи муҳими ба роҳ мондан ва пиёда намудани тарбияи ҷаҳонбинии зиддикоррупсионӣ ном бурда мешавад.

Дар устуворгардӣ ва тақвият бахшидан ба фаъолияти минбаъдаи Агентӣ метавон Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон«Дар бораи тасдиқи Низомномаи адои хизмат дар воҳидҳои ҳифзи ҳуқуқ Агентии Назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 13 майи соли 2007 ва Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи натиҷаҳои тафтишу санҷишҳои Агентии назорати давлатии моливӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба вазъи истифодабарии заминҳо дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ» аз 30 ноябри соли 2007 ва дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, ки мо дар бобҳои поёнӣ баррасӣ намудаем, нақши муҳим бозидаанд [5].

Коррупсия ҳамчун зуҳуроти номатлуби ҷомеа мавриди омӯзиш ва таҳлили соҳаи мустақили ҳуқуқ (ҳуқуқи ҷиноӣ, гражданӣ, маъмурӣ, меҳнатӣ) қарор дода мешавад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки раванди мубориза бо коррупсия ва андешидани чораҳои мушаххас чун зарурати беэътино намудани қабили унсури номатлуби ҷомеа ва

аз маънии зиндагӣ берун намудани он дар силсилаи қонунгузориҳои кишварамон зикр гаштааст.

Инчунин дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқиро номбар намудан ба маврид аст, ки ҳамчун сарчашмаи мубориза бо коррупсия эътибори хоса доранд. Ҳамин тариқ, гуфтан ба маврид аст, ки сарчашмаҳои мубориза бо коррупсия, аз маҷмӯи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ иборат буда, ҳамчун воситаи ташкил ва таъмини ҷараёни пешгирӣ ва мубориза бо коррупсия мавриди истифода қарор дода мешавад.

Қонунгузории соҳаи коррупсия хусусияти маҷмӯӣ дорад. Яъне асосҳои ҳуқуқии коррупсия дар тамоми соҳаҳои ҳуқуқ ва қонунгузориҳои ҷорӣ арзёбӣ гардидааст. Вале Низомномаҳои зиёде ҳастанд, ки дар татбиқи сиёсати зиддикоррупсионии давлат ва дар ин замина густариш бахшидан ба ҷаҳонбинии иқтисодию зиддикоррупсионии шаҳрвандон нақши хоса мебозанд.

Қатъи назар аз ин, қисми таркибии низоми ҳуқуқии коррупсияро санадҳои байналмиллалие, ки Тоҷикистон эътироф кардааст, ташкил медиҳад. Феълан санадҳои байналмиллалии мубориза бо коррупсия ба сифати манбаъҳои муҳими тарбияи ҷаҳонбинии иқтисодию зиддикоррупсионии шаҳрвандон ҳисобида мешавад.

Дар доираи ин асосҳои воқеъии дар давлат баҳри пешрафт ва ташаккули иқтисодиёт равоншуда, муқоисаи онро бо дигар давлатҳо ба мақсад ҳисобидан тақозои замон аст.

Ҷаҳонбинии зиддикоррупсионӣ дар пешгирии ҷиноятҳои иқтисодӣ ҷанбаҳои ташкилию маҳакии мутааллиқи низоми муташаккили мақсадноки маърифатию иқтисодиро пешбинӣ менамояд.

Аслан ҷаҳонбинии зиддикоррупсионӣ бо мақсади пешгири аз ҳама гуна амалҳои номатлуб ва ба хотири ошкор намудани амалҳои номатлуби иқтисоди пасипардавӣ дар ҳама сохторҳои давлатию ҷамъияти иборат мебошад.

Ҷаҳонбинии зиддикоррупсионӣ дар асоси ташаккули маърифати иқтисодию ҳуқуқӣ густариш меёбад.

Ба хотире, ки мақолаи мазкур ба мамолики хориҷи кишвар Ҳолланд вобаста аст боиси нигарони менамоем.

Ҳолланд яке аз давлатҳои пешрафтаи дунё ба шумор меравад. Чун дигар давлатҳо мубориза бо коррупсия ҳамчун сиёсати муҳим ва ҷиддии давлатдорӣ пос дошта шудааст.

Ҳукумати Ҳолланд бо мақсади пешгирӣ ва мубориза бо коррупсия як силсила тадбирҳое андешидааст, ки аз рӯи характер онҳо ба усулҳои маъмурӣ–ҳуқуқии мубориза бо ин падидаи номатлуб хос аст. Яъне пурзӯр намудани санксияҳои кодекси ҷиноятӣ нисбат ба амалҳои коррупсионии хизматчиёни давлатӣ як самти мубориза бо коррупсияро дар ин давлат афзалиятнок намуд [6].

Аслан, ҷорӣ намудани ин усулҳо сабаб дошт. Яъне таи солҳои охир дар мамлакат аз ҷониби баъзе ходимони сиёсӣ ва ҷамъиятӣ даст задан ба ришваю ришваситонӣ авҷ мегирад, ки ин ҳам бошад аз ҳисоби устувор намудани мақоми хеш дар идораҳои давлатӣ ва истифодаи он ба манфиати гурӯҳҳои муташаккили ҷиноятпеша пиндошта мешуд.

Аз ин лиҳоз, бо мақсади пешгирӣ ва мубориза бо коррупсия дар системаи хизмати давлатӣ силсилаи тадбирҳо андешида шудаанд.

Аз ҷумла, ба хизмати бехатарии давлатӣ ваколатҳо оид ба санҷиши баъзе аз номзадҳо ба депутатии парламенти мамлакат, ки онҳо бо тариқи пинҳонӣ бо гурӯҳи ҷиноятторони муташаккил ҳамкорӣ доштан, вогузор гашт.

Бояд тазаккур дод, ки бо ақидаи ҳуқуқшиносони кишварҳои ҷаҳон ҳалли масоили пешгирӣ ва мубориза бо коррупсия бо ин ё он тарзи мусоидат кардан ба истифодаи шакл ва усулҳои мубориза бо ҷиноятторӣ аз ҷумла, муайян кардани назорати махсуси иҷтимоӣ – ҳуқуқӣ нисбат ба манбаҳои даромад ва фаъолияти молиявӣ-иқтисодии шахсони гумонбар дар коррупсия маънидод мегардад. Дар асл бошад, назорати иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ ҳамчун як тарзи мубориза бо фасодкорӣ дар ҳамоҳангсозии фаъолияти идораҳои давлатӣ,

ташкилотҳои ҷамъиятӣ, шахсони мансабдори ваколатдор оид ба назорат ва санҷиши фаъолияти шаҳрвандони алоҳида ва шахсони ҳуқуқӣ дар ошкор кардани амалҳои коррупсионӣ зоҳир мегардад. Ба ваколатҳои субъекти назоратӣ-иҷтимоӣ дар давраи муайян, яъне то қабули қарори суд мустақиман андешидани чораҳои мушаххас нисбати шахси назоратшаванда вогузор шуда буд. Муваққатан аз кор дур кардани шахси гумонбар дар коррупсия, маҳдуд ё маҳрум кардан аз фаъолияти муайян, ҳамчунин нисбат ба ҳисоби бонки ӯ татбиқ намудани монеаҳо амсоли тадбирҳои андешидаи назорати иҷтимоӣ–ҳуқуқӣ шуморида мешавад ва бо ин усул роҳандозии тарбия ҳамчун воситаи густариши ҷаҳонбинии зиддикоррупсионӣ ба ҳисоб меравад.

Усули иҷтимоӣ-ҳуқуқии мубориза бо коррупсия аслан дар ИМА ва Ҷопон мавқеъ ва манзилати хоса пайдо намудааст. Дар Ҷопон тибқи қонун шахсоне, ки дар ҷиноятҳои муташаккил ва коррупсия шариканд ё баҷавобгарии ҷиноятӣ муттаҳам гаштаанд, ба қайди махсус гирифта мешаванд.

Одатан ин иқдом аз баррасии маълумот ба аҳли ҷомеа мебошад, ки ин худ як усули ботамкини ҳуқуқӣ дар ҷорӣ намудани назорат аз болои шахси муайян ва манбаҳои даромади он, инчунин истифодаи тадбирҳои ҳуқуқмаҳдудкунанда, ки дар содир намудани қонуншиканиҳо монеа мегардад, иборат аст. Қонуни гардонидани воситаҳои хароҷоте, ки тариқи содир намудани ҷиноят ба даст оварда шудаанд, аз ҷумла дар шакли гирифтани пора ва ғ.

Дар ИМА соли 1991 Қонуни федералӣ дар бораи назорати ҷиноятҳои муташаккил ба тасвиб расидааст. Ибораи «Фаъолияти рэкеторӣ» ба сифати мафҳуми асосӣ дар ин Қонун истифода гардидааст, ки он дар баробари гирифтан ва додани пора ба доираи васеи ҳуқуқвайронкуниҳое, ки ба ҷиноятҳои муташаккил алоқаманд (ришваситонӣ, баъзе намудҳои қаллобӣ, машғул гаштан ба бозиҳои саргармӣ (азартӣ) ё қиморбозӣ, тибқи нақша пешбурдани амалиётҳои ғайриқонунӣва ғ.) хос дониста шудааст.

Мубориза ба фаъолияти рэкеторӣ аз ҷониби мақомоти судӣ ва Жюрии калон пеш бурда мешавад. Жюрии калон дар доираи штат ё ҳавзаи алоҳида таъсис гашта, шакли кори он аслан ҷаласа мебошад, ки дар он масъалаҳои мушаххас, яъне ба фаъолияти рэкетӣ машғул гаштани ашхоси алоҳида мавриди баррасӣ ва муҳокима қарор дода мешавад.

Дар ҳолати мавҷуд будани асосҳо барои оғоз намудани парвандаи ҷиноӣ Жюрии калон парвандаро ба суд ирсол менамояд.

Ва то қабули қарори суд Жюрии калон нисбати амалҳои гумонбар маҷмӯи маҳдудиятҳои ҳуқуқиро, ки қонун муқаррар намудааст татбиқ менамояд. Барои риоя накардани ин маҳдудият қонун ҷаримаро ба маблағи то 20 ҳ. долл. ё ба мӯҳлати 20 сол аз озодӣ маҳрум, ҳамчунин татбиқи якҷояи ин ҷазоҳоро пешбинӣ намудааст.

Тибқи ин қонун шахсе, ки аз фаъолияти рэкеторӣ бевосита ё бавосита даромад ба даст овардааст ва истифодаи минбаъдаи он қатъиян манъ гардидааст. Аз ҷумла:

–бо мақсади ба даст овардани корхона, таъсис ва таъмини пешбурди фаъолияти он;

– ё иштирок дар савдои беруна ва савдои байни штатҳо;

–тавассути маблағҳои рэкеторӣ монеа сохтан ба ҷараёни савдои давлатӣ ва ғ. Инчунин аз ҳисоби фоидаи рэкеторӣ додани кредит-қарз, бастани шартномаҳои фоидаовар ё дигар амалиёти хоҷагиро қонуни мазкур қатъиян манъ намудааст. Аз ҳама муҳимаш, барои вайрон намудани қоидаи муқаррар намудани ин қонун андешидани чораҳои хусусияти ҳуқуқмаҳдудкунанда пешбинӣ шудааст. Яъне барои вайрон кардани муқаррароти манъгаштаи ҷазои ҷиноятӣ то 25 ҳазор долл. ё ба мӯҳлати то 20 сол ба маҳбас кашидан, ҳамчунин татбиқи ҷазои ҷиноятӣ аз рӯи интихоб ё ҳарду якҷоя муқаррар гардидааст. Ашхосе, ки чунин фаъолиятро касб намудааст, ихтиёран бояд ҳамаи даромадҳои ғайриқонунии ба дастовардаашро ба ҳисоби давлат гузаронад. Дар сурати истодагарӣ ё саркашӣ намудан амволи ин ашхос ба ҳабс гирифта шуда, оқибат бо қарори суд мусодира карда мешавад.

Ин ҳама тадбирҳо баҳри пешгирӣ ва мубориза бо коррупсия аз ҷониби давлатҳои хориҷа дар шакли қонун ба тасвиб расидааст.

Аз ин лиҳоз, баҳри пешравӣ ва инкишофи минбаъдаи кишвари соҳибистиқлол мо бояд тамоми тадбирҳоро ҷустуҷӯ намоем, ки ба рафъи ин падидаи номатлуб дар ҷомеа боис гардад ва дар ин ҷода ривоҷу равнақи ёфтани ҷаҳонбинии зидди коррупсионӣ тавассути тарбияи ҳуқуқӣ бо истифода аз меъёрҳои иҷтимоию иқтисодӣ мавзӯи муҳим дар ин давру замон боқӣ хоҳад монд.

Адабиёт:

1. Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2003.-С.37-55.
2. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи сиёсати ҳуқуқӣ ва таъмини тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 9 апрели соли 1997; Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи баъзе чораҳои беҳтар намудани тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон ва корҳои ҳуқуқӣ дар ҷумҳурӣ” аз 27 августи соли 1997.
3. Стратегияи муборизa бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008-2012. –С.11.
4. Куракин А.В. Предупреждение и пресечение коррупции в зарубежных государствах, на примере США, Канады, ФРГ, франции, Испания, Португалии … А.В.Куракин. Право и политика -2002. -№6
5. Иванов А.М. Уголовное законодательство зарубежныхстран о преступлениях в сфере экономической деятельности // Экономическая преступность и коррупция. – М., Научно-исследовательский институт укрепления законности и правопорядка при Ген. прокуратуре РФ. 2003.
6. Кузнецов А.Ю. Российское и зарубежное законодательство о мерах противодействия коррупции/ Кузнецов А.Ю. и др. – Владивосток, Изд-во ДВГАЭУ, 1999.

ОПЫТ АНТИКОРРУПЦИОННЫХ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ В ГОЛЛАНДИИ И РАЗВИТИЯ ЭКОНОМИКИ.

Хасанов Ш.К.

В статье рассматривается опыт антикоррупционных деятельностей в Голландии и в других Европейских странах, и на основе обощения их опыта предлагается ряд мер антикоррупционного характера для условий республики. Обосновивается роль социалной среды, повышения общественного сопротивления, а также мировзрения, юридического образования в снижении уровеня коррупции и теневой экономики в стран переходной экономики.

Ключевые слова: экономическое и юридическое образование, коррупция, социальное сопротивление, экономический интерес, мировоззрение, гражданское общество, средний класс, теневая экономика, экономика преступления, правовые, территориальные и рыночные поля, государство, монополист, предприниматель, нелегальная экономика, коррупционное поведение.

ANTICORRUPTION WORLD OUTLOOK OF HOLLAND IN DEVELOPING OF THE ECONOMY

Hasanov Sh.Q.

The article examines the experience of the anticorruption action in Hollandand other European countries and on basis of enrichment of their experience some anticorruption measures are offered, which are typical for our republic. The role of the sensible social environment, increasingsocial opposition and also world outlook, legal education in decreasing the level of corruption and shadow economy in the countries with transitional economy.

***Key words*:** economic and legal education, corruption, social opposition, economic interest, world outlook, civil society, middle class, shadow economy, economy offence, legal, territorial, market areas, state, monopolist, entrepreneur, illegal economy, corruption conduct.

Сведения об авторе: Хасанов Шарифхуджа Казиевич – кандидат юридических наук, доцент кафедры экономической теории Института финансов и экономики Таджикистана, тел'.: (+992) 918 258989.

Information about the author: Hasanov Sharifkhuja Kozievich, PhD in economical science, associate professor of Economy theory chair in Institute of Finance and Economy of Tajikistan, tel. (+992) 918 258989.

ҶАНБАҲОИ ЗИДДИКОРРУПСИОНИ ОЛМОН ДАР ПЕШГИРИИ ИҚТИСОДИ ПАСИПАРДАВӢ

Ҳасанов Ш. Қ., Гафуров Ғ.С.
Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Асосан ҷиноятҳои коррупсионӣ дар маҷмӯъ ҷиноятҳои оммавии сӯиқасдонаеро меноманд, ки эҳтиромии хизмати давлатӣ ё мақомоти идоракунии маҳаллӣ, хизмат дар ташкилотҳои тиҷоратӣ ва сохторҳои ғайритиҷоратӣ ва ғ., дар натиҷаи ғайриқонунӣ гирифтани неъматҳои моддӣ ё бартариятҳо аз ҷониби ашхоси ваколатдори хизмати давлатӣ ва мақоми идоракунии маҳаллӣ ё ташкилоти тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ комилан халалдор мегардад, фаҳмида мешавад.

Аз ин рӯ хусусиятҳои ҷиноятҳои коррупсионӣ, шахсияти коррупсионер, ниҳонии ҷиноятҳои коррупсиониро мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор додан аз фоиди холи набуда он пеш аз ҳама аз пешгирии иқтисодиёти зерипардагӣ иборат аст.

Ҷанбаҳои муосири зиддикоррупсионӣ дар пешгирии ҷиноятҳои иқтисодӣ ҷанбаҳои ташкилию маҳакии мутааллиқи низоми муташаккили мақсадноки маърифатию иқтисодиро пешбинӣ менамояд.

Усулҳои ҷаҳонбинии зиддикоррупсионӣ дар асоси ташаккули маърифати иқтисодию ҳуқуқӣ густариш меёбад.

Асосан ҷанбаҳои зиддикоррупсионӣ бо мақсади пешгири аз ҳама гуна амалҳои номатлуб ва ба хотири ошкор намудани амалҳои номатлуби иқтисоди пасипардавӣ дар ҳама сохторҳои давлатию ҷамъияти иборат мебошад.

Роҷеъ ба мақолаи мазкур ба мамолики хориҷи кишвар Олмон вобастагӣ дорад боиси таҳлил қарор хоҳем дод.

Таҷриба гувоҳи он аст, ки тарзу усулҳои мубориза бо коррупсия дар Олмон нисбат ба дигар давлатҳо беҳтар ба роҳ монда шудааст. Аз ин ҷо, усули аз ҳама афзалиятнок ва муносибтари мубориза бо коррупсия дар Олмон муайян намудани самтҳое мебошад, ки дар он ҷо:

- мавҷуд будани хатари коррупсия;
- ташкили манбаҳои иттилооти оид ба шахсони ҷисмонӣ ва ҳуқуқӣ дар бонки марказӣ;
- фош кардани амали хизматчиёни давлатӣ дар гирифтани пора, ки минбаъд бо номи нав ё дигар усулҳои номатлуби пинҳонӣ фармоиши давлатиро ба ҷо меоранд;
- татбиқ намудани ротатсияи кадрҳои идоракунӣ;
- таъсиси подразделенияи дохилии назоратӣ оид ба фаъолияти ҳайати кормандони маъмурӣ.

Ба ин нигоҳ накарда дар Олмон коррупсия ҷой дорад. Сентябри соли 1996 дар Берлин конференсия доир ба мавзӯи мубориза бо коррупсия баргузор гашт. Аз рӯи

маводҳои пешниҳодгашта маълум шуд, ки дар шаҳрҳои калони ҶФГ аз ҷониби прокуратура ҳазорон далелҳои ҷой доштани коррупсия ошкор ва фош карда шудааст (аз ҷумла дар Франкфурт - на - Майне зиёда аз 1000, дар Мюнхен қариби 600, дар Гамбург қариби 400, дар Берлин қариби 200 амалҳои коррупсионӣ).

Дар соли 1994 қариб 1500 ашхос барои содир намудани ҷиноятҳои коррупсионӣ ба суд кашида шудаанд. Ин шумора дар соли 1995 ба ҷалби 2000 одам боло рафтааст, ки экспертҳо ин ҳолатро ҳамчун қуллаи баланди яхкӯҳ азрзёбӣ намудаанд. Аз ҷумла, дар муттаҳам гаштан ба коррупсия идораи давлатӣ оид ба санҷиши гурезагони хориҷӣ, марказҳои бақайдгирии нақлиётӣ ва дигар муассисаҳо ҷалб гардидаанд.

Ҳатто, кор ба ҷое расида буд, ки бо пули нақд тариқи ғайриқонунӣ харидани ҳуқуқ ба таъсиси тарабхона ё қиморхона, шаҳодатномаи ронандагӣ, иҷозатнома барои кашида бурдани нақлиётҳое, ки нодуруст ҷойгузорӣ шудаанд ва ғ. имконпазир гардида буд. Ба ин нигоҳ накарда аз рӯи баъзе расонаҳо коррупсияи иқтисодӣ ба андозаи 4,1 млрд. Евро дар соли 2007 ва ба андозаи то 3, 4 млрд. Евро, ки ба соли 2009 рост меояд, ба давлат зарари ҷиддии моддӣ ирсол намудааст.

Қариби 2% кормандони кироя олудаи коррупсия мебошанд, ки ин нишондод нисбати мансабдорони олимақом бештар ба назар мерасад. Дар коррупсияи немисӣ нақши мардон афзалиятноканд. Аз рӯи омор ҳиссаи мардон дар коррупсия аз 78% то 93% боло рафтааст. Аз ҷониби дигар, ин навъи ҷиноят дар Олмон ба машғулияти қатъии мардон табдил гардидааст. Зеро 76% сафи ҷиноятҳоронро дар ин самт мардон ташкил медиҳанд. Коррупсионери феълан немисӣ - ба марди дорои маълумоти олӣ ва мансабдӯст рост меояд.

Аз рӯи хулосаи Бонки ҷаҳонӣ (оғози соли 2010) дар натиҷаи сар задани бӯҳрони иқтисодӣ коррупсия ҳамчун падидаи номатлуби ҷомеа рӯ ба афзоиш ниҳодааст. Дар қатори дигар давлатҳои пешрафтаи ҷаҳон бӯҳрони коррупсия Олмонро ба коми худ кашидаст. Ва ин падидаи номатлуб бештар дар соҳаи тиҷорат ба чашм мерасид. То охири соли 2010 тиҷорати немисӣ ҷиноятҳои коррупсионӣ - ришваситониро дар мадди аввал гузоштааст (61%), баъдан дуздӣ (57%) ва ҷиноятҳои электронӣ (53%). Ин лаҳзаҳоро Департаменти Федералии Олмон оид ба муборизаи иқтисодӣ чи аз рӯи омор ва шумора айнан баррасӣ намудааст.

Умуман баъд аз тасдиқи Конвенсияи СММ «Дар бораи мубориза бо коррупсия», як қатор тадбирҳо андешида шудаанд. Аз ҷумла мувофиқгардонии қонунгузории дохилӣ ба стандартҳои байналмилалӣ, ҷорӣ намудани ҷавобгарии интихобшавандагони халқӣ барои ришваситонӣ ва ғ.

Аз рӯи барометри пешгирӣ ва мубориза бо коррупсия Германия дар байни давлатҳои пешқадами ҷаҳон дар ҷойи чаҳордаҳум қарор дорад. Аслан Зеландияи Нав, Дания, Сингапур ва Шветсия давлатҳои ғайрикоррупсионӣ шинохта шудаанд.

Манзараи маҳзунро дар мисоли мубориза бо коррупсия дар Сомалӣ, Афғонистон, Бирма, Судан ва Ироқ дида метавонем, ки дар ҳақиқат дар ин давлатҳо то кунун масъалаи коррупсия иқомат дорад. Гарчанде баъзе тадбирҳо аз ҷониби сохторҳои қудратии онҳо андешида шуда бошад ҳам, вале натиҷаи мусбат набахшидааст.

Коррупсия ҳамчун масоили интернатсионалӣ то имрӯз боқӣ мондааст. Зеро новобаста аз сохтори сиёсӣ ва сатҳи инкишофи сиёсӣ аз рӯи миқёс он мансуби тамоми кишварҳои ҷаҳон мебошад.

Ба ин нигоҳ накарда, дар Олмон баҳри пешгирӣ ва мубориза бо коррупсия тадбирҳои махсусан ҷиддӣ андешида шудааст [1]. Аз қабили чунин тадбирҳо қабули санади меъморӣ-ҳуқуқӣ оид ба одоби хизматчиёни давлатӣ ба шумор меравад. Тибқи ин санади ҳуқуқӣ шахси мансабдори давлатӣ, бояд ҳар сол оид ба вазъи амволӣ ва даромади софи худ ба мақомоти назорати молиявии кишвар маълумоти дақиқ пешниҳод намояд. Дар ҳолати саркашӣ аз риояи ин талабот онҳо ба ҷавобгарӣ кашида мешуданд. Ҳамзамон дар Германия ба мисли ИМА, Канада ва Франсия дар арафаи ба хизмати давлатӣ ҷалб гардидани шаҳрвандон вазъи молиявии онҳо ба қайд гирифта мешавад. Чунин иқдом дар идомаи хизмати давлатӣ низ сурат мегирад. Дар натиҷаи

тағйирёбии вазъи молиявии хизматчиёни давлатӣ ҳамзамон ба мақомоти дахлдори давлатӣ ё комиссияи дохилии маъмурӣ дар ин хусус пешниҳод намудани маълумот ҳатмист. Дар сурати фош гардидани хатогии молиявӣ ё муайян намудани манбаҳои нодурусти он хизматчии давлатӣ аз вазифа сабукдӯш гашта нисбаташ парвандаи ҷиноятӣ оғоз мегардад.

Дар натиҷаи фош ва ошкор гаштани даромадҳои ғайриқонунии ба дастовардаи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ бошад ё чунин даромад боиси халалдор гаштани ҷараёни фаъолияти хоҷагидории онҳо гардад, нисбати роҳбарони онҳо татбиқи чораҳои қатъии характери ҳуқуқидошта сурат мегирад. Фаъолияти корхона бошад, боз дошта мешавад. Дар ин ҷода, истифода аз усулҳои самараноки тарбиявӣ мавқеъ ва манзалати хосса дорад. Вале дар аксар давлатҳои Ғарб усулҳои меъёрӣ-ҳуқуқии муборизa бо коррупсия афзалиятноканд ва ин усулҳо дар ба вуҷуд овардани маҳдудиятҳо нисбат ба ваколат ва вазъи хизматии шахсони мансабдори давлатӣ мавриди истифода қарор дода мешавад.

Дар давлатҳои зикргашта коррупсия ба замми зуҳуроти мудҳиш арзёбӣ гаштан ҳамчун як шакли таҳдиди глобалӣ маънидод мегардад. Ва ягона роҳи муборизa бо коррупсия ва дар пешгирии ҷиноятҳои иқтисодӣ пасипардавӣ таъмини волоияти қонун дар кишвар аст. Зеро риоя ва таъмини қонуният ин тадбирест баҳри наҷот ёфтан аз коррупсия мебошад. Аз ин рӯ, таъмини босазои волоияти қонун то кунун аз ташвиқ ва тарғиби ҳуқуқ ҳамчунин тарбияи инсони комил вобаста аст. Ҳамзамон рӯ овардан ба чунин тадбир яке аз воситаҳои самараноки муборизa бо коррупсия ҳисобида мешавад.

Инҷо бояд қайд кард, ки муборизa алайҳи ҷиноятҳои характери коррупсионӣ дошта, бо мақсади паст кардани коррупсия дар мақомотҳои Ҳокимияти давлатӣ ва хусусан дар пешгири ҷиноятҳои иқтисоди ва ошкор намудани амалҳои номатлуби пасипардагӣ равона гардида дар суръати ба амал омадани кирдори номатлуб яъне фасод боиси ҷавобгарӣ хоҳад гашт.

Пас бояд қайд кард, ки муборизa бар зидди коррупсия бо иштироки васеи ташкилотҳои ҷамъиятӣ, аҳолӣ ва воситаҳои ахбори омма шакл мегирад.

Аҳолии кишвар – шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бетабаа бояд дар пешгирӣ ва муборизa бо коррупсия саҳмгузор бошанд. Аз ин лиҳоз, шаҳрвандон ё аниқтараш аҳолии кишвар дар муборизa бо коррупсия ба ҳайси субъект номбар гаштаанд. Аслан шаклҳои гуногуни иштироки шаҳрвандон дар муборизa бо коррупсия мавҷуд мебошад. Яке аз чунин тарзу усулҳои иштироки аҳолии кишвар, ки дар заминаи фазои умумии тоқатнопазирӣ нисбат ба зуҳуроти коррупсия б**а вуқӯъ мепайвандад, баланд бар**доштани фаъолнокии иҷтимоӣ-ҳуқуқии аҳолии кишвар мебошад. Ин шакл хоси равобити шаҳрвандон бо мақомоти коррупсия ё ҳамкории баргузидаи байни онҳо баҳри муборизa бо коррупсия арзёбӣ ёфтааст, ки чунин иқдомро бидуни ҷаҳонбинии зидди коррупсионӣ тасаввур намудан ғайриимкон аст.

Аз ҷониби дигар, барои таҳкими иштироки аҳолӣ дар муборизa бо коррупсия ва зарурати пурзӯр намудани он, қабули барномаҳои тарбияи ҳуқуқии аҳолӣ, ки мақсади ниҳоии он ташаккули фарҳанги ҳуқуқиро тақозо менамояд, лозим аст. Маҳз тавассути ин шакл шояд имконияти аз байн бурдани чунин падидаи номатлуби зиддииҷтимоӣ анҷомпазир гардад. Тарбияи ҳуқуқӣ яке аз усулҳои пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ маҳсуб аст. Сарфи назар аз ин, донистани ҳуқуқ ва ҳифзи он худ яке аз усулҳои муборизаи аҳолӣ бо коррупсия маънидод мегардад. Тарбияи шуури ҳуқуқӣ ба шаҳрванди кишвар имконият медиҳад,ки худро яке аз ҷузъҳои содиқ ва таркибии ҷомеа, миллат ва аҳли башар эҳсос кунад.

Ҷиҳати риоя намудани талаботи қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, аз ҷумла пешгирӣ ва муборизa бо коррупсия нақш, мавзеъ ва манзалати шаҳрвандон зиёд аст. Вале дар ин самт афзун намудани рафтори фаъоли ҳуқуқии шаҳрвандон аз ҳама муҳим аст. Бояд таъкид дод, ки рафтори қонунии фаъолонаи шаҳрвандон дар заминаи сатҳи баланди фарҳангӣ-ҳуқуқӣ ва ҳастии ҷаҳонбинии зиддикоррупсионии аҳолӣ ба миён меояд. Аз ин лиҳоз, рафтори қонунии фаъолонаи шаҳрвандон хоси фарҳанги ҳуқуқӣ мебошад. Зеро

сатҳи баланди фарҳанги ҳуқуқии ҷомеа яке аз омилҳои инкоркунандаи ҳама гуна кирдорҳои номатлуб арзёбӣ мегардад. Яъне риояи талаботи қонуният аз ҷониби субъектони ҳуқуқ, хусусан аз ҷониби идораҳои давлатӣ ва шахсони мансабдор, иҷрои дурусти ба ҷо овардани масъулияти хизматиро баҳри таъмини ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон, адолати иҷтимоӣ, ки чунин амал ташвиқ ва тарғиби дурусти қонун ва истифодаи дақиқи онро тақозо менамояд, муҳим аст. Бархурдор шудан тавассути маводҳои таълимӣ ва тарбияи ҳуқуқӣ имкониятҳои назариявии аз бар намудани донишҳои ҳуқуқиро муфид аст. Вале устувории эътиқоди назариявии ҳуқуқӣ аз ҳисоби таҷрибаи ҳаётӣ ғанӣ мегардад,ки замина ва бартариятро дар чунин ҳолат аз ҳисоби ташвиқ ва тарғиби қонуният ва таҳкими он ҳосил намудан мумкин аст. Мутаассифона, ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта бештар дар натиҷаи надонистани қонун ё аз сатҳи пасти шуур ва фарҳанги иқтисодию ҳуқуқи шахс сар мезананд [2]. Вале «Надонистани қонун ҷавобгариро истисно намекунад» [3]. Аз ин ҷо, аҳолии он, ҳамчун субъекти пешгирӣ ва мубориза бо коррупсия бояд дар ин самт ташаббускор бошанд.

Зеро қонунияти ҳуқуқӣ ва таъмини он дар самти пешгирӣ ва мубориза бо коррупсия бо мақсади ташаккули иқтисодиёти кишвар вазифаи шаҳрвандон ва аҳли ҷомеа мебошад.

Адабиёт:

1. Куракин А.В. Предупреждение и пресечение коррупции в зарубежных государствах, на примере США, Канады, ФРГ, Франции, Испания, Португалии … А.В.Куракин. Право и политика -2002, -№6
2. Иванов А.М. Уголовное законодательство зарубежныхстран о преступлениях в сфере экономической деятельности // Экономическая преступность и коррупция. – М., Научно-исследовательский институт укрепления законности и правопорядка при Ген. прокуратуре РФ. 2003.
3. Кузнецов А.Ю. Российское и зарубежное законодательство о мерах противодействия коррупции/ Кузнецов А.Ю. и др. – Владивосток, Изд-во ДВГАЭУ, 1999.

ОПЫТ АНТИКОРРУПЦИОННЫХ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ В ГЕРМАНИИ И ПРЕДОТВРАШЕНИЕ В ТЕНЕВОЙ ЭКОНОМИКИ

Хасанов Ш. К., Гафуров Г.С.

В статье рассматривается опыт антикоррупционных деятельностей в Германии и в других Европейских странах. На основе их опыта предлагается ряд мер антикоррупционного характера для условий республики. Обосновивается роль здравый социальной среды, повышения общественного сопротивления, а также мировзрения, юридического образования в снижении уровеня коррупции и теневой экономики стран в переходной экономики.

Ключевые слова: экономическое и юридическое образование, коррупция, социальное сопротивление, экономический интерес, мировоззрение, гражданское общество, средний класс, теневая экономика, экономика преступления, правовые, территориальные и рыночные поля, государство, монополист, предприниматель, нелегальная экономика, коррупционное поведение.

ANTICORRUPTION ASPECTS IN GERMANY FOR PREVENTION OF THE SHADOW ECONOMY

Hasanov Sh.Q., Gafurov G.S.

The article examines the experience of the anticorruption action in Germany and other European countries and on basis of enrichment of their experience some anticorruption measures are offered, which are typical for our republic. The role of the sensible social environment, increasing social opposition and also world outlook, legal education

indecreasing the level of corruption and shadow economy in the countries with transitional economy.

***Key words*:** economic and legal education, corruption, social opposition, economic interest, world outlook, civil society, middle class, shadow economy, economy offence, legal, territorial, market areas, state, monopolist, entrepreneur, illegal economy, corruption conduct.

Сведения об авторах: Хасанов Шарифхуджа Казиевич – кандидат юридических наук, доцент кафедры экономической теории Института финансов и экономики Таджикистана, тел'.: (+992) 918 258989.

Гафуров Гиясиддин Садриддинович – аспирант кафедры финансов и кредита Института финансов и экономики Таджикистана, тел.: (+992) 918 876288

Information about the author: Hasanov Sharifkhuja Kozievich, PhD in economical science, associate professor of Economy theory chair in Institute of Finance and Economy of Tajikistan, tel. (+992) 918 258989.

Gafurov Giyosiddin Sadriddinovich, postgraduate student of Finance and credit chair in Institute of Finance and Economy of Tajikistan, tel. (+992) 918 876288

ШЕВАҲОИ КОМПЮТЕРӢ ДАР ЛУҒАТНИГОРӢ

Умаров. М.А., Қосимова М.Д.

Донишгоҳи славянии Россия- Тоҷикистон

Технологияи компютерӣ ва маҷмӯи нармафзори он, пойгоҳи маълумот ва ғ. воситаҳои асосии луғатнигории кунунӣ мебошанд. Онҳо имконият медиҳанд, ки маводи луғат бо тарзи автоматӣ таҳия гардад, маълумоти гуногуни вожаҳо ҳифз шаванд ва дар ҳолати зарурӣ коркарди мавод ва вожаҳо ба амал ояд. Маълумоти фарҳангҳои электронӣ дар мавриди доираи васеи тадқиқоти масоили забоншиносӣ қарор гирифтааст. Технологияи таҳияи вожаномаи басомадӣ, ки дар [2] шарҳи он оварда шудааст, яке кӯшишҳои аввалини омӯхтани мероси ғании адабиёти тоҷику форс аз нуқтаи назари таҳлили оморӣ бо истифодаи барномаи мураттабсохтаи компютерӣ мебошад. Зеро маҳз дар асоси истифодаи шеваҳои риёзӣ ва оморӣ дар услубшиносӣ тавассути ҳисоби аниқ ва муайян намудани қонуниятҳои услубӣ натоиҷи назаррасро метавон ба даст овард. Барномаи компютерии таҳияшуда қисмати муайяни фаолиятро вобаста ба таҳлил ва коркарди матн ба тарзи автоматӣ иҷро мекунад. Ҳамзамон, қатъи назар аз истифода бурдани ин барнома қисмати зиёди фаъолият ҳанӯз ба тарзи ананавӣ иҷро мешавад. Бешубҳа, дар соҳаи забоншиносӣ масъалаҳое, ки ҳалли онҳо танҳо аз донишу малакаи мутахассис вобастааст, фаровонанд ва дар ин ҳолат баҳсҳо оид ба тарроҳии барномаи компютерӣ ё маъно надорад ё ҳанӯз мавриди он нарасидааст. Маънидод намудани паҳлӯҳои гуногуни калима, пайдоиши таърихӣ ва этимологии он, мутааллиқияти он ба ин ё он ҳиссаи нутқ ва ҳоказо аз қабили чунин масъалаҳо мебошанд.

Истифодаи барномаи компьютерӣ [3] барои ба чоп омода кардани вожаномаи басомади ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ [6] аз як тараф имконият фароҳам овард, ки дар муддати кӯтоҳ таҳияи вожанома ба анҷом расад, ҳамзамон аз дигар тараф нишон дод, ки дараҷаи меҳнатталабии ин раванд хеле зиёд аст. Зеро дар таҳияи вожаномаи мазкур муаллифон бо назардошти таҷрибаи [1] ва [9] шеваҳои нави тадқиқро дар мавриди омӯзиш қарор дода, дар радифи ҳисоби оморӣ ҳамчунин дар масъалаи муайян намудани ҳиссаи нутқ, решаи калима, гунаи форсии калима ва маънои луғавии ҳар вожаро дар алоҳидагӣ ба инобат гирифтаанд. Чунин маълумот дар ҷараёни таҳлили натиҷаи коркарди автоматии маълумоти ибтидоӣ бо иштироки бевоситаи мутахассисон ба даст омада, дар мавриди таҳлили оморӣ қарор дода шуда буд [5]. Аммо ҳангоми ба

чоп омода кардани вожанома муаллифон аз сабаби зиёд будани меҳнатталабии ин раванд фақат бо ба инобат гирифтани гунаи форсии калима ва маънои луғавии он маҳдуд гардиданд.

Барномаи компютерӣ имконият медиҳад, ки дар реҷаи автоматӣ маълумоти ибтидоӣ (вожа, дараҷаи зудии вожа ва мавқеи корбурди он дар мавод) омода гардад. Сипас бевосита таҳияи моддаҳои вожанома шурӯъ мешавад. Силсилаи корҳои луғатнигорӣ дар ин ҳолат низ бо истифодаи техникаи компютерӣ ҷараён мегирад. Маънои луғавии калима ва гунаи форсии онро ба пойгоҳи маълумот ворид мекунанд. Ва ин пойгоҳи маълумот рукни асосии вожанома мешавад. Таҳрири моддаҳои вожанома бо истифода бурдани таҳриргари хеле мустаъмал ва паҳн гардида - MS Word иҷро мегардад. Дар баъзе ҳолатҳои истисноӣ барномаи MS Excel-ро низ истифода мебаранд. Ҳамаи ин муддати таҳияи вожаномаро хеле ихтисор мекунад, зеро ин барномаҳо дар ворид намудани мавод ва коркарди он имкониятҳои бағоят васеъро доранд. Дар ниҳояти кор вожаномаи басомадӣ-тафсирӣ ба намуди зерин таҳия мешавад:

<сирилик> <форсӣ> <тафсир> <зудӣ> <мавқеи вохӯрӣ>.

Масалан,

Орӣ	عاری	Бараҳна, урён, луч.	4	70-4; 75-14; 89-15; 505-8.
Тинат	طینت	Ниҳод, табиат; хулқ, сиришт.	4	58-6; 122-14; 224-14; 457-16.

Барои иҷрои ин кор муаллифон асосан аз «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» [7] ва варианти электронии он [8] истифода бурдаанд.

Дар маголаи мазкур на фақат раванди автоматикунонии ташаккули зудӣ ва мавқеи корбурди вожа, балки имконоти ба тарзи автоматӣ дуруст кардани унсурҳои дигари вожа ба монанди тафсир, ҳиссаи нутқ, пайдоиши забонӣ ва ғ. низ дар мавриди баҳс қарор дода, машрӯҳи раванд баён шудааст. Мавҷудияти варианти электронии фарҳангҳо ба тарзи автоматӣ таҳия ва дуруст кардани пойгоҳи маълумот ва барномаи коркардро имконпазир мегардонад. Технология муосири барномарезӣ хеле мукаммал буда, дорои воситаҳо ва асбобҳои зиёд аст. Онҳо дар таҳия ва дуруст кардани барномаҳои компютерӣ, ки дар соҳаҳои гуногуни фаъолияти инсоният мутобиқанд, имконияти фарох доранд. Назарияи алгоритмҳо, усулҳои барномарезии сохторӣ, усулҳои барномарезии объектӣ (ба объект равонашуда), усулҳои тарроҳии визуалӣ, воситаҳои мубодилаи иттилоот ва дастрасии маълумот асоси методологии ин технология мебошанд.

Одатан ҳангоми таҳияи ягон барномаи компютерӣ ба зами матраҳи барномаи компютерии самаранок, дастрасии маълумоти гуногуншакл низ ҳамеша дар пеши назар аст. Хушбахтона, имрӯз технологияҳои таҳияи нармафзор хеле пешрафта ва мавҷудияти онҳо чунин амалиётро имконпазир мегардонанд. Ба монанди технологияҳои DAO (Data Access Objects - объектҳои дастрасии маълумот), RDO (Remote Data Objects – объектҳои маълумот дар мавқеи дур ҷойгиршуда), ADO (ActiveX Data Objects – объектҳои маълумот ActiveX) ва ғ. аз қабили унсурҳои нармафзори компютери кунунӣ мебошанд [6]. Онҳо барои муҳаққиқон ва барномарезон имконияти хеле фарохро фароҳам меоваранд. Ва истифодаи чунин технологияҳои нармафзори компютерӣ дар тадқиқи масъалаи автоматикунонӣ кӯмаки зиёд расонд. Ба мо муяссар гардид, ки қисмати бештари таркиботи вожаномаро ба тарзи автоматӣ мураттаб созем. Қабл аз машрӯҳи матраҳ ва тафсири алгоритми он, марҳилаҳои асосии мураттаб сохтани вожаномаи басомадиро номгӯй мекунем:

1. Омода намкдани мавод. Маводро метавон тавассути сканкунонӣ ва ташхис бо назардошти таҳрири минбаъдӣ ё чун ананавӣ тавассути клавиатура ворид кард.
2. Хондани маълумот ва ташаккули ҷадвалҳои пойгоҳи маълумот. Дар пойгоҳи маълумот ҷадвалҳои зарурӣ барои унсурҳои таҳқиқшаванда муайян гардидаанд.
3. Коркарди қаблии мавод ва нормаликунонии воҳидҳои забонӣ.
4. Мураттаб сохтани вожаномаи басомадӣ (конкорданс) ва пешниҳоди имконияти таҳрир.

5. Таҳрири вожанома бо мақсади муайян намудани параметрҳои иловагии тадқиқи матн: маънои луғавии калима, параметрҳои морфологӣ ва этимологӣ, инчунин илова кардани баъзе шарҳу эзоҳҳо.
6. Таҳлили оморӣ тибқи параметри муайяншуда.

Тавре қайд гардида буд, таҳрири вожанома ва муайян намудани параметрҳои иловагии тадқиқ, қатъи назар аз он ки ба пуррагӣ тавассути компютер ба анҷом мерасад, меҳнати хеле зиёдро тақозо мекунад. Аз ин рӯ, моҳияти ҳалли масъалаҳоеро, ки роҷеъ ба қисми 5 ба миён меоянд, муфассалтар дар мавриди муҳокима қарор медиҳем. Ва аз ин сабаб талаботи қисми 4 – ро ба тарзи зерин васеътар мекунем: ба равиши автоматӣ мураттаб сохтани вожаномаи басомадию тафсирии истилоҳоти мавод.

Пеш аз ҳама, модели ин равандро шарҳ хоҳем дод. Бигзор пойгоҳи маълумоти истилоҳот T, ки дорои миқдори ҳаддалимкони зиёди вожаҳо мебошад, вуҷуд дорад[1]. Маҷмӯи вожаҳоеро, ки дар ин ё он мавод истифода шудаанд бо T_M ишора мекунем. Возеҳ аст, ки $T_M \subseteq T$. Ҳар як унсури t_i, $i=1,2,\ldots,n$; дар маҷмӯи T ба тарзи зерин муайян мешавад:

$$t_i = (s_i,\ p_i^1, p_i^2, \ldots, p_i^k),$$

ки дар ин ҷо s_i – вожаи *i-ум* дар вожаномаи дорои ҳаҷми n; $p_i^1, p_i^2, \ldots, p_i^k$ - параметрҳои забонӣ. Бояд қайд кард, ки унсурҳои маҷмӯи T ҳатман лоақал як параметри $p_i^1, p_i^2, \ldots, p_i^k$ -ро дорад. Азбаски ҳар як унсури s_j^m маҷмӯи T_M қисми мувофиқи унсури маҷмӯи T, яъне қисми унсури t_i мебошад, бинобарин параметрҳои он ҳамзамон параметрҳои маҷмӯи T_M мешаванд ва чунин тасдиқот ҷой дорад $t_j^m = (s_j^m, p_i^1, p_i^2, \ldots, p_i^k)$.

Ҳамин тариқ, мо бояд тарзи истифода бурдан ва тибқи гузориши масъалаи забонӣ усули аз нав ташкил кардани маҷмӯи T – ро равшан кунем. Қайд кардан ҷоиз аст, ки барои муайян намудани параметрҳои t_i дар манбаи электронии [8] маълумоти зарурӣ мавҷуд аст. Аммо дар баъзе ҳолатҳои истисноӣ ба бархе аз маълумоти иловагӣ эҳтиёҷот пайдо мешавад. Дар ин ҳолат тавассути ворид намудани параметрҳои иловагии вожа сохтори пойгоҳи T – ро аз нав бояд ташкил кард. Ҳамзамон, азбаски сохтори пойгоҳи T дар асоси манбаи қаблан зикршуда муайян мегардад, зарур донистем, ки унсурҳои асосии сохтори онро қайд кунем. Рукни вожанома – моддаи он мебошад ва он аз якчанд мавқеъҳои (қисматҳо - зона) иборат аст. Дар ҳар як мавқеъ навъи махсуси иттилооти луғавӣ ҷойгир мегардад. Мавқеи аввал - вуруди вожаи моддаи луғат аст. Сипас мавқеи малумоти этимологӣ ва пайдоишии вожа меояд. Агар вожа маъноҳои гуногун дошта бошад (омонимҳо), ин зуҳурот бо рақамҳи римӣ қайд мегардад. Пас аз ин гунаи форсии вожа оварда шудааст. Маҷмӯи қайдҳои (пометы) услубӣ ва грамматикӣ маҳдудияти соҳавӣ ва аз рӯи вазифа истифода бурдани вожаро муайян месозад, масалан, (*бот.)* – ботаника, (*кит.*) – китобӣ, (*кҳн.*) - кӯҳнашуда, (*нав.*) – навсохт, (*таър.*) – таърихӣ ва ғ. Баъд мавқеи маънои луғавии вожа меояд. Дар ҳолати умумӣ он аз якчанд зермавқеъҳо иборат аст:

– рақами маъно;
– қайдҳои иловагии грамматикӣ ва услубӣ;
– зермавқеи тафсир;
– зермавқеи мисолҳо;
– зермавқеи тобишҳои вожа ва маъноҳои маҷозии он.

[1] Дар мавриди мушаххаси мазкур чунин пойго дар асоси фарҳанги тафсирии забони точикӣ дуруст карда мешавад.



Нагшаи 1. Сохтори моддаи вожанома

Дар нақшаи 1 сохтори моддаи вожаномаи истифодашуда оварда шудааст. Агар вожа якчанд маъно дошта бошад, барои ҳар яки он маҷмӯи зермавқеъҳо вуҷуд дошта метавонад. Умуман сохтори манбаъ барои ҳалли доироаи васеи масъалаҳои забонӣ ва услубӣ то андозае кифоя мебошад.

Сохтори вожанома истифода бурдани модели иртиботии пойгоҳи маълумотро имконпазир мегардонад. Тибқи ин модел маълумот ба намуди ҷадвалҳо (иртиботҳо) ифода мешавад. Ва бо ин ҷадвалҳо амалҳои алгебраи иртиботӣ ё ҳисоби иртиботӣ қобили иҷро мегарданд. Ғайр аз ин дар асоси чунин сохтор ҳар як моддаро тавассути рамзи калидӣ ба тарзи ягона муайян кардан мумкин аст. Аз ин рӯ пойгоҳи маълумот, пеш аз ҳама дар асоси сохтори моддаи вожанома матраҳ мешавад ва дар мавриди тарроҳӣ имконияти илова намудани майдонҳои иловагии иртибот (сутунҳои иловагии ҷадвал) пешбинӣ мегардад. Ин бошад усулҳои барномарезии объектиро таҳозо мекунад. Дар ин ҳолат ба сифати модели маълумот синфҳо ё объектҳо қабул шудаанд. Ин объектҳо бошанд бо ҳамдигар тавассути иртиботи махсус васл мешаванд. Бартарии усули барномарезии объектӣ дар он аст, ки дар баробари шарҳи сохтори маълумот коркарди онро низ дар бар мегирад.

Ҳолати умумии мураттаб сохтани вожаномаи басомадӣ-тафсирӣ дар нақшаи 2 оварда шудааст. Се марҳилаи аввали технология мураттаб сохтани вожаномаи басомадӣ, ки қаблан зикр шуда буд, бетағйир мемонад. Пас аз он дархост оид ба параметрҳои иловагӣ бояд муайян гардад. Агар дар сохтори пойгоҳ ҳамаи параметрҳои матлуб мавҷуд башанд, маводи ниҳоӣ ба тарзи автоматӣ ташаккул меёбад. Дар акси ҳол ба сохтор мувофиқи параметри дархоста майдони нав илова мегардад. Ва майдони навсохта дар раванди фаъолияти мутахассис бо пойгоҳи маълумоти T , пур карда мешавад. Қайд кардан зарур аст, ки пойгоҳи маълумоти T бо мурури истифода бурдани он барои масъалаҳои гуногуни забонӣ муттасил васеъ мешавад.



Нақшаи 2. Ҳолати умумии мураттаб сохтани вожаномаи басомадӣ-тафсирӣ

Адабиёт:

1. Османов М.Н. Частотный словарь Унсури. М.: «Наука», 1970.
2. Умаров М.А., Джаъфарова Д.Ф. Технология составления частотных словарей. //Вестник университета. - Душанбе: РТСУ, 2010. - №4 (30). – С. 62-69
3. Умаров М.А., Джаъфарова Д.Ф. О статистическом анализе газелей Хафиза. //Международная конференция «Подготовка научных кадров и специалистов новой формации в свете инновационного развития государств». -Душанбе: Ирфон, 2010.- с. 352-357
4. Умаров М.А., Джаъфарова Д.Ф. О программном обеспечении составления частотного словаря. //Материалы международной конференции ТУТ, 3-5 ноября 2011 г., Душанбе, 2012. - С 153-155
5. Умаров М.А., Касымова М.Д. Современные информационные технологии вопросы преподавания и изучения. //Вестник института повышения квалификации госслужащих РТ. – Душанбе: Прогресс, 2012. - №4. – С 80-90
6. Умаров М.А., Одинаев Н.С., Ҷаъфарова Д.Ф. Вожаномаи басомади ғазалиёти Ҳофиз (Қисми 1) .- Душанбе; Ирфон, 2013
7. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ (иборат аз ду ҷилд). – Душанбе, 2008.
8. http://ganjisuhan.my1.ru/_ld/0/17_farhangi_tafsir.pdf
9. فرهنگ واژه نامی حافظ. فراهم‌آورنده: مهین‌دخت صادقیان با همکاری ابوطالب میرعابدیان: تهران - □□□□

КОМПЬЮТЕРНЫЕ ТЕХНОЛОГИ В ЛЕКСИКОГРАФИИ

Умаров. М.А., Касымова М.Д.

Описанная в работе возможность автоматизированного формирования базы данных элементов словарной статьи позволяет значительно снизить трудоемкость процесса разработки авторских частотно-толковых словарей. Формирование базы данных осуществляется в зависимости от конкретных лингвистических исследований на основе использования электронных ресурсов толковых словарей.

***Ключевые слова*:** словарная статья, база данных, структурные компоненты, зоны описания.

COMPUTER TECHNOLOGY IN LEXICOGRAPHY

Umarov M.A., Kasymova M.J.

The described possibility in article of the automated formation of database of the elements entries is allowed considerably decrease the process of labour-intensive of the carried out author's frequency-explanatory dictionaries. The formation of database is carried in accordance from concrete linguistic research means on the base of use of electronic resources of explanatory dictionaries.

***Key words*:** entry, database, structural components, description zones.

Сведения об авторах: Умаров Махмуд Абубакирович – кандидат технических наук, доцент кафедры информатики и информационных систем Российско-Таджикского (Славянского) университета, тел.: (+992) 93 5276070, e-mail: m_umarov@mail.ru

Касымова Мавлуда Джамаловна – кандидат физико-математических наук, доцент кафедры информатики и информационных систем Российско-Таджикского (Славянского) университета, тел.: (+992) 919 011560, e-mail: kmd56@mail.ru

Information about authors: Umarov Mahmud Abubakirovich, PhD in technical sciences, associate professor of Computer sciences and Information Systems chair in Russian-Tajik (Slavonic) University, tel. (+992) 93 5276070, e-mail: m_umarov@mail.ru

Kasimova Mavluda Jamolovna, PhD in physical and mathematical sciences, associate professor of Computer sciences and Information Systems chair in Russian-Tajik (Slavonic) University, tel. (+992) 919 011560, e-mail: kmd56@mail.ru

ОСНОВНЫЕ НАПРАВЛЕНИЯ РАЗВИТИЯ РОЗНИЧНОЙ ТОРГОВЛИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

Мараимов Б.М.
Таджикский государственный университет коммерции

Переход к рыночной экономике в Республики Таджикистан коренным образом изменил состояние отрасли. Реформа торговли закрепили ряд нормативных актов, в том числе Закон Республики Таджикистан «О предпринимательской деятельности» и Закон Республики Таджикистан «О приватизации государственной собственности»[1].

В соответствии с Законом Республики Таджикистан «О торговле и бытовом обслуживании», розничная торговля, это, вид торговли, связанный с куплей и продажей товаров для использования их потребителем в процессе удовлетворения личных потребностей[2];

Розничной торговля является важнейшей отраслью экономики Республике Таджикистан, состояние и эффективность функционирования которой непосредственно влияют как на уровень жизни населения, так и на развитие производства потребительских товаров и оказание услуг.

Розничная торговля является стартовой площадкой для нового цикла производства и обращения, так как товар превращается в деньги. При розничной торговле товары переходят из сферы обращения в сферу коллективного, и индивидуального, личного потребления, т.е. становятся собственностью потребителей. Покупатели через розничную торговлю оптимально удовлетворяют свои потребности, а розничная торговля, учитывая в своем ассортименте пожелания покупателей, может больше продать товаров и обеспечить себе коммерческий успех.

Существует масса определений термина розничная торговля. Наиболее известных определений розничной торговли содержится в нормативно-правовых документах и звучит следующим образом: «Розничная торговля — вид предпринимательской деятельности в сфере торговли, связанный с реализацией товаров непосредственно потребителю для личного, бытового, семейного, домашнего использования»[3].

Существует много определений розничной торговли, но одним их самых распространенных является определение из ГОСТ Р 51303-99 «Торговля термины и определения»: Розничная торговля – это торговля товарами и оказание услуг покупателям для личного, семейного, домашнего использования, не связанного с предпринимательской деятельностью[4]. Другими основными понятиями являются мелкорозничная торговля, торговая сеть и оптовая торговля.

Мелкорозничная торговля - вид розничной торговли товарами и оказания услуг, не требующих особых условий хранения и продажи товара и особых условий обслуживания через стационарные некапитальные объекты, а также с помощью нестационарных (передвижных) объектов, находящихся под общим управлением, в том числе павильоны, малые навесы, торговые автоматы, тележки, предназначенные для реализации товаров, автомагазины, автоцистерны[5];

Торговая сеть - совокупность двух и более торговых объектов, находящихся под общим управлением и используемых под единым обозначением или иным средством индивидуализации[5];

Оптовая торговля - вид торговли товарами, предназначенный для использования в предпринимательской деятельности (в том числе для купли-продажи) или в иных целях, не связанных с личным, семейным, домашним и иным индивидуальным использованием

и осуществляемый на объектах специализированной и смешанной торговли при наличии специальных точек[5];

То есть другими словами можно сказать, что розничная торговля – это реализация товаров и услуг конечным потребителям в обмен на денежные средства, без дальнейшей перепродажи этих товаров и услуг.

Американские экономисты Т. Кент и О. Омар смотрят на розничную торговлю не только как на вид деятельности, но сужают ее понятие до ключевых элементов, одним из которых являются торгово-розничные компании, оперирующие на рынке: «Торгово-розничные компании — это коммерческие организации, продающие потребителю товары и услуги для личного и домашнего потребления» [5].

По нашему мнению розничную торговле, как масштабную отрасль, объединяющую в себе три основные группы субъектов: потребителей, производителей и сетевых операторов, взаимодействующих в равнозначных условиях своего рынка с целью достижения взаимовыгодного товарно-денежного обмена и получения максимальной экономической выгоды.

Кӯдак ба воситаи алоқа ба волидайн ба самт доштан ва ҷинс ҳам тамоил дорад. Духтарбача кафши модарашро мепушад ва писарбача чизҳои падарро соҳибӣ мекунад. Кӯдак замони метавонад аз рафтори волидайн тақлид кунад, ки шоҳиди амалҳои онон бошад. Ҳамчунин кӯдак аз тақлиди рафтори волидайн бояд посухи матлуб ва хушҳолӣ дарёфт кунад, ва онро пайравӣ кунад ва ҳарчи подош қавитар бошад имкони тақлид ва такрори рафтор афзоиш меёбад. Бар хилофи тасвири волидайн, ки мепиндоранд, ки кӯдак аз дарки масоили рафтори эшон нотавон аст. Кӯдакон қисматҳои заифи волидайнро мешиносанд ва мавриди зарурият истифода мекунанд. Иртиботи нодуруст бо кӯдак мушкилотеро дар рӯшди иҷтимои ӯ боист мегардад, ки ҷӯбронноПазир аст. Бинобар ин фаромуш накунем, ки рушди шахсият ва балоғати иҷтимоии кӯдаконамон аз аввалин рӯзҳои таваллуд шурӯъ мешавад ва ин шаклгирӣ дар сурати бомуваффақият ва камол ҳамроҳ аст, ки таваҷӯҳ ба ниёзҳои кӯдак ба дурустӣ сурат гирад ва волидайн дар сатҳи тавоноиҳои кӯдак бошад ва рӯҳияе, ки ба доштани бузургсолон ва эҳтиромашон кунанд тарбия намоянд.

Адабиёт:

1. Ҳасан Баниҷамолӣ, Шукӯҳи Ассодот, Равоншиносии рушди кӯдак. Теҳрон 1971.
2. Порсо, Шаҳриёр, Усул ва мубонии беҳдошти равони дар даврони кӯдакӣ, Теҳрон 1372.
3. Папалиа Улидз, Шахсият дар даврони кӯдакӣ. Тарҷумаи Яҳё Алоқаманд, Теҳрон 1992.
4. Ҷулиё Роҷерз. Равоншиносии рушд дар даврони кӯдаки. қ.1 Мутарҷим Яшар Азимӣ, Теҳрон 1381.
5. Милонфар Беҳрӯз. Равоншиносии кӯдакон ва навҷавонони истисноӣ, Теҳрон1370.
6. Шуоринажод Маҳмуд. Мабонии мушовара, Теҳрон. 1364.

УКРЕПЛЕНИЕ СОЦИАЛЬНОГО РАЗВИТИЯ В ДЕТСКОМ ВОЗРАСТЕ

Зайнаби Фараджзода Беболон

В статье рассматривается роль укрепления социального развития в детском возрасте и роль родителей в воспитании и развитии ребенка. В статье также приводятся конкретные примеры, способствующие правильному воспитанию.

Ключевые слова: укрепление, социальное развитие, детский возраст, личность, ребенок, мать, воспитание.

STRENGTHENING OF SOCIAL DEVELOPMENT IN CHILDHOOD PERIOD

Zainabi Farajzodai Bebolon

In article the role of strengthening of social development at children's age and the role of parents in development of children were considered. The author brings several examples which can promot to correct education and upbringing of children.

Key words: strengthening, social development, children's age, development of the child, children’s personality, mother, upbringing.

Сведения об авторе: Зайнаби Фараджзода Беболон – аспирант кафедры общей педагогики Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни, тел.: (+992) 91 5052924.

Information about the author: Zainabi Farajzodai Bebolon, postgraduate students of Pedagogy chair in Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, tel. (+992) 91 5052924.

ОИЛА ПОЙДЕВОРИ ТАРБИЯИ АРЗИШҲОИ МАЪНАВӢ-АХЛОҚИИ МАКТАББАЧАГОНИ ХУРДСОЛ

Гулмадов Ф.
Хадамоти давлатии назорат дар соҳаи маориф

Масъалаи тарбияи арзишҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакон дар оила аз замонҳои пеш диққати олимон, педагогҳо ва он касони ба тарбияи насли наврас марокдоштаро ба ба худ ҷалб карда буд. Мутафаккирони барҷастаи тоҷик Абӯалӣ ибни Сино, Унсурулмаолии Кайковус, Абу Наср ал Форобӣ, Низомии Ганҷавӣ, Мир Сайид Алиии Ҳамадонӣ, Кошифӣ, Биноӣ, Сайидои Насафӣ, Абӯ Наср-ал-Форобӣ ва дигарон дар бораи тарбияи кӯдакон дар оила фикрҳои хеле ҷолибро ба миён гузошта, дар ин бора ба падару модарон тавсияҳои судманд пешниҳод намудаанд. Масалан, Абӯалӣ ибни Сино таъкид намудааст, ки тарбияи кӯдак ҳанӯз аз батни модар сар мешавад. Ӯ иброз намудааст, ки қарзи аввалини падару модарон ин пеш аз ҳама ба фарзанд номи наку гузоштан буда, баъдан барои тарбияи ӯ дояи хубро интихоб намудан аст.

Дар замони муосир масъалаи тарбияи кӯдакон дар оила асосан аз тарафи педагогҳои барҷаста А.С. Макаренко ва В.А. Сухомлинский кор карда шудааст. Ин педагогҳои барҷаста оид ба тарбияи оилавӣ системаи муайянеро кор карда баромадаанд. Дар асарҳои онҳо ҷанбаҳои мухталифи тарбияи кӯдакон дар оила нишон дода шудааст.

Масъалаи тарбияи кӯдакон дар оила махсусан дар асарҳои А.С. Макаренко ба таври барҷаста инъикоси худро ёфтааст. Педагог ва нависандаи барҷаста А.С. Макаренко аввалин олиме буд, ки диққати омӯзгорон ва аҳли ҷомеаро ба масъалаи тарбияи оилавӣ ҷалб намуда буд. Инро мо пеш аз ҳама дар асарҳои ӯ: «Китоб барои падару модарон», «Лексияҳо дар бораи тарбияи кӯдакон» ва силсилаи лексияҳо оид ба масъалаҳои тарбияи мактаббачагон дида метавонем. А.С.Макаренко дар «Китоб барои падару модарон» системаи яклухти муайяни тарбияи кӯдакон дар оиларо равшан нишон додаст. Дар ин китоб хусусиятҳи махсуси оиларо муайян намуда, нишон медиҳад, ки сохти оила, муносибати байни аъзоёни оила, хислати падару модарон ва обурӯи онҳо дар тарбияи кӯдак роли ҳалкунанда мебозад.

А.С. Макаренко ба дуруст гузоштани мақсади тарбияи кӯдакон дар оила аҳамияти калон медод. Ӯ таъкид менамуд, ки ба тарбияи кӯдакон шурӯъ намуда, бояд падару модарон пеш аз ҳама мақсади дуруст ва аниқи тарбияро фаҳмида, барномаи муайянро дар назар дошта, дар оила реҷаи дурусти педагогиро барқарор карда, дар бораи ҳама майда чуйдаҳои тарбия фикр кунанд. Аз ин ҷост, ки педагоги маъруф А.С. Макаренко қайд мекунад, ки «Кӯдакро аз рӯзҳои аввал бо роҳи дуруст тарбия намудани нисбат ба тарбияи бачаи бадахлоқшуда хеле осон аст». (6, с.12).

А.С. Макаренко талаботи ягона дар тарбияро шарти муҳим ташаккули хулқу атвори неки кӯдакон мешуморид, ки агар он дар хона ва мактаб низ дастгирӣ карда шавад. Ӯ нишон медиҳад, ки дар амал татбиқ намудани ин талабот на ҳама вақт ба мактаб ва оила муясар мешавад. Ин талаботро аксар вақт оила вайрон мекунад, Ин бошад, ба кори тарбия зарари калон мерасонад. А.С. Макаренко дар тарбияи кӯдакон аҳамияти калон доштани реҷаи рӯзро нишон дода, таъкид мекунад, ки реҷаи дуруст ва оқилона тартибдодашуда воситаи хуби тарбияи кӯдакон буда, интизомнокии онҳоро инкишоф медиҳад.

Дар системаи педагогии А.С. Макаренко ҷои муҳимро меҳнати дуруст ташкилкардашудаи кӯдакон дар оила ишғол мекунад. А.С. Макаренко дар лекцияҳои «Тарбия дар меҳнат», «Тарбияи меҳнатӣ, муносибат ва рафтору кирдор дар коллектив», мақсад ва вазифаҳои тарбияи меҳнатии кӯдаконро ҳаматарафа таҳлил намудааст.

Падару модарон, муаллимон ва мураббиён аз осори педагогии педагоги барҷаста В.А. Сухомлинский низ оид ба масъалаи тарбияи арзишҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакон дар оила маслиҳатҳои пурқимматеро дарёфт карда метавонад. Ӯ дар ин бора фикрҳои

амиқ ва фоидабахшеро баён намудааст. Ба ақидаи Сухомлинский зарур аст, ки мактаб ва оила дар назди кӯдак ҳамаи он сарчашмаҳоеро, ки онҳо аз ҳиссиёти баланди муҳаббат ба Меҳан, муҳаббат нисбат ба падару модар ва гӯшаи хурди зодгоҳи худ (ин нахустин нишонаҳои ватандустист) то фикр кардан аз бузургию миллати хеш, то фикр кардан аз дигаргуниҳои баамаломадаи ҳаёти ҳозира, то тайёр будан ба фидо кардани ҷон, ки агар инро манфиати Меҳан талаб кунад, кушода диҳанд» (11, с. 11).

В.А. Сухомлинский дар мисоли «Мактаби хушҳолӣ», ки дар назди мактаби деҳаи Павлиш (Ҷумҳурии Украина) ташкил карда буд, роҳҳо ва воситаҳои хеле муфиди тарбия кӯдаконро дар оила кор карда баромадааст. Инчунин ӯ оилаҳои гуногунро мисол оварда, қайд мекунад, ки дар 3 соли кор карданам дар ин мактаб ман даҳҳо чунин кӯдаконро фаҳмида омӯхтам. Ӯ қайд мекунад, ки фаъолиятам маро ба он водор кард, ки агар бачаи эътиқодаш аз кори неку ҳақ гаштаро аз ин роҳ нагардонем, ӯ ҳеч гоҳ инсони ҳақиқиро тасаввур карда наметавонад, вай қадру қиммати худро ҳам нашинохта мемонад. Инчунин В.А. Сухомлинский қайд мекунад, ки «Кӯдакро оинаи оила гуфтан мумкин аст. Мисоли он ки дар қатраи об шӯълаҳои офтоб акс меёбад, ҳамон хел дар кӯдакон низ тозагии ахлоқи падару модар инъикос меёбад» (11, с. 37-36).

Оила аввалин коллективи тарбиявие ба ҳисоб меравад, ки кӯдаконро бо хулқу атвори нек ошно сохта, намунаи беҳтарини меҳнати коллективонаро меомӯзонад. Қайд кардан ба маврид аст, ки дар ҷомеа падару модаре ёфт намешавад, ки ӯ дар бораи чунин сифатҳои неки инсонии фарзандонашон ба монанди ростқавлӣ, меҳнатдӯстӣ, хоксорӣ ва инсондӯстӣ орзу накунанд. Албатта чунин сифатҳо дар кӯдакон худ ташаккул намеёбанд. Ин сифатҳоро падару модарон дар якҷоягӣ бо мактаб ва дигар ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар кӯдакон парвариш менамоянд. Таъсири дурусти тарбиявиро ба шахсияти кӯдакон ҳамон оилае расонида метавонад, ки агар дар ин оилаҳо фаҳмиши сиёсӣ, меҳнатӣ ва ахлоқӣ вобаста ба тараққиёти ҷомеа дар дараҷаи баланд истад.

Имконияти оила дар ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии мактаббачагони хурдсол пеш аз ҳама ба муҳити баландахлоқонаю муносибати инсондӯстонаи аъзоёни оила, ба эҳтироми зан-модар ва дар он ки кӯдак шахсияти дорои эътиқод ва шавқу рағбат мебошад, вобаста аст. Дар кори тарбияи кӯдакон ҳамон оилаҳое ба муваффақият ноил мегарданд, ки падару модар ва аъзоёни оила ҷиҳати фаҳмонидани асосҳои ахлоқии ин ё он рафтору кирдор кори муназзаму босуботро ба роҳ монда, ягон рафтору кирдори кӯдакон аз назари онҳо дур намемонад.

Мавриди зикр аст, ки падару модароне, ки фарзанди ягона доранд, ҳамеша дар онҳо изтиробу тарси аз даст додани ӯ дида мешавад. Чунин падару модарон ҳамаи диққати худро ба фарзанди ягона равона месозанд, ки дар чунин кӯдакон ҳиссиёти худхоҳӣ, ба ӯ ҳама кор раво будан инкишоф меёбад. Агар дар оила якчанд кӯдак бошад, онҳо нисбати ҳамдигар ғамхорӣ зоҳир менамоянд, дар коллектив зиндагӣ карданро меомӯзанд, ба ҳамдигар меҳрубон мешаванд.

Дарк намудани мавқеи худ дар коллективи оила, рафтори калонсолонро дар худ таҷассум намудан, ҳурмату эҳтироми калонсолро ба ҷо овардан, ки ҳамчун меъёри арзишҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакон дониста мешавад, барои ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии мактаббачагони хурдсол асосӣ мебошад. Корҳои дастаҷамъӣ ҳам бо ҳамсолон ва ҳам бо калонсолон, дарки масъулият нисбат ба кори супоридашуда ва кори умум, натиҷаи меҳнати коллективона дар кӯдакон рафторҳои ахлоқии шоистаро ташаккул медиҳад.

Оила чун қоида одамони синну соли гуногун ва дорои таҷрибаву касбу кори мухталифро дар бар мегирад. Чи қадаре ки таҷрибаи ҳаётӣ ва иҷтимоии аъзоёни оила, дараҷаи маданиятнокӣ ва муносибатҳои байниҳамдигарии аъзоёни оила ғанӣ бошад, ҳамон қадар таъсири оила ба тарбияи кӯдакон пурзӯр мегардад. Мавҷуд будани муносибати байниҳамдигарии хуб дар оила, ҳаёти бонизоми дохилии ҳар як аъзои он, дарки ҳиссиёти шодию нишоти умум ба он мусоидат мекунад, ки дар чунин шароит

шахсони ором, ботамкин, серғайрат, ҳаётдӯст, маҳорати бартараф карда тавонистани душвориҳо ва дар коллектив зиндагӣ карда метавонистагӣ ба воя расанд.

Доираи воситаҳои таъсиррасонӣ ба шахсияти кӯдакон гуногун мебошанд. Дар ҷараёни кори тарбиявӣ аз ҳамаи ин воситаҳо истифода бурдан ба кордонии омӯзгорон ва падару модарон вобастагӣ дорад. Як рафтори нодурусту беэҳтиёткоронаи падару модарон ба он оварда мерасонад, ки кӯдакон гапнодаро, бемасъулият ва бепарво мегарданд. Дар натиҷа омӯзгорон ва падару модаронро лозим меояд, ки ба кори аз нав тарбиякунии кӯдакон машғул шаванд, ки ин кори тулонӣ ва заҳматталаб мебошад. Дар ин бора ҳаҷ ба ҷониби педагоги барҷаста А.С. Макаренко мебошад, ки дар китоби барои падару модарон навиштааш чунин менависад: «Тарбияи дурусти кӯдак аз давраҳои авали кӯдакӣ кори на он қадар мушки ласт. Ҳар як падару модар метавонад кӯдаки худро дуруст тарбия кунад, агар ӯ дар ҳақиқат чунин хоҳиш дошта бошад. Ғайр аз ин, ин кори писандида ва хурсандиовар аст. Азнавтарбиякунӣ бошад, тамоман гапи дигар аст. Агар кӯдаки шумо нодуруст тарбия ёфта бошад ва дар бораи ӯ кам фикр кунеду кӯдакро тамоман бе назорат монед, лозим меояд, ки шумо бисёр корҳоро ислоҳ кунед. Кори ислоҳкунӣ ва аз нав тарбиякунӣ бошад, кори осон набуда, донишу қувваи зиёд ва сабру тоқатро талаб мекунад, ки ин гуна маҳорат на дар ҳамаи падару модарон дида мешавад» (7, с. 225).

На ҳар як падару модар тарбиятгари хуб шуда метавонад. Баъзе оилаҳо, хусусан оилаҳои ҷавон, ки чӣ тавр ба роҳ мондани тарбияи кӯдаконро дуруст намефаҳаманд, гумон мекунанд, ки тарбияи кӯдакон бе заҳмат кашидан ба амал омадан мегирад. Имконияти оилаи муосир дар тарбияи ахлоқии кӯдакон пеш аз ҳама, аз тарафи падару модарон дарк намудани зарурияти ба таври мақсадноку муназзам ба роҳ мондани кори тарбиявиро талаб мекунад. Дар оила ба вуҷуд овардану муҳайё сохтани шароите, ки ба инкишофи ҳаматарафаи шахсияти кӯдакон мусоидат намояд, хеле зарур аст.

Оила барои кӯдак ҳам коллективи меҳнатӣ ва ҳам такягоҳи ахлоқӣ ба ҳисоб меравад. Ҷаҳонбинӣ ва эътиқод, одат, тарзи рафтор, хулқу атвор, ормон-асоси ҳамаи ин хусусиятҳои муҳими иҷтимоӣ-психологии шахсият дар оила гузошта мешавад. Дар оила кӯдакон муносибати калонсолонро нисбат ба ӯҳдадориҳои доштаашон мушоҳида мекунанд ва ақидаи падару модарон ба рафтору кирдори кӯдакон таъсири бузург расонида, рағбатнокии ҷамъиятӣ, ормонҳо ва ҳамзамон ба мақсадҳои ҳаётан муҳими онҳо таъсир мерасонанд. «Кӯдакон дар оила натанҳо дарси оддию мушаххаси иҷтимоиро аз худ мекунанд, балки ба маҷмӯи муносибатҳое ҳамроҳ мешаванд, ки мазмуни ҳаёти ояндаи онҳоро ташкил медиҳанд» (5, с.57).

Мушоҳидаҳои аз ҷониби мо гузаронидашуда ба саъю кӯшиши оила ҷиҳати дар кӯдакон ташаккул додани меъёр ва қоидаҳои рафтор далолат мекунанд. Махсусан диққати бештар ба мактаббачагони хурдсол дода мешавад. Дар оилаҳое, ки масъалаҳои тарбиявии кӯдакон хуб ба роҳ монда шудааст, натиҷаи хуби миқдориву сифатӣ ба даст меояд.

Омӯзгорон кайҳо пай бурдаанд, ки решаи асосии тарбиянокии ахлоқӣ ва ҳам бетарбиягии кӯдакон дар оила ниҳон аст. Дар робита ба ин масъала як қатор камбудиҳоро дар тарбияи кӯдакон дида мебароем. Ин камбудиҳо, пеш аз ҳама, дар тарзи ҳаёти оила, дар хусусиятҳои махсуси алоқаи байниҳамдигарии аъзоёни он ва ниҳоят дар хусусияти манфии ҳар як аъзои оила ва ё яке аз онҳо зоҳир мешавад.

Камбудии тарбияи ахлоқии кӯдакон дар оила ин нишонаи бемаърифатии падару модарон маҳсуб мешавад, ки ба ҳайси воситаи тарбиявӣ танҳо ҷазоро истифода мебаранд, ки ин кӯдакро ба якравию тарсончакӣ оварда мерасонад. Баъзе волидайн ин ё он намуди ҷазову танбеҳро нодуруст истифода мебаранд. Масалан, мегӯянд: «Ту имрӯз бо бачаҳо ба футболбозӣ намеравӣ», «Имрӯз ту ба яхмолакбозӣ намеравӣ», ё ин ки «То он даме, ки барои дарси табиатшиносӣ дафтар намехарӣ, ба маҳфили авиамоделистон намеравӣ». Чунин муносибат натанҳо кӯдакро тарбия мекунад, балки ба ӯ таъсири бади тарбиявӣ низ мерасонад.

Падару модароне ҳастанд, ки ба тарбияи фарзандони худ кам эътибор дода, ба тартибу низоми хонаводаи худ бепарвоӣ зоҳир менамоянд. Онҳо намедонанд, ки рафиқи фарзандони онҳо киҳо мебошанд ва фарзандони онҳо бештар бо кӣ муносибати наздик дорад. Як қисми волидайн масъалаи тарбияи меҳнатии кӯдаконро дар оила хуб ба роҳ намемонанд. Онҳо кӯшиш менамоянд, ки кӯдакони худро аз ҳама кору бори хона озод намоянд, то онҳо бештар ба дарстайёркунӣ машғул шаванд. Баъзан дар ҳолатҳои даркорӣ кӯдакон ба падару модарон ёрӣ намедиҳанд ё ин ки падару модарон барои ичрои ин ё он кор ба фарзандони худ боварӣ надоранд.

Ҳоло хурсандиовар аст, ки имрӯзҳо оилаҳое бештаре мавҷуданд, ки дар онҳо рӯҳияи баланди ахлоқӣ мушоҳида карда мешавад. Дар чунин оилаҳо фарзандон бе шубҳа одамони сазовори даврамон тарбия ёфта ба камол мерасанд. Бачагон хислатҳои ҷасурӣ, қаҳрамонӣ муҳаббат ба Меҳан ва ғайраҳо аз оила, аз падару модарон ва аъзоёни калонсоли оила меомӯзанд. Бинобар ин, тарбия бачагон дар оила аз падару модарон эҳтиёткорӣ, заковати баланд, покизаги ахлоқ ва мунтазамию суботкориро талаб мекунанд.

Ҳамзамон зарур аст, ки фаъолияти тарбиявии омӯзгорон, падару модарон ва ташкилотҳои ҷамъиятиро дар бобати тарбия кардани малакаҳои рафтори мадании мактаббачагон дар мактаб, оила, ҷойҳои ҷамъияти пурзӯр намуда, барои ин мақсад тарғиботи педагогиро дар байни оммаи васеъи аҳолӣ хеле беҳтар кардан, масъулияти падару модарон ва ҳамаи одамони калонсолро дар назди ҷамъият барои тарбияи бачагон баланд бардоштан зарур аст.

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон Дар бораи масъулияти падару модар дар таълим ва тарбияи фарзанд таъкид шудааст: «Падару модарон барои ҳифзи саломатӣ, ташаккули ҷисмонӣ, маънавӣ ва ахлоқии фарзанд шароит муҳайё намоянд, онҳоро дар рӯҳияи эҳтиром ба Ватан, қонун, арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ тарбия намоянд» (7, с. 2).

Бояд қайд кард, ки кӯдакон дар оила дар зери роҳбарии падару модарон ва аъзоёни калонсоли оила тарбия ва инкишоф ёфта ба воя мерасанд. Тарбияи кӯдакон дар оила аз падару модарон ва омӯзгорон эҳтиёткорӣ, заковатмандӣ, покизагии ахлоқ ва мунтазамию суботкориро талаб мекунад.

Тадқиқотҳои махсус ва таҷрибаи тарбияи оилавӣ нишон медиҳанд, ки имконияти таъсири мусбии оила ба кӯдак бо омилҳои гуногун вобастагӣ доранд, ки яке аз шартҳои асосии он мавҷуд будани муҳити солими меҳнатӣ ва ҳукумфармо будани рӯҳияи баланди ахлоқӣ мебошад. Аммо боз оилаҳои шароиташон нобоб мавҷуд аст, ки кори тарбиявии мактабро мушкил гардонида, ба тараққиёти шахсияти кӯдак таъсири манфӣ мерасонад.

Социологҳо як қатор типҳои оилаҳои шароиташон нобобро муайян намудаанд:

1. Оилаҳои аз ҷиҳати объективӣ нобоби шароити тарбия (набудани падар ё модар, касалӣ ё ки серкории аз ҳад зиёди калонсолони оила, танг будани шароити манзил), ки дар натиҷа кӯдакон бе назорат монда, аз хониш қафо монда, интизомашон низ вайрон шудан мегирад.
2. Ба намуди дуюм оилаҳое мансубанд, ки дар ин онҳо қоидаҳои маъмули ахлоқӣ аз тарафи калонсолон вайрон карда мешавад (ба хона маст омадан, бекорхуҷагӣ ва ғайра). Чунин оилаҳо барои ҷамъият хеле зарарнок буда, майнаи кӯдаконро заҳролуд карда, шумораи вайронкунандагони тартиботи ҷамъиятиро зиёд мекунанд.
3. Намуди сеюми оилаҳои нобоб, оилаҳое мебошанд, ки дар он ҷо бенизомии ҳаёти оилавӣ ба ҷиҳатҳои ахлоқии кӯдак таъсири ниҳоят бад мерасонад.
4. Оилаҳое низ мавҷуданд, ки бо вуҷуди доимо таъмин ва тифоқ буданашон дар он ҷо ҳукмрон будани рӯҳияи чизпарастӣ ба ҷаҳони ботинии кӯдакон таъсири манфӣ мерасонад .

5. Боз оилаҳоеро во хӯрдан мумкин аст, ки дар онҳо одатҳои заранок мавҷуд буда, барои тараққиёти шахсияти кӯдак хавфи ҷиддӣ ба вуҷуд меоранд (9, с. 213).

Бояд зикр намуд, ки дар тарбияи кӯдакон пеш аз ҳама муносибатҳои оилавӣ, яъне муносибати байни падару модар, бародарону хоҳарон ва дигар аъзоёни оила мавқеи муҳимро касб мекунад.

Ю.П. Азаров дар асоси мушоҳида ва тадқиқотҳои гузаронидааш қайд мекунад, ки ҳамаи он оилахое, ки ба ман шиносанд, ба 3 гурӯҳ ҷудо мекардам:

1. Оилаҳои хуб, ки аз саҳар хурсандӣ, хушбахтӣ ва баварӣ ба якдигар мушоҳида карда мешавад.
2. Оилаҳои миёна, ки умуман аз саҳар хурсандӣ, хушбахтӣ ва хафагӣ мушоҳида карда намешавад, ҳар кас ба кори худ банд буда, вазифаи худро иҷро мекунад.
3. Оилаҳои ҷанҷолию тундмиҷоз, ки аз саҳар нигоҳҳои аввал пур аз хусумат ва кинаю адоват аст. Ю.П. Азаров қайд мекунад, ки намуди 3-уми оилаҳо оқибат ҷудо мешаванд. (1, с. 6). Маълум аст, ки ҷудошавии оилаҳо сабаби ба вуҷуд омадани оилаҳои нопурра мегардад, ки ин кори омӯзгорон ва мактабро дар тарбияи кӯдакон мушкил мегардонад

Мактаб дар тарбия намудан ва ба воя расонидани одами ҳаматарафа инкишофёфта роли муҳим ва ҳалкунандаро мебозад. Аммо набояд фаромӯш кард, ки кӯдак нисфи зиёди вақти худро дар оила дар зери роҳбарии падару модарон ва дигар аъзоёни калонсоли оила мегузаронад. Хислатҳои хоҳ бад ва хоҳ некро кӯдак аввалин бор дар оила ёд мегирад. Бинобар ин, падару модаронро зарур аст, ки ба кори душвор, вале пуршарафи тарбияи насли ҷавон эътибори ҷиддӣ диҳанд.

Кӯдакон дар оила он таҷриба ва донишеро меандӯзанд, ки дар оянда ба онҳо ёрӣ мерасонад, то аз ӯҳдаи ҳалли масъалаҳои муҳими дар наздашон бавуҷудомада баромада тавонанд. Дар тарбияи дурусти кӯдакон масъалаи муҳим ин мавҷуд будани муҳити психологии мӯътадили оилавӣ ба шумор меравад. Тарбияи дурусти кӯдакон ба он вобастагӣ дорад, ки то чӣ андоза падару модарон ӯҳдадориҳои хешро нисбати тарбияи кӯдакон дарк менамоянд. Равоншиноси маъруф Б.Г. Ананьев менависад: «Муҳити маънавии оила ин ҳамдигарфаҳмии даркорӣ ва ё сохтаву зӯракӣ дар муносибати тарафайн, қаринии падару модарон нисбат ба кӯдакон, умумияти зербино ва зерсохтори тарбия аз бисёр ҷиҳат нисбат ба мақому вазъи оила дида, ба вазифаи иҷтимоӣ ва нақши волидайн вобастагӣ дорад». (3, с.107).

Падару модар аввалин мураббӣ ва устоди фарзанди худ ба ҳисоб мераванд. Тарбияи дурусти онҳо сабаби комёбӣ ва некбахтии фарзандон ва тарбияи нодуруст ва ё ғафлату саҳлангории онҳо боиси нокомӣ ва бадбахтии фарзандон шуда метавонад. Агар падару модарон дар тарбияи фарзандон ғофил бимонанд, фарзандони онҳо дар ботлоқи ҷаҳлу ғафлат ғутида, майл ба гумрҳию бадахлоқӣ меоранд.

Падару модарон дар саргаҳи ташаккулу рушди арзишҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакон қарор доранд. Фарзанд дунёро бо чашму дили онҳо мебинаду мешиносад ва муносибати худро ба олами атроф қабл аз ҳама аз дидгоҳи падару модар муайян мекунад. Усулан ахлоқу одоб, ҷаҳонбинӣ ва фазилати маънавии падару модар аввалин сарҷашмаест, ки дар зеҳну шуури кӯдак нақши ҳамешагӣ пайдо мекунад.

Дар кори тарбияи ахлоқи шоистаи мактаббачагони хурдсол ҳамон падару модароне муваффақ мешаванд, ки ҳар рӯз бо кӯдакон дар робита мебошанд, аз ҳаёти мактаб, хониши онҳо, шавқу рағбати онҳо пурсон мешаванд. Аммо мутаасифона падару модаронеро дучор кардан мумкин аст, ки аз ҳолу аҳвол ва проблемаҳои мавҷудбудаи фарзандони хеш пурсон намешаванд. Ҳатто баъзе падару модарон бо ифтихор мегӯянд «писари ман бо ман ҷуръат намекунад, ки рӯ ба рӯ гап занад, агар ягон проблема дошта боша, ба воситаи модараш муроҷиат мекунад».

Имрӯз падару модароне ёфт мешаванд, ки ба ҷои ба фарзандон харидани китоб ва лавозимоти хониш ва бой намудани маънавиёт, маърифат ва ҷаҳонбинии онҳо маблағро барои харидорӣ намудани фитаҳои филмҳо ва сурудҳои бемаънӣ сарф мекунанд. Кӯдакон аз хурдӣ такягоҳ, ҳимоятгари асосии худро дар шахсияти падару

модар ва шахсони калонсоли оила мебинад. Аммо вақте ки падару модарон нисбати тарбияи фарзандон беаҳамиятӣ ва бетаваҷҷӯҳӣ зоҳир мекунанд, ин эътиқод дар онҳо коста мешавад. Баъдан баҳри шавқу завқи кӯдакро бедор кардан, маҳорат ва таҷрибаи муайян зарур аст, ки мутаасифона на ҳамаи падару модарон онро доро мебошанд. Падару модароне ёфт мешаванд, ки ба фарзандон таваҷҷӯҳ зоҳир намуда, аз ҷиҳати моддӣ онҳоро хуб таъмин мекунанд, вале фаромӯш месозанд, ки ғамхории моддӣ ҳеҷ гоҳ наметавонад ҷойи ғамхории маънавиро ишғол намояд. Волидайн ба намуди зоҳирии фарзандон диққати бештар дода, ба олами ботинии онҳо кам эътибор медиҳанд ва тасаввур намекунанд, ки дар қалби кӯдакон чӣ эҳсосе ниҳон аст.

Агар омӯзгор ягон хонандаро сарзаниш кунад, зуд падар ё модари ӯ барои шикоят ба мактаб мешитобад, вале ихтиёран барои фаҳмидани интизом ва хониши фарзандони хеш ҳеҷ гоҳ назди омӯзгор намеравад. Ба мактаб бештар падару модароне робитаи зич доранд, ки фарзандонашон интизоми намунавӣ доранду бо баҳои хубу аъло таҳсил мекунанд.

Хулоса, имрӯз вобаста ба дигаргуниҳои дар ҷомеа ба амаломада талабот ба тарбияи насли навраси сазовори даврнамон бештар мегардад. Падару модарон, ки тарбиятгари асосии фарзандадон ба ҳисоб мераванд, дар ин ҷода масъулияти бештареро бояд эҳсос намоянд.

Адабиёт:

1. Азаров Ю.П. Педагогика семейных отношений. М.: Из-во «Знание», 1976.-236 с.
2. Актуальные проблемы нравственного воспитания. Сб.ст. Сиб. Отд-ния, Ин-т истории, филологии и философии. Отв. редактор Л.Ф. Колесников.- Новосибирск: Наука, Сиб. Отд-ние, 1987.-240 с.
3. Ананьев Б.Г. Избранные психологические труды. В 2-х т. Т. I.-М.: Избранные психологические труды: В 2-х т. Т. 2.-М.: Педагогика , 1980.-287 с.
4. Гербенников И.В.Воспитательный климат семьи- М.: Знание,1976- 39 с.
5. Гербенников И.В. Ошибки родителей в создании воспитательного климата семьи и пути их устранения//Изучение общественного мнения о причинах педагогических ошибок в семейном воспитании и пути их преодоления.-М.: Пед.об-во РСФСР, 1979.- С.11-31.
6. Шимановский Д.С. Самосознание в структуре нравственной деятельности личности // Вопросы философии.-1984.-№ 3.- С. 93 -101.
7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълим ва тарбияи фарзанд». (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2011, №7-8).
8. Макаренко А.С. Маърӯзаҳо оид ба тарбияи бачагон. Сталинобод, 1959.-70 с.
9. Макаренко А.С. Воспитание детей в семье. Избр. пед. соч. в 2 –х т. Т.2.-М.: Педагогика, 1977- С. 5- 145; 240-242.
10. 10.Макаренко А.С. Книга для родителей // Пед. соч. в 8-ми т. Т.5.-М.: Педагогика, 1985.- С.7- 261.
11. Педагогика школы. Под редакцией Г.Н. Щукиной. М.: Педагогика, 1977.-278с.
12. Сухомлинский В.А. Родительская педагогика-М: Знание, 1978.-96 с.
13. Сухомлинский В.А. Избр. пед. соч. В 3-х т. Т.1.-М.: Педагогика, 1979.-560 с.

СЕМЬЯ ОСНОВАТЕЛЬ ДУХОВНО-НРАВСТВЕННОГО ВОСПИТАНИЯ МЛАДШИХ ШКОЛЬНИКОВ

Гулмадов Ф.

В данной статье рассматривается актуальные проблемы духовно-нравственного воспитания детей в семье**.** Автор отмечает, что семья является одним из первых воспитательных коллективов, которые ознакомить детей с положительными нравственными качествами и лучшими примерами коллективного труда. Родители для

своих детей являются первыми учителями и воспитателями. Правильное воспитание является успех и удача в жизни детей, неправильное воспитание детей является неудачой и горей детей. Правильное воспитание детей зависит от того, насколько родители понимают свои обязанности в воспитании детей. В воспитании положительные нравственные качества детей достигают успехов тех родителей, которые каждый день общаются с детьми и интересуются их проблемами.

Ключевые слова: духовно-нравственные качества, ответственности родителей, положительные нравственные качества, дружелюбное отношеные членов семьи, нравственный микроклимат семьи.

FAMILY AS THE FOUNDATION OF SPIRITUAL AND MORAL EDUCATION OF JUNIOR SCHOOLCHILDREN

Gulmadov F.

In this article the author examined the issues of spiritual and moral education of children in family. An author marks that family is one of the first educator collectives to acquaint children with positive moral qualities and the best examples of collective labour. Parents for the children are the first teachers and educators. Correct education were seen as the success of children life and wrong education of children were seen as the fails of children. Correct education of children depends on methods and the way of upbringing of children in family.

Key words: spiritual and moral qualities, responsibility of parents, positive moral qualities, friendly relations, family members, moral microclimate of family.

Сведения об авторе: Гулмадов Файз – кандидат педагогических наук, доцент, главный специалист Государственной службы по надзору в сфере образования, тел.: (+992) 919 636734

Information about the author: Gulmadov Fayz, PhD in pedagogical sciences, associate professor, senior specialist of Government service on a supervision in the field of education, tel. (+992) 919 636734

КРИТЕРИИ ОТБОРА СТАРШЕКЛАССНИКОВ ДЛЯ ПОДГОТОВКИ К ИССЛЕДОВАТЕЛЬСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ ВО ВНЕКЛАССНОЙ РАБОТЕ

Базарова С.Ш., Аджиджимиль Г.Д.
Таджикский государственный институт языков им. С. Улугзаде

В настоящее время организация исследовательской деятельности учащихся школ нового типа является необходимым компонентом внеклассной работы и считается одним из основных путей развития интеллектуально-творческих способностей учащихся. Исследовательская деятельность учащихся должна быть чётко спланированной и организованной. Нынешнее молодое поколение , занимаясь углубленным изучением актуальной проблемы и при этом развивая все свои индивидуальные способности, может в будущем составить интеллектуальный потенциал нашего государства.По словам Э.Рахмона, «интеллектуальный, душевный, нравственный и исторический фундамент и возможности,которыми обладает наш народ, является прочным основанием для строительства здания воспитания молодого поколения - будущего нашей страны» [3 : 4].

Исследовательская деятельность дает учащимся творческий импульс к постоянному расширению собственных горизонтов. Это качество формируется подчас непросто, но, возникнув, способно увлекать желанием не сидеть, сложа руки, а действовать. Общаясь с руководителем, школьники обучаются научному стилю речи, усваивают новую терминологию, нормы поведения, принятые в научном (да и любом

интеллектуальном) сообществе. Молодой исследователь, принимающий участие в выездных научно-практических конференциях, консультирующийся у учёных вузов, знает «взрослую» жизнь не только по школе, как многие учителя, он иногда вхож в научные круги и даже становится кумиром других учеников, которые рады видеть в нем свой идеал. Поэтому позже таким выпускникам школ гораздо легче в коллективе вуза. И, наверное, главное, что волнует в юношеском возрасте, – потребность в общении, познании себя и своих возможностей через общение,что с успехом удовлетворяется в тех индивидуализированных формах, которые можно организовать в процессе исследования (это экспедиции, походы, встречи, конференции и т.д.).

Кроме этого, результатом исследовательской деятельности учащегося всегда является его личностное развитие, а именно, как отмечает В.С. Леднёв,« развитие способности человека к научному творчеству, т.е. к продуцированию новой научной информации о различных объектах реальности, а также к встраиванию полученного знания в метатеорию. Иначе говоря, эти субъектные умения (умение видеть проблему, формулировать гипотезы, осуществлять теоретическую и практическую проверку гипотезы и др.) инвариантны, поскольку обладают свойством переноса в новые ситуации» [2: 120].

Результатом исследовательской деятельности старшеклассника также является и его интеллектуальное развитие. Об этом заявляют многие авторы, занимающиеся проблемой организации исследовательской деятельности в школе (М.В. Степанова, Н.И. Дереклеева, А.М. Карецкая, В.С.Мухина, А.И. Савенков и др.)В связи с этим актуальной становится проблема выявления критериев отбора старшеклассников для занятий исследовательской деятельностью.

Важно отметить, что эти критерии не подвержены изменениям социокультурных условий и обстоятельств. Выявление критериев отбора старшеклассников для занятий исследовательской деятельностью решает еще ряд актуальных проблем современной педагогики, в том числе и проблему влияния личностного фактора учителя при отборе учащихся, способных к ведению поисково-исследовательской работы.

У каждого учителя есть свои «любимчики», и это мешает ему объективно подходить к определению критериев. Более того, принципиально важным становится именно его личный интерес и возможность его удовлетворить. Можно даже сказать, что учитель как бы берет на себя миссию продвижения исследовательской деятельности того или иного учащегося.

В ходе анализа работы школ нового типа (лицеев, гимназий), преуспевающих в организации исследовательской деятельности учащихся,нами были определены следующие критерии отбора старшеклассников с целью подготовки их к работе в данном направлении.

К ним можно отнестиследующие:

- ***стремление старшеклассника к поисковой деятельности***, желание узнать как можно больше об исследуемом предмете или явлении, так какдаже чувство неудовлетворенности может положительно отразиться на личности старшеклассника, сподвигнуть его на творческую активность;
- ***терпеливость(настойчивость)***. Данное качество способствует достижению поставленной цели, несмотря на возникающие время от времени трудности;
- ***готовность отстаивать свои убеждения*** обуславливает чёткую линию поведения юного исследователя, остающегося верным своим принципам;
- ***творческое воображение*** как способность представить себе конечный продукт своей исследовательской деятельности или же ее отдельные компоненты. Оно связано с развитием творческого мышления. При диагностике творческого воображения и креативности вообще используются специальные методики, игры и упражнения, задачи на развитие воображения, упражнения на применение воображения в различных ситуациях;

– ***самокритичность*** – очень важное свойство характера юного исследователя, позволяющее ему не останавливаться на достигнутом, постоянно открывая себе все новые и новые горизонты;
– ***дивергентное мышление***, предполагающее умение находить несколько вариантов решения проблемы, что говорит о гибкости ума и способности рассматривать проблемы с разных сторон, т.е. обеспечивая их большей (в том числе и более объективной) информацией;
– ***способность разрабатывать гипотезу научного исследования***-то есть видеть проблему и находить способ ее решения;
– ***отношение к участию в научно-исследовательских конференциях как к средству достижения научных целей***. Многие старшеклассники выступают на этих конференциях либо по «принуждению», либо для того, чтобы получить хорошую отметку, «вырасти» в глазах учителя, развивая псевдоисследовательскую деятельность;
– ***творческий оптимизм***-то есть ориентация на успех, позитивный настрой – умение видеть положительный результат деятельности, когда, несмотря на возникающие неудачи, старшеклассник продолжает трудиться, пытается достичь своей цели, воспринимая преодоление неудачи как значительный шаг вперед к цели;
– ***динамика развития интеллектуальных, творческих и коммуникативных способностей***, определяемая в ходе диагностики, проводимой в рамках специального исследования;
– ***креативность***, в том числе и в отношении мышления. Общественная ценность и значимость творческого мышления неоспорима. В силу этого люди, мыслящие нестандартно, творчески подходящие к решению проблем, как правило, оказываются более интересными не только в труде, но и в общении.

Признаками ***креативности***личности или «творческой направленности ума», по мнению американского психолога Дж. Гилфорда [1: 128-134], являются такие качества, как:

Беглость мышления. Мышление человека, наделенного такой способностью, протекает без видимых усилий.

Эту способность можно категоризировать следующим образом:
– беглость на уровне изолированного слова, когда человек легко отыскивает слова, содержащие ту или иную букву или сочетания букв;
– беглость ассоциирования: человек с легкостью подбирает синонимы к заданному слову;
– беглость речи: человек пишет гладкими, отшлифованными фразами в рамках заданной темы;
– идеомоторная беглость: самопроизвольное продуцирование идей, решений; например, требуется назвать предметы, которые одновременно обладают признаками твердости, белизны и съедобности, или подбирается такой заголовок, который наилучшим образом выражает суть текста.

Гибкость мышления. Человек с такой способностью легко усваивает новые подходы. Этот показатель творческого мышления распадается на два, более специфических:
– спонтанная гибкость: способность выдавать несколько идей, имеющих прикладное значение. Это качество выявляется в заданиях указать, скажем, как можно больше способов использования обиходного предмета, например, кирпича; некоторые «быстрые» умы, для которых не представляет затруднений переход от одного класса явлений к другому, иными словами, демонстрирующие способность к преодолению функциональной фиксированности, ответят, что кирпич можно также использовать как упор двери, метательный снаряд, а если растолочь – как красный порошок, и т.д.;

– адаптивная гибкость: способность выходить за рамки, преодолевать инерционность мышления, подниматься на более высокий уровень анализа условий задачи и находить решение; например, испытуемый должен, проведя как можно меньше линий, получить максимально возможное число квадратов; решение заключается в том, что квадраты не обязательно одинаковы.

Оригинальность. У человека возникают неординарные, нетривиальные идеи. Примером может служить отдаленное ассоциирование, когда человек проводит аналогии, сближает элементы, далеко отстоящие друг от друга по смыслу (в логическом плане) или в пространственно-временном отношении.

Зоркость, «нюх» на проблемы. Человеку дано определять «узкие» места, в более крупном масштабе – что сдерживает поступательное развитие общества, объективно оценивать, насколько успешной оказалась избранная стратегия.

Находчивость, реактивность ума, остроумие. Эти качества несколько труднее оценить объективно, чем прочие, однако значительного разброса экспертных оценок, как правило, не наблюдается. Это тоже одна из граней ума, которому в большей степени присущи житейская наблюдательность, парадоксальность мышления, а не глубина и мощь интеллектуальной способности.

Переформулирование, введение в новый «формат»* – отказ от старых схем, привычных способов, когда хорошо знакомое превращается в хорошо известное.Данный параметр творческого мышления перекликается со спонтанной гибкостью (изобретательностью). В его основе тот же прием отстранения (широко применявшийся и в литературоведении, например, В.Б. Шкловским), составляющий сущность так называемого синтетического метода (синектики), когда незнакомое делается знакомым, а привычное – чуждым.

Способность к достраиванию, восполнению на основе некой стимулирующей информации, когда человек легко восстанавливает недостающие звенья, детали, при условии, что ему известен общий принцип, идея или замысел. Например, человек восстанавливает алгоритм решения задачи, которая формулируется предельно обобщённо, или по двум линиям достраивает более сложную фигуру.

Принципиальное допущение известной неопределённости, нестрогости проявляется как готовность не настаивать на абсолютности выводов, отказаться от слишком жестких концептуальных схем и классификационных рамок. Некоторые творческие индивидуальности превыше всего ценят риск и непредсказуемость результата.

Стремление к конвергентному мышлению. Мыслительная деятельность направлена на отыскание единственного правильного ответа (которые приводятся в разделе «Ответы и решения»). В данном случае правильнее говорить не о левополушарном мышлении, которое повинно в «зашоренности», а о способности концентрировать внимание на деталях, когда это необходимо. Такой способностью в высшей мере обладала один из самых известных премьер-министров Великобритании Маргарэт Тэтчер. С «микроскопических» технических деталей она мгновенно переключалась на проблемы глобального масштаба.

Способность к дивергентному мышлению, ничем не ограниченному, когда единственного правильного ответа не существует. За этой характеристикой закреплен статус имманентного (внутренне присущего) признака творческого мышления. Именно на нее опираются психометрические методы измерения творческих способностей.

Желание не быть похожим, осознанный вызов традиции, признак лидера в сфере идей. Дерзость в мыслях и умение подчинять других своей воле – это не одно и то же. Интеллектуальным лидерам свойственна острая неприязнь ко всему, в чем воплощен дух официального авторитета – от объективных научных законов, принципов до конкретных носителей «зла» -институционализированной, иерархической системы.

Высокая самодисциплина, проявление сознательности творческого мышления. Но даже самодисциплина подкрепляется интересом, увлечённостью (в таких случаях говорят: «с головой ушёл в работу»), а без этого начинает давать осечки.

Стремление к совершенству. Чем крупнее преодолеваемое препятствие, тем выше поднимается «планка» возможного. Желание быть первым, достичь совершенства – важная составляющая мотивации.

Готовность идти на риск в решении самых трудных задач с неподдающимся прогнозированию результатом. Небезопасным также может оказаться противопоставление своих взглядов общепринятым, пресловутому здравому смыслу.

Предложенные характеристики в совокупности создают среднестатистический когнитивный образ творческой личности. Однако они описывают только малую часть тех весьма разноплановых и ёмких определений феномена творческого мышления. Разноуровневый и разноаспектный характер данных критериев позволяет с достаточной уверенностью рассчитывать на объективную оценку степени готовности старшеклассника к научно-исследовательской деятельности.

Мы рассмотрели наиболее существенные критерии отбора старшеклассников для подготовки к исследовательской деятельности. Необходимо отметить, что для начала исследовательской работы не обязательно наличие у учащихся всех приведенных критериев. Приоритетным остается большое желание и огромное стремление старшеклассника к поисковой деятельности, самообразованию и самореализации, а что касается остальных качеств, то при условии грамотной организации работы школьного научно-исследовательского общества учитель имеет возможность способствовать формированию у учеников такого качества как креативность.

Литература:

1. Алдер Г. CQ или мускулы творческого интеллекта / Г. Алдер. – М., «ФАИР-ПРЕСС». – 2004. – 134 с.
2. Леднев В.С. Научное образование: развитие способностей к научному творчеству. Изд. второе, исправленное / В.С. Леднев. – М.: МГАУ, 2002. – 120 с.
3. Рахмон Э.Ш. Независимость - достижение нашей нации //Народная газета 14.09.2009, - с. 4

КРИТЕРИИ ОТБОРА СТАРШЕКЛАССНИКОВ ДЛЯ ПОДГОТОВКИ К ИССЛЕДОВАТЕЛЬСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ ВО ВНЕКЛАССНОЙ РАБОТЕ.

Базарова С.Ш., Аджиджимиль Г.Д.

Авторы статьи затрагивает актуальную проблему организации исследовательской деятельности учащихся во внеклассной работе, которая необходима в школьной практике, т.к. она способствует развитию креативного мышления, что особенно важно в настоящее время. Рассмотрены наиболее существенные критерии отбора старшеклассников для подготовки к исследовательской деятельности.

Ключевые слова: исследовательская деятельность, одарённость, креативность, дивергентное мышление, конвергентное мышление, интеллектуальные способности, научное общество, оригинальность.

SELECTION CRITERIA FOR THE OF HIGH SCHOOL STUDENTS PREPARE FOR RESEARCH INTO EXTRACURRICULAR ACTIVITIES

Bazarova S.Sh, Ajijimil G.J.

The authors of this article touch the actual problem researching activities of pupils, it necessary to school practice because its help develop creative mentality that very important in our days. They examine the main criteria of selection of senion pupils to prepare their for research activites.

Key words: research activites, talented, creative mentality, divergen mental, convergental mental, intellectual abilities, scientific society, originality.

Сведения об авторах: Базарова Саноат Шукуровна – доктор педагогических наук, профессор кафедры педагогики и психологии Таджикского государственного института языков им. С. Улугзаде, тел.: (+99237) 236 3616

Аджиджимиль Гульнара Джимильевна – заместитель директора по учебно-воспитательной работе Инновационного лицея «Душанбе», тел.: (+992) 918 449819

Information about authors: Bazarova Sanoat Shukurovna, Doctor of pedagogical sciences, Professor of Pedagogy and phsychology chair in Tajik State Institute of languages named after S. Ulugzade, tel. (+992 37) 236 3616

Ajijimil Gulnara Jimilyvna, Deputy Director on teaching and educational work in Innovation of College "Dushanbe", tel. (+992) 918 449819

ДИДАКТИЧЕСКАЯ СИСТЕМА СРЕДСТВ АКТИВИЗАЦИИ ОБУЧЕНИЯ ШКОЛЬНИКОВ

Ахадов З.Н., Саидов М.В.

Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни

Разработка системы средств активизации обучения школьников связана прежде всего с определением основной цели, которую необходимо достигнуть при внедрении этой системы в практику работы школ: вооружить учителей обобщенным подходом к практическому использованию системы средств активизации обучения школьников, которые бы обеспечили реализацию принципа активности в обучении с учетом состояния и тенденций развития современной школы. В качестве средств активизации обучения школьников выступают: учебное содержание, формы, методы и приемы обучения, формы организации обучения школьников.

Исходя из психологической теории деятельности, основным тезисом, которого является мысль о том, что и обучение и развитие протекают только в процессе целенаправленной деятельности, основное требование к организации активного обучения школьника: эффективное усвоение знаний и способов деятельности которая предполагает такую организацию познавательной деятельности учащихся, при которой учебный материал становится предметом активных мыслительных и практических действий каждого ученика. Раскроем, как это общее требование реализовывалось в нашей методике исследования.

Разрабатывая систему средств, мы, исходили из того, что деятельность складывается из системы взаимосвязанных действий. Последовательность обусловлена общими закономерностями познания и осуществляется в процессе восприятия, осмысления, запоминания, овладения знаниями и способами деятельности. Выдвинутое, нами положения состояло отразит в системе средств основных требований к эффективному обучению: формировать стремление ученика к познанию, самостоятельности в выполнению умственных и практических действий, к проявлению волевых усилий и обучение, навыкам управления собственной учебно-познавательной деятельностью.

Следует что отметить активность учащихся на уроке мы не рассмотрено, как непрерывная деятельность состояния высокого уровня интенсивности. Использование приемов, обеспечивающих такую организацию познавательной деятельности, не повышает, а, наоборот, снижает эффективность обучения, так как школьники при этом не ориентируются на овладение ведущими знаниями. Задача учителя состоит в том, чтобы обеспечить не общую активность в познавательной деятельности а активность, направленную на овладение ведущими знаниями и способами деятельности.

Построить систему средств активизации обучения на конкретном уроке возможно, если их отбор будет проходить с учетом активизации *каждого компонента обучения, цели каждого этапа процесса учебного познания. Организация процесса обучения* на начальном этапе с учетом общих закономерностей усвоения знаний требует

специальных действий учащихся по принятию цели предстоящей деятельности и найти пути ее достижения. Следовательно, на начальном этапе используются такие приемы активизации, которые обеспечивают подведение учащихся к осознанию необходимости нового познания. С этой целью учитель должен опереться на возможности таких средств обучения, как учебник, учебные приборы, таблицы, карты, схемы, графики; использовать методические приемы, типа предъявления логических заданий, создание проблемных ситуаций; применить фронтальную беседу, самостоятельную работу. В конкретном выражении системы средств активизации обучения школьников обязательно должна быть адекватной, целью начального этапа — является формирование познавательного мотива. На этом этапе должно осуществляться воздействие на другие компоненты обучения (ориентационный, содержательно-операционный, энергетический и оценочный), так как в процессе формирования познавательного мотива происходит ориентировка, актуализация имеющихся у школьников знаний и способов деятельности, корректировка деятельности на основе сопоставления полученного результата с целью, напряжения волевых усилий.

На этапе восприятия новых знаний и их осмысления важно правильно подвести учащихся к обобщениям. С учетом этой цели средства активизации должны быть направлены на организацию деятельности школьников по выявлению глава, существенных связей между изучаемыми явлениями и процессами. На этой основе должна быть организована обобщающая деятельность учащихся. На этом этапе в единстве и взаимосвязи должны функционировать все компоненты обучения.

На этапе овладения знаниями средства активизации обучения направлены на организацию действий учащихся по применению обобщений к многообразию конкретной действительности, по соотнесению их с ведущей идеей темы, курса в целом. При этом и здесь деятельность осуществляется как процесс мотивированный и самоуправляемый.

Таким образом, средства активизации только тогда будут выступать как система, когда их отбор осуществляется с учетом конкретной цели каждого этапа учебного познания и в своем единстве они воздействуют на каждый компонент обучения. В этом суть основного исходного положения к построению дидактической системы средств активизации обучении школьников.

Дадим обоснование предлагаемого подхода объединения средств активизации обучении школьников в систему с позиции основных положений общей теории управления. Прежде всего вычленим основные показатели, характеризующие любую систему.

В «Диалектике природы», рассматривая взаимосвязь материи, движения и форм ее существования,

Система всегда состоит из двух и более элементов. При этом в каждом из них должна быть заключена возможность воздействовать на другие элементы и воспринимать воздействие других элементов на себя. Каждый элемент системы представляет собой самостоятельную ее часть, имеющую специфическое назначение, которое реализуется в его функции внутри системы в целом. В качестве элементов разработанной нами системы выступает комплекс средств, направленных на активизацию компонентов обучения с учетом конкретной цели данного этапа учебно-познавательной деятельности. Этими компонентами, как мы выяснили выше, являются: мотивационный, ориентационный, содержательно-операционный, волевой и оценочной. В качестве комплексе средств активизации обучения школьников выступают: учебное содержание, конкретные методы и методические приемы обучения, организационные формы учебно-познавательной деятельности. Средства в их конкретном проявлении на каждом этапе учебно-познавательной деятельности должны обеспечить деятельность учащихся для достижения конкретной цели этого этапа. Таким образом, система средств активизации обучения школьников должна обеспечить активизацию всех компонентов процесса обучения. В то же время конкретное

выражение системы средств активизации обусловлено целью деятельности на данном этапе обучения, т. е. система средств активизации обучения школьников является производной от ее функционального назначения. Эта система связана с компонентами обучения, а эти компоненты функционируют только в единстве. Следовательно, конкретные средства активизации обучения школьников выступают в единстве и взаимосвязи.

Рассматриваемая нами система носит целостный характер. В основе этой целостности лежат взаимосвязи между ее элементами, порождающие новые (интегративные) качества, не присущие каждому ее элементу. Так, использование учителем в качестве средств активизации только форм организации обучения школьников, без учета особенностей учебного содержания и методов обучения не может обеспечить успешности школьников в обучении. Опора же только на содержание образования в активизации учения, без отбора адекватных ему методов и форм обучения также не обеспечивает достижения целей образования.

В течение веков огромное количество пословиц и поговорок перешли из языков Востока в таджикский язык, но мы сейчас остановимся на тех которые перешли из русского. Есть в русском языке такая поговорка: «Лить воду на чью – то мельницу», которая имеет значение «работать в пользу кого-то». Некоторые калькируют эту поговорку примерно так: «Ба осиёби фалони об рехтан». Такое явление можно встретить и в произведениях писателей. Но в этой кальке наблюдается недостаток. Это есть слово «рехтан». С. Айни использовал эту поговорку в романе «Рабы», которая более подходит для выражения данного понятия: «Ба осиёби кулакон об сар додан».

Поговорка «Аппетит приходит во время еды», которая пришла из французского на русский язык, в таджикском языке имеет синоним «Иштиҳо зери дандон аст», но Рахим Джалил этого счел недостаточным и калькировал из русского: «Иштиҳо дар вакти хӯрдан пайдо мешавад».

Этот вариант понятен таджикским читателям и она может наряду с существующим выражением «Иштиҳо зери дандон аст» использоваться в языке. Такие пословицы и поговорки встречаются очень часто в произведениях таджикских писателей. Ниже мы приводим в виде образца примеры:

«Асп чор по дорад, боз пешпо мехӯрад» - «Конь о четырех копытах и то спотыкается»

«Оҳиста рави – дур мерави» - «Тише едешь, дальше будешь».

«Чун обу ҳаво зарур буд – Был необходим, как воздух и вода».

«Вай мисли ду қатра об ба модараш монанд аст – Она как две капли воды похожа на мать».

«Бо хости илоҳию амри моҳӣ – По божьему (моему) хотению, по щучьему велению».

Одной из своеобразных и специфических разновидностей словопроизводства как моделированного способа является калькирование. При калькировании моделью для создания слова выступает иноязычная лексическая единица – слово, находящееся за пределами номинативной системы языка. Отсюда и специфика калек по их деривативному характеру; они непременно выступают как результат съемки (частичной или полной) морфемного состава (это касается словообразовательных калек) или

производного лексического значения иноязычного оригинала (это касается семантических калек).

Мы здесь приведем только кальки, перешедшие из русского языка: «Ин гуфтаҳои устоди бузург ба забони адабӣ ва нависандагони тоҷик ҳам тамоман пурра ва оддӣ аст». «Эти слова великого учителя относятся целиком и полностью к литературному языку и таджикским писателям».

Целью нашего цитирования является выражение «Тамоман ва пурра», который точно соответствует русскому выражению «целиком и полностью». Ибораҳои умумӣ – общие фразы, общие места.

Дар ин ҷо корҳое шуда истодаанд, худи шайтон ҳам ба он сарфаҳм рафта наметавонад – сам черт не разберет.

Рӯзе ба сари мо тасодуфе оварданаш мумкин аст – может навлечь на нас всякие случайности.

Офаридгори бахт мо ҳастем – мы творцы счастья, кузнецы счастья.

Вай сари худро баланд бардошта меистод – высоко держал голову.

Ояндаи ин ҷойҳои мо калон аст – у этих мест – большое будущее.

Бо ангушт ҳазломезона таҳдид намуд – шутливо пригрозил пальцем.

В последнее время появились сочетания, составленные под влиянием русского языка. Это является одним из основных путей совершенствования языка. В русском языке встречаются ряд слов и сочетаний, являющихся общеупотребительными в европейских языках. Это облегчает работу русских переводчиков. Однако следует учесть, что такая близость, общность появилась и сопровождалась в течение двухсотлетней связи русского языка с другими европейскими языками. И естественно, что наши литературы делают в этой отрасли только первые шаги, пока наши успехи небольшие, но отрадно то, что наши писатели, не боясь трудности, продвигаются вперед. Ниже приводим сочетания, составленные под влиянием русского языка:

Мактуб бо як қувваи баланди боварикунондагӣ навишта шуда буд – Письмо было написано с большой убедительной силой.

У ҳис кард, ки дилу ҷигараш торе канда шуд ва дигар ҳеҷ пайванд намеёбад – что то прорвалась внутри у него…

Ховалинги гумном – забытый богом Ховалинг

Ҳоло тани худро ба пеши роҳи ӯ мепартояд? – встанет ему поперок дороги?

Мы здесь остановимся на тех словах, которые вошли в таджикский язык в виде калек или составлены творчески по русским образцам. Ниже приводим в виде образца:

Ҷавонони симин – золотая молодежь.

Афкори умумия – общественное мнение. Сейчас используется сочетания «афкори ҷамъиятӣ»

Таъмири асосӣ – капитальный ремонт.

Мактаби адабӣ – литературная школа.

Необходимо отметить, что в образовании новых слов и выражений по русским образцам среди таджикских писателей особо выделяется Сотим Улугзаде. Как видим из приведенных всяких примеров в каждом его произведении чувствуется стремление писателя в образовании новых слов и пополнения родного языка недостающими элементами.

Взаимодействие русского языка и языков старописьменных, со сложившимися литературными традициями и богатыми лексически (каким является таджикский), отличается от взаимодействия русского языка с младописьменными языками. Вступая в творческие контексты со старописьменными языками, он главным образом активизирует, возбуждает в них собственные потенциальные структурные возможности, тогда как при контактах с младописьменными языками значительную роль играют и прямые заимствования.

О такой стимулирующей роли одного языка, одной культуры по отношению к другим языкам и культурам в свое время говорил А. А. Потебня: «Взаимное влияние народов есть тоже лишь возбуждение». Внешнее возбуждение, по мнению ученого,

является лишь поводом для развертывания своего и, как комментирует это положение А. А. Потебни, Л. А. Булаховский, : спрашивать надо не только о том, что и от кого заимствовано, сколько о том, что создано, что прибавлено, в результате деятельности, возбужденной соответственным толчком или толчками от других.

Следует так же отметить, что русский язык, русская художественная литература оказывает большое положительное воздействие в области потенциальный выразительный возможностей национальных художественных литератур, в том числе таджикской. Исследователь литературных языков Дагестана Михаилов И. И. по этому поводу пишет: «необычайно глубокое развитие потенциальных возможностей дагестанских языков вызвано прежде всего влиянием русской литературы. Наиболее передовые из дагестанских поэтов, не довольствует устаревшими. Почти застывшими в своем развитии фольклорными образными средствами, шаблонными метафорами, успешно применяют новые средства литературного языка, опираясь на лучшие образцы русской художественной литературы».

Подведя итоги можно сказать, что являясь богатым источником и могучим средством обогащения всех языков народов, русский язык и сам черпает из словесной сокровищницы языков необходимые ему лексические, фразеологические и стилистические выразительные средства.

Литература:

1. Бархударов. Л.С. Что нужно знать переводчику?-Тетради переводчика.-М.:Наука,1978. 243 с.
2. Бархударов. Л.С. Язык и перевод- Тетради переводчика.- М.: Художественная литература, 1985.-354 с.
3. Гаффоров Р. Нависанда ва забон. Душанбе:Дониш, 1977.- 176 с.
4. Муллокандов Э. Забон дар тулии замон. Душанбе: Ирфон,1985.-342 с.
5. Мухамадиев М.Очеркхо оид ба лексикаи забони адабии тоҷик.-Душанбе: Дониш,1968. 254 с.
6. Шанский Н.М. Лексикология современного русского языка. М.: Наука, 1972. 354 с.

ПЕРЕВОДЫ ЛЕКСИКИ И ФРАЗЕОЛОГИИ НА ТАДЖИКСКИЙ ЯЗЫК

Исломова Дж.М.

В этой статье автор исследует перевод лексики и фразеологии на таджикский язык. Автор на основе обширного художественного материла показывает перевод лексики и фразеологии на таджикский язык

Ключевые слова: развитие, национальное, жанры, культура, источник, издательство, переводчик.

THE PHRASEOLOGY AND LEXICOLOGY TRANSLATIONS IN TAJIK LANGUAGE.

Islomova J.

The author of the article researches the translation of phraseology and lexicology translations in Tajik language. The author is also in the wide basis of art materials shows the phraseology and lexicology translations in Tajik language.

Key words: development, national, culture, resource, publication, translator.

Сведение об авторе: Исломова Джамиля Мадисмоновна – старший преподаватель кафедры русской мировой литературы Таджикского государственного педагогического университета имени Садридиина Айни, тел.: (+992) 919 007575, e-mail: Jamila-1970@mail.ru

Information about the author: Islomova Jamila Madismonovn, Senior Lecturer of Russian and World literature chair in Tajik State Pedagogical University named after Sadridiina Aini, tel. (+992) 919 007575, e-mail: Jamila-1970@mail.ru

ШЕВАИ КОРБАСТИ ИСТИЛОҲОТИ НУҶУМӢ ДАР ОСОРИ МАНЗУМИ НАСИРИДДИНИ ТӮСӢ

Мирзо Ҳасани Султон
Институти забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи А. Рӯдакӣ

Устозулбашар Насириддини Тӯсӣ (597/1199-672/1273), ки аз бузургтарин донишмандони эрониасл дар риштаҳои фалсафаву илоҳиёт, риёзиёту ҳандаса ва ҳайату нуҷум шинохта шудааст, дар баробари устозурраис Абӯрайҳони Берунӣ (973-1041) ва шайхурраис Абӯалии Сино (980-1037) аз бунёдгузорони забони илм ва поягузорони истилоҳоти илмии форсии тоҷикӣ низ маҳсуб мегардад.

Ин донишманд ҳамчунин бо номҳои Хоҷа Насир, Хоҷа Насириддин ва Хоҷа Насириддини Тӯсӣ дар байни аҳли илму адаб маъруфу машҳур аст [Барои маълумоти муфассал ниг: Ёдномаи Хоҷа Насириддини Тӯсӣ 1336; Мударриси Разавӣ 1354, 1386].

Насириддини Тӯсӣ ҳанӯз аз замони хурдию наврасӣ ба таҳсили илмҳои мавҷудаи замони худ камари ҳиммат барбаст ва дар андак муддат аз аксари илмҳои замони худ бархурдор гашт ва тадричан дар бархе аз риштаҳои илм саромади донишмандони аҳди хеш гардид.

Мегӯянд, ки вай илова бар забони модарии худ, ҳамчунин забонҳои арабиву туркӣ ва юнониро хуб медонист ва аз осори гании илмӣ ба забонҳои юнониву арабӣ хуб баҳраманд буд. Хоҷа Насириддини Тӯсӣ ба расми маъмули замони зиндагонии худ осори илмии худро ба ду забон – форсии тоҷикӣ ва арабӣ таълиф кардааст. Дар бобати миқдори осори ӯ дар байни муҳаққиқон ихтилофи назар мавҷуд аст ва пажӯҳишгарон теъдоди осори ӯро дар назму наср аз 128 то 212 асару рисола тахмин кардаанд. Аз ин миқдор тақрибан чил асари худро ин донишманд ба забони модарии худ – забони форсӣ таълиф кардааст, ки ба риштаҳои зерини илм иртибот доранд:

1. дар ҳикмати назарӣ - 7 асару рисола (“Рисолаи исботи воҷиб”, “Рисолаи ҷабру қадр ё ҷабру ихтиёр”, “Рисола дар қисмати мавҷудот”, “Оғозу анҷом дар мабдау миод” ё “Китоби тазкира”, “Ҷавоби асъилаи Асириддини Абҳарӣ”, “Рисола фи-н-нафй ва-л-исбот”, “Рисола дар неъматҳо ва хушиҳо ва лаззатҳо”);
2. дар ҳикмати амалӣ - 3 асар (“Ахлоқи Носирӣ”, “Насиҳатнома”, ки эҳтимол меравад тарҷумаи китоби маъруфи «ал-Одоб-ул-кабир»-и донишманди маъруф Ибни Муқаффаъ ё тарҷумаи китоби “Ахлоқ”-и Носириддини Муҳташам бошад, “Рисолаи русуми подшоҳони қадим ва тарзи гирифтани молиёт”);
3. дар ҳайат ва нуҷум- 11 асару рисола (“Рисолаи муинийя ё “ал-Муфид”, шарҳи ҳамин рисола, ҳалли мушкилоти ҳамин рисола, “Зубдат-ул-ҳайат”, “Шарҳи Самараи Батламиюс” ё “Тарҷимат-ус-самара фӣ аҳкоми-н-нуҷум”, манзумаи “Мадхали манзум дар маърифати тақвим” ва ё “Мадхал фӣ илми-н-нуҷум”, манзумаи “Ихтиёроти масир-ул-қамар”, Тарҷумаи “Сувар-ул-кавокиб”-и Абулҳусайн ибни Абдурраҳмони Сӯфӣ, “Сӣ фасл дар тақвим”, “Бист боб дар маърифати астурлоб”, “Рисола дар тақвим ва ҳаракоти афлок”, “Зиҷи Элхонӣ”);
4. дар улуми риёзӣ – 1 асар (“Рисола дар ҳисоб”);
5. дар улуми табиӣ - 3 асар (“Рисола дар таҳқиқи қавси қузаҳ”, “Рисола дар сифоти ҷавоҳир ва хавосси аҳҷор” ё “Ҷавоҳирнома”, “Рисола дар баёни субҳи козиб”);
6. дар улуми динӣ - 3 асар (“Рисола бар вифқи машраби таълимиён”, “Фусули Насирийя”, “Рисола дар тавалло ва табарро ба машраби таълимиён”);

7. дар мантиқ - 2 асар (“Асос-ул-иқтибос”, ки маъруфтарин китоби ӯ дар илми мантиқ аст. Бояд гуфт, ки муаллиф онро дар нуҳ бахш дар ҷавоби мантиқи Арасту дар соли 1244 таълиф кардааст, “Мақулоти ашара” ё “Қотиғуриёс”);
8. дар фанни адаб - 1 асар (“Меъёр-ул-ашъор” ё “Арӯзи форсии дарӣ”);
9. дар таърих - 1 асар (“Зайли ҷаҳонкушо” – Мухтасаре дар шарҳи фатҳи БаҒдод ба дасти Ҳалоку);
10. дар ҷуғрофия- 1 асар (тарҷумаи “ал-Масолик ва-л-Мамолик” ё тарҷумаи “Сувар-ул-ақолим”);
11. дар тасаввуф - 1 асар (“Авсоф-ул-ашроф дар сайру сулук” ё “Рисолаи сайру сулук ба мазоқи Исмоилия”);
12. дар мусиқӣ – 1 асар (“Канз-ут-туҳаф” ё “Мақола дар мусиқӣ”)

Чунонки ба мушоҳида мерасад, танҳо ба риштаҳои мухталифи илм гурӯҳбандӣ кардани осори форсии ӯ аз нигоҳи мазмуну мундариҷа тақрибан тамоми илмҳои маъмулу маълуми замони зиндагии ин донишманди бузургро дар бар мегирад.

Ин нукта шоистаи таъкид аст, ки осори форсии Насириддини Тӯсӣ бо забони сода ва қобили фаҳми хонандаи форсизабон таълиф гардида, муаллиф дар аксари таълифоти форсии худ дар шарҳу тафсири луғоту таркибот ва истилоҳоти душвори илмҳои мухталиф тавзеҳи комилу кофӣ медиҳад. Аз ин хотир таҳқиқи густурдаи забон ва истилоҳоти осори боқимондаи Насириддини Тӯсӣ, ки назар ба осори форсии пешиниёни вай доираи бештари илмҳоро фаро мегирад, дар амри таъини махсусиятҳои забони илм ва истилоҳоти форсии тоҷикӣ аз аҳамияти калон бархурдор аст.

Яке аз махсусиятҳои ҷолиби таълифоти илмии ин донишманд дар қиёси Абӯрайҳони Берунӣ ва Абӯалии Сино дар қолиби назм баён кардани бархе матолиби аввалияи нуҷумӣ ва фалсафӣ бо забони форсии тоҷикӣ мебошад.

Аз таълифоти илмии Насириддини Тӯсӣ манзумаи нуҷумие то замони мо боқӣ мондааст, ки мавзӯи баҳси ин мақола бештар ба забон ва истилоҳоти ҳамон манзума алоқаманд аст. Ин манзума “Мадхали манзум дар маърифати тақвим” ё “Мадхал фӣ илми-н-нуҷум” ном дошта, 336 байтро дар бар мегирад. Дар охири манзума соли таълифи он аз ҷониби муаллиф таъкид шудааст:

Вақти таърихи назм шуд охир,
Ғурра буд аз ҷимодиюлохир.
Шашсаду шонздаҳ зи ҳиҷрат буд,
Ки ба назм ин хаёл рӯй намуд [Тӯсӣ 1370, 112].

Чунонки ба мушоҳида мерасад, ин манзума соли 616 ҳиҷрии қамарӣ, мутобиқ ба соли 1218, дар даврони тақрибан 18-19 солагии муаллиф ба риштаи назм кашида шудааст.

Эҳтимоли қавӣ меравад, ки Насириддини Тӯсӣ ҳангоми таълифи ин манзума нусхаи форсии “Китоб-ут-тафҳим ли авойили синоати-т-танҷим”-и Абӯрайҳони Беруниро (соли таълифаш 1029) зери даст доштааст ё ҳадди ақал аз матолиби он бохабар буда, бархе аз матолиби ҳамин китобро ба тарзи фишурда дар қолиби назм баён кардааст. Номи манзума “Мадхали манзум дар маърифати тақвим ” ё “Мадхал фӣ илми-н-нуҷум” низ бо дебочаи “Китоб-ут-тафҳим”, ки дар он Берунӣ ин китоби худро “ало тариқи-л-мадхал” [Берунӣ 1973, 20], яъне бо мақсади вуруд (ба илм) баҳри навомӯзон маънидод кардааст, беробита нест. Ба ин маънӣ, ки “Китоб-ут-тафҳим”-и Берунӣ мадхали илми нуҷум барои навомӯзон дар насри форсист ва “Мадхали манзум дар маърифати тақвим ” ё “Мадхал фӣ илми-н-нуҷум”-и Насириддини Тӯсӣ чунин мадхал дар назми форсӣ.

Дар оғози ин манзумаи худ Насириддини Тӯсӣ дониши нуҷумиро пас аз дониши дин бар дигар шохаҳои илму дониши башар тарҷеҳ додааст:

Чун бидидам, ки дар басити замин,
Ҳеч дониш зи баъди дониши дин.
Нест аз дониши нуҷумӣ беҳ,

К-андар ӯ ганҷи ҳикмат аст фиреҳ.
Кардам оғоз мадхали манзум,
Ёд кардам дар ӯ басе зи улум.
То ҳар он кас, ки ёд гирад ин,
Бошад аз фозилони рӯйи замин [Тӯсӣ 1370, 96].

Зикри ин матлаб ҳам муҳим аст, ки ин манзумаи Насириддини Тӯсӣ бо "Донишнома"-и манзуми тиббии ҳаким Майсарӣ (таълифаш байни солҳои 978-981) низ зоҳиран шабоҳат дорад, ки ҳар ду дар қолиби назм суруда шудаанд. Майсарӣ ба қавли худи ӯ дар "тибнома"-и манзумаш аркони дониши инсонро аз чор рукн: нуҷум, ҳандаса, пизишкӣ ва илми дин иборат дониста, баръакси Насириддини Тӯсӣ бартариро ба илми дину илми тиб медиҳад:

Пизишкирову динро гар надонӣ,
Зиён аст инҷаҳонӣ в-онҷаҳонӣ.
Яке танро зи беморӣ бисӯзад,
Дигар ҷонро ба дониш барфурӯзад.
Пизишкӣ донишаш танро панаҳ аст,
Ва дин донистанаш ҷонро сипоҳ аст. [Майсарӣ 1999, 20]

Манзумаи нуҷумии Насириддини Тӯсӣ аз як муқаддимаи кӯтоҳ дар ситоиши Худо ва наъти Пайғамбари Ислому саҳобаи кибор оғоз мегардад. Баъдан муаллиф дар бобати чигунагии афлок, ададу рақам ва табоеи бурҷҳо, саъду наҳси кавокиб, шарафи кавокиб, сифати ҳубут, вуболи кавокиб, дараҷоти шараф, сифати дараҷ ва дақиқа, назарҳои кавокиб, эҳтироқи кавокиб, арбоби наҳорию лайлӣ, арбоби соот, арбоби мусалласа, бурҷҳои мода ва нар, сифати мунқалиб ва собиту зуҷасадайн, бурҷҳои шарқию ғарбӣ, сифати толеъ, фараҳи кавокиб, ҳудуди кавокиб, вуҷуҳи кавокиб, сифати манозил, ихтиёрот аз ҷумла, ҷома буридан, рафтани ҳаммом, ширкату тазвиҷ, нома навиштан, бино кардан, зиёъ харидан, дарахт нишондан, заръ кардан, таълим кардан, дору хӯрдан, сафар кардан, ҳоҷат хостан, сайд кардан, ҳамчунин далолати кавокиб бар аҳволи мардум, иттисоли Қамар бо Зуҳра, Тир, Зуҳал, Муштарӣ, Миррих ба таври нисбатан муфассал сухан меронад.

Чунонки дар боло ёдовар шудем, дар ин манзумаи Насириддини Тӯсӣ ва "Китоб-ут-тафҳим"-и Абӯрайҳони Берунӣ на танҳо дар шеваи баёни матлаб, балки дар корбасти луғоту истилоҳот низ то андозае ҳамгунӣ ба назар мерасад. Масалан, Берунӣ дар хусуси "ваҷҳ" ё "вуҷуҳ" чунин мегӯяд: "Ҳар якеро аз буруҷ **ваҷҳ** хонанд ва **себаҳр** низ. Ва ҳар яке даҳ дараҷа бошад" [Берунӣ 1973, 202]. Ин матлаб дар манзумаи Насириддини Тӯсӣ чунин ифода гардидааст:

Дон, ки ҳар бурҷро гаҳи тақсим,
Ба се аксом кард марди ҳаким.
Даҳ дараҷ ҳар яке аз он аксом,
Пас ба ҳикмат вуҷуҳ кардаш ном [Тӯсӣ 1370, 105].

Ё Абӯрайҳони Берунӣ шарафи ситорагонро дар ҷадвал ниҳода баён кардааст: "Зуҳал/ Шарафаш андар Мизон; Муштарӣ/ Шарафаш андар Саратон..." [Берунӣ 1973, 199].

Насириддини Тӯсӣ ин матолибро дар шакли зерин ба назм овардааст:

Мар Зуҳалро шараф бувад Мизон
Шарафи Муштарист дар Саратон [Тӯсӣ 1370, 100].

Абӯрайҳони Берунӣ истилоҳи нуҷумии "ҳудуд"-ро чунин тавзеҳ медиҳад: "Ҳар бурҷеро ба панҷ пора карданд бар қисмате на рост, валекин камтар ва бештар ва онро ба порсӣ "марз" хонанд" [Берунӣ 1973, 203]. Вай дар охири ин матлаб мефзояд, ки "мо ҳудуди мисриён... андар ҷадвал ниҳодем ва кор дароз накардем, аз ҳикоят кардани дигар ҳудудҳо: Ҳамал/ Муштарӣ/ 6" [Берунӣ 1973, 204-205].

Насириддини Тӯсӣ айни ҳамин матлабро дар назм баён кардааст:

Эй маоби ҷаҳону моями ҷуд,
Бишнав аз қавли аҳли Миср ҳудуд.

Муштариро, ки моя фарач аст,
Аз Ҳамал ҳад бидон, ки шаш дарачаст [Тӯсӣ 1370, 104]

Вале, агар ба диди истилоҳшиносӣ ба он чи дар боло зикр гардид, назар кунем, ба хубӣ хоҳем дид, ки бартарии шеваи корбасти истилоҳоти нучумӣ дар таълифоти Берунӣ аз таълифоти Насириддини Тӯсӣ дар истифодаи истилоҳоти асили форсии нучумии **себаҳр** ва **марз** дар баробари истилоҳоти арабии **вачҳ** ва **ҳудуд** аст, ки мутаассифона дар шеваи баёни Насириддини Тӯсӣ ба мушоҳида намерасад.

Илова бар ин манзума, дар манзумаи "Ихтиёроти масир-ул-қамар", ашъори пароканда ва рубоиёти Хоча Насириддини Тӯсӣ низ матолиби нучумӣ ва истилоҳоти вобаста ба ин илм ба мушоҳида мерасад. Аз чумла, дар қитъаи шеърие бо номи "Ҳисоби моҳу сол" матлаби зерини нучумӣ дарч шудааст:

Он чи бигузаштааст аз солат,
Бишумар аз маҳи Маликшоҳӣ.
Пас ба ҳар бурч деҳ ту моҳеро,
То ба бурче расӣ, ки мехоҳӣ.
Лек ин чо дақиқае бишнав,
Агар аз сирри кор огоҳӣ.
Моҳе аз сол агар зи нисф гузашт,
Ва ту дар судси аввали моҳӣ.
Макун он моҳро ҳисоб он гоҳ,
То наёяд дар он ғалат роҳе [Тӯсӣ 1370, 137].

Чунонки дар боло ёдовар шудем, дар рубоиёти Насириддини Тӯсӣ низ истилоҳот ва матолиби нучумӣ зиёд ба назар мерасанд:

Ҳар рӯз зи Моҳ сездаҳ тахмин кун,
Пас бисту шаши дигар ба ӯ таъйин кун.
Ҳар бурчеро зи манзили Хур сӣ деҳ,
Медон дарачоти Маҳ, маро таҳсин кун [Тӯсӣ 1370, 120].

ё ки:

З-он пеш, ки нур бар Сурайё бастанд,
Ин минтақа бар миёни Чавзо бастанд.
Дар катми адам ба сони оташ бар шамъ,
Ишқат ба ҳазор ришта бар мо бастанд [Тӯсӣ 1370, 116]

Дар мачмӯъ ҳангоми баррасии корбасти истилоҳоти осори манзуми нучумии Хоча Насириддини Тӯсӣ метавон ба хулоса ва натичагириҳои зерин расид:

а)Шеваи корбасти номвожагону истилоҳоти нучумӣ дар осори манзуми Насириддини Тӯсӣ яксону якнавохт нест. Ин донишманд номи бархе ситораю сайёраҳо ва бурчҳои дувоздаҳгонаро дар ду шакли арабию форсӣ баробар истифода кардааст:

Ҳамалу Савр баъд аз ӯ Чавзо,
Саратону Асад, дигар Азро.
Акрабу Қавс дон пас аз Мизон,
Чадю Далв асту Ҳут аз паси он [Тӯсӣ 1370, 98].

ё:

Аввалин аз буруч то ҳаштум,
Номи ин Барра, номи он Каждум [Тӯсӣ 1370, 98].

Ба ҳамин минвол Қамар ҳамзамон бо муодили форсии худ Моҳ ва Маҳ, Шамс бо муодилҳои худ Офтоб, Хур, Хуршед, Зуҳра бо муодили худ Ноҳид, Зуҳал бо муодили худ Кайвон..., Ҳамал бо муодили худ Барра, Асад бо муодили худ Шер, Сунбула бо муодили худ Хӯша, Ҳут бо муодили худ Моҳӣ... корбаст шудаанд. Ҳамчунин муаллиф дар баробари корбасти истилоҳи арабии **кавкаб** аз гунаҳои форсии он: **ситора** ва **ахтар**, дар баробари истифодаи истилоҳи арабии **лайлӣ** аз истилоҳи **шабӣ**, дар баробари истифодаи истилоҳи арабии **наҳорӣ** аз истилоҳи **рӯзӣ** ва ғ. истифода кардааст.

б) Бархе аз истилоҳоти асили нуҷумии форсӣ дар осори манзуми нуҷумии ин донишманд доираи корбурд доранд. Масалан, истилоҳоти **осмон**, **ахтар**, **пайкар**, **зич**, **хона**, **ситора**, **ситорашинос** ва ғ.:

Марди донодили ситорашинос,
Чун мар ин илмро ниҳод асос [Тӯсӣ 1370, 99].

в) Насириддини Тӯсӣ бар хилофи Абӯрайҳони Берунӣ ҳангоми баёни матлаби нуҷумӣ бештар аз луғоту истилоҳоти арабӣ истифода кардааст. Ҳарчанд чунонки дар боло ёдовар шудем, истилоҳот ва номвожаҳои форсии илми нуҷум низ дар сурудаҳои ӯ ба мушоҳида мерасанд. Аммо аксари ин истилоҳот барои тавзеҳ ва таҳвияти истилоҳоти арабӣ истифода шудаанд. Масалан, Насириддини Тӯсӣ номи форсии сайёраи Баҳромро зикр карда, дар айни замон тавзеҳ медиҳад, ки ин ҳамон Миррих аст:

Рӯзи сешанбе они Баҳром аст,
Он ки Миррих мар варо ном аст [Тӯсӣ 1370, 101].

Ё ҳангоми зикри манзилҳои бистуҳаштгонаи Моҳ, аз номи форсии Миҳрок (ё Митрок) доштани манзили сездаҳум – Авво ёдовар мешавад:

Пас Авво, ки хонадаш Миҳрок
Порсигӯву Ғуфр баъди Симок [Тӯсӣ 1370, 106].

Яъне, Насириддини Тӯсӣ дар осори манзуми нуҷумии худ аз истилоҳоти арабӣ бештар дар вазифаи истилоҳи асосӣ ва истилоҳоти форсӣ ба вазифаи истилоҳи фаръӣ ё ёвар истифода кардааст.

Ба баёни дигар, дар осори манзуми нуҷумии форсии Насириддини Тӯсӣ ҳарчанд шеваи нигориш форсист, вале истеъмоли фаровони луғоту таркиботу истилоҳоти арабӣ аз таъсири зиёд доштани забони арабӣ ба ин таълифоти ӯ шаҳодат медиҳад. Вале бояд тазаккур дод, ки осори манзуми нуҷумии Насириддини Тӯсӣ барои ба осонӣ дар хотири навомӯзон нигоҳ доштани матолиби аввалияи илми нуҷум, аз ҷумла тартиби номи бурҷҳои дувоздаҳгона, манзилҳои Моҳ ва ғ. дар замони муаллиф ва асрҳои баъдӣ нақши муҳим доштааст.

Ин нукта ҳам шоёни зикр аст, ки Насириддини Тӯсӣ бо вуҷуди он ҳама қудрату тавоноӣ дар таълифу тадвини осори илмии мансуру манзум ба забони модарӣ мисли дигар донишмандони замони худ аз шеваи луғатсозию истилоҳофарии форсии бузургони пештар аз худ, мисли Абӯалии Сино ва Абӯрайҳони Берунӣ пайравӣ накард ва дар пайи сохтани истилоҳот ва пайдо кардани муодили калимоту истилоҳоти арабӣ кӯшиши зиёд ба харҷ надод, балки ҳамон луғоту истилоҳотеро, ки то замони ӯ дар кутуби арабӣ ва маҳфилҳои илмӣ мавриди истеъмол қарор доштанд, дар таълифоти худ истифода намуд.

Адабиёт:

1. Абӯрайҳони Берунӣ. Китоб-ут-тафҳим ли авоили саноат-ит-танҷим. – Душанбе, 1973.
2. Ёдномаи Хоҷа Насириддини Тӯсӣ. – Теҳрон, 1336//1958.
3. Муаззамаи Иқболӣ (Аъзам). Шеъру шоирӣ дар осори Хоҷа Насириддини Тӯсӣ. – Теҳрон, 1370//1992.
4. Мударриси Разавӣ. Аҳвол ва осори Хоҷа Насириддин. – Теҳрон, 1354//1976, 1386//2008.
5. Ҳаким Майсарӣ. Донишнома. Интихоб, баргардон ва тавзеҳоти Мирзо Муллоаҳмад. – Душанбе, 1999.

СПОСОБЫ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ АСТРОНОМИЧЕСКИХ ТЕРМИНОВ В ПОЭТИЧЕСКОМ НАСЛЕДИИ НАСИРИДДИНА ТУСИ

Мирзо Хасан Султон

В этой статье речь идет об основных способах использования астрономических терминов в поэтическом наследии великого ученого средневековья Насириддина Туси (1199-1273), особенно в его маснави «Введение в познании календаря в стихах».

В статье подчеркивается, что Насириддин Туси несмотря на свою гениальность в создании многочисленных поэтических и прозаических научных сочинений на персидско-таджикском языке, не продолжил традицию, начатую его великими предшественниками Абуали Сино и Абурайхан Бируни в деле создания новых персидско-таджикских терминов, а наоборот, использовал в своих произведениях имеющиеся до этого времени известные слова и термины.

Ключевые слова: Насириддин Туси, астрономическая терминология, философия, метафизика, теология, математика.

METHODS OF USING OF ASTRONOMICAL TERMS IN POETIC HERITAGE OF NASIRIDDIN TUSI

Mirzo Hasan Sulton

In this article the issue is the basic methods of using of astronomical terms in the poetic heritage of great scientist of Middle Ages Nasiriddin Tusi (1199-1273), especially in his masnavi “Introduction to learning of calendar in verse”.

The article states that Nasiriddin Tusi in spite of his genius in creation of numerous poetic and prosaic scientific compositions in Persian-Tajik language, has not continued the tradition of his great predecessors Abuali Sino (Avicenna) and Aburayhan Beruni in creation of new Persian-Tajik terms, and vice versa, he used in his compositions known words and terms.

Key words: Nasiriddin Tusi, astronomical terminology, philosophy, metaphysics, theology, mathematics.

Сведения об авторе: Мирзо Хасани Султон (Султонов Мирзохасан Баротович) – доктор филологических наук, академик Академии Естественных Наук Российской Федерации, научный сотрудник Института языка, литературы, востоковедения и письменного наследия им. Рудаки Академии наук Республики Таджикистан, тел.: (+992) 93 5269805, e-mail: sulton_66@mail.ru

Information about the author: Mirzo Hasani Sulton (Sultonov Mirzohasan Barotovich), Doctor of Philology, the academician of Academy of Natural sciences of the Russian Federation, research associate of Institute of language, literature, oriental studies and written heritage named after Rudaki of Academies of Sciences of the Republic of Tajikistan, tel.: (+992) 93 5269805, e-mail: sulton_66@mail.ru

ВОПРОС О НОМИНАТИВНЫХ ПРЕДЛОЖЕНИЯХ В СОВРЕМЕННОМ ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКЕ

Кулобиев А.

Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни

В таджикском языке нет четкой классификации функционально-семантических типов номинативных предложений. Одни исследователи выделяют две группы (два подтипа) номинативных предложений, другие три и т.д. Так, Ш. Рашидов отмечает: «…по значению различаются описательные и указательные номинативные предложения»

[3, 30]. М. Норматов пишет: «…номинативные предложения по значению делятся на три группы – выразители времени, места, а также природы и явления» [2, 39]. В Грамматике современного таджикского литературного языка выделяется две группы: *описательные и повествовательные* номинативные предложения. В Грамматике современного таджикского литературного языка отмечается, что «…расчлененные и нерасчлененные номинативные предложения по своей коммуникативной функции делятся на описательные и повествовательные. В описательных номинативных предложениях отображается (рисуется) статическое состояние картины природы, отдельные события, детали окружающей среды, обстановки. В повествовательных номинативных предложениях изображаются явления общественной жизни в динамике [3].

«Номинативные предложения по содержанию делятся на описание времени, места, явления природы, явления общественной жизни» [2,339]. Вряд ли это можно назвать классификацией **структурно-семантических** типов номинативных предложений. Скорее всего, можно говорить о функционировании номинативных предложений в повествовательных и описательных типах речи.

Все это свидетельствует о недостаточной разработанности номинативных предложений в современном таджикском литературном языке. Многие структурно-семантические типы номинативных предложений остались почему-то вне поля зрения таджикских синтаксистов, хотя, как показывают материалы нашего исследования, в таджикском языке структурно-семантических типов номинативных предложений гораздо больше.

Исходя из того, что номинативные – это именные односоставные предложения с общим значением бытия предмета речи или мысли, попытаемся выделить основные функционально-семантические типы номинативных предложений в таджикском языке.

В таджикском языке можно вычленить, как и в русском языке, следующие разновидности номинативных предложений:

1) **Бытийные** (утверждают наличие, существование предмета речи или мысли): **Бегохии яке аз рӯзхои мохи июн.** Хаво борон ва дам буд(Икромӣ Ҷ. Ман гунахгорам, с.215). – Душный майский вечер перед грозой (Дж. Икрами. Признаю себя виновным, с.53). **Субҳи содиқ**. Ризо шодон савори трактор аз хона баромад (Мухаммадрахими Карим, Чумъа Куддус. Ширин, с.16).- **Раннее утро**. Ризо радостный выезжает со двора на тракторе (Мухамадрахими Карим, Джума Куддус. Ширин, с.16). **Деҳа. Шаб. Ҳавлии Далер**. Гови ягонаи чӯшоии хонавода бетоқатона пой мекӯбад (Мухаммадрахими Карим, Чумъа Куддус. Ширин, с.61).- **Село. Ночь. Двор Далера**. Единственная дойная корова семьи беспокойно топчется на месте (Мухамадрахими. Карим, Чумъа Куддус. Ширин, с.61).

2) **Указательные (**идея бытия, наличия осложняется указанием на предмет речи или мысли при его наличии или появлении; в структурную схему входят частицы **ана, мана – вот, вот и):** Мана мушки Хутан!... Ана ғозаи чинӣ… Мана доруи зуком!... (С.Улугзода.Чавонии Ибни Сино, с.223). – (Вот) благовонный мускус из Тибета! (Вот) китайская розовая вата для щёк!... Вот чихательный порошок от простуды! **Ана ин аризаи ман…**

(Мухаммадрахими Карим, Ҷумъа Куддус. Ширин, с.98) - **Вот моя жалоба…** (Мухамадрахими Карим, Чумъа Куддус. Ширин, с.98). Аноргул, ана ман **(С.Улугзода, Восеъ, с.61). – Аноргул, вот и я (С.Улуг-заде. Восе, с.113).**

Эти структурно-семантические типы номинативных предложений употребляются преимущественно в разговорной речи:

Ба холаи Гулбаҳор хонадомод шуду андак осуд. **Ана боз бадбахтӣ (**Субҳон. Донаи умед, 116). - Стал проживать в доме у тёщи и немного успокоился. **Вот опять несчастье. (Вот снова несчастье).**

Номинативные бытийные предложения утверждают наличие, существование предмета или явления, названного главным членом, путём указания на него.

Структурной особенностью указательных бытийных предложений является использование указательных частиц **ана, мана – вот и вон.**

3)Побудительно-пожелательные (лексически ограничены, но весьма употребительны в разговорной речи). **Роҳи сафед! Шаби хуш! Барори кор. Субҳ ба хайр. Диққат. Мондаҳои кор. Бахти сафед. Умри дароз. Нури дида(тоҶи сар). Ҳазорон раҳмат. Раҳмати калон (калька) с русского языка и др. - Счастливого пути! Доброй ночи! Успехов в работе. Доброе утро. Внимание. Счастья. Долгой жизни. Добро пожаловать.(букв. Тысяча спасибо- огромное спасибо). Большое спасибо.**

Побудительно-пожелательные предложения лексически более ограничены, чем другие, но они весьма употребительны в разговорной речи и имеют значения волеизъявления, пожелания. Частое использование их в определенных ситуациях стало причиной своеобразной «фразеологизации» эллиптических по образованию слов и словосочетаний, функционирующих со значением пожелания и повеления и в некоторых случаях граничащих с неполными предложениями. Почти все предложения этого вида представляют собой устойчивые сочетания и как таковые не нуждаются ни в каких пополнениях и должны рассматриваться как совершенно полные предложения современного таджикского языка.

В побудительно-пожелательных предложениях выражается особая разновидность мысли, однако отнести такие предложения к номинативным можно потому, что в них утверждается необходимость или желательность бытия предмета или явления, названного именем.

4) Оценочно-бытийные (констатируют существование, наличие предметов речи или мысли и содержат их качественную или количественную характеристику; включают восклицательные частицы **чӣ(что, какой), ҳай (какой), эҳ (эх), оҳ(ох,ах), ин чӣ(что за, какой) и др.:** Як тараф фарёди Ҷонкоҳи тифлону як тараф хандаи баланди хушҳолона. **Чӣ тазоди ногуворе!-** (Насриддинов. Деҳаҳои шаҳид). **Какое-то противоречивое чувство! – Эх, растяпа! Эх, неудачливый мальчишка! -Эҳ, нӯноқ, эҳ бачаяки нобарор!** Дарҳои хонаҳо башаст кӯфта мешуданд, ба кушодан фурсат нарасида, дарҳо мешикастанду меҳмонони нохонда бо дӯғу валвала вориди кулбаҳо мешуданд. **Чӣ даҳшат** (Насриддинов. **Деҳаҳои шаҳид,** 239). - **Какой ужас!**

Ҳай дареғ! Садои тири автомат нидои хуррамонаи занро барканд (Бобо Насриддинов. Деҳаҳои шаҳид, 241**). - Какая жалость!** Звуки автоматной очереди оборвал радостный (весёлый) возглас женщины. Қишлоқи Гулистон Ҷоии зоидашуда, калоншуда ва нашъунамоёфтаи ӯ . **Ин чӣ манзараи зебо, ин чӣ водии фараҳафзо!** (Икромӣ. Шодӣ, 6). -Кишлак Кулистон – место, где он родился, вырос и процветал. **Какая очаровательная природа, какая чарующая долина! Чӣ суханони пурҳикмат, пурмаъно!** Ғарибиён дар ҳақиқат аспи зиндагии худро аз даст бохтаанд ва ҳоло аз паси он девонавор метозанду ҳеҷ не, ки лаҶоми аспи давандашонро ба даст гиранд. Ин бояд ба мо сабақ шавад ва мо нагузорем, ки аспи зиндагии мо низ аз мо дур равад. Не, он бояд дар дасти мо бошад, бояд иродаи мо пеш равад. Ана ҳамин сивилизатсия нест магар? Бале, иродаи мо, иродаи ҳар яки мо, иродаи ҳар ҳамватани мо! (Расулӣ. Савти хиромон, 86). - **Какие мудрые, ценные слова!** Скитальцы, действительно, упустили из рук птицу (дословно: коня) своего счастья, а теперь бегают как сумасшедшие, но никак не могут ее догнать. Это должно стать нам уроком, и мы не должны допустить, чтобы птица нашего счастья улетела далеко от нас. Нет, оно должно быть в наших руках, это наша воля должна развиваться. Разве вот это не цивилизация? Да, наша воля, воля каждого из нас, каждого из нашего соотечественника. **Чӣ кишвари зебо…**(Мухаммадрахими Карим, Ҷумъа Қуддус, с.117) Ширин. - **Какая красивая страна!.** (с-117 Мухаммадрахими Карим, Джума Куддус. Ширин, с.117).

Оценочно-бытийные предложения произносятся с восклицательной интонацией. Оценочно-бытийные предложения не только констатируют бытие, существование предметов, но и содержат их эмоциональную оценку. Характерной особенностью их структуры является использование восклицательных частиц; **чӣ, ҳай, эҳ, оҳ, ин чӣ** и др.

5) **Собственно-назывные** (к ним относятся названия книг, журналов, картин, надписи на вывесках и т.д.). Нередко номинативные предложения представляют собой названия статей, книг, учреждений, улиц и т.д.Например:

Китоби аввалин (Сотим Улугзода. Субҳи Ҷавонии мо,с.122).- Первая книга (Сатым Улуг-заде. Утро нашей жизни, с. 111). Ҳикоятҳои ман (Сотим Улугзода.Субхи чавонии мо,с.148).- (Мои рассказы. Сатым Улуг-заде. Утро нашей жизни, с. 134) Имтиҳони халқӣ (Сотим Улуғзода.Субҳи ҷавонии мо,с.236).- (Народный экзамен. Сатым Улуг-заде. Утро нашей жизни, с. 207). Кӯчаи Мирзо Турсунзода – Улица Мирзо Турсунзаде, Сартарошхона.- Парикмахерская.

Все заглавия книг пишутся для того, чтобы сообщить людям о содержании книги. Покупая газету и открывая страницу газеты, где размещена программа телевидения, мы, внимательно рассматривая, выбираем те названия, которые нас интересуют. Следовательно, это единица коммуникации, единица общения, поэтому нет оснований именное название не считать за предложение. Так, названия таких произведений, как «Донаи умед» – «Семена надежды». «Лахзаи Ҷовид». – «Вечное мгновение» (Меҳмон Бахти). «Авроқи рангин» – «Пёстрые страницы» (Ҷумъа Одинаев). «Корвони нур». - «Караван света», «Вафо»- «Верность» и др.; названия статей в газете – «Супориши охирин». – «Последнее задание». «Асал аз заҳр». – «Мёд из яда»; вывески в магазинах: Молҳои рӯзгор. – Хозяйственные товары. Қаннодӣ. – Бакалея. Нонвойхона. – Лепёшечная и др. относятся к специфическим средствам письменной речи и в этом случае играют роль самостоятельных коммуникативных единиц.

6.«Номинатив представления» (специфическая разновидность номинативных предложений: называет предмет речи и мысли для того, чтобы вызвать представление о нём в сознании собеседника, читателя).

Осиё... Қитъаи бузурги ман... - беихтиёр ин калимаҳо аз даҳонам мебароянд (Муҳаммадиев, 182).- **Азия**... **Великий мой материк** – невольно вырываются эти слова из моих уст; **Душанбе. Пойтахти Ватани азизи ман. Пойтахти точикон. – Душанбе. Столица моей дорогой Родины. Столица таджиков...**

Раҳим Акбар... Дар ин музофот касе нест, ки ҳам дар давлату ҳашамат ва ҳам дар кибру ғурур ба ӯ посанг шуда тавонад. Шояд ягон нафар ба рӯяш низ ҳаргиз надида бошад. Осон аст магар? (С.Турсун. Санг дар бағал ба тӯфон, 34).

В современном таджикском литературном языке наблюдается количественный рост номинативных предложений. В связи с общей активизацией номинативных предложений в их экспрессивной функции, значительно увеличивается употребление сложных описаний, представляющих собой многочленные цепочки:

Тумани Ғиждувон. Зодгоҳи шоир. Ватани мардони далери «аробанишину занбарбардор» (Юсуф Акобир. Дунё ба умед, с.186). **Тақдир. Сарнавишт**. Кош ман медонистам, ки сарнавишти ман чист? (Юсуф Акобир. Дунё ба умед, с.61). **Шаҳр. Кӯчаҳои назди фурӯшгоҳи марказӣ**. **Ҷавонону духтарони хушлибос** (Мухаммадрахими Карим, Ҷумъа Қуддус. Ширин, с. 146).- - **Город. Улица перед центральным универмагом. Хорошо одетая молодежь** (Мухаммадрахими Карим, Джума Куддус. Ширин, с.146).

Таким образом, в таджикском языке в зависимости от значения и структуры можно выделить следующие однотипные разновидности номинативных предложений: бытийные, указательные, побудительно-пожелательные, оценочно-бытийные, собственно-назывные и номинатив – представление или номнатив-тема.

Литература:
1. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. ҷилди 2. – Душанбе: Дониш, 1986. –372 с.
2. Норматов М. Ҷумлаҳои содда дар забони адабии ҳозираи тоҷик. Душанбе: Матбуот, 2001. – 184 с.
3. Рашидов Ш. Простые односоставные предложения в современном таджикском литературном языке: Афтореф. дис… канд. филологич. наук. – Душанбе, 1969. – 32 с.

ВОПРОС О НОМИНАТИВНЫХ ПРЕДЛОЖЕНИЯХ В СОВРЕМЕННОМ ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКЕ

Кулобиев А.

Статья посвящена анализу функционирования функционально-семантических типов номинативных предложений в современном таджикском литературном языке. На материале произведений художественной литературы выявлены основные структурно-семантические типы номинативных предложений в современном таджикском языке.

Ключевые слова: синтаксис, односоставные предложения, номинативные предложения, бытийные, указательные, побудительно-пожелательные, оценочно-бытийные.

ISSUES REGARDING THE NOMINATIVE SENTENCES IN MODERN TAJIK LANGUAGE

Kulobiev A.

This article is dedicated to the analysis of functional and semantic types of nominative sentences in modern Tajik literature language. Main structural and semantic types of nominative sentences in modern Tajik language are determined on the basis of materials taken from fictions.

***Key words*:** syntax, one-member sentences, nominative sentences, demonstrative, imperative, nominative themes

Сведения об авторе: Кулобиев Абдулло Нишонович – старший преподаватель общеуниверситетской кафедры русского языка Таджикского государственного педагогического университета им. Садриддин Айни, тел.: (+992) 93 8324390

Information about the author: Kulobiev Abdullo Nishonovich, senior lecturer of Russian language chair in Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, tel. (+992) 93 8324390

КАТЕГОРИЯИ НОМУАЙЯНИИ ИСМ ТАВАССУТИ АРТИКЛИ «Е» ВА «ЯК» ВА ИФОДАИ ОН ДАР ЗАБОНИ ФРАНСАВӢ

Олимов Рустам Шоимқулович, Соҳибназарзода Рухшонаи Собитқадам
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Категорияи номуайяии исм дар забони франсавӣ дар мадди аввал ба воситаи артикл ифода ёбад, дар забони тоҷикӣ бо роҳҳои гуногун ифода ёфта, маъмултарини онҳо роҳҳои морфологӣ, синтаксисӣ ва лексикӣ – граммаикӣ маҳсуб меёбад, вале мо наметавонем дигар воситаҳои забони франсавиро, ки барои ифодаи категорияи номуайянӣ ба монанди: ҷонишин, шумора ва ғайра кор фармуда мешаванд, инкор намоем.

Тавре, ки зикр намудем, категорияи номуайянӣ дар забони франсавӣ пеш аз ҳама ба воситаи артикл ифода ёфта, артикл дар ин ҳолат ба вазифаи муайянкунандаи исм иситифода мешавад.

Одатан артиклҳо дар забони франсавӣ ба муайянӣ (Article défine - le, la, les), номуайянӣ (Article indéfinit - un, une, des) ва ҷузъӣ (Article partitife - du, de la,) ҷудо шуда, ҳамеша пеш аз исм омада, як гурӯҳи риторикиро ташкил медиҳанд, яъне бо исм дар шакли безада талаффуз мешаванд.

Дар забони тоҷикӣ категорияи номуайянӣ ба воситаи артикли номуайянии **–е,** калимаи **як**, ҷонишинҳои номуайянии **ягон**, **ким-чӣ**, **кадом**, **ким-кадом** ва **ҳеҷ** ифода меёбад. Дар мақолаи мазкур мо дар хусуси артикли –**е** ва калимаи **як** ва ифодаи он дар забони франсавӣ андешаҳои худро баён хоҳем кард.

Дар он бегоҳие, ки мо гуфтем, пас аз намози аср, аз тарафи растаи таги дарвоза ба ин паскӯча **кампире** дар даст асо, бо қади хамида ва пайкари ларзон, оҳиста-оҳисга қадам гузошта ворид шуд [5 : 6]**.** Le jour où commence notre récit, peu après la prière de midi, **une vieille femme** toute courbée avançait le long de cette ruelle, elle allait lentement en s'appuyant sur un bâton [6 : 6]. Як си қадам монда буд, ки **машкоби пире** аз рӯ ба рӯи ӯ омада баромад ва пас аз салом пурсид [5 : 6]. Elle parcourut encore une trentaine de pas et rencontra **un vieux porteur d'eau [**6 : 7].

Чуноне, ки аз мисолҳои дар боло зикргардида бармеояд, дар забони тоҷикӣ дар шакли номуайянӣ исмҳои **кампир** ва **машкоби пир** бо артикли номуайянии –**е** ифода ёфта, дар забони фаронсавӣ бошад, ифодаи номуайянӣ дар мисоли аввал ба воситаи артикли номуайянии ҷинси занона **une (une vieille femme**) ва дар мисоли дуюм бо артикли номуайянии ҷинси мардона **un** (**un vieux porteur d'eau**) ифода ёфтааст. Яъне дар ҷумлаҳои зикргардида калимаҳои **кампир - une vieille femme** ва **машкоби пир - un vieux porteur d'eau** мафҳуми умумӣ надоранд ва ҳамаи ҳамҷинсони гурӯҳи лексикӣ–грамматикиашонро фаро намегирад. Дар мисолҳои зикргардида маҳз гузаштани ин ё он **кампир** ё маҳз он **машкоби пир** дар назар дошта нашудааст, балки аз тамоми исмҳои ҳамҷинс гузаштани касеро далолат мекунад, ки дар мадди аввал ба хонанда ё шунаванда номаълум буда, дар мавридҳои оянда ҳамчун исми муайян ифода мегарданд. Яъне дар ин ҳолат вазифаи артикли номуайянӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва франсавӣ мафҳуми номуайянӣ ва ягонагии предметро нишон дода, бо ин роҳ калемаеро аз байни анбуҳи калимаҳои ҳамҷинс ҷудо намуда, ҷиҳати предметиашро истисно мегардонад.

Дар хусуси артикли **-е** дар граммтикаи «Забони адабии ҳозираи тоҷик» чунин қайд аст: «Мавқеъ ва маънои ифодаи артикли **-е** нишон медиҳад, ки дар забони тоҷикӣ ду артикл **-е₁** ва **-е₂** истифода мешавад, ки дар ифодаи маънои грамматикӣ аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Вазифаи артикли –**е₁** ифодаи номуайяниро дар худ дошта бошад, артикли –**е₂** хусусияти муайянкунӣ (ишоратӣ) дорад ва муродифи он ҷонишини ишоратӣ ба шумор меравад» [4 : 95-96]. Аз ин рӯ, дар ин маврид гуфта метавонем, ки маънои умумии воҳиди муайянкунанда ишора ба предмети ба шунаванда маълум мебошад, вале воҳиди номуайян предмети ба шунаванда номаълумро ифода мекунад. Аз ҳамин ҷиҳат вазифаи асосии артикли –**е₁** ифодаи номуайянӣ мебошад.

Бояд қайд кард, ки дар забони франсавӣ артиклҳо бар замми нишон додани муайяниву номуайянӣ, инчунин ба ҷинси мардонаю занона, шумораи танҳову ҷамъ ҷудо мешаванд. Умуман, дар забони тоҷикӣ ҷинсияти грамматикӣ вуҷуд надорад, бинобар ин артиклҳои ҷинси занонаю мардона ва шакли ҷамъи онҳо низ мавҷуд нест, лекин ин ҳолат дар забони фаронсавӣ дида мешавад. Ба ин гуфтаҳо мисолҳои зерин далолат мекунанд:

Чунончи гузари Шоҳмалик, гузари Бобониёз, гузари Қозӣ, гузари Чармгарон, гузари Чакар ва гузари Абдуллохӯча асосан бошишгоҳи **бофандагон**, **абрбандон**, **кудунгарон** ва дигар ҳунарпешагон буд [5 : 5]. **Des tisserands**, **des teinturiers** ou **des fileurs de coton**, d'autres artisans encore vivaient dans les rues Chokhmalik, Bobonioz, Kozi, Tcharmgaron, Tchakar-Soultan et Abdoullokhodji [6 : 6].

Лекин баъзан аз байни он бибихалифаҳо, якто-дуто **босаводҳо, шоираҳо** ва **хуштабъҳо** ҳам баромада мемонданд [5 : 15]. Parmi les directrices d'écoles pour jeunes filles, il y avait parfois **des personnes cultivées**, **des femmes de talent**, **des poetesses** [6 : 17].

Чи тавре, ки аз мисолҳо ва тарҷумаи онҳо бармеояд, шумораи ҷамъи исмҳои номуайянӣ (бофандагон, абрбандон, кудунгарон, босаводҳо, шоирахо, хуштабъҳо) ба воситаи пасвандҳои **-гон, -он** ва **-ҳо** ҷамъ баста шуда, дар забони франсавӣ бошад, шумораи ҷамъи исмҳои номуайянӣ (des tisserands, des teinturiers**,** des fileurs de coton, des personnes cultivées, des femmes de talent, des poétesses**)** ба воситаи артикли номуайянии **des** –и шумораи ҷамъи барои ҳарду ҷинс ифода ёфтааст. Дар мисолҳои зикргардида шумори ҷамъи исмҳо дар забони тоҷикӣ дар шакли номуайянӣ бо роҳи грамматикӣ ифода гардида бошанд, дар забони франсавӣ шумораи ҷамъи номуайянии онҳо ба воситаи лексикӣ ба амал омадааст.

Дар забони франсавӣ ҳолатҳое ба назр мерасанд, ки номуайянии шакли ҷамъи исмҳо инчунин ба воситаи пешоянди **de** низ ба вуҷуд омада ба номуайянии онҳо далолат мекунад. Ин ҳолат ҳангоме рӯх медиҳад, ки агар пеш аз исмҳои дар шакли ҷамъ воқеъ шуда сифат омада бошад, дар ин сурат артикли номуайянии шумори ҷамъи барои ҳарду ҷинс **des** бо пешоянди **de** иваз мешавад.

Занаш ҳам - Оймуллои Танбур, ки номи аслиаш Каримабону будааст, бо мактабдорӣ машғул шуда, аз ҳаққи таълими духтарон – хусусан давлатмандон **даромади нағз** доштааст [5 : 17]. Oïmoullo-Tanbour, son nom véritable était Karima, dirigeait une école pour jeunes filles, elle avait **de bons revenus** [6 : 19]. Наход ки ба **дасти нохалафон** афтода бошад [5 : 163] ? - Ne serait-elle pas tombée entre les mains **de mauvaises gens** [6 : 200]?

Боиси зикр аст, ки категория шумораи исмҳо дар забони франсавӣ бо сифат мутобиқат мекунад, ки ин ҳолат ба забони тоҷкӣ хос нест, яъне сифат дар забони тоҷкӣ бо исм аз ҷиҳати шумора мувофиқат намекунад, исм дар шакли хоҳ танҳо ояд ва хоҳ дар шакли ҷамъ, сифат ҳамеша дар шакли танҳо меояд.

«Дар ифодаи номуайянӣ категорияи морфологии шумора низ таъсир мерасонад. Дар ин вазифа калимаи **як** ҳамчун муродифи артикли **e₁** истифода мешавад, яъне исмоҳе, ки бо **як** меоянд, на танҳо ягонагии предмет, балки номуайянии онро ҳам ифода мекунад» [15 : 95-96].

Ниҳоят дар дами даҳанаи **як паскӯча** мардак аз вай гузашту пеши роҳашро дошт [5 : 460].

Бояд зикр кард, ки вақте ки **як**, ба вазифаи артикл истеъмол мешавад, аз қатори шумораҳо хориҷ шуда ба **як** абстраксияи грамматикӣ табдил меёбад ва монанди –**e₁** аз маънии лексикӣ маҳрум мегардад.

«Баъзан бо як исм ҳам артикли –**e₁** ва ҳам калимаи **як** ифода мешавад. Дар ин ҳолат омезиш ёфтани унсури услуби китобӣ (артикли –**e**) ва гуфтугӯ (бо климаи **як)** ҳамчун таъкиди номуайянӣ ба назар мерасад» [4 : 96]. Мисол: Вақти намози аср буд, ки ба сари вай, ба сари Истади маҷруҳ ва бемадор **як зане** омад [5 : 61]. Фирӯза **як оҳи чуқуре** кашида монд ва аз паси каме хомушӣ пурсид [5 : 84]. Дар вакти оварданашон **як тамошое** мешудагист [5 : 471]?

Дар забони франсавӣ низ артикли номуайянии **un** инчунин ба вазифаи калимаи (**як**) низ истифода мешавад ва монанди забони тоҷкӣ ягонагӣ ва номуайянии исмро ифода мекунад.

Як рӯз аз ҳавлии Ғаниҷон-бойбача (писари Қароқулибой) хабар омад, ки Дилором-кампир зуд биёяд [5 : 17]. **Un jour**, on vint demander à la vieille Dilorom de se rendre le plus vite possible chez Ghanidjon-baïbatcha [6 : 19].

Аз таҳлили мисолҳо маълум гардид, ки ифодаи номуайянӣ дар забони тоҷикӣ ба воситаи калимаи **як** ва дар забони франсавӣ бо ёрии артикли номуайянии ҷинси мардона **un** ифода ёфтааст. Дар ин маврид артикли номуайянии **un** ба маънии калимаи **як** истифода шудааст ва ба номуайянии исм далолат мекунад.

Чи тавре ки мушоҳида намудем, дар забони тоҷикӣ калимаи **як** ва артикли номуайянии **-e₁** ба ҳам муродиф буда, ягонагӣ ва номуайянии предметро нишон дода, ин ё он калимаро аз байни анбӯҳи калимаҳои ҳамҷинс ҷудо намуда, муносибати предметии онро равшан мекунад ва бо ин роҳ онро аз муносибати мантиқиаш истисно мегардонад. Дар забони франсавӣ ин ду вазифаро вобаста ба ҷинс артикли номуайянии ҷинси мардона **un** ё артикли номуайянии ҷинси занона **une** ифода мекунад. Аз ин рӯ,

бояд қайд кард, ки агар категорияи номуайянии исм дар забони франсавӣ ба воситаи лексикӣ сурат гирад, дар забони тоҷикӣ ду тарзи ифодаи он мушоҳида мегардад: яке бо роҳи лексикӣ (ба воситаи калимаи **як**) ва дигаре бо роҳи гармматикӣ (ба воситаи артикли номуайянии **e₁**) ифода меёбад.

Мурғе дидам нишаста бар бораи тус,
Дар пеш ниҳода каллаи Кайковус.
Un oiseau est perché sur un rampart.
Tout proche est un crâne de roi [10 : 64],

Писари **як чойфурӯш**, ки Акамахсум ҳамеша аз дӯкони вай чой мехарид, ба вай муроҷиат карда паноҳ бурдааст [5 : 173]. Le fils d'**un marchand de thé** lui avait demandé de l'aider [6 : 211].

Дар забони адабии ҳозираи тоҷик пасоянди –**ро** ҳамчун арткили муайянӣ намоён мегардад, вале мисолҳое ба назар мерасанд, ки дар як калима ҳам артикли **-e₁** ва ҳам пасоянди –**ро** якҷоя омада номуайянии исмро далолат мекунад, яъне дар ин гуна ҳолатҳо сурат ёфтани пасоянди –**ро** ба номуайянии исм таъсир намерасонад.

Тағофул дар либоси бениқобӣ - ихтироъ аст ин,
Ҷаҳонеро ба шӯр овардану нашниданат нозам [5 : 205].

Ба ягон ҷо фитнае хезондан, **гурӯҳеро** бо гӯруҳе ҷанг дорондан лозим бошад, ҳамин ғӯладинг ба кор мерафт [5 : 217].

«Агар калимаи **як** ба маънои шуморагиаш омада бошад ҳеҷ гоҳ артикл қабул намекунад:

Дар аризаи вай **як ҳаллоҷӣ**, **як чарху дук**, **як пахтасабад**, **як офтобаи чӯян**, **як чумча**, **як табақи сафол** ва **як дона ҳам деги чӯяни гӯшакшикаста** навишта шуда буд (Айнӣ)» [15: 96].

Дар забони франсавӣ артикли номуайянии ҷинси мардонаи шумораи танҳо **un** дар баробари адо намудани функсияи артикли номуайянӣ инчунин, шумораи **як**-ро низ ифода мекунад.

Дар он анбор на халтаи орд буду на халтаи биринч, фақат баъзе майда-чуйдаҳо, ба мисли яхдони куҳнаи даридагӣ, **як кӯза** ва **як хуми сафолин**, **як дегча**, **як самовор** ва **як офтобаи чӯянӣ** буду бас [5 : 8-9]. Dans la resserre, il n'y avait même pas un seul sac de farine ou de riz, seulement quelques vieux objets : **une malle en cuir toute déchirée**, **une grande cruche en terre cuite**, **un chaudron**, **un samovar**, **une aiguière en fonte** et c'était tout [6 : 10].

Третья группа номинаций морфологически приближается к нумеративам: 'табун', 'стадо'. В английском языке ряд *herd* - *flock* выражает оппозицию по признаку: «названия крупных животных». Для названия крупных животных употребляется *herd*; мелких животных – *flock*. В таджикском языке лексема имеется ряд *пода*, *гала,* в котором оппозиция выявляется по признаку «названия лошадей» – «названия других животных». для названия лошедей используется только *гала*: *галаи аспхо,* названия других животных допускают сочетания обоих слов: *галаи гов, гусфанд; подаи гов, гусфанд*.

Таким образом, в английском языке нумеративы семантически противопоставляют названия мелких и крупных рогатых животных в таджикском родо-видовая оппозиция касается противопоставления лошади - нелошади.

Другие семантические отношения в названиях крупных дриашеих животных касаются некоторых системных отношений в данной лексико-семантической группе.

Лексические единицы *cow* - *гов; bull; ox* - *буқа*; *calf –гусола, heifer – гуноҷин* являются гипонимами по отношению к лексеме - гипероним*у cattle breeding* - *ҳайвони калони шохдор*. Между лексемами – гипонимами действуют согипонимические взаимоотношения. В то же время, между *cow* - *гов; bull; ox* - *буқа*; *calf – гусола, heifer – гуноҷин* выявляются эквонимические отношения.

В целом, в системе названий крупных рогатых животных словосочетания *cattle breeding* - *ҳайвони калони шохдор* "крупный рогатый скот" выполняют функцию обобщающего слова, объединяя некоторое множество слов по определенному семантическому признаку в лексико-семантическую группу.

Каждая лексема, входящая в ЛСГ как ее член, находится в определенные оппозитивные отношения с другими лексическими единицами ЛСГ. Эти отношения объединяются вокруг семантических признаков «мужской – женский пол», «возраст», «холщенности - нехолщенности»

По первому признаку, т.е. по признаку естественного пола, выделяются группы: а) естественный пол определен, б) естественный пол не определен.

Группа а) включает *гов, модагов, барзагов, буқа, навбанд, – cow, bull, ox* и др, в которой *гов, модагов* и др. обладают семантическим признаком «самка», а *барзагов, буқа, навбанд, - bull, ox* и др. выделяет семантический признак «самец», *гов, модагов, гуноҷин – cow, cow in / with calf — стельная корова* разграниваются от них по признаку «самка».

Группа б) включает: *гусола* - *calf* - названия, в которых признак «пол» не определен.

По второму признаку, т.е. по признаку различия возраста в системе данных терминов выделяется семантическая оппозиция: *гусола – calf - heifer* **<--->** *гов, модагов, барзагов, буқа, – cow, bull, ox* **<--->** *гуноҷин, навбанд, хувона,* в котором в сопоставляемых языках выделяются три степени противопоставления по возрасту, разграничиваясь семантическими признаками: «детеныши» - «взрослые» - «молодые» .

В таджикском языке в значении «самки – молодняка» крупнорогатого скота употребляется лексема *гуноҷин* - «тёлка по третьему году», семантическая структура которой сходна с семантической структурой лексемы *гов, модагов*. В отношении характера возраста семантическая структура лексемы *гуноҷин* близка к семантической структуре лексем *навбанд, хувона,* семантическая структура которых отличается от семантических структур лексем других лексем, их последней дифференциальной семой является смысл «старше по возрасту».

Heifer в английском языке включает семантические признаки а) *«д*етёныш коровы (женского пола)»; б) «молодая, ещё не телившаяся корова», которые противопоставляют другим словам не только по возрасту, но и по признакам «отелившая/неотелившая», «самка».

В таджикском языке значение «яловая, нетельная корова» выражается самостоятельным словом (лексемой) *қисир*, которое является одним из гипонимов таджикского гиперонима *ҳайвони калони шохдор*- «крупно – рогатый скот».

В таджикском языке широко распространены словосочетания, описательно выражающие разные возрастные группы, например: дусол двухлетний, сесол «до трёх лет» и т. д.

В системе лексических единиц данной ЛСГ выявляется семантический признак «холощены» - «нехолощеный», который выявляет семантическую оппозицию между *ахтакарда-ноахта* в таджикском языке, а в английском *bull* (нехолщеный); *ох* (кастрированный). Как видно из приведенного материала, в таджикском языке противопоставление по признаку холщеный-нехолщенный выражается не отдельных лексемах, аналитически, при помощи слов – определителей *ахтакарда-ноахта*, при этом имеющиеся в таджикском языке слова для обозначения взрослых *бука* и *барзагов* обозначают быка производителя. Значение холощености этих лексем выражается синтаксическим способом – словосочетанием «буқаи *ахтакарда* - *ноахта* - «холощеный бычок/нехолщеный бык».

В английском языке семантический признак холщеный/нехолщеный выражается самостоятельными словами: *bull* (бык производитель, нехолощеный) противопоставлена лексеме *ох* (кастрированный, холощеный бык, вол).

Таким образом, в семантической структуре лексем *буққа, барзагов* в таджикском языке основной, интегрирующей является сема «самец».

В таджикском языке значение молодняка крупнорогатого скота выражается и аффиксальным способом, с присоединением к основе слов уменьшительно-ласкательного суффикса: - ча; *буққача* «бычок»; *гуноҷинча* - «тёлка». Данный семантический признак в английским языке выражается словосложением: *bull-calf* «бычок»., а также суффиксальным способом *heifer «д*етёныш коровы (женского пола); молодая, ещё не телившаяся корова».

Таким образов, лексико-семантическое микрополе «крупный рогатый скот» в английском и таджикском языках представлено различными лексемами, которые отражают экстралингвистическую, когнитивную основу осмысления действительности в отражении реальных отношений между предметами действительности, которые в свою очередь отражаются в семантических отношениях между лексическими единицами данной лексико-семантической группы слов в системе функционально-семантического поля животноводческой лексики, связанной с пастушеством и жизнедеятельностью пастуха.

Литература:

1. Аракин В.Д. Сравнительная типология английского и русского языков. - Л.: Просвещение, 1979, с. 264.
2. Никитин М.В. Основы лингвистической теории значения. – М.: Высш.шк., 1988, - 168 с.
3. Фавҳанги забони тохики. Т. 1-2. –М.: Советская энциклопедия, 1969.
4. Таджикско-русский словарь. – Душанбе, 2006.

ЛЕКСИКО-СЕМАНТИЧЕСКОЕ МИКРОПОЛЕ «КРУПНОРОГАТЫЙ СКОТ» В АНГЛИЙСКОМ И ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКАХ

Орипова Ф.

Данная статья посвящена лексико-семантическое микрополе «крупный рогатый скот» в английском и таджикском языках и изучению животноводческих терминов и терминологии в изучаемых языках. Настоящая статья предназначена для студентов и аспирантов факультетов иностранных языков, филологических факультетов, отделения лингвистики университетов и интересующихся проблемами слова.

Ключевые слова: Лексика, термин, животноводство, семантика, структура, семантический признак.

LEXICO-SEMANTIC MICROPOLE LIVESTOCKS IN ENGLISH AND TAJIK LANGUAGES

Oripova F.M.

Given article is devoted about Lexica – semantic micro pole live-stocks in English and Tajik languages. This article shall be intended for the students and postgraduate students of philological faculties, linguistics departments of universities and who has an interest in word issues.

Key words: Lexis, term, live-stock, semantic, structure, semantically sign.

Сведенья об авторе: Орипова Фирузахон Махмудовна – ассистент кафедры теории и практики перевода Таджикского государственного институт языков имени С. Улугзода, тел.: (+992) 92 7741118, e-mail: firuzakhon@inbox.ru

Information about the author: Oripova Firuzakhon Makhmudovna, assistant of Theory and practice of translation chair in Tajik State Institute of Languages named after S. Ulughzoda, tel. (+992) 92 7741118, e-mail: firuzakhon@inbox.ru

ПОНЯТИЕ МИФА И ПРЕДМЕТ ЕГО ИЗУЧЕНИЯ

Валиев Н.У.

Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни

Следует особо отметить, что первым исследователем, который обратил внимание на вопросы архетипа и мифологии в персидско-таджикской литературе, был Артур Кристенсон ,который говорит о понятии мифа и его толковании в различных источниках, взглядах ученых литературоведов, языковедов, культурологов, философов, теологов и историков. Например, слово устура «миф» в словарях персидского языка как «Лугатномаи Деххудо», «Фарханги Муин», «Фарханги Амид», а также в некоторых словарях арабского языка - объясняется как «ложь», «беспочвенные слова», «сказка», «неправдивые сказания» при этом авторы словарей ссылаются на то, что слово «устура» в священном Коране употребляется в значении «неправдивое, ложное слово». По мнению одного из ведущих специалистов Ирана в области мифологии Мехрдода Бахора, слово «устура» образовано от греческого слова historia, которое в свою очередь состоит из двух слов – histor, что означает свидетель, судья и слова ia, образованного от слова idein.

Само слово «миф» в современной литературоведческой и философской, а также лингвистической науке употребляется очень давно и в распространенной форме. Наряду с ним встречается почти в одинаковой по произношению форме во всех индоевропейских и других языках как заимствованная из греческого языка словоформа «myth». Данное слово в древнегреческом языке в форме mythos (myth) означает «сказка», «сказание» и имеет более древнюю этимологическую форму maudjan и встречается также в древнеирландском языке в форме mausti и в в древнелитовском языке в форме mausti со значением «сказка», «сказание».

Таким образом, мифические представления существовали на определённых стадиях развития, несомненно, у всех народов мира, единственно в разных парадигмах и формах. Индоевропейские народы вначале имели своих античных мифов, но затем постепенно они узнавали о наличии мифов у жителей других стран, которые употреблялись в различных содержаниях с различной цели. Таким образом, можно утверждать, что мифы и мифология является имманентной стороной человеческого сознания и время происхождения мифологических образов не поддаётся

определению, что свидетельствует о тесной связи процесса возникновения мифов с происхождением языка и человеческого сознания. Миф в духовной и культурной жизни человека используется с той целью, чтобы задать определенные образцы или модели для всякого важного действия, которого совершает человек и таким образом, миф служит для ритуализации повседневных понятий и ценностей и предоставляет человеку возможность обрести и не потерять смысл жизни.

В персидско-таджикской классической литературе слово устура «миф» впервые встречается в творчестве Хакани:

Руфли устураи Арастуро,

Бар дари а{сан-ул-милал манед .

Замок мифов Аристотеля,Нельзя повесить на двери разума.

Мифология как отрасль науки изучается в основном в составе этнологии и этнографии. Предметом изучения мифологии являются мифические понятия и представления людей, относящиеся к определенной этнической группе, народам и нациям. По мнению иранского литературоведа ираниста Абдулхусайна Зарринкуба «Миф – это сказания людей, которые содержат исконно примитивные представления древних людей о влиянии сил потустороннего мира на природу и человеческую жизнь, передаваясь из уст в уста приобретают идеализированную парадигму и догматическую форму».

По мнению Исмоилпура, мифы являются народными сказаниями о богах, ангелах и других силах потустороннего мира, которые управляют природой и человеческой жизнью, и в этих сказаниях все описывается символами и понятиями, которые имеют скрытые значения . По мнению другого ученого ираниста - Дориюша Шойгона, миф – это святая история жизни древнего человека, который, почитая тот или иной миф, считает его космогоническим, необычным, вечным и сверхъестественным.

В современной науке также существует определенная классификация мифов и мифологических понятий. Например, Исмоилпур классифицирует мифы на 12 групп: 1) мифы корней и основ; 2) мифы судных дней (конца жизни); 3) мифы свободы и освобождения; 4) мифы богов и потустороннего мира; 5) мифы пророков и святых; 6) мифы предводителей и царей; 7) мифы судьбы и рока; 8) мифы перерождения и обновления; 9) мифы памяти и забвения; 10) мифы богатырей; 11) мифы животных и растений; 12) мифы нового века (новой, будущей жизни).

Следует отметить, что миф в литературе используется как для обогащения образов и содержания, усиления действенности самого художественного произведения, так и для продвижения и идеализации самого мифологического понятия. Таким образом, можно сказать, что как миф, так и художественная литература являются взаимодополняющими друг друга компонентами. Как мы видим, мифы используется почти во всех жанрах художественной литературы, и прежде всего, в сказках и сказания. Можно сказать, что невозможно представить некоторые жанры художественной литературы без мифологических понятий, например, жанры сказок и рассказов становятся более интересными только при использовании мифологических образов и понятий. Наряду с этим, некоторые сказки и рассказы посвящены именно мифам, являясь мифологическими рассказами без этих мифических образов просто не могут существовать и не могут быть такими, какие они есть.

Кроме того, мифы встречаются как в прозаических, так и в поэтических жанрах художественной литературы. История персидско-таджикской классической литературы полна таких примеров. Мы встречаем мифические образы и понятия в газелях, поэмах и других поэтических жанрах. Следует особо отметить, что в художественных эпических произведениях классической литературы стали чаще использовать мифические образы и понятия. На самом деле эпические произведения в большинстве случаев являются наиболее объемными и соответствующими по способу выражения и действенности слова, а также по выразительности стиля речи в описании мифических образов и понятий.

В мировой литературе можно назвать отдельные литературные направления, которые содержат именно жизнеописание мифических героев и их авторы основную

часть своего творчества посвящают мифическим образам и мифическим понятиям. В этой связи можно сделать вывод о том, что мифы и мифология являются неотъемлемой частью художественной литературы. В современном литературоведении также существуют такие раздели мифологии, как мифопоэтика и мифологическая критика, направленные на исследование и интерпретацию вопросов мифологии в литературе.

Общеизвестно, что архетипы в литературе задают общую структуру личности и имеют много общего в литературах разных народов мира. Само слово архетип образован от древнегреческих слов «archeos» - древний, античный и «typos» образ, пример означает первообраз. В аналитической психологии, основанной Карлом Г. Юнгом, — «универсальные изначальные врождённые психические структуры, составляющие содержание коллективного бессознательного, распознаваемые в нашем опыте и являемые, как правило, в образах и мотивах сновидений» . Те же структуры, о которых говорит Юнг, лежат в основе общечеловеческой символики мифов, волшебных сказок и других литературных произведений. Архетип, прежде всего, отражает психическое содержание таких событий, которые не имеют своего источника в отдельном индивиде. Специфика этого содержания заключается в его принадлежности к типу, несущему в себе свойства всего человечества как некоего целого. Эти типы, или «архаические остатки», Юнг назвал архетипами, используя выражение Блаженного Августина . Иранский ученый Сируси Шамисо также считает, что слово «архетип» состоит из двух слов и первое слово «архе-» означает старое, древнее и встречается в составе терминов археология, архив и слово «тип» означает образ, пример. Карл Густав Юнг в своих работах описал исконные образы, сходные с общеисторическими культурными мотивами, представленными повсеместно на протяжении истории и имеющие три таких основных свойства, как сила, глубина и автономность. Исконные образы предоставили Юнгу эмпирический материал для построения теории коллективного бессознательного, и он описал доминанты – узловые точки психики, притягивающие энергию и влияющие тем самым на функционирование личности (18, 399 - 400). Таким образом, термин «архетип» был применен Юнгом в 1919 году. Основными чертами архетипа, по мнению Юнга и других ученых, являются следующие:1. Архетип по определению является архаическим феноменом и поэтому проявляется в мифах, фольклоре и других литературных произведениях. 2. Архетипы имеют универсальный характер, и если рассмотреть их сущностные черты, они будут в разных концах Земли, несмотря на различие истории и культуры разных народов. Это позволяет выделить универсальные прообразы, общие для всего человечества — древнейшие архетипы, подтверждающие как единство творца, так и единство психики людей. Среди них есть более древние и более новые, и каждый из них отразил особое, но непосредственно-цельное и по-новому яркое отношение людей к миру.3. Архетипы имеют черты, связывающие их с жизнью, и не бывает «оторванных от жизни» архетипов. Архетипы, как во временном, так и в пространственном плане, имеют размытые границы, и они применимы во многих сферах культурной жизни человечества - в мифологии, астрологии, религии, литературе, фольклоре. 4. Архетипы в виде различных образов могут проявляться в искусстве, литературе и других творческих достижениях человечества. 5. Архетипы всегда неизменно повторяются и имеют черты самостоятельного существования. Архетип, как объект, должен иметь достаточное количество собственных элементов, не принадлежащих другим известным архетипам. В основном можно классифицировать несколько видов понятий реальной жизни, которые составляют объективную сторону архетипов: 1. Вода. 2. Солнце. 3. Цвета. 4. Круги. 5. Змея (черви). 6. Враг. 7. Женщина. 8. Старец (мудрый). 9. Рай. 10. Дерево. 11. Степь (пустыня). Наряду с этим, ключевыми основами архетипических образов могут стать такие понятия, как творение (мироздание), вечность, героизм.

Следует отметить, что архетипы также тесно связаны с психологией, философией, культурологией, этнографией, социологией, языкознанием и другими гуманитарными науками.

Литература:
1. Абдулхусайна З. В равный путь.- Тегеран: Суруш, 2008.- С.662.
2. Шойгона Д. Некоторые воспоминания о мифе.-Техрон:Амиркабир,1987.-С.361.
3. Исмоилпур А. Мифология – развития науки.- Техрон: Суруш, 1999.-С.214.
4. Юнг К.Г. Семинары о Зардуште (Перевод Сапедаи Табиб).- Тегеран: Корвон, 1996.-С.672.

ПОНЯТИЕ МИФА И ПРЕДМЕТ ЕГО ИЗУЧЕНИЯ

Валиев Н.У.

В этой статье автор исследует различные вопросы мифа и предмета его изучения. На основе обширного материала автор показывает развитие мифа в персидской литературе.

Ключевые слова **:** литература, миф, герой, автор, образ, наука, сказка, земля,

CONCEPT OF MYTH AND OBJECT OF IT'S STUDY

Valiev N.U.

In this article an author investigates the different questions of myth and object of it's study. On the basis of vast material an author shows development of myth in Persian literature.

Key words **:** are literature, myth, hero, author, character, science, fairy-tale,

Сведение об авторе: Валиев Нурали Умароич – заведующий кафедрой русской и мировой литературы Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни, тел.: (+992) 95 1619539, e-mail: nurali_56@mail.ru

Information about the author: Valiev Nurali Umarovich, Head of Russian and world literature chair in Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, tel. (+992) 95 1619539, e-mail: nurali_56@mail.ru

ТАҶДИДИ МАТЛАЪ ДАР ҚАСОЙИДИ ХОҚОНӢ

Боймурод Шарифов
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Пажӯҳиши сайри таҳаввул ва ташаккули қасида ин нуктаро ошкор месозад, ки аз ибтидои шеъри тоҷикӣ-форсӣ то садаи сездаҳуми мелодӣ ҳар суханваре аз рӯи қудрат ва тавоноии ҳунарии хеш чизе дар ҷанбаи лафзӣ ё маънавии он афзудааст. Вале ин нукта бебаҳс аст, ки ҳеҷ як суханвари дигаре мисли Хоқонии Шарвонӣ натавонистааст, ки ин навъи адабиро чун кохи пурҳашамате комилан аз нав бисозад ва ба тавре ки аз ҳеҷ ваҷҳ бо қасойиди давраи аввал ва то замони ӯ монандӣ надорад ва баъд ҳам чунин сабки нигориш ва баён дида намешавад.

Ашъори Хоқонӣ ҳанӯз дар замони зиндагияш ҳам назди ноқидони сухан ва арбоби фазл маъруф будааст ва аксари суханшиносон шеъри ин шоири нобиғаро ба унвони беҳтарин навъе аз каломи бадеъ ёд карда, ӯро «мухтареъ» ва ё мубтакари як сабки тоза дар сухансароӣ» муаррифӣ кардаанд. (1, 63-64))

Худи шоир ҳам аз мавқеи худситоӣ ба тарзи фарвон ин фазилати ҳунариашро ёдовар шудааст, мисли байти зер:

Мунсифон устод донандам, ки дар маъниву лафз,
Шеваи тоза на расми бостон овардаам.

Дар арсаи қасидасароӣ Хоқонӣ қариб дар ҳамаи заминаҳои шеърӣ бар шоирони пеш аз худ ва баъдин ҳам дастболо мебошад. Дар ин мухтасар танҳо мехоҳем атрофи таҷдиди матлаъи қасидаҳои ӯ изҳори назар кунем.

Дар бораи ҳунари навкарди матлаъи қасидаҳои Хоқонӣ пеш аз ҳама Шамс Қайси Розӣ ишора карда, ӯро дар ин шева «муваллаъ» аз дигарон хонда аст: «Бошад ки як қасидаро чанд матлаъ кунанд, чун аз сифате ба сифати дигар нақл кунанд ва аз ҷумлаи шуаро Хоқонӣ бад-ин шева муваллаътар будааст ва чанд қасидаи бисёрматлаъ гуфта, чунонки гуфтааст:

Чун оҳи ошиқ омад субҳ оташи муанбар,
Симоби оташин зад дар бодбони ахзар.
Панҷ бор таҷдиди матлаъ кардааст:
Дар обгун қафас бин товуси оташин пар,
К-аз пар кушодани ӯ офоқ баст зевар.
**
Эй Каъбаи ҷаҳонҳо в-эй замзами расанвар,
Заррин расан намоӣ чун замзам оӣ аз сар.
**
Саҳни Ирам надидӣ дар боги шоҳ бингар,
Ҳусни ҳарам надидӣ бар қасри шоҳ бингар.
**
Эй андалеби ҷонҳо товуси бастазевар,
Бигшой гунчаи лаб, бисрой нагмаи тар.
**
Маҳдисифат шаҳаншаҳ, умматпаноҳи довар,
Ҷонбахш чун Маликшаҳ, кишварситон чу Санҷар. (2,425)

Ин қасида дар девони шоир бо се матлаъ оварда шудааст ва мураттиби девон Зиёуддини Саҷҷодӣ дар ҳошия менависад, ки дар нусхаҳои гуногуни девони шоир миқдори матлаъҳои ин қасида ба ҳар ранге мебошанд: «Бояд донист, ки дар насахи хаттӣ ин қасида бо ду матлаъ аст, вале дар чопи Техрон ва Ҳинд онро бо қасидаи дигар ба мадҳи Муҳаммад ибни Маҳмуд ибни Маликшоҳи Салҷуқӣ ба матлаъи:

Эй андалеби ҷонҳо товуси бастазевар,
Бигшой гунчаи лаб, бисрой гуннаи тар.

Ки дорои се матлаъ аст махлут карда ва шаш матлаъ қарор додаанд, ки иштибоҳ аст.» (1,190)

Дар девони шоир дар таҳия ва пешгуфтори Зиёуддин Саҷҷодӣ бо ҳамин вазну қофия ду қасида ҷой дода шудааст, ки яке дар мадҳи малик Сайфиддин Арслони Музаффар- дорои Дарбанд, бо матлаъи «Чун оҳи ошиқ омад субҳ оташи муанбар» дорои ду матлаъ, ки матлаъи дуввумаш бо байти дар боло иқтибосшуда, вале дар ин шакл:

Эй Каъбаи ҷаҳонгард, эй Замзами расанвар,
Зарин расан намоӣ, чун Замзам оӣ аз бар. (1,187)

ва дуввумӣ дар мадҳи маликшоҳи Салҷуқӣ бо матлаъи «Эй андалеби ҷонҳо..» бо се матлаъ оварда шудааст, ки ду матлаъи дигари ин қасида бо байтҳои «Дар обгун қафас бин…» ва «Саҳни Ирам надидӣ…» омадааст. Ва байти шашуми иқтибоси Шамси Қайс («Мадҳисифат шаҳаншаҳ, уматпаноҳи довар…»), ки ҳар чанд мусарраъ аст, дар идомаи матлаъи сеюми қасида омадааст. Ва мавриди зикр аст, ки дар қасидаи думатлаъдори аввал ҳам чунин байти мусарраъ:

Зери се ҳарфи ҷоҳаш ганҷесту ҳарфи охар,
Сифрест дар миёнаш, ҳафт осмон-ш маҳзар.

дар идомаи матлаъи дуввум омадааст.

Таҷдиди матлаъ навъе аз қудратнамоиҳои шоирона дар арсаи ҳунар аст ва ин амал бештар хосси қасидаҳои мадҳӣ мебошад, ки барои ҷалби диққати мамдӯҳ шоир маҳорати эҷодии худро ошкор менамояд.Ин ҳунар ҳамон вақт арзиши баландро соҳиб мешавад, ки агар шоир битавонад як мавзӯеро ғайричашмдошт ба мақсади худ пайваст созад ва матлаъи нав оғоз кунад.

Дар баробари дигар унсурҳои дохилии қасида, ки суханшиносони гузаштаю муосир ба онҳо ишора кардаанд, таҷдиди матлаъ камтар мавриди баҳси илмӣ қарор гирифтааст. Аз рӯи мақолаи пурарзиши профессор Раҳими Мусулмониён,

суханшиносони асримиёнагии форсу тоҷик (асрҳои X-XV) Родуёнӣ, Рашиди Ватвот, Шамси Қайс, Шамси Фахрии Исфаҳонӣ, Тоҷалҳаловӣ, Ҳусайн Воизи Кошифӣ, Атоуллоҳи Ҳусайнӣ ва дигарон перомуни ҷанбаи маънавӣ ва лафзии ин жанри ҷинси ғиноӣ ба таври кофӣ изҳори назар кардаанд. Ва дар мавриди масъалаи мавриди тадқиқи мо танҳо ҳамон мулоҳизаи Шамси Қайс, ки пештар пораеро аз он зикр кардем, таҳлил шудааст. Раҳими Мусулмониён менависад: «Лозим ба зикр аст, ки агар Рашиди Ватвот ба мусарраъ омадани нахустбайти қасида танҳо ишора карда бошад, Шамси Қайси Розӣ ба ин мавзӯъ ба таври муфассал пардохта аст, чунончи ӯ мукарраран изҳор дошта, ки байти мусарраъ ба ҷуз аз матлаъ дар дигар ҷойҳои қасида низ метавонад ояд, ба қавли ӯ яке аз илали ин амр тағйир ёфтани мавзӯи баён мебошад, чунончи гӯяд: «…Ва бошад ки ибтидои қасида ба мадҳ кунад ва бар ғазал хатм кунад ва онро матлаъи тоза орад.» (4,75)

Дар қасидаҳои шоирони то қарни XIII чунин тарзи қасидае, ки матлаъи аввал аз мадҳ оғоз шуда, матлаъи дигар тағаззул бошад, мушоҳида нагардидааст. Аллома Ҷалолиддини Ҳумоӣ перомуни таҷдиди матлаъ ва қонунмандиҳои он мухтасар ишора карда навиштааст: «Таҷдиди матлаъ бештар барои он аст, ки бихоҳад аз матлабе ба матлаби дигар интиқол кунад, хоҳ аз тағаззул ба мадеҳа бошад ё аз мадҳ ба тағаззул ё дар умури дигар аз қабили ашъори васфӣ ва ахлоқиву ирфонӣ ва шикваю амсоли он ва бад-ин сабаб доираи таҷдиди матлаъ аз ҳусни тахаллус васеътар ва маворидаш мутанавеътар аст.» (3, 114)

Дар идомаи ҳамин гуфта Аллома Ҳумоӣ атрофи миқдори абёти матлаъҳо ва махсусан қофия дар онҳо мухтасаран сухан ба миён оварда, навиштааст, ки «Такрори қофия низ дар нав кардани матлаъ чандон айб нест, ба шарти ин ки ҳадд нигоҳ дошта ва аз ду ва се қофия таҷовуз накарда бошанд. (3,115)

Аммо аз ин қазияи муҳаққиқ матлаб чандон равшан нест, ки такрори қофия гуфта чӣ дар назар дошта шуда бошад, зеро матлаъ, ки нав шуд мисраъҳои байти нави матлаъ бояд мусарраъ, яъне ҳамқофия бошанд.

Муҳаққиқи дигари Эронӣ Сируси Шамисо ҳам ҷое дар бораи таҷдиди матлаъ чунин ишора кардааст: “Яке аз хусусияти қасида таҷдиди матлаъ аст. Таҷдиди матлаъ хоси адабиёти форсӣ аст ва дар адабиёти арабӣ марсум нест. Ба ҳар ҳол адами ҷавози такрори қофия дар қасида (магар як бор), ки навъан шеъре тӯлонӣ аст боис шуда буд, ки шоирон бо сурудани матлаъи мусарраъи дигаре битавонанд аз қофияҳои қаблӣ истифода кунанд. Таҷдиди матлаъ махсусан дар Хоқонӣ фаровон аст. Ҳол ки баҳс ба қофия кашид, тазаккури ин нукта низ бе фоида нест, ки қофия табиати забони арабӣ аст ва куллан дар забонҳои ориёӣ аз ҷумла забони форсӣ каламоти ҳамқофия маҳдуд аст…”(5,130)

Дар девони Хоқонӣ 18 қасидаи думатлаъдор, 15 қасидаи сематлаъдор ва 5 қасидаи чаҳорматлаъдор мавҷуд аст.

Аз мутолиаи девони Хоқонӣ бармеояд, ки ӯ дар ҳар мавзӯъ, ки чизе менависад, қасди асосиаш ифшои ҳунар ва қудрати суханварӣ аст. Яъне хости шоир аз бозгуфти ҳама гуна андеша танҳо барои вокуниш ва аз пиндорҳои шоиронаи худ баҳра ҷустан аст, чунончи агар аз динандешӣ ва илми калом сухан мегӯяд ба баҳонаи ангезаҳои кору сози адабӣ аст. Ӯ на танҳо дар қасоиди мадҳӣ, балки аз ин шеваи ҳунарварзӣ дар қасидаҳои ахлоқӣ, динӣ, марсияҳо ва ҳатто дар қасидаи ба падари хеш бахшидааш ҳам моя гирифтааст.

Қасида аз нигоҳи шакл ду навъ мешавад: қасидаи комил ва қасидаи муқтазаб (маҳдуд). Дар қасидаи комил ҳамаи унсурҳои композитсионӣ (тағаззул (насид ташбиб), ҳусни тахаллус, мадҳ, талаб ва шарита) риоя мешаванд. Дар қасидаҳои муқтазаб унсурҳои мазкур ё риоя намешаванд ва ё баъзе аз онҳо корбаст мегарданд. Таҷдиди матлаъ бештар хос ба қасидаҳои мадҳӣ мебошад, ки дар он шоир пас аз анҷоми тағаззул ҳусни тахаллус мекунад ва ба мадҳи мамдӯҳ мегузарад ва пас аз овардани чанд байти мадҳӣ аз нав байти мусарраъ меорад ва матлаъи қасидаро нав месозад.

Агар ба таърихи таҳаввули қасида дар адабиёти форсию тоҷикӣ назар шавад, аён аст, ки бештари шоирони қасидасаро диққати асосиро ба мадҳ сарф мекардаанд. Масалан, 23% қасидаҳои мадҳии Фаррухии Систонӣ муқтазабанд, яъне аз ҳамон ибтидо то интиҳо танҳо мадҳи мамдӯҳ мекунад. Дар қасидаҳое ҳам ки ин шоир тағаззул овардааст, миқдори абёти мадҳ бештар аз байтҳои тағаззуланд. Монанди ин қасида:

Ишқ хуш аст ар мусоидат бувад аз ёр,
Ёри мусоид на андак асту на бисёр (6,93)

ки дар он ҳамагӣ 9 байт тағаззул асту боқӣ 43 байт мадҳӣ. Ва ё дар қасидаи дигари шоир, ки бо ин байт оғоз мешавад:

Маро бипурсид аз ранҷи роҳу шугли сафар,
Бути ман, он санами моҳрӯи симинбар (6,120)

ки 9 байт тағаззулу 50 байти дигар дар мадҳи мамдӯҳ аст.

Дар девони Унсурӣ шеър танҳо воситаи мадҳи мамдӯҳ аст ва ӯ аз табъи суханварии худ чизи дигареро имтиҳон намекунад.

Дар девони Манучеҳрӣ тағаззулу мадҳ тавъам сурат мегиранд, масалан, дар қасидаи зер 28 байт мадҳ ва 38 байт тағаззул аст:

Шабе гесӯ фурӯ ҳишта ба доман,
Палосин миъҷару қирина гарзан (7, 276)

Ва ё дар қасидаи дигари шоир, ки бо матлаъи зер оғоз мешавад:

Ало, ё хаймагӣ хайма фурӯ ҳил,
Ки пешоҳанг берун шуд зи маҳмил (7, 298)

21 байт мадх ва 51 байт тағаззул аст.

Дар саросари девони Анварӣ дар чор қасида таҷдиди матлаъ дида мешавад. Шамси Қайси Розӣ пас аз он ки дар ҳунари навкарди матлаъ Хоқониро аз ҳама суханварон боло муаррифӣ мекунад, менависад, ки «Ва бошад, ки дар нақл аз насиб ба мадҳ матлаъи нав кунанд, чунонки Анварӣ гуфтааст:

Масти шабона будаму афтода бехабар,
Дӣ дар висоқи хеш, ки дил бар бикуфт дар.

ва баъд аз тахаллус гуфтааст:

Эй дар замони адли ту маъмур баҳру бар,
В-эй дар масири килки ту асрори нафъу зар…» (2, 261)

Бар хилофи Хоқонӣ Анварӣ барои ин ки мамдӯҳро ситоиш кунад, таҷдиди матлаъ мекунад. Се қасидаи дигари Анварӣ ҳам чунин аст:

Дӯш аз дарам даромад сармасту беқарор,
Ҳамчу маҳи дуҳафтаву ҳар ҳафт карда ёр. (8,159)

ва пас аз тахаллусу мадҳ қасидаро бо гуфтугӯи худу ёраш, ки ӯ низ мехоҳад мамдӯҳро ситоиш кунад, чунин идома медиҳад:

Бархостам давоту қалам бурдамаш ба пеш,
Он ёри ногузиру рафиқи сухангузор.
Бардошт килку коғазу фар-фар фурӯ навишт,
Бар фавр ин қасидаи матбӯъи обдор.
Эй рӯзгори давлати ту рӯзи рӯзгор,
В-эй бар замона сояи ту фазли кирдгор.
Қодир ба ҳукм бар ҳама касс осмонсифат,
Фойиз ба худ бар ҳама халқ офтобвор.(8,160)

Чунончи мушоҳида мешавад ҳадафи асосии Анварӣ аз таҷдиди матлаъ бофтани достон ва тақвият бахшидани ҷанбаи мадҳии қасида аст. Қасидаи дигари ӯ бо матлаъи зер:

Дар бомдоди ид, ки бар садри рӯзгор,
Ҳар рӯз ид бод ба таъйиди кирдгор. (8,178)
чунин таҷдиди матлаъ кардааст:
Эй, коинотро ба вуҷуди ту ифтихор,
В-эй, беш з-офаринишу кам з-офаридгор. (8,179)
ва охирин қасида бо матлаъи зер:

Хушо навоҳии Багдоду ҷои фазлу ҳунар,
Касе нишон надиҳад дар ҷаҳон чунон кишвар. (8,213)
ки чунин таҷдиди матлаъ кардааст:
Зиҳӣ, бақои ту даврони мулкро мафхар,
Хаҳӣ, лиқои ту бӯстони адлро зевар. (8,218)

Матлаби Анварӣ аз он ҷо ки мадҳгустарӣ аст, таҷдиди матлаъ, ки барои шоирони арсаи ҳунар заминаи қудратнамоӣ дар ҷодаи тасвир аст, барои ӯ танҳо таҷдиди назар ба баёни сифатҳои мамдӯҳ аст.

Дар девонҳои шоирони дигар навкарди матлаъ ба нудрат дида мешавад, масалан дар девони Асири Ахсикатӣ ду қасида дорои таҷдиди матлаъ мебошад, ки яке аз се матлаъ ва дигар аз панҷ матлаъ, ки матлаъҳои навкардаи Асирро бо Хоқонӣ аз рӯи ҳунари шоирӣ ба ҳеҷ ваҷҳ наметавон қиёс намуд.

Хоқонӣ дар ин ҷода, яъне навкарди матлаъи қасида, аз ҳамаи шоирони асримиёнагӣ пешгомтар аст. Бар хилофи Унсурӣ, Фаррухӣ, Анварӣ, ки ҳақиқати шеър мамдӯҳро мепиндоштанд, Хоқонӣ мамдӯҳро василае барои шеъри ноби худ медонад. Ба таъбири дигар барои Хоқонӣ навкарди матлаъи қасида, фирор аз мадҳпардозӣ аст.

Аз 132 қасидаи девони шоир 40 қасида беш аз як матлаъ доранд ва дар байни ин қасидаҳои чандматлаъӣ 31 қасида дар мадҳи шоҳону вазирон ва дарбориён аст, 2 қасида дар марсияи фарзандаш, як қасида дар мадҳи падар, 2 қасида дар ҳикмат ва мавъиза, 3 қасида дар васфи Макка ва 1 қасида дар васфи Макка ва ситоиши паёмбар аст.

Аз ҳамаи 31 қасидаи мадҳи дар девони Хоқонӣ, ки дорои таҷдиди матлаъ ҳастанд шоир пас аз байти тахаллус дар матлаъи аввал дар чанд байти маҳдуд ба мадҳ мепардозад ва таҷдиди матлаъ мекунад ва барои ин ки дубора ба васф бипардозад ва он чи дилаш мехоҳад бигӯяд, зеро ҳанӯз эҳсосоти дарунии ӯ қонеъ нашудааст ва васфу тағаззулро ба мадҳ тарҷеҳ медиҳад, ки ин баъзан боиси то чор маротиба таҷдиди матлаъ дар қасида мешавад.

Барои мисол қасидаи машҳури шоир, ки бо матлаъи зер сар мешавад:

Субҳхезон, к-остин бар осмон афшондааанд,
Пойкӯбон дасти ҳиммат бар ҷаҳон афшондааанд. (1,105)
Пас аз 27 байти тагуззул ҳусни тахаллус мекунад ва мегӯяд:
Чатри зарин чун ҳаво бигрифт гӯйӣ бар фалак
Акси шамшери шаҳи султоннишон афшондааанд.
Ё гуҳарҳое, ки дар афсар нишонд Афросиёб,
Пеши Шарвоншоҳи кайхусравнишон афшондааанд. (1,106-107)
Пас аз чунин як мадҳи мухтасар аз нав таҷдиди матлаъ мекунад:
Гӯиё аз ишқи ӯ як шаҳри ҷон афшондааанд,
Зару сар бар ишваи он ишқдон афшондааанд.

ва пас аз 5 байти тағаззул дубора тахаллус мекунад ва менависад:

Ишқбозони рухаш Хоқониосо ақлу ҷон
Пеши тахти Булмузаффар Ахситон афшондааанд. (1,107)

мадху тахаллус дар ҳадди ҳамин як байт боқи мемонад ва бори сеюм таҷдиди матлаъ мекунад:

То губор аз чатри шоҳи ахтарон афшондааанд,
Фарши султони-ш дар бартар макон афшондааанд. (1,107)

баъд аз 20 байт аз нав ҳусни тахаллус мекунад ва қударти шоириашро дар мадҳ нишон медиҳад:

Меҳру маҳ гӯӣ ба бог аз Тӯри нур овардааанд,
Бар сари Шарвоншаҳи Мӯсибанон афшондааанд. (1,108)

Ва ё дар қасидаи дигар, ки «Дар мадҳи Атобаки аъзам Музаффариддин Қизиларслон Элдгиз» унвон гирифтааст ва бо чунин матлаъ оғоз мешавад:

Субҳхезон, к-аз ду олам хилвате барсохтанд,
Маҷлисе бар ёди ид аз ид хуштар сохтанд, (1,111)

дар матлаъи аввал 19 байти васф ва 2 байти тахаллус ва мадҳ дорад, дар матлаъи дуввум 8 байти васф ва 3 байти тахаллусу мадҳ дорад, дар матлаъи охир бошад 8 байти васф ва то поёни қасида мадҳпардозӣ мекунад. Тақрибан дар тамоми 31 қасида ин шева риоят шудааст, ки шоир дар матлаъи охир аз матлаъҳои дигар бештар ба мадҳ пардохтааст. Зимни ин ки дар абёти мадҳ низ бештар ба фикри ҳунарнамоии хеш аст.

Хоқонӣ ҳам мисли дигар шоирони мадҳгустар мамдӯҳи худро то олитарин дараҷаҳо боло бурдааст, аммо хонанда ҳангоми мутолиаи ин гуна мадоеҳ бештар аз ҳама мутаваҷҷеҳи ҳунарнамоии шоир мешавад ва ситоиши мамдӯҳ дар паси пардаи тахайюл мемонад:

Зоти ӯ Маҳдист аз маҳди фалак зер омада,
Зулми Даҷҷолӣ зи чоҳи Исфаҳон ангехта (1,396)

Дар ин байт шоир бо ташбеҳи балеғ зоти мамдӯҳро ба Маҳдӣ монанд кардааст. Зулм ба Даҷҷол монанд шудааст. Тибқи ривояти асотирӣ «Даҷҷол аз Ҷуҳудияи Исфаҳон хуруҷ кунад ва то Кӯфа биравад. Аз чаҳор мавзеъ қасди ӯ кунанд: қавме аз Мадина, қавме аз Тӯр, қавме аз Қазвин» (9, 72)

Гурги зулм аз адли ӯ тарсон чу мор аз чӯб аз он-к,
Адли ӯ море зи чӯби ҳар шубон ангехта.
Бар дили кофар чу ангур обила в-аз хунашон,
Май зи ҳисрамгун сари теги ямон ангехта (1,396)

Хоқонӣ мутмаин аст, ки мадҳҳояш ба мамдӯҳ бақои умр медиҳад, зеро ҳадаф аз шеъру шоирӣ ҳам бақои исм аст. Дар бештари ашъораш шоир мақоми худро аз ҳама болотар муаррифӣ месозад ва хештанро бештар ситоиш менамояд, ки аз доираи фахрияҳои адабиёти классикӣ берун мебарояд. Дар қасидае, ки ӯ дар мадҳи Рашиди Ватвот навиштааст, ӯро мавриди хитоб қарор медиҳад:

Аз ин қасида намудори соҳирӣ кун аз он-к,
Бақои номи туст ин қасидаи гарро.
Ба ҳар касе зи ман ин давлати сано нарасад,
Хунук ту, к-ин ҳама давлат мусаллам аст туро. (1,31)

Дар қасидаи мадҳие, ки шоир ба падари худ бахшидааст, композитсия мисли дигар қасидаҳои мадҳии шоир сурат гирифтааст:

Силсилаи абр гашт зулфи зарасони ӯ,
Қурсаи хуршед гашт гӯйи гиребони ӯ. (1,363)

Агарчи ин қасидаро шоир дар ситоиши падари хеш сурудааст, мисли дигар қасидаҳои мадҳӣ дар матлаъи аввал ва дуввум танҳо чор байтро дар мадҳи падар ихтисос додааст, боқӣ 21 байт тағаззул аст ва дар қисмати охир абёти мадҳӣ бештар шудааст.

Гоҳе таҷдиди матлаъ дар қасидаҳои Хоқонӣ барои ҷудо кардани матлаби шоир аз ҳам хизмат кардаанд. Масалан, дар қасидаи машҳури «Мантиқ-ут-тайр» шоир ду бор таҷдид матлаъ кардааст. Ин омил аз он ҷо сарчашма гирифтааст, ки қасида ду мамдӯҳ дорад: Макка ва паёмабри ислом, ки ҳар матлаъ ба ҳукми қасидаи алоҳида хизмат мекунанд:

Зад нафаси сарбамуҳр субҳи муламмаъниқоб,
Хаймаи рӯҳониён кард муанбартаноб.
Шуд гуҳар андар гуҳар сафҳаи теги саҳар,
Шуд гираҳ андар гираҳ ҳалқаи диръи саҳоб (1,41)

Баъд аз тахаллус ва мадҳи Макка шоир аз нав таҷдиди матлаъ мекунад ва баъд аз тасвиру хаёлпардозиҳо тахаллус ба мадҳи паямбар намуда, дар байтҳои охири худ аз сарфи муфохара мақоми шоирии худашро ситоиш менамояд:

Рахши буҳаро битохт бар сари сифр офтоб,
Рафт ба чарбохӯрӣ ганҷи равон дар рикоб. (1,42)

Далели дигари аз маддоҳӣ гурез кардани Хоқонӣ он аст, ки ними бештари қасидаҳояш дар мадҳи шоҳону вазирон нест. Ва дар тамоми девони шоир наметавон як қасидаи мадҳӣ пайдо кард, ки муқтазаб бошад. Тағаззул ва таҷдиди чандинкаратаи матлаъ саҳнаи фарохеро барои хаёлпардозиҳои шоирона омода месозад, ки ҳадафи асосии суханварии Хоқонӣ ҳам, ба қавли худаш «Юсуфи хотирро намоён» кардан аст.

Тахайюл ва тасвирпардозӣ аз муҳимтарин унсурҳо дар арсаи халлоқияти ҳунарӣ ба ҳисоб меравад. Ҳар ҳунарманде ба дунё ба тарзи хосси хеш менигарад ва нигоҳаш мутаассир аз ҳолатҳои рӯҳӣ ва зебоишиносии ӯст. Арсаи ҳунар барои суханвар ҷоест, ки бо қудрати сеҳрангези хаёл дар падидаҳо ҳулул кунад ва рӯҳи худро дар онҳо бидамад ва ҷаҳонро дилхоҳи хеш бисозад. Тасвирпардозӣ имкони тасарруф дар ашё ва ҷаҳонро барои шоир фароҳам меорад ва ба ӯ имконият медиҳад то дар унсурҳои табиат матлаб ва мақсади худро биёфаринад, эҳсоси худро дар ашё бирезад ва бо падидаҳои берун аз қаламрави забони худ сухан бигӯяд. Тасвир замоне ҳунарӣ аст, ки шӯру ҳаяҷонҳои инсонӣ дар вай нуҳуфта бошад ва тасвирҳои Хоқонӣ ҳама ин вижагиҳоро доро ҳастанд ва ба қавли худи шоир худ суварнигорест, ки дар суратҳои кашидааш ҷон дамидааст.

Дар аглаби тағаззулҳои қасидаҳояш Хоқонӣ аз тасвири субҳ баҳра ҷустааст ва ҳамаи манзараҳои сохтааш дар ин маврид нотакрор ва ба ҳамдигар кам шабоҳат доранд. Масалан, дар қасидаи зер, ки «Наҳзатуларвоҳ ва назҳатулашбоҳ» унвон гирифтааст (мавриди зикр аст, ки дар таърихи адабиёти классикӣ Хоқонӣ аввалин шоирест, ки ба қасидаҳояш унвон гузоштааст) васфи Маккаи муаззама, сифати ишқу мақсади сидқ ва шарҳи манозилу маносики роҳи Каъба аз дари БаҒдод то Макка тасвир шудааст, аз се матлаъ иборат аст, ки матлаъи аввал бо байтҳои зер оғоз мешавад:

Шабравон дар субҳи содиқ Каъбаи ҷон дидаанд,
Субҳро чун маҳрамони Каъба урён дидаанд.
Аз либоси нафс урён монда чун имону субҳ,
Ҳам ба субҳ аз Каъбаи ҷон рӯи имон дидаанд. (1,88)

Дар байти дуввуми матлаъи мазкур шоир зимни тасвири манзараи табиат ашёро бо рӯҳу аносири ботинии инсон пайванд месозад ва ин вижагӣ хосси аксари чунин қасидаҳои ӯ мебошанд, чунончи дар қасидаи дигар ҳам ба ҳамин мавзӯъ:

Дами субҳ аз ҷигар оранду нами жола зи чашм,
То дили зангпазир оинасимо бинанд.
Даму нам тира кунанд оина, ин оина бин,
К-аз нами гарму дами сард мусаффо бинанд.

Яъне машаққати роҳи сафари Хонаи Худо барои покии дил дар роҳи Худост ва монанд кардани падидаҳои табиӣ ба аносири дарунии инсонӣ яке аз мухтассоти ҳунарии Хоқонӣ дар таҷдиди матлаъи қасидаҳои ахлоқии ӯст.

Таҷдиди матлаъ дар сӯгномаҳои Хоқонӣ низ аз падидаҳои нотакрори адабиёти классикӣ ба шумор меравад. Дар сӯги фарзанди ҷавонмаргаш Рашидаддин Хоқонӣ ду қасидаи думатлаъдор бахшидааст, ки яке «Тараннумулмусоб» ва дигаре «Дар марсияи Рашидаддин фарзанди худ аз забони худи ӯ» унвон гирифтаанд. Дар сурудани марсия, ки шоирон кӯшиш ба баёни содда доранд, Хоқонӣ ҳамоно ҳунарварзии шоиронаи худро фурӯ намениҳад ва аз дигар тараф чунин ба назар мерасад, ки ин кор барои баён кардани шиддати андӯҳу сӯги шоир лозим дониста шудааст:

Субҳгоҳи сари хуноби ҷигар бигшоед,
Жолаи субҳдам аз наргиси тар бигшоед.
Дона-дона гуҳари ашк биборед чунон-к,
Гираҳи риштаи тасбеҳ зи сар бигшоед.
Хок лабтшнаи хун аст зи сарчашмаи дил,
Оби оташзада чун чоҳи сақар бигшоед… (1,158)

Шӯру ғами шоир то ба он поя аст, ки ҳатто қавонини маҳдуди лафзии калом ҳам, аз қабили қофияву радиф, наметавонанд пеши онро бигиранд ва рухи намакзоршудаи шоирро аз ашк ҳар як хонанда метавонад бубинад. Дар қисмати тахаллус ҷанбаи даъвати шоир қавӣ ва мушаххас мегардад:

Ман рисолоту давовину катаб сӯхтаам,
Дидаи биниши ин ҳоли зарар бигшоед.
Душманонро, ки чунин сухта дорандам дӯст,
Роҳ бидҳеду ба рӯи ҳама дар бигшоед.
Дӯстоне, ки вафошон зи ниҳон доштаам,
Чун дароянд раҳ аз пеши ҳашар бигшоед.

Матлаъи дуюми ин қасида ҳам бо байтҳои хусусиёти даъватидошта оғоз мегардад ва расми мотам бо тамоми аҷзояш дар он рӯзгор инъикос мегардад:

Эй ниҳондоштагон, мӯй зи сар бигшоед,
В-аз сари мӯй сари оғӯш ба зар бигшоед.
Эй тазарвони ман он тавқ зи ғабғаб бибуред,
Тоҷи лаъл аз сару пироя зи бар бигшоед…

Тибқи усули шеъри фаннӣ истифодаи радиф барои суханваре, ки маҳорати қавӣ надорад, барои ифодаи маъниву мазмун маҳдудият пеш меорад, вале барои Хоқонӣ ин монеа шуда наметавонад, вақте ӯ менависад:

Падараш сӯхта дар ҳасрати рӯи писар аст,
Кафан аз рӯи писар пеши падар бигшоед.
Ин тавонед, ки модар ба фироқи писар аст,
Пеши модар сари тобути писар бигшоед (1,159)

Ҳар хонандаи сангдилро ҳам метавонад ба шевану ғам мубтало кунад.

Хулоса, Хоқонӣ шоирест, ки дар арсаи ҳунар ва санъату суварнигорӣ ҳеҷ як нафар суханвари дигаре бо ӯ баробар шуда наметавонад. Таҷдиди матлаъ дар шеъри форсӣ ба тадқиқ ва пажӯҳиши махсус ниёз дорад, вале ин қазия дақиқ аст, ки Хоқонӣ дар ин ҷода ҳам пешоҳанги қасидасароёни адабиёти форсию тоҷикӣ мебошад.

Таҷдиди матлаъ дар қасоиди Хоқонӣ, аз як тараф василаи мадҳгурезӣ ва аз ҷониби дигар барои қудратнамоӣ ва изҳори фазл раво дониста шудаанд.

Адабиёт:

1. Хоқонӣ, Бадил ибни Алӣ. Девони Афзалиддин Бадил ибни Алӣ Начор Хоқонии Шарвонӣ. Бо муқобалаи қадимтарин насах ва тасҳеҳу муқаддима ва таълиқот ба кӯшиши Зиёуддин Саҷҷодӣ.- Теҳрон: Заввор, 1357.-1085 с.
2. Шамси Қайс. Ал-мӯъҷам фи маъойирулашъор ил Аҷам. Ба тасҳеҳи Муҳаммад ибни Абдулваҳҳоби Қазвинӣ.- Теҳрон: Муҳаммади Рамазонӣ, 1316.-360 с.
3. Ҷалолиддини Ҳумоӣ. Фунуни балоғат ва саноати адабӣ.- Теҳрон, Ҳумо, 1368.- 424 с. С. 114)
4. Раҳим Мусулмониёни Қубодиёнӣ. Шеър дар сарчашмаҳои назарӣ.- Теҳрон, 1377.- 256 с. С.75)
5. Сируси Шамисо. Анвоъи адабӣ.- Теҳрон:Боғи ойина, 1370.-399 с.
6. Фаррухӣ, Алӣ ибни Ҷулуғ. Девони Ҳаким Фаррухии Систонӣ. Бо муқаддима ва ҳавошӣ ва таълиқот ва муқобалаи насах, ба кӯшиши Муҳаммади Дабирсиёқӣ.- Теҳрон: Иқбол, 1335.- 510 с.
7. Девони Манучеҳрии Домғонӣ. Ба кӯшиши Дабири Сиёқӣ.- Теҳрон: Ибни Сино, 1326.- 352 с.
8. Девони Анварӣ. Ба эҳтимоми Муҳаммад Тақӣ Мударриси Разавӣ.- Теҳрон: Нашри интишороти илмӣ ва фарҳангӣ, ҷилди 2, 1376
9. Каззозӣ, Мирҷалолиддин. Гузориши душвориҳои девони Хоқонӣ.- Теҳрон: Нашри марказ, 1386.- 996 с.

ОБНОВЛЕНИЕ НАЧАЛЬНОГО БЕЙТА В КАСЫДАХ ХАКАНИ

Шарифов Боймурод

В данной статье рассказывается о мастерстве и художественных достоинствах Хакани в обновлении начального бейта касыда. Хакани является воистину величайшим певцом касыды и ни один из исследователей поэзии средневековья не спорит, что в истории персидско-таджикского стиха не было равных ему в данном поэтическом жанре. Вопрос обновления начального бейта в касыдах Хакани требует специального скрупулезного анализа, так как Хакани превзошел все преграды мастерства, и создал величайшие образцы касыды путём нововведений в обновлении начальных бейтов

данного жанра. Целью таких новшеств в произведениях Хакани – показать всю мощь литературного дара, мудрости и учености поэта.

Ключевые слова: Хакани, касыда, начальный бейт, обновление начального бейта, мастерство, изображение.

THE FIRST LINE OF VERSE IN THE ODE OF HOQONI

Sharifov Boimurod

The article is dedicated to the eloquence ability of Hoqonii Sharvoni in the revival of the first line of the ode. Hoqoini is a poet in the field of poetry and description and no one can be equal to him. The revival of the first line of the ode is needed for research, and it is well known that Hoqoni is famous in this point.

Key words: Hoqoni, ode, the first line of the ode, revival of the first line of ode, art, description.

Сведения об авторе: Шарифов Боймурод – кандидат филологических наук, доцент кафедры таджикской литературы Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни, тел.: (+992) 93 7971022.

Information about the author: Sharifor Boimurod, PhD in Philology, associate professor of Tajik literature chair in Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, tel. (+992) 93 7971022.

ИБОРАҲОИ ФЕЪЛИИ МУНОСИБАТИ ПУРКУНАНДАГӢ БО ПЕШОЯНДИ «БАР» ДАР «БАДОЕЪ- УЛ-ВАҚОЕЪ»-И ЗАЙНИДДИН МАҲМУДИ ВОСИФӢ

Ғаффоров А.О.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Ибораҳои феъли муносибати пуркунандагӣ бо пешоянди «бар» дар «Бадоеъ- ул-вақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ аз рӯи миқдор зиёд ва аз ҷиҳати маъно гуногунанд. Пешоянди «бар» дар «Бадоеъ-ул-вақоеъ» дар алоқаи калимаҳо (басомад-1065) буда, асосан, муносибатҳои ҳолӣ ва пуркунандагиро ифода кардааст. Ба сифати ҷузъи тобеъи ибораҳое, ки мавриди таҳлилу тасвир қарор мегиранд, асосан исмҳои ифодакунандаи мафҳуми объект истифода шуда, феълҳои ҳаракат, амалу вазъият чун ҷузъи асосии ибораҳои феъли бо пешоянди «бар» омада муносибати пуркунандагиро бо тобишҳои ҳархелаи ифода кардааст.

Ибораҳои феъли бо пешоянди «бар», пеш аз ҳама, муносибати соф объектӣ дорад. Ин навъи ибораҳо дар «Бадоеъ-ул-вақоеъ» миқдоран зиёд буда, аз бобати ифода маъно гуногунанд. Ин навъи ибораҳо дар қолабҳои зерини синтаксисӣ истифода шудаанд: феълу исм (ф+ҷ) ва феълу шумора (ф+ш) . Дар ибораҳои феълие, ки бо пешоянди «бар» сурат гирифтаанд, бо сифати ҷузви асосӣ чунин гурӯҳи семантикии феълҳо, ба мисли феълҳои амали мушаххаси ҷисмонӣ, ҳаракат, гуфтору нутқ, амалу ҳолату вазъият ва амсоли инҳо истифода мешаванд. Дар ҳиссаи зиёди ибораҳои феъли ин гурӯҳ исмҳои ифодакунандаи мафҳуми мушаххас, ҷомеъ, ҷонишинҳои шахсӣ ҳамчун ҷузви тобеъ сурат мегиранд. Сохти ибораҳои феъли ифодагари муносибати объектӣ, ки тавассути пешоянди «бар» ташаккул ёфтаанд, аз ду ё се калима таркиб меёбанд. Қайд кардан ҷоиз аст, ки дар ибораҳои феъли муносибат объектӣ бештар тобиши равон шудани амал ба сатҳи предмет ифода гардидааст. Ин ибораҳо дар «Бадоеъ-ул-вақоеъ» ниҳоят серистеъмоланд. Азбаски муносибати объектӣ бо тобишҳои ҳархелаи маъно ба таври омехта ифода меёбад, мо онҳоро дар алоҳидагӣ аз назари таҳил мегузаронем.

Ба сифати ҷузъи асосӣ феълҳои гуногун ва чун ҷузъи тобеъ исмҳои шахс ва ҷонишинҳои ивазгари шахс омадаанд: бар он афсун хондан(ҷ.2, с.772), бар вай хондан

(ҷ.1,с.503): …то ман бар он афсуне хонам (ҷ.2,с. 772). Бар ҳама хуззори маҷлис тақдим фармуданд (ҷ.2, с. 916)…бар вай хондам (ҷ.1,с.503). Бар 17 кас аз саҳоби лаъ кунанд(ҷ.2,1059).

Як қисми афзуни ибораҳои ин гурӯҳ муносибати объектро бо тобиши макон дар якҷоягӣ ифода менамоянд. Ба сифати ҷузви асосии ибораҳо, асосан феълҳои ҳаракат, ҳолату вазъият омада, исмҳои мушаххас ва ҷонишинҳои шахсӣ чун ҷузви тобеъи ин навъи ибораҳо сурат мегиранд. Дар «Бадоеъ-ул-вақоеъ» ин гурӯҳи ибораҳо доираи фарохи истеъмол доранд. Ин ибораҳо аз ҷиҳати сохт аз ду ва се калима ташкил ёфтаанд. Дар ин навъи ибораҳо амал дар сатҳи предмет воқеъ гардидааст: бар тахт нишондан (ҷ.1,с. 47,55; ҷ.2, с.793), бар тахт нишастан (ҷ.1,с.475;ҷ.2, с.1233,1174), бар сурфа нишастан (ҷ.1,с.621,623), бар замин афтодан (ҷ.1,с.475) бар хок ниҳодан (ҷ.1,с.674), бар табақ ниҳодан (ҷ.2,с.782), бар остона гузоштан (ҷ.2,с.905), бар девор ниҳодан (ҷ.2,с.1224), бар девор навиштан (ҷ.2,с.1192), бар тахт нишастан (ҷ.2,с.683,1233), бар тахти шоҳӣ нишастан (ҷ.1,с.475) ва ғайра:

Султон Муҳаммад дар даруни девонхонаи давлат бар тахти салтанат нишаста буд (ҷ.2,с.1135). Даст дар даруни дегча даровард ва мурғе берун оварда бар табақ ниҳод (ҷ.2,с.782). Дар вақте ки он шоҳ ва шаҳриёр бар тахти салтанат нишаста буданд… (ҷ.2,с.683). Дидам, ки ака бар он шохи дарахт нишаста ва дар минқори вай гӯшт монанди чизест (ҷ.1,с.475).

Дар ибораҳои ифодагари муносибати пуркунандагӣ бо пешоянди «бар», ки ҷузви тобеъи онҳо аз исмҳои дорои мафҳуми узви инсон иборат буда, феълҳои амали мушаххаси ҷисмонӣ чун ҷузви асосӣ воқеъ мешавад. Бояд гуфт, ки истеъмоли ин навъи ибораҳо дар «Бадоеъ-ул-вақоеъ» хеле васеъ мебошад. Ин навъи ибораҳо тобиши маънои маконӣ низ доранд. Ибораҳои мазкур нишон медиҳанд, ки амал бар сатҳи предмет воқеъ гаштааст:бар китф гузоштан (ҷ.2, с.1080), бар бозу бастан (ҷ.2, с.1032), бар зону ниҳодан 9ҷ.1,с.585), бар миён бастан (ҷ. с.36; ҷ.2,с. 860), бар пой хестан (ҷ.1,с.608), бар китф расидан(ҷ. 1,с.386), бар дида гузоштан (ҷ.2,с.810), бар даҳон гирифтан (ҷ.2,с.781), бар сина гузоштан (ҷ.1,с.368) ва монанди инҳо:

Вақте ки шумо бо вай роз мегӯед, остин бар даҳон мегирад (ҷ.2, с.781).Ва модарам ҳазор хонӣ металабад, ҳамон лаълест дар он чарм , ки ба бозуи худ баста дорам (ҷ.2, с. 1022).

Агар ҷузви асосии ибора аз феъли «задан» таркиб ёфта бошад ва исмҳои ифодакунандаи мафҳуми шахс ва ҷонишин чун ҷузви тобеъ воқеъ шаванд, он гоҳ дар ибора муносибати объектӣ бо тобиши бархӯрдани ду ашё (предмет) хеле рӯшан ифода мешавад. Ин ибораҳо аз ҷиҳати сохт ду ва секалимагӣ мешаванд. Истеъмоли ибораҳои мазкур дар «Бадоеъ-ул-вақоеъ» ба тари фаровон истифода шудаанд ва аз бобати ифодаи маъно гуногунанд.

Бояд зикр кард, ки эзоҳдиҳандаи ин навъи ибораҳо аз исмҳои доро мафҳуми узви инсон таркиб ёфтаанд ва вобаста ба ин ибораҳо шакли мураккаб мегиранд: бар пешонии рофиз задан (ҷ.2,с.1018), бар сари Ғиёсиддин Муҳаммад задан (ҷ.2, с.1044), бар бинии ӯ задан (ҷ.2,с.1060), бар шиками ғулом задан (ҷ.2,с.1045), бар даҳони ӯ задан (ҷ.1,с.616), бар қафои Биноӣ задан (ҷ.1,с.515), бар ҳалқаи шер задан (ҷ.1, с.532) ва амсоли инҳо:

Алқисса ҷанг шуд, Ғиёсиддин Муҳаммад муште бар даҳони ӯ зад, ки ду дандони ӯ шикаст (ҷ.2,с.1070). Он бадбахт боэътидол низ корде кашида, бар шиками он ғулом зад (ҷ.2,с.1045). Бардошт ва бар пешонии он рофиз зад, ки мағзҳои ӯ парешон шуд (ҷ.2,с.1022). Ва гуфт Мавлоно суханро ба узрат гӯед, Мавлоно муште бар ҳалқи шер заданд ва шер ҳам дасте ба синаи Мавлоно расонд(ҷ.1,с.532).

Дар дигар навъи ибораҳо, ки ҷузви асосии онҳо аз феълҳои ифодакунандаи мафҳуми амал иборатанд, исмҳои мушаххас чун ҷузви тобеъ омада, муносибати пуркунандагиро бо тобиши воситаи иҷрои амал якҷоя ифода кардаанд. Чунин ибораҳо аз ҷиҳати сохт асосан дукалимагӣ мешаванд ва дар «Бадоеъ-ул-вақоеъ» истеъмоли васеъ доранд: бар коғазпора навиштан (ҷ.2,с.794), бар найза кардан (ҷ.2,с.1110) ва монанди инҳо:

Давоту қалам талбида ва бар коғазпора чизе навишт (ҷ.2,с.794). Алҳосил ба ҳини савор шудан ӯро аз асп фурӯ кашиданд ва сари ӯро бурида бар найза карданд (ҷ.1,с.179).

Дар ибораҳои «ба асп савор кардан», «бар асп савор шудан», ки аз рӯи сохтор дукалимагиянд, муносибати пуркунандагӣ бо тобиши ҳолату вазъият ифода шудаанд. Ибораҳои мазкур дар «Бадоеъ-ул-вақоеъ» истеъмоли васеъ надоранд. Ва аз ин ҷиҳат миқдори камро ташкил менамоянд:

Абӯалӣ дид, ки подшоҳ бархост, филҳол аз ҳаммом берун давид ва бар асп савор гардид ва рӯй ба гурез ниҳод (ҷ.2,с.811). Мирзо фармуданд, ки чун шумо мурид шудед ва мо пир, муроди мо ин аст, ки бар ин асп савор шавед ва мо дар ҷилави шумо равем (ҷ.1,с.586).

Агар ҷузви асосии ибора аз феълҳои ҳолату вазъият ташкил шуда бошад, исмҳои дорои мафҳуми муҷаррад чун ҷузви тобеъ воқеъ гардад, маънои пуркунандагӣ бо тобиши муносибат ба амал таври омехта ифода мегардад. Доираи истеъмоли ин навъи ибораҳо ҳам дар «Бадоеъ-ул-вақоеъ» ва ҳам дар забони адабии ҳозираи тоҷик чандон васеъ нест. Сохти ибораҳои мазкур аз ду калима ташкил ёфтаанд: бар кӯштанаш таассуф хӯрдан (ҷ. 1,с.754), бар дӯш гирифтан (ҷ. 2,с.704), ба шумо раҳм кардан (ҷ.2,с.771), бар вай фаромӯш гаштан (ҷ.2,с.704) ва ғайра:

Чун бар ҳоли худ омад, ташнагӣ бар вай фаромӯш гашта, Худоро шукри бисёр гуфт ва бар кӯштанаш таассуф мехӯрд (ҷ.2,с.704). Ва онро фош гардонид ва бинобар он ки бар шумо раҳм меояд, аз гуфтанаш худорӣ намуд (ҷ.2,с.771).

Дар як гурӯҳи ибораҳои феълӣ муносибати объектӣ бо тобишҳои ҳамроҳию мақсад якҷоя ифода мешаванд. Ба сифати ҷузви асосии ин навъ ибораҳо феълҳои амалу ҳолат ва ҳаракат омада, исм, ҷонишин чун ҷузви тобеи ин навъи ибораҳо сурат мегирад. Ин навъи ибораҳо аз рӯи сохт сода мешаванд, яъне аз ду калима таркиб ёфта, доираи истеъмоли онҳо дар «Бадоеъ-ул-вақоеъ» васеъ нест: бар вай машварат кардан (ҷ.1,с.455), бар вай муаммо хондан (ҷ.1,с.94), бар болин ҷамъ шудан (ҷ,с.49) ва амсоли инҳо:

Дар ҳамин маҷлис иншо намояд ва ҳар як бар вай муаммое мехонем (ҷ.1,с.94). Эшонро дӯсте буд, ӯро Муҳаммад Асғарӣ хондандӣ, бар вай машварат карданд ((ҷ.1,с.455).

Гурӯҳи махсусеро ибораҳои феълие ташкил намудаанд, ки тавассути пешоянди «бар» муносибати пуркунандагиро бо тобиши маҳдудӣ ба таври омехта ифода кардаанд. Феълҳои амал ва ҳолату вазъият ҷузви асосии ин гурӯҳи ибораҳоро ташкил намудаанд. Исмҳои дорои мафҳуми маънӣ (абстракт) ва ҷонишинҳои ифодакунандаи мафҳуми шахс ба сифати ҷузви тобеъ истифода гардиданд. Ин навъи ибораҳо аз ҷиҳати сохт дукалимагӣ мешаванд: бар вай таслим шудан (ҷ.1,с.484), бар худ печидан (ҷ.1,с.578), бар худ гузаронидан (ҷ.1,с.428), бар дӯш ниҳода (ҷ.1,с.554), бар соқи пои ӯ расонидан (ҷ.1,с.641) ва амсоли инҳо:

Вай низ тариқи таваҷҷуҳ маслук дошта, фақирро базӯр бар худ гузаронид (ҷ.1,с.428). Ва он тахти равонро чаҳор ҷавон бар дӯш ниҳода, ки маҳу офтоб аз рашки орази онҳо тира ва хира мегардад(ҷ.1,с.554). Муфрид чӯбро муҳарриф сохта бар соқи пои ӯ расонида, ки устухонҳои тулаи пои вай дар он даруни пуст реза-реза шуд (ҷ.1,с.641).

Як қисми дигари ибораҳои феълӣ муносибати объектиро бо тобиши таъинот, мақсаду таъинот, равон шудани амал ба сатҳи предмет мефаҳмонад. Феълҳои амал ва ҳолату вазъият чун ҷузви асосӣ воқеъ гардида, исм,ҷонишин ба сифати ҷузви тобеъ меоянд. Ин навъи ибораҳо аз ду калима ва аз ин ҳам зиёдтар мешаванд. Дар Бадоеъ-ул-вақоеъ» ибораҳои ин гурӯҳ доираи фарохи истеъмол доранд: бар шӯълаи шамъ гузоштан (ҷ.2,с.899), бар нақшу нигор пардохтан (ҷ.1,с.114), бар вай зафар ёфтан (ҷ.1,с.170) ва амсоли инҳо:

Аз риши худ қабзае гирифта ва зиёдатиро бар шӯълаи шамъ гузошт (ҷ.2,с.899). Ва он миқдор, ки ғунҷоиш дошт, ҷавоҳир дар даруни рӯймол бар гирди даст ниҳодем (ҷ.1,с.127). Ва он ҷомаи кӯҳнаро бар болои он пӯшонидам ва Ғиёсиддин Муҳаммад ҳам бар ин наҳҷ сохта, бе он ки даст ҳамоил кунад, қоими ман шуд (ҷ.2,с.1128).

Адабиёт:
1. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷилди 2. Синтаксиси ибора ва ҷумлаҳои сода. Душанбе: Дониш, 1986.- С.387.
2. Восифӣ Зайниддин Маҳмуд. «Бадоеъ-ул-вақоеъ». Ҷ. 1-2. (чопи интиқодӣ бо муқаддима ва тавзеҳоти А.Н. Болдирев). М.,1961.-С.1646С.

ГЛАГОЛНЫЕ СЛОВОСОЧЕТАНИЯ С ПРЕДЛОГОМ «БАР»,ВЫРАЖАЮЩИЕ ОБЪЕКТИВНЫЕ ОТНОШЕНИЯ, В «БАДОЕЪ-УЛ-ВАКОЕЪ» ЗАЙНИДДИНА МАХМУДА ВОСИФИ

Гаффоров А.О.

В данной статье всесторонне анализируются глагольные словосочетания с предлогом «бар», выражающие объективные отношения в «Бадоеъ-ул-вакоеъ» Зайниддина Махмуда Восифи. Автор указывая различные значение предлога «бар» одновременно чётко определяет количество его употребления в поэтике этого времени. В статье рассмотрены все основные лексико-семантические группы подобных конструкций.

Ключевые слова: предлог, грамматическая связь, объектное отношение, подчинительная связь, связь слов, значение слова.

CONNECTION OF THE WORD AND OBJECTIVE ATTITUDE WITH THE PREPOSITION “БАР - BAR” RELATIONS IN "BADOE-UL-VAKOE” ZAINIDDIN MAHMUDI VOSIFI

Gaforov A. O .

Author of this article examined comprehensive attitude of the preposition “бар - bar” in "Badoe-ul-vakoe”Zainiddin Mahmudi Vosifi. The author has mentioned different meaning preposition “ба - ba” and determined the quantity of usage of it in the mentioned century. There was solved the main and the subordinate lexical- semantic groups as much as possible.

Key words: preposition, grammatical links, objective attitude, subordinate link, link words, meaning of a word.

Сведения об авторе: Ғаффоров Абдушукур Одинашоевич – кандидат филологических наук, доцент Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни, тел.: (+992) 901 063068

Information about the author: Gafforov Abdushukur Odinaevich, associate professor of Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, tel. (+992) 901 063068.

ИСТИЛОҲОТИ МАРБУТ БА ҲАЙВОНОТ

Хоркашев С., Мирганова Н.Р.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Таркиби луғавии шеваҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқии забони тоҷикӣ тавассути калимаҳои ифодакунандаи анвои ҳайвонот ва парандагон хеле бою рангин шудааст. Ин калимаҳо баробари ҳаёти мардумон умр доранд ва аксарияти онҳо ба фонди асосии луғати забони меъёр ва шеваҳо дохиланд. Зиндагии мардумон бо ҳайвонот зиҷ алоқаманд аст ва дар ҳаёти ҳаррӯзаашон бо онҳо сару кор доранд. Ин аст, ки истилоҳоти ин гурӯҳ яке аз қабатҳои ососии лексикаи шеваро фаро гирифтааст. Барои баёни номҳои гуногуни анвои ҳайвоноти хонагию ваҳшӣ ва парандагон мисли лексикаи ифодакунандаи дигар соҳаҳо танҳо калимаҳои сода, сохта ва мураккаб кифоя намекунад. Ин аст, ки соҳибони шеваҳо аз таркибу ибораҳо истифода кардаанд.

Муайянкунандаҳои сифати чорво ба унвони номҳои ҳайвонот бо муайяншаванда дар як таркиб омада, номи анвои онро сохтаанд, ки бо он сифатҳо аз дигар чорпоён фарқ мекунанд. Муайянкунандаҳо дар қолибҳои гуногуни морфологӣ омада, асосҳои онҳо асомии мухталифро мефаҳмонад. Аз ҷумла, этнонимҳо: **дарвозӣ, ӯзбакӣ, тӯркӣ, қирғизӣ, ҳисорӣ//исорӣ;** номи аҷзои ҳайвон: **гӯрдумба, дӯмбагиз, сагдӯмб, бадил**; калимаҳои марбут ба синну сол: **чорӣ, шишак**; калимахои гуногуни дигар: **ҷойдорӣ, зотӣ, сӯрӯк, танкаронӣ, бунидагӣ** ва ғайраҳо.

Калимаҳои марбут ба ҳайвонот ва парандаҳо лексикаи шеваро на танҳо бо мавҷудияти худашон, ки хеле зиёданд, балки бо калимаҳои хоси доираи кору фаъолияту муносибот бо онҳо ва сохтани вожаҳои марбута такмил додааст. Барои баёни аҷзою аксоми ҳайвоноту парандаҳо аз истилоҳоти марбут ба инсон истифода мешавад, ки ҷиҳати сермаъноии вожаҳо мусоидат мекунад ва дар ин замина сафи истилоҳоти забонро ғанӣ мегардонад. Масалан, бо вожаҳои **сар, пой, даст, чашм, бинӣ** ва ғайра, ки ба инсон хосанд, метавон аҷзои тамоми ҳайвоноту парандагонро бо илҳоқи номи онҳо ба ҳайси муайянкунанда баён кард, ки хусусияти метафорӣ зоҳир намудаанд: сари гов, сари гӯсфанд, сари буз, сари асп ва ҳамин тавр дигар узвҳои онҳо ифода меёбад, ки барои ҳодисаи полисемия дар забон мусоидат намудаанд. Онҳо барои сохтани калимаҳои сохта, мураккаб, ибора-истилоҳот, ибраҳои озоди синтаксисӣ ва ибораҳои фразеологӣ заминаи мусоид фароҳам овардаанд, ки дар забони адабӣ ба таври фаровон истифода мешаванд. Ин аст, ки калимаҳои марбут ба ҳайвоноту парандагон чун намояндаи фонди асосии луғавӣ дар такмили таркиби луғати забонамон хизмати беандоза намудаанд.

Мисли дигар гурӯҳҳои мавзӯӣ дар байни истилоҳоти марбут ба ҳайвонот ва парандаҳо калимаҳое мавҷуданд, ки барои ифодаи масоили умумии ин гурӯҳ мутадовиланд. Ғайр аз ин, зимни баёни анвои онҳо аз аломату хусусиятҳое истифода мешавад, ки барои аксарияташон умумӣ аст. Масалан, анвои рангҳо, навоқиси табии аҷзои онҳо, ҷинсият, доштани узви монанд, монандиашон ба як ашё: **сӯфед, сӯрх, сийа, кабут, ало;** курии онҳо **(курмор, курмуш, курпаша, курӯк, куршапарак// куршапарӯк**); **модгов, модбуз, модгург; говмалах, говак, говзамбӯр; доштани шох, болу пар** ва м.инҳо. Ғайр аз ин, калимаҳое ҳастанд, ки умумияти онҳо доираи васеътар дорад, онҳо барои ифодаи ҳайвон, паранда, хазанда, ҳашарот ва ҳоказо истифода шуда метавонанд; **ҷанвар, ҷондор//ҷундор, ҷондорак//ҷундорак, ҷондорийат//ҷундорийот** ва ғайра. Калимаи **ӯхтú** дар гӯйиши минтақаи Ванҷ дида мешавад, ки аз вожаи “омӯхта”-и забони адабӣ маншаъ дошта, семантикаи ҳайвонот ва парандаҳои ёбойии “ромшуда, хонагишуда”-ро далолат мекунад: е тъ амоли аму кафтари ӯхти-ра ко карú (Ванҷ); ин кавгбача ухти-ст (Ванҷ). “Дар забони форсии миёна ҳама ҷонварон таҳти номи муштараки gyānwar “ҷонвар” ёд мегарданд” (Саймиддинов 2001, 90.). Барои ҳайвоноти хонагӣ калимаи **кола** (доир ба ин калима ниг.: Ҷӯраев 1980, 166), **мол, молъ гов,** хусусияти умумӣ дорад. Дар сохтани ибора-истилоҳот ин калимаҳо ҳам истифода мешаванд: **моли байн** хоси гурӯҳи лаҳҷаҳои шимолии Кӯлоб ба маънии “чорвои ҷамъиятӣ”; **моли ҳаръмърӯнда “**ҳайвоноти ҳароммуранда” чун койне ва бо феъли “кардан” дар шакли **мол кардан** ба маънии “чорво нигоҳ доштан” истифода мешаванд.

Доир ба истилоҳоти хос шевагии марбут ба ҳайвонот ва парандагон дар китоби “Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ” (Ҷӯраев, 1980, 166-172) маълумоти таҳқиқотии лекликии муфассал зикр шудааст, ки дар он истилоҳот гурӯҳбандӣ гардида, доираи истифодаи онҳо дар ҳудуди шеваи ҷанубӣ муайян шудааст.

Ба ин гурӯҳ тамоми ҳайвонот, ки аз хонагию ваҳшӣ (Ҷӯраев 1980, 166) иборатанд доҳил мешавад. Мо дар ҷо доир ба ташаккули таркиби луғаии шеваҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқӣ аз тариқи гуногуннавъ шудан ва тараққӣ кардани луғати мансуб ба анвои **асп, хар, гов, гӯсфанд, буз, саг, гурба** маълумот медиҳем. Ин вожаҳои сода дар шакли талаффузи шевагиашон, ки аз забони меъёр чандон фарқ надоранд, дар шеваҳои мазкур муттадовиланд. Бо онҳо дар қолаби калимасозии сайқалёфтаи забони тоҷикӣ

калимаю ибора-истилоҳоти зиёде сохта шудааст, ки аз дигар қабатҳои луғавии мавзӯӣ бо хусусияти миқдории худ фарқ мекунанд.

I. Калимаву истилоҳоти марбут ба навъҳои асп. Дар "Фарҳанг" (ФЗТ, 1969) доир ба асп ва анвои он маълумоти кам дарҷ ёфтааст. Дар "Ғиёс-ул-луғот" (Муҳаммад, 1987, I, 64) дар моддаи "асп" ба калимаи "сувор" ҳавола мешавад. Шарҳи вожаи "сувор" дароз буда, натиҷааш ба асп меанҷомад, вале аз анвои он чизе гуфта намешавад. (Муҳаммад, I, 1987, 441) Аммо маълум аст, ки дар гузаштаю имрӯз асп дар ҳаёти мардумон аҳамияти махсус дорад. Ин маънӣ дар "Фарҳанги форсии" Муҳаммад Муин равшантар баён шудааст: «**асп asp** 1.асб, фарас; 2. яке аз муҳраҳои шатранҷ аст; 3. ҷузви дуввуми бисёре аз номҳои куҳани эронӣ аст: Арҷосп, Ҷомосп, Гуштосп, Лаҳросп, Таҳмосп, Озаргушасп[1]; асби обӣ, асби чӯбӣ, асби чавгонӣ, асби харос: асбе, ки ос(осиё)-ро мегардонад» (Муин, 1375, 229). Аз ин гузориш маълум мешавад, ки истифода аз асп таърихи куҳан дорад. Мутобиқи маълумоти донишманди тоҷик Д.Саймиддинов "вожаи asp "асп" дар забони форсии миёна махсуси лаҳҷаи шимолӣ-ғарбӣ (портӣ, дар портӣ аз мидӣ) мебошад. Гунаи форсии он бинобар шакли форсии бостон (asa-bāra) дар вожаи форсии миёнаи aswar "савор" маҳфуз мондааст" (Саймиддинов, 2001, 96). Ва имрӯз дар шакли **асп** мустаъмал буда, доираи истифодаю истилоҳоташ инкишоф ёфтааст[2]. Вайро аз қадим чун нақлиёт, воситаи ҳамли бор, шудгор, ҷувозгардонӣ, варзишу мусобиқаҳои аспдавонӣ, бузкашӣ, дар муҳорибаҳо ва ғайра истифода мебаранд. Ин аст, ки истилоҳоти он мутобиқан хеле афзоиш ёфтааст. Инкишофи ин истилоҳот бо вожаҳои сода, сохта, мураккаб ва ибора-итилоҳот таъмин шуда, дар онҳо муҳимтарин аломату хусусиёти аспҳо мунъакис гардидааст. Анвои аспро мутобиқи синну сол, аз рӯйи ранг (ниг.:Ҷӯраев 1980), таъинот, ҷинс ва ғайра табақабандӣ кардан мумкин аст. Ин истилоҳот тавассути калимаю ибораҳо зуҳур намудаанд.

А). Калимаҳо қисмати хеле зиёдро ташкил мекунанд ва онҳоро чунин табақабандӣ кардан мумкин аст:

1.Аз рӯйи сол. Дар китоби "Шеваи ҷанубии забони тоҷиқӣ" (Ҷӯраев, 1980) анвои зерини ин гурӯҳ оварда шудааст: "**калтатой**-аспи яксола (Қ.); **ҷабоғу** (Ғк.), **йапағу** (Қ.)-аспи дусола, **дънан**-аспи се-чорсола (Шк)".[3] Маводи дасти мо гувоҳи он аст, ки имрӯз ин маълумот каме тағйир ёфтааст. Калимаи **калтатой** на танҳо дар гурӯҳи Қаротегин, балки дар гурӯҳи шимолӣ ва ҷанубии Кӯлоб низ роиҷ шудааст, ки дар ин замина хазинаи луғати ин гурӯҳро мукаммалтар кардааст: ҳами калтатой йурға меша-да (Хов.). Вожаҳои **ҷабоғу**, **йапағу, дънан** вариантҳо пайдо кардаанд: **дунан//дънан** дунан, аспи аз ду то сесолаи нар (Шк); **ҷабоғу** // **ҷабағу** // **ҷабаги́** (Шк.)// **ҷабоғун** (Ғк.) тойча, кураи навзоди асп (то яксолагӣ): асп ҳами сол къра мекъна, ҳаму-ра ҷабағу меган (Бч.); ҷабоғи-ш къра́йи нав шидаги́-да (Б.); **йапағу // йапоғу** (Қ.) тойи дусола: йапоғу-ш дъсола-ай (Хум.). Ҳамчунин, дар маводи дасти мо тавассути вожаҳои мураккаб анвои асп инкишоф ёфтааст: **ғъначинбайтал** (Ғк., Шк., Дарв.) аспи модаи дусола; **дуноҷинбайтал** (Ғк.)// **дъначинбайтал** (Шк.) байтали ду-се сола; **пирбайтал** (Шк., Ванҷ.) байтали пир; **дъсолғънан** (Вқ.) аспи дусолаи нарина.

2.Аз рӯйи ранг. Дар тавлиди истилоҳоти ин гурӯҳ калимаи **асп** ба ҳеҷ унвон истифода намешавад, балки аломату хусусиёти асп дар онҳо мунъакис ёфтааст ва чун мардум ин гуна хосиятҳоро маҳз ба асп раво медонанд, бо баёни онҳо матлаб маълум мегардад. Ин гуна баёни анвои асп ҳануз дар "Шоҳнома" А.Фирдавсӣ дида мешавад. Муҳаққиқи тоҷик Қосимов О. дар китоби "Картина животного мира в "Шахнаме" Абулькасима Фирдоуси" баён менамояд, ки вожаи асп дар ин асар анқариб 800 маротиба истифода шудааст ва дар бахши "Название лошади с указанием её цветового оттенка" калимаҳои **кумайт, ашқар, бӯрабраш, бӯр, хинг, абраш, аблаҚ, сиёҳ** ва ғайраро

[1] Ин истилоҳот дар « Шоҳнома»-и А.Фирдавсӣ истифода шудаанд (Касимов, 2011, 32-33)

[2] Доир ба муқоисаи истилоҳоти соҳаи асппарварӣ дар забони тоҷикӣ ва англисӣ ниг. Ҳ.Мирзоев, 1997.

[3] Дар "Луғати мухтасари лаҳҷаҳои Бухоро" (Маҳмудов, 1989) дар моддаи "асп" навъҳои зерин дарҷ ёфтаанд: аспи бодпо//аспи дав//даванда, аспи булул, аспи гули газ, аспи кӯборитозӣ, аспи саман, аспи холдор, аспи чақир, аспи қашқа, аспи ҷиран, аспи қантар.

оварда таҳлил намудааст (Касимов, 2011, 19-20), ки ифодакунандаи ранг буда, вожаи асп дар ҳайати ин вожаҳо зикр наёфтааст. Калимаҳои ифодакунандаи асп аз рӯйи ранг дар шеваҳои мавриди таҳқиқ таркибан сода, сохта ва мураккабанд, аммо дар марҳилаи кунунӣ баъзе аз онҳо рехта шудаанд: Таваҷҷӯҳ шавад: **кърaнг** (Вқ., Шк.) аспе, ки рангаш хокистарӣ аст: ҳами-ра хиратар-ъш кърaнг ҳисоб мехъра, фък-ъш сафедтағма-ай (Мӯм.); **каҳар// къҳар** (Вқ.), **каар** (Вқ., Шк., Ҷк. Қ.) каҳрабоӣ; аспе, ки рангаш ба зардӣ моил ва пову фукаш ало аст: аспойи каҳар дора-йу говойи рахш (Кб.); **ҷеран//ҷиран**[4] (Шк. Дарв.) як зоти аспи зардчатоби ба тӯруқ монанд; **алайоқ** (Шк.) аспи пойҳояш ало; **сърхун** (Вқ. Қ. Ванҷ), **сурхун** (К., Вқ., Шк., Дарв.) арғувони паст (оид ба асп): **қашқа**(Шк.)// **қашқан** (Вқ.,Қ.) **қашқанак** (Вқ.,Қ.) **қашқаҷеран** (Ғк.) қашқаҷиран, аспи ҷиран, ки пешониаш нишонаи сафед дорад; **қашқанак** (Вқ.,Қ.); **лолатъруғ** (Шк.) аспи сурхтоб; **сийатъруғ//сийаҳтъруғ** аспи ҷигариранг; **кабутқизил** (Ғк.) аспи ранги хокистарӣ дошта; **рахш**[5] (Ванҷ, Дарв.) асп бо ранги моил ба сурхӣ: йак аспи рахш ай боба-м би амита давънде би, ки мъдом дар пойга ҷойи hавал-а мегъръфт (Рх.).

3. Аз рӯйи таъинот. Аспҳоро барои боркашӣ, бордоркунӣ ва бузкашӣ истифода мекунанд, вале дар номгузорӣ ин фаъолият ва таъиноти онҳо акс наёфтааст: **йобу** (Шк., Ғк.) аспи боркаш, ёбу: нархар ай йобу гъзашт (Хов.); **айғир// ҳайғър** (Вқ., Қ.)// **айғър** (Ванҷ. Дарв.) нарасп ҷиҳати боркашонӣ ва бордоркунӣ: айғъро уман бъгрезе ғаждун, ки меҷъқан–тун (Ванҷ, Роғ); **чубқара** (Шк.) аспи бидав; аспи сийойи чубқара, йоло дора йоли бара(фолк.); **бъзи́** (Вқ.,Шк.) аспе, ки дар бузкашӣ истифода мешавад.

4. **Калимаҳои дигаре мавҷуд аст**, ки аз рӯйи хусусиёти гуногуни асп ҳузур пайдо кардаанд: **аспак**[6] аспча: ҷура ай аспак-ут фъро-да мо бигирем (Яр.); **йобуча** (Шх.) аспи хурдҷуссаи ёбоӣ; **четак** (Вқ.,Шк.) аспи беафзор; **тупчоқ** (Шк.) як навъи асп: дар саисхона бърен, ай чил аспи тупчоқ йак тулфор хуш карда бъгирен (фолк.); **тойбайтал** (Вқ.) бачаи модаи асп; **қисирбайтал** байтали нозой; **бедавбайтал** байтали безурриёт; **байтал** (Ванҷ) модийон, аспи мода: байтал ӯй шийаст, амаи тахтой пъйоз-а тефт-аст (Роғ).

Б) Ибораҳое, ки хелҳои аспро далолат мекунанд. Бо ибора-истилоҳот нишон додани анвои асп вусъат ёфта, яке аз қабатҳои бисёр ташаккулёфта ва пурмаҳсули ин гурӯҳи лексикӣ мебошад. Қисме аз ин истилоҳот муродифоли калимаҳои мазкури таҳлилшуда мебошанд, ки ҳануз пурра лексиконида нашудаанд ва дар ду шакл мавҷуданд. Зимни ташкили ибораҳо чун муайяншаванда вожаи “асп” ҳамеша истифода мешавад. Муайянкунандаҳо ба ранг, синну сол, таъинот, зот, ҷинсият, этноним ва ғайра далолат мекунанд. Қисмати ағлаби ин гурӯҳро истилоҳоти марбут ба ранг ташкил менамояд.

1. Аз рӯйи ранг. Ибораҳои ифодагари асп аз рӯйи ранг зиёд аст. Дар байни онҳо ибораҳои умумиистеъмоли низ мавҷуд аст: **аспи қъзил** “аспи хокистарии холдор”; **аспи ҷеран // ҷиран // ҷиранг** “ҷиран, аспи сиёҳмӯй”; **аспи қашқан** “аспи қашқан”; **аспи саман // саманд // съманд** “аспи зардчатоб (малларанг, дорчинранг)”. Ибораҳои **аспи каҳар // каар // къҳар** ба маънии “аспи каҳрабо, аспе, ки ба зардӣ моил аст”; **аси мъшки́** “аспи сиёҳранг, сиёҳмушкин”; барои гурӯҳи лаҳҷаҳои шеваи ҷанубӣ умумӣ аст.

Ғайр аз ин, истилоҳоте дида мешавад, ки ба ин ё он гурӯҳи лаҳҷаҳо хос аст. Аз ҷумла:

Ба гурӯҳи лаҳҷаҳои шимолии Кӯлоб истилоҳоти зерин хос аст: **аспи алайок // алойоқ** аспи пойҳояш сафед; **аспи гъли бодум** аспи гулбодом; аспи сафедчаранг, ки сар то пойи баданаш холҳои бодомшакли сиёҳчаи сурхтоб дорад; **аспи тепалқашқа** аспи пешониаш қашқа; **аспи търуқи бърноч** аспи турӯқи фукаш сафед; **аспи кафтарқизил** аспи хокистарии ба сафедӣ моил; **аспи къло** аспи кабудчатоб; **аспи кърaнг** аспи зардчатоби ёлаш қаҳваранг; **аспи търуқ** аспи ҷигариранги хушсурат; **аспи чавки // аспи чавкар** аспи зардчатоб**; аспи чапка** аспи қаҳваранг.

---

[4] Доир ба ташреҳи ин истилоҳот ниг.:(Ҷӯраев, 1980, 167-168).

[5] Дар «Шоҳнома»- и А.Фирдавсӣ вожаи «рахш» 210 бор истифода шудааст (Касимов 2011, 28)

[6] Дар «Ғиёс-ул-луғот» ин калима ба маънои «хаймаи калон» (Муҳаммад 1987, 58), дар забони яғнобӣ ба маънои «малах» истифода мешавад (Мирзоев 2008, 26)

– Дар гурӯҳи лаҳҷаҳои вахиёӣ-қаротегинӣ: **аспи сийатъруғ // сийаҳтъруғ** аспи сиёҳтӯрук; **аспи посъфед** (Вқ.) аспи пойсафед; **аспи чавкар** (Вқ.) аспи сафеде, ки холҳои сиёҳ дорад;
– Дар гурӯҳи лаҳҷаҳои қаротегинӣ: **аспи ала** аспи ало; **аспи бурийа** аспи бури ҷингиламӯй ё худ патиламӯй, ки ба тӯруқ монанд аст; **аспи гъли газ** аспи сурхчатоб, ки холҳои сафед дорад;
– Дар лаҳҷаҳои ҷанубии Кӯлоб: **аспи бълул** аспи ақиқаранг;
– Дар лаҳҷаҳои ғарбии Кӯлоб: **аспи лолатъруғ** аспи тӯруқи сурхтоб; **ҷирани йаранг** аспи ҷирани якранг;
– Дар гурӯҳи лаҳҷаҳои Ванҷу Дарвоз: **аспи търъғ** аспи ранги мӯяш сиёҳ: ун пешта аспи пър би, аспи боби Мъhмадъло търъг би, ай мо тармол (Ванҷ); **аспи қизъл** асби ранги мӯяш сафед: дар ҷой мо аспи съфед-а аспи қизъл меган (Дарв.); **аспи рашк** аспи ранги мӯйаш ҷигарӣ: аспи рашк дошт боба–м амита дунойе би ки мегуфти ки рашк зӯ сар–ш–а мевардошт (Г.).

2. Таъинот. Ибораҳо навъи аспро барои бузкашӣ ифода мекунанд: **аспи бъзи́** (дар лаҳҷаҳои вахиёӣ-қаротегинӣ) аспи бузкашӣ; **аспи сардарҳаво** (дар лаҳҷаҳои шимолии Кӯлоб) аспи маст, аспе, ки махсус барои кӯбкорӣ (бузкашӣ) парво мекунанд. Як қисм аз ибораҳо навъи аспҳои тозиро ифода мекунанд: **аспи даванд** (вахиёӣ-қаротегинӣ, ванҷӣ); **аспи пайкачи́** (лаҳҷаҳои қаротегинӣ); **аспи пойга** (вахиёӣ-қаротегинӣ, ванҷӣ)**; аспи бъдав** (Ванҷ): амоли мугӯй, ки ай ту аспи бъдав гъръфтем қалинг (Роғ); **аспи тозú** (Ванҷ, Дарв.) аспи даванд: бай намин ума–т–а йак аспи този қалин даам (Ванҷ). Ибораҳои дигар барои ифодаи навъи аспе ки дар корҳои хоҷагӣ истифода мешаванд: **аспи ҷъвоз** ба маънии “аспи ҷувозкаш, аспи харос” умумиистеъмол аст; **аспи йобу** (дар лаҳҷаҳои шимолии Кӯлоб, Ванҷ.) аспи боркаш; аспи йобуй боба–м ич кас–а гаран намедо амита масте би ки, сарак–сарак мекар дар рагарди–ш (Ванҷ); **аспи етаки́** аспе, ки аз лаҷомаш дошта аз паси худ мебаранд.

3. Аз рӯйи синну сол. Дар гурӯҳи лаҳҷаҳои вахиёӣ-қаротегинӣ барои ифодаи нараспи сесола ибораи **аспи ғънан** ва дар гурӯҳи лаҳҷаҳои қаротегинӣ **аспи дънан** роиҷ аст. Дар гурӯҳи лаҳҷаҳои шимолии Кӯлоб бошад, аспи ду-се соларо **аспи дъйи себъро** меноманд, ки мантиқист.

4. Аз рӯйи аломатҳои гуногун: аспи ахта (умумиистеъмол аст); **аспи дъқи́** (дар шимолии Кӯлоб) аспи дуруштрох; **аспи қърғизи́** (Қ.) як навъи асп, ки аз зоти қирғизӣ пайдо шудааст; **аспи навсувори́** (Вқ.) аспи нав ба суворӣ одат карда: ҳаму аспи навсувори́ йаке гърехт; **аспи ҷайдоқ** (Кҳ.) аспи бе афзор (урён, луч): мерган йа аспи ҷайдоқ-а сувор шида омадам (Ф.); **аспи тармол** (Ванҷ, Дарв) аспи мӯйаш чин дар чин, жулида; аспи тармол–а боба–м ар мо мешъст–у шуна–ш мекар (Ванҷ, Р.). Бо феъҳои **андохтан, мондан// мундан, давундан** бо маъниҳои асп давондан, ҳамла кардан, шитоб кардан истифода мешавад: ма-ра дид-ъ асп андохт, да йа лäта қапид-ъ да қанҷиғаи асп гъръфт (Тқ.); у асп мемуна бай болой мо-ра, да ур рус мемуна; бад (баъд) бай боло-шун-а Варқа асп мунд, ки зад да дъруй ур (Ҳич.); бай сар-м-а ас мунд, мън-ам ай ақиб-ъш ас мундъм (Нӯш.).

Истилоҳоти ифодакунандаи узви бадани асп. Воҳидҳои луғавии ифодакунандаи аъзои бадани асп, асосан, мисли номи узвҳои бадани инсон аст, ба истиснои чанд калимаи сода: **йол, сум // съм // съмб, дъм // дъмб,** барои забони адабӣ шеваҳои забони тоҷикӣ муштараканд.

II. Истилоҳоти марбут ба хелҳои хар. Ин истилоҳ барои ифодаи ҳайвони хонагии боркаш истифода мешавад. Дар забони адабиёти классикӣ ба таври фаровон бо маъниҳои гуногун (номи ҳайвон; маҷозан: бузург, дағал, дурушт, аҳмақ ва ғайра) (Фарҳанг 1969) истифода мешуд. Бо ҳамин хусусиёт имрӯз ҳам дар забони адабии тоҷик ва шеваҳо мустаъмал аст. Аз ҷумла, дар шеваи ҷанубӣ ва ҷануби шарқии забони тоҷикӣ ин вожа серистеъмол аст, вале мисли калимаи асп истилоҳоли мутанаввеъ надорад. Истилоҳоти ин гурӯҳ ба синну сол, ҷинсият, курраи хар, ранг, аломатҳои ҷисмонии хар:

чобукӣ, сустгардӣ, йурға рафтан ва ғайра далолат мекунанд. Ягона истилоҳе, ки маънии соли харро далолат мекунад **дунанхар//дънанхар** «хари аз ду то сесола» мебошад, ки айнан ҳамин семантика барои воҳиди луғавии “дунан” дар гурӯҳи истилоҳоти марбут ба асп дида шуд, ки аз хусусияти умумиятдоштаи ин ҳайвонот дар баёни синну сол дарак медиҳад.

Барои ҷинси нарина вожаи **нархар** ва барои модиён **мочахар// модахар** дар шеваҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқӣ мураввaҷ аст. Дар гурӯҳи вахиёи-қаротегинӣ вожаи **къчхар** ба маънии “хари мода” истифода шавад ҳам, вожаи **мочахар** низ чун муродифи он ривоҷ дорад, вале **модахар** дар ин гурӯҳи лаҳҷаҳо мутадовил нест. Асоси калимаи мочахар: **моча** ба ду маънӣ истифода мегардад: а) **модахар:** йа моча-ву чор ҳанги́ дора мъло (Яр.); б) маҷозан ба маънои зан, духтар меояд: йа моча-ву чор бача ҳастак (Ҳич.).

Барои ифодаи маънои “тойхар, харкурра, куррача” дар қолаби калимаҳои сохта ва мураккаби тобеъ як силсила истилоҳот дида мешавад, ки истеъмоли онҳо дар минтақаҳо баробар нест. Ин ҳарф ба он маънӣ аст, ки ҳарчанд калимаҳои мавҷударо ҳамаи сокинони шеваҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқӣ фаҳманд ҳам, дар маҳалҳои алоҳида истифодаи гунаҳои калимаҳо фарқ мекунанд. Дар як минтаҷа бо пасванди -ак дар ҷойи дигар бо -ча истеъмол шудани ин ё он вожа ба назар мерасад. Масалан, агар истифодаи калимаи **тойча** ба маънии “куррача” барои шеваҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқӣ хусусияти умумӣ дошта бошад, воҳидҳои луғавии **тойчък** ва **тойхар** ба ҳамин маънӣ чун муродиф дар гурӯҳи лаҳҷаҳои шимолии Кӯлоб мустаъмал аст. Аз ин ду истилоҳ дар гурӯҳи лаҳҷаҳои ҷанубии Кӯлоб вожаи **тойчък,** дар гурӯҳи лаҳҷаҳои ғарбии Кӯлоб **тойхар**, дар лаҳҷаҳои қаротегинӣ бо илҳоқи пасванди -ак шакли **тойхарак** роиҷ аст. Дар гурӯҳи лаҳҷаҳои вахиёӣ-қаротегинӣ бошад, шакли чаппаи он **хартой** ва бо иловаи пасванди -ик (гунаи -ак) **хартойик** истифода шуда, воҳидҳои луғавии **хутик//хутък, хотик//хотък** дар ин гурӯҳи лаҳҷаҳо чун муродиф дар муомилот мебошад. Ба ин маънӣ дар гурӯҳи лаҳҷаҳои қаротегинӣ воҳиди луғавии **хархутик // хархутук // хутикак** низ мустаъмал аст, ки аз гуногунрангии баён дарак медиҳад: хари мо йа хутикак каай (Ҳал.).

Калимаи **харак//харък** (Вқ.,Ғк.,Кҳ.,Шк.) аз рӯйи асоси воҳиди луғавӣ ва сохтори морфологӣ мебоист ба вожаи **тойча** муродиф мешуд, вале ин вожа мутобиқи маводи мо ба “ҳашарот”далолат мекунад: хунаҳой зак-ънда харък бъсйо мешава (Яр.).

Хамчунин, воҳиди луғавии **тойчахарбача** (Қ.) дида мешавад, ки ба ду маънӣ роиҷ аст: а) куррахар; б) калимаи таҳқир нисбат ба кӯдак.

Бо ибораҳо сохтани истилоҳоти ин гурӯҳи луғавӣ баробари истилоҳоти марбут ба асп инкишоф наёфтааст. Бо вуҷуди ин анвои харонро аз рӯйи ранг ва фаъолияти ҷисмониашон нишон медиҳанд: **хари бур** хари хокистарранг; **хари дъг-даг** (Ҳак.) хари лӯкка (зидди йӯрга); **хари лавънд** (Қ.) хари сустгард; **хари търинг** (Вқ., Ванҷ) хари чобук: хари търинг-ай, ай лаҳта-да мебара-т; **хари ҳърга** (Қ.) хари йӯрга.

III. Истилоҳоти марбут ба хелҳои гов[7]. Маълум аст, ки вожаи умумиистеъмолии **гов** барои ҳамаи забонҳои оилаи забонҳои эронӣ умумӣ аст ва на танҳо дар шеваҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқии забони тоҷикӣ, балки барои ҳамаи тоҷикон вожаҳои **барзагов, модагов**, **ҷавона, ғуноҷин, гусола**, **пиргов, қисир, тайлоқ** умумиистеъмоланд (ФТЗТ, 2008; Расторгуева, 1963; Розенфелд, 1982; Маҳмудов, 1989, 1997 ва диг.). Истифодаи ин вожаҳо бо хусусиёти савтиашон дар шева фарқ мекунанд. Дар баробари ин, истилоҳоте дида мешавад, ки хоси минтақаи шеваи ҷанубӣ ва ҷанубӣ шарқӣ мебошанд. Аз рӯйи баъзе аз вожаҳои луғавӣ хусусиятҳои ҷинс, ранг, синну сол, гови корӣ будан ва ғайра ба зудӣ маълум мешавад. Онҳо дар қолаби калимаҳои сода, сохта, мураккаб ва ибора-терминҳо зуҳур намудаанд. Дар байни ин истилоҳот як идда калимаҳо барои шеваҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқӣ умумӣ бошад, қисми дигар бо хусусиёти савтиашон тафовут пайдо мекунад ва дар ифодаи бархе аз маъноҳо калимаҳои гуногун истифода мешаванд.

Истилоҳоти зерин барои шеваҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқӣ умумӣ аст: **қисиргов** “модагови қисир (нозой)”; **калгов** “гови бешох, калгов”; **пиргов** “гови пир”; **буқагов**

[7] Дар забони англисӣ «cow» (kau), ки аз як модарзабон маншаъ доранд (Ҷамшедов, 2005, 129)

“буққа”; **модгов** “модагов”; **тайлоқак // тайлоқча** “тайлоқча, гӯсолача”**; ҷувонагов // ҷъвонагов** “ҷавонагов”; **ғъначингов** “ғуноҷини маротибаи аввал зоянда”; **гусала** “гӯсола”; **бъқа** “буққа, гови нар”; **бъқахоҳ** “буққа хостани гови мода”; **бъқача** “гӯсолаи нарина”; **чамбаршох** “гове, ки шохҳояш дарози тобдор аст”; **фард** “гови нозо”: кадъм вахте ки гов гусала къна батов мекънем (Ғеш); гово-ра бадар кън-у бойово-ра дар пеши гӯсолоо бъдоз, та бъкъръпан-шун (Ванҷ.).

Қисме аз вожаҳо, ки махраҷи ягона доранд, дар шеваҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқӣ бо каме тағйироти савтӣ фарқ мекунанд. Калимаи **ала** ифодакунандаи «паранда ё ҳайвоноти сиёҳ бо холҳои сафед» дар шеваи ҷануби шарқӣ аз ҳамгуни худ дар шеваи ҷанубӣ, ки ҳамсадои «Ɛ» ба он илҳоқ шудааст фарқ мекунад ва дар шакли ибора ҳам истифода мешавад: амун **гови ала**–ра даан–ъш потахсӣ (Дарв.); ҳаму гови Ɛала-ра овард, къшт (Вқ.). Дар ҷойи дигар ҳамин ҳодиса бо калимаи **върсък** дида мешавад. Воҳиди луғавии **върсък** дар гурӯҳи лаҳҷаҳои вахиёӣ-қаротегинӣ гӯсола ё курраи мурдаеро ном мебаранд, ки бо ягон сабаб мемурад ва ба пӯсти он коҳ ҷой мекунанд, то ки модагов ё байтал ба он меҳр баста ба дӯшидан халал нарасонад. Ин вожа дар шеваи ҷануби шарқӣ ду тарзи талаффуз дорад **фъсрък// върсък:** бар ҷу фъсрък-а дар пеши гов бъму, мън бъйом бъкашъм-ъш (Ванҷ). Барои ифодаи ин маънӣ дар шеваи ҷанубӣ боз калимаҳои **бувак//бувък //бъхък** аз решаи бӯй бо пасванди -ак, “бӯяк” ва дар минтақаи Ховалинг (гурӯҳи шимолии Кӯлоб) вожаи **гъргак** ба мушоҳида расид. Забоншиноси шинохта Ғ.Ҷӯраев доир ба ҳудуди интишори ин калимаҳо дар шеваи ҷанубӣ чунин мегӯянд: ”дар ифодаи ин мафҳум дар шеваи ҷанубӣ се калима дучор омудааст. Аз ҷумла: **бувак//бувък, върсък//ръсък** ва **купак**. Аз инҳо калимаи **бувак** дар лаҳҷаҳои вахиёӣ-қаротегинӣ, қаротегинӣ ва Кӯлоб дучор омада, **върсък** бештар ҳамчун хоси қисми болоии вахиёӣ-қаротегинӣ (маҳалҳои тоҷикнишини райони Ҷиргатол) ва **купак** дар нисбати Хонақои Ховалинг (ш-к.) қайд шудаанд” (Ҷӯраев, 1980, 169), ки бо мушоҳидаҳои мо мувофиқат мекунад. Дар лаҳҷаи Бухоро **бувак** ба маънои тамоман дигар: “най, сози махсус барои эълон намудани хабарҳои хуш” (Маҳмудов, 1989, 33) мустаъмал аст, ки дар асоси калимаи тасвири овозии “був-був” ба вуҷуд омадааст, вале дар шеваи ҷанубӣ аз асоси “бӯй” маншаъ мегирад.

Зикр кардан зарур аст, ки баъзе аз анвоъ бо талаффузи шевагиашон аз забони меъёр фарқ мекунанд. Ба ин гурӯҳи вожаҳо таваччӯҳ шавад: **ҷувона // ҷъвона**, **ҷуҳуна // ҷуҳна** (Вқ.), **ҷӧна // ҷуна** (Қ.) ҷавона, гӯсолаи нар: ҳаму ҷӧнайи мепаридагӣ ай кӣ? (Пб.); ҷуҳуна ай у, ҳоле гум (Тд.); **дуноҷин** (Шлп.), **дулоҷин** (Ғеш.) ғуноҷин, модагови ду-се сола.

Вожаҳое вомехӯранд, ки хоси шеваи ҷанубӣ буда, мутобиқи маводи мо дар шеваи ҷануби шарқӣ мавҷуд нестанд: **чуғунак** (Қ.) гӯсолаи нар; **навас // навбаст** (Лахш) навбаст, ҷавона, гӯсолаи нари аз яксола зиёд; **бузгов** (Шк) модагови майдахели камшир; **арғън // арғун // йарғун** (Вқ.) навъи гов, ки бо ҷуссаи бузургу думи дарозу шохҳои калон аз дигар говҳои маҳаллӣ фарқ мекунад ва ба маънои аспи тозӣ низ истифода мешавад: арғън лъбой гова мешламбуна (Ск.); **търпича** (Вқ.) гӯсолаи яксола: йаг търпича дорем, мегиран-ъш-да (Фат.).

Калимаи **нархӣ** ба маънии «ғуноҷине, ки пеш аз мӯҳлат дар якуним-дусолагӣ таваллуд мекунад» дар минтақаи Ховалинг (Шк.) ва шакли дигари он вожа **бенархак** дар минтақаи Порвор (Ҷк.) дида мешавад, ки яке бо пасванди -и ва дигарӣ бо пасванди –ак аз асоси бенарх сохта шудаанд. Калимаи **бенарх** аз рӯйи семантикаи «пеш аз мӯҳлат, барвақт» низ дар муомилот аст: и-ра риш-ъш бенарх съфед шидай, ане йош-ай (Пор). Ин калимаҳо дар шеваи ҷануби шарқӣ дида намешаванд.

Дар баробари ин баъзе истилоҳоте дида мешавад, ки баръакс дар шеваи ҷануби шарқӣ роиҷанд, вале дар шеваи ҷанубӣ дида нашуданд: **алабарақ** (Ванҷ) гови сиёҳе, ки холҳои сафеддорад: йак **гови алабарақ** дошт, ана амӯ–ра къшт бай тӯйи бача–ш–а (Р.); **бакал** (Ванҷ) модгови бешир (шояд аз калимаи **«бақар»** аз забони арабӣ маншаъ дошта бошад): амун гови бакал-ш-а къштаст, гови сърх-ъш хо нав гӯсола караст (Пот); **бӯра** (Ванҷ) гове, ки гӯсолаш мурдааст, вале шири хуб медиҳад; **ҷуна** (Дарв.) гови нари 3 сола.

Бо ибораҳо теъдоди зиёди истилоҳот ба вуҷуд омадааст. Ҳанӯз дар забони форсии миёна тавассути ибора баён намудани анвои ҳайвонот маъмул будааст. Аз ҷумла, забоншиноси шинохта Д.Саймиддинов доир ба мавҷудияти анвои гуногуни ҷонварон дар забони форсии миёна таваққуф намуда, дар ин забон мавҷуд будани анвои "гови куфиг-гови кӯҳӣ" ва "гови варзаг- гови барзгарӣ" –ро нишон медиҳад (Саймиддинов 2001, 93). Дар шеваҳои мавриди назар, анвои говро аз рӯйи мақомаш дар ғаллакӯбӣ, ҷуфти шамин, гӯсоладор ё бегӯсола, вобаста ба аломатҳои шох, ранг, шир, мансубияти гов ба ҷойе ва ғайраҳо нишон медиҳад.

Аз рӯйи ранг: Дар гурӯҳи лаҳҷаҳои қаротегинӣ барои ифодаи гови сафеду сиёҳ (алобуло) истилоҳи **гови мийонакол,** дар лаҳҷаҳои шимолии Кӯлоб **гови қашқа** ва ҳамин маънӣ дар шеваи ҷануби шарқӣ бо истилоҳи **гови ала-була** баён мегардад. Истилоҳи **гови қънғър // гови қунғур** аз рӯйи семантикаи "гови сурхи сиёҳчатоб" хоси лаҳҷаҳои ғарбӣ ва шимолии Кӯлоб мебошад. Дар лаҳҷаҳои ғарбӣ ва шимолии Кӯлоб истилоҳи **гови рахш** маъмул аст, ки дар шеваи ҷануби шарқӣ низ мутадовил мебошад: гови рахши мо имшав навма (Пун.).

Аз рӯйи ҷойгоҳаш дар кори кишоварзӣ. Говҳо, асосан, дар кӯфтани ғалла ва ҷуфт истифода мешаванд, ки вобаста ба ҳамин истилоҳот тавлид гардидааст. Дар гурӯҳи лаҳҷаҳои ғарбии Кӯлоб истилоҳи **гови беру** "гове, ки зимни ғаллакӯбӣ дар канори қатор меистад" ва **гови дъру** "гове, ки ҳангоми ғаллакӯбӣ дар даруни қатор меистад", дар лаҳҷаҳои шимолии Кӯлоб **гови пал "**барзагове, ки ҳангоми ғаллакӯбӣ аз дохили қатор дар ҷойи аввал меистад". Бо ин хусусият дар гурӯҳи лаҳҷаҳои қаротегинӣ истилоҳи **гови йуғи́** "барзагов, гови корӣ" дар муомилот аст.

Аз рӯйи хусусиёти марбут ба шир. Ба истиснои истилоҳи **гови ширтък** ба маънои "гови шираш суюқ", дар гурӯҳи лаҳҷаҳои вахиёӣ-қаротегинӣ дида мешавад, дигар ҳамаи истилоҳот барои шеваҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқӣ хусусияти умумӣ доранд: **гови ширғавс "**гови шираш серравган"; **гови вашир** "гови ширдеҳ"; **гови бешир** «гови камшир»: ун пешта говой фар–а мебӯран айлоқ, ғало ам говой вашир–у бешир–а айлоқ кънамен (Ванҷ, Тех.).

Аз рӯйи хусусиятҳои гуногун. Истилоҳоти **гови ҷойдори́** «гови маҳаллӣ»; **гови вагусала** «гови гӯсоладор»; **гови кал** «гови бешох» дар шеваҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқӣ баробар истифода мешаванд. Аммо истилоҳоти **гови қалуғи́** «навъи гови маҳаллӣ»; **гови таритхър** «гови фартут» дар лаҳҷаҳои шимолии Кӯлоб, **гови лок** «гови шохлиққонак» дар лаҳҷаҳои қаротегинӣ, **гови фар** «модагови қисир» дар лаҳҷаҳои вахиёӣ-қаротегинӣ ва қаротегинӣ истифода шавад, истилоҳи **гови къргизи́** ба маънии «навъи гови маҳаллӣ» хоси минтақаи Лахш (Вқ) мебошад.

Бо калимаи гов ва марбут ба он дар маводи дасти мо беш аз 50 вожаи дигаре сохта шудааст, ки мансубият, нигоҳубин, хӯрок, монандии дигар ашё ба гов, истилоҳоти кишоварзӣ, зоологӣ, ботаникӣ ва ғайраҳо мебошанд, ки захираи луғавии шеваҳоро такмил додааст. Барои мисол чанд намуна меорем: **говбун//говун** (Вқ., Қ.) говбон: **говзамбур** (Ванҷ., Дарв.) **// говзамбър** занбӯри ало: говзамбур шав мийа бувас каа (Лш.); **говрона // говруна** (Вқ.) говрон; **говхуна** (Қ.) оғил; **говчъпуни́** (Вқ.) говчаронӣ; **говҷуш** (Вқ., Қ., Дарв.) говдӯш; **говръшқа** (Қ.) юнучқаи худрӯй; **говак** (Шк.) навъи қӯнғуз; **говангур** (Шк., Ғк.) ангури говак; **говкусик** (Қ.), **говкусък** (Вқ.) пиллаи калон-калон; **говмалах** (Вқ.) як навъ малахи калони сабзтоб; **говсар** (Ғк.) каллакалон.

IV. Истилоҳоти марбут ба хелҳои гӯсфанд. Гӯсфанд аз қадим дар ҳаёти мардуми мо нақши мухим дорад. Вай барои гӯшт, пӯст, пашм, шир ва ғайра нигаҳдорӣ мешавад. Ин аст, ки истилоҳоти зиёде ба бор оварда хазинаи луғати забонамонро бой гардонидааст. Дар "Авасто" шакли "gaospenta" дар забони форсии миёна "gōspand" истифода шуда, дар ҳамон замонҳо навъҳои гуногун доштааст (Саймиддинов 2001, 93-95). Ин гуногуннавъӣ дар фарҳангҳои марбут ба забони тоҷикию форсӣ низ дида мешавад (ФЗТ, 1969; Маҳмудов 1989; Муин (ба хати форсӣ) 1375; Амид (ба хати форсӣ) 1375). Зимни тадқиқи номи анвои ҳайвоноти хонагӣ дар "Шоҳнома"-и А.Фирдавсӣ муҳаққиқ

О.Қосимов чунин менависад: “лексическая единица *меш* в “Шахнаме” используется как синоним *гӯсфанд* в значении “баран, овца” 55 раз, в том числе 18 раз в сочетании/оппозиции с *гург* “волк” (Касимов 2011, 13). Имрӯз дар забони тоҷикӣ ва шеваҳои забони тоҷикӣ калимаи *меш* дар радифи *гӯсфанд* истифода шавад ҳам, вожаи дувумӣ фаъол ва серистеъмолтар аст. Масалан, дар лаҳҷаҳои Бухоро *меш* ба маънои *модагӯсфанд* шарҳ ёфтааст (Маҳмудов, 1989, 150). Дар китоби “Очерки по таджикской диалектологии”, ки дар асл луғати лаҳҷавии тоҷикӣ-русӣ мебошад, муҳаққиқи варзида В.С.Расторгуева доир ба калимаи *меш* чизе намегӯяд (Расторгуева, 1963). Ин калима дар таркиби луғавии забони яғнобӣ низ зикр нагардидааст (Мирзоев, 2008), аммо дар лаҳҷаҳои Бадахшон маъмул аст, ки А.З.Розенфелд чунин менигорад: “*меш* овца; дрв. вндж. то же; *меши зуч* А. (мақсад д.Андароб, Горон-Х.С.) ягнившаяся овца”, ки бо маънии лаҳҷаҳои Бухоро мувофиқт мекунад ва А.З.Розенфелд иттилоъ медиҳад, ки тавассути пасванди –ак бо ин вожа лексемаи *мешак// мешък* сохта шудааст ва маънии “горный баран, архар; *мешаки нар* архар-самец; *мешаки мода* архар-самка”-ро дорад (Розенфелд, 1971, 113).

Дар шеваҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқии забони тоҷикӣ “гӯсфанд // меш” дар шакли **гуспан//гуспанд, гусфан//гусфанд** маъмул буда, анвои хеле афзоиш ёфтааст, ки қисме аз онҳо барои тамоми шеваҳои забони тоҷикӣ хусусияти умумиистеъмолӣ доранд ва дар забони меъёр ҳам ба истиснои хусусиёти савтӣ истифода мешаванд. Калимаҳое вомехӯранд, ки на навъи гӯсфанд, балки чамъи онҳоро ифода мекунанд; **сурук//сърък //съръг** ба маънои “рама” дар шеваҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқӣ ва **чакалак** бо семантикаи “рамаи бузғола, барра ва гӯсола, ки дар чарогоҳ аз очаашон ҷудо чаронида мешаванд” хоси гурӯҳи лаҳҷаҳои вахиёӣ-қаротегинӣ, шимолии Кӯлоб ва лаҳҷаҳои қаротегинӣ мебошад.

Истилоҳоти мавҷудаи марбут ба гӯсфанд ҷинсият, синну сол, парвоӣ будан ва ғайраро ифода мекунанд. Ҷинсият, асосан, бо калимаҳои содаи умумихалқии **нару мода** муайян мешавад, вале калимаҳое мавҷуданд, ки зотан ба ин ё он ҷинс марбутанд. Калимаҳои мураккаби **наргуспан, модгуспан** ва вожаи содаи **къшқор** умумиистеъ-молианд, вале **къшқормешак** “наргӯсфанди шохдор” дар гурӯҳи лаҳҷаҳои шимолии Кӯлоб, **нарбахтак** “тагал, қӯчқор”; **нарбахтача** “қӯчқорча” дар гурӯҳи лаҳҷаҳои қаротегинӣ ва вожаи **нарбахта** дар лаҳҷаҳои шимолии Кӯлоб, қаротегинӣ, лаҳҷаҳои вахиёӣ-қаротегинӣ дида мешавад. Дар баробари ин **совлик//савлъқ** (Вқ., Қ., Ванҷ)// **совлъғ** // **совлъқ** (Ғк., Кҳ.), **солиқ** // **солъқ** (Шк., Дарв.) ба маънои “меш, модагӯсфанд” дар шеваҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқӣ мураввaҷ аст.

Калимаҳои сохтаи ифодакунандаи синну сол бо пасванди -и́: **шаши́** (Вқ.) ва -ак: **шишак** // **шъшак** (Вқ., Ғк., Шк.) “наргӯсфанди яксола” ба вуҷуд омадаанд. Бо пасванди -и́ воҳидҳои луғавии **чори́** ва **панҷи́** сохта шуда бошад ҳам, дар шакли калимаҳои мураккаб муродиф доранд: **чоригуспан** (Қ.) “гӯсфанд ё бузи ду ё сесолаи ахта кардашуда”; **панҷиқушқор** (Ғк.) “қӯчқори панҷсола”. Дар баробари ин, ташаккули калимаҳои мураккаб бо шумораҳои **ду**, **чор, панҷ, шаш** ва сифатҳои **пир, майда** вобаста аст ва ин калимаҳо умумихалқианд; **дудандуна** (Вқ.) “гӯсфанди дусола”; **чориқъшқор** (Ғк.) “қӯчқори се-чорсола”; **шишакқъшқор** (Кҳ., Ғк., Шк.) “қӯчқор (аз як то дусола)”; **майдабара** (Вқ.) “барраи хурд”; **пиргуспан** “гӯсфанди пир. Калимаи **бурдоқи́** “гӯсфанди махсус парвошуда” хоси тамоми шеваҳои забони тоҷикӣ мебошад.

Вожаи **тухли́//туқли́** (Вқ., Ғк., Қ.)// **туқъли́** (Қ.)//**тъқли** ´(Ванҷ, Дарв) “тӯқлӣ, модагӯсфанди нозоида (то дусолагӣ)” дар шеваҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқӣ баробар истифода мешавад. Бо ин калима воҳиди луғавии мураккаби тобеи **туқлибарра** дар лаҳҷаҳои шимолии Кӯлоб (Розенфелд, 1982, 208) мавҷуд аст.

Яке аз аломатҳои ин анвоъ мавҷудияти думи онҳост. Дар қолаби калимаҳои сода, сохта (бо гунаҳои пасванди **-ак**) ва вожаҳои мураккаб зуҳур намудаанд: **гадик** // **гадък** // **гидик** (Вқ., Ванҷ) “навъи гӯсфанди думдори маҳаллӣ”; **сагдъм** (Вқ.) “навъи гӯсфанди думдор”; **чуғаланг** (Қ.) “гӯсфанди думдор (қарокӯлӣ); **дигил//дигъл// дъгъл** (Қ., Шк.) “гӯсфанди маҳаллии думдор”.

Аз рӯйи аломат ва хусусиёти гуногун дар қолаби калимаҳои сохтаю мураккаб бо нишон додани навъи пашм, ранг, ҳолати ҷисмонӣ ва ғайраро зуҳур намудаанд: **танкарон** (Ғк., Шк., Вқ.)// **танкарони́** (Вқ.) гӯсфанди маҳинпашм; **дусбойи́** (Шк) навъи гӯсфанди қарокӯлӣ; **чънгак** (Қ.) бузу гӯсфандоне, ки гӯшашон модарзод рост меистад; **пустъмба** (Кҳ.) пӯстдунбаи гӯсфанд; **волволак** (Вқ.) гӯсфанду бузе, ки дар зери ҳалқумаш (занахаш) мисли зангӯла гӯшти зиёдатӣ дорад.

Дар қолаби ибора як миқдор истилоҳот дар муомилот мебошад, ки муайянкунандаҳои онҳо ба анвои гуногуни гӯсфандон далолат мекунанд:

Аз рӯйи мансубият ба этнонимҳо, ки хусусияти умумиистеъмолӣ доранд**: гуспанди дарвози́** "гӯсфанди думдори сафедпашми гӯшмайдаи маҳаллӣ"; **гуспани узбаки́ "**навъи гӯсфанди маҳинпашм"; **гуспанди қырғизи́** навъи гӯсфанди маҳаллӣ; **гуспани türки́ "**навъи гӯсфанди дунбакалон"; **гусфани ҳисори́//исори́** "гӯсфанди ҳисорӣ".

Бо ибора истилоҳоте дида мешавад, ки ба синну соли гӯсфанд далолат мекунанд: **гуспани чори́** (Вқ., Ванҷ) гӯсфанди чорсолаи ахташуда; **гуспанди панҷи́** (Шк., Қҳ.) гӯсфанди панҷсола; **гуспани шишак** (Шк., Ғк.) гӯсфанди сесолаи ахташуда. Ғайр аз ин, дар гурӯҳи шимолии Кӯлоб аз рӯйи синну сол ибора-истилоҳи **гусфанди дъбарфа** "дусола" вомехӯрад: йа гусфанди дъбарфа-ра къшт-ъ меҳмундори́ кад (Хов.).

Чанд истилоҳи дигаре дида мешавад, ки ба гӯсфандони фарбеҳу парвоӣ далолат мекунанд. Дар маводи дасти мо ҳудуди интишорашон, асосан, дар лаҳҷаҳои гурӯҳи қаротегинӣ ва вахиёӣ-қаротегинӣ мебошад: **гуспанди бадил** (Каҳ.) гӯсфанди фарбеҳ; **гусфани бунидаги́** (Ҳак.) гӯсфанди парвокардашуда; **гусфанди гърдумба** (Пд.) гӯсфанди калони дунбадор, ки бисёр гӯшту равған медиҳад; **гусфанди дъмбагиз** (Пд.) // **гусфанди лавдъмба** (Пд.) гӯсфанди қарокӯлӣ; **гуспанди зоти́** гӯсфанди зотӣ.

Ибора-истилоҳи **гуспани сибай «**гӯсфанди қисир» дар минтақаи Сарихосор ва Ховалинг (Шк.); **гуспанди сагдъмб** «гӯсфанди думдор» дар деҳаи Саракенча (Вқ) ба мушоҳида расид. Ҳамчунин, анвои **гуспанди танкарони́** «гӯсфанди думдори маҳинпашм» **гуспанди кушкорча** «гӯсфанди нарина» ва **"гуспанди ҷойдори́"** дар гурӯҳи лаҳҷаҳои Қаротегин дида мешавад.

V. Истилоҳоти марбут ба хелҳои буз. Ин навъ ҳайвони хонагӣ истилоҳоти зиёдеро барои забони тоҷикӣ ва шеваҳо овардааст, зеро дар ҳаёти ҳаррӯзаи мардумон нақши калон дорад. Аз гӯшт, пӯст, мӯй ва шири он истифода мешавад. Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» (1969) ва «Ғиёс-ул-луғот» (Муҳаммад 1987) моддаи алоҳида барои вожаи **буз** дода нашудааст, вале аз калимаҳои мураккаби бо ин вожа сохташуда теъдоди зиёде меоваранд, ки гувоҳи истифодаи он дар забони адабиёти классикӣ мебошад. Дар «Фарҳанги тафсирӣ» ин калима чунин шарҳ меёбад: «Ҳайвони ҷуфтсуми алафхӯри хонагӣ аз ҷинси гӯсфанд, ки дорои шох, риши дароз ва думи кӯтоҳ аст ва барои гӯшт пашм, ва шир парвариш мекунанд; **бузи кӯҳӣ** як зоти бузи шабеҳи оҳу, ки дар кӯҳҳои Тоҷикистон мавҷуд аст» (ФТЗТ, 2008, 242). Ин ибора (мақсад: **бузи кӯҳӣ**) дар шеваҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқӣ бо вожаи **сайд** ифода меёбад: руз-ъш вега шид-ъ ҳичи́ сайд на́йофт (Каҳ.). Бо ин калима ибораҳои зерин сохта шудааст, ки навъи мазкурро ифода мекунанд: **сайди сърха** (Шк.) сайди (оҳуи) сурхтоб; **сайли сафедак** (Шк., Ғк.) сайди (оҳуи) сафедчатоб мустаъмал аст. Дар фарҳанги мазкур ҳам бо вожаи буз калимаҳои гуногунмаънои зиёде оварда мешавад, ки аз маъмул будани он дарак медиҳад.

Дар шеваҳо ин ҳайвони хонагӣ бо доштани анвои гуногуни истилоҳот фарқ мекунад. Калимаҳои ин гурӯҳ аз рӯйи аломатҳои зоҳирӣ (теъдоди таваллуди насл, бешох, калонию хурдӣ, ахтакарда ё ахтанокарда), ҷинс, ранг, синну сол ва ғайра ба вуҷуд омадаанд. Ин истилоҳот барои сохтани ибораҳои озоди синтаксисӣ ва фразеологизмҳо низ истифода мешаванд.

Анвои буз аз рӯйи чинсият. Нар ва ё мода будани бузҳо бо калимаҳои умумиистеъмолии **нар, така, мода** ва шевагии **шем** (бузаки якмоҳаи нар), **чапъш** (модабуз) баён мешаванд. Истилоҳоти ин гурӯҳ дар қолаби калимасозии морфемаҳои луғавии сода, сохта ва мураккаб дида мешавад.

Анвои ҷинси нарина чунин аст. Калимаҳои барои шеваҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқӣ дар ин анвоъ зиёданд: **нарбича** «бузичаи нар, такача»; **нарбъз** «бузи нар, така»; **така** // **такача** «таккача, нарбузи як-дусола»; **таклочък** // **такалочък** «бузғолаи яксолаи нар». Баробари ин, воҳиди луғавии **шаҳбъз** «такка, саргала, рамакаш» дар гурӯҳи лаҳҷаҳои вахиёӣ-қаротегинӣ; **шем** дар лаҳҷаҳои шимолии Кӯлоб, **шъмък** дар лаҳҷаҳои ҷанубии Кӯлоб ба маънии «таккаи якмоя»; **нарча** «бузи наринаи як-дусола» дар гурӯҳи лаҳҷаҳои қаротегинӣ роиҷанд.

Анвои ҷинси модина. Қисми зиёде аз инҳо барои шеваҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқӣ хусусияти муштарак доранд: **модбъз//модабуз** «модабуз»; **модбича** «бузичаи мода»; **чапуш//чапъш** «модабуз (то дусолагӣ)»; **чапушак//чапъшак** «модабузи 1-2 сола». Калимаи **чапалуқ ба маънои «**одабузи то дусола» дар гурӯҳи лаҳҷаҳои қаротегинӣ ва вожаи сохтаи **бъзи́** «бузи калон, очабуз» дар гурӯҳи лаҳҷаҳои вахиёӣ-қаротегинӣ дида мешавад.

Анвои буз аз рӯйи синну сол. Синну соли буз мисли анвои гӯсфанд бо шумораҳои **ду, чор, шаш** ва калимаи **пир** баён мешаванд: **шишаксерка** // **шишаксирка** «серкаи ахтанокарда (аз як то дусола)»; **шишактака** «такаи ахта нокарда»; **чорисерка//чорисирка** «серка, серкаи ду ё сесолаи ахта». **чоритака** «таккаи ду ё сесолаи ахта»; **дъсоқ//дъсоғ** «буз ё меши ду-се сола». Солхӯрдагии буз бо вожаи **пирбъз** «бузи пир» маъмул аст, ки гунаи адабии **пирбуз** мебошад. Аз рӯйи хусусиёти гуногун: **калбуз//калбъз** бузи кал (бешох); **тувъқча** (Fк.) бузғола: тувъқча-т чанқа гуш мекъна?; **чагак** (Қ.) бузғолаи тирамоҳ зоидашуда; **чоргуник** (Қ.), **чоргоник** (Шк.) чоргоназо, буз ё гӯсфанде, ки такроран чортоӣ мезояд.

Тавассути ибораҳо як силсила истилоҳот ба вуҷуд омадааст, ки муайянкунандаҳои онҳо ба аломату хусусиёти гуногуни буз далолат медиҳанд. Аз ҷумла, аз рӯйи наслдиҳӣ, ранг, аломатҳои аъзои бадан, мансубият ва ғайра ба чашм мерасад:

Аз рӯйи наслдиҳӣ: бъзи дъгоникзо (Қ.) бузи дугоникзо; **бъзи дъгоникъ**ъ (Қ.) // **бъзи дъгуникъ**ъ (Ванҷ., Дарв) бузе ки дуто мезояд: аму бъзи дъгуникъ-шун хо дар нубати Събадор гӯм ши (Ванҷ, Р.); **бъзи сегуникзо** (Қ.) бузи сегоназой; **бъзи дъгуникйов** бузе ки ду то бузғола мезояд: ҳаму бъзаки дъгуникйов-ъм хо hаръм ши (Қ.).

Аз рӯйи ранг: бъзи роғи́ (Fк.) бузи пеши чашмаш зардчатоб; **бъзи қашқан** (Шк.) бузи қашқа, бузе, ки дар пешонааш нишонаи сафед дорад; **бъзи бодъл** (Қ.) бузи гӯшҳояш хокистарранг: гушо-ш кабут боша, ҷола-ҷола боша, бъзи бедъл меган; **бъзи камар** (Вқ., Ванҷ, Дарв.) бузе, ки зери шикаму тахтапушташ сафед аст; **бъзи корошък** (Вқ.)// **бъзи корешък** (Ванҷ) бузе, ки пешонааш хати сиёҳу сафед дошта бошад.

Аз рӯйи аломатҳои аъзои бадани буз. Анвои истилоҳоти ифодакунандаи номи буз аз рӯйи аломатҳои аъзои бадани онҳо ҳам ба назар мерасад, ки аз хусусиёти фарқкунанда мебошад: **бъзи кал** (Вқ., Ванҷ) калбуз; **бъзи мутък** (Вқ., Ванҷ) бузи гӯшаш рост; **бъзи лъмба** (Шк.) бузи калонҷусса; **бъзи чъргӣ́** (Вқ.) бузе, ки гӯшҳояш кӯтоҳ аст; **бъзи чулък** (Вқ.) бузе, ки дар манаҳаш гӯшти овезон дорад; **бъзи бълулақдор** (Вқ.) бузе, ки дар зери ҳалқумаш гӯшти зиёдатӣ дорад; **бъзи чънимъни́** (Қ.) бузи шӯх (ноором).

Аз рӯйи мансубият. Дар маҷмуъ се истилоҳ дида мешавад, ки дутои он ифодакунандаи навъи хонагӣ нест: **бъзи куйи́** (Шк.) бузи кӯҳӣ; **бъзи морхър** (Шк.) бузи ваҳшӣ, даштӣ. Дар ин гурӯҳ истилоҳи **бъзи номуси́** (Вқ) вуҷуд дорад ва дар ифодаи навъи бузе меояд, ки барои ҳифзи шараф ва эътибор ба бузкашӣ дода мешавад: ҳар ке бъзи номусий мо-ра бътоза йа дъхтар-м-а метум (Ҳич.). Ҳамчунин, барои сохтани истилоҳоти гуногуни берун аз истилоҳоти номи анвои буз ба таври фаровон истифода мешавад, ки аз доираи кори мо берун аст.

VI. Истилоҳоти марбут ба хелҳои саг. Вожаи саг, ки барои ҳамаи тоҷикон умумӣ аст дар шеваҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқӣ серистеъмол буда, калимаҳои марбут ба он барои такмили таркиби луғавии шева мусоидат кардаанд. Калимаҳою истилоҳоти **сагбача, кучук, кучукбача, мочасаг, саги мода, саги нар** барои забони меъёр ва ҳамаи шеваҳои забони тоҷикӣ маълуму фаҳмоанд. Дар баробари истеъмоли ин шаклҳо гунаҳои шевагии онҳо, ки ба тарзи талаффузу савтиёти ин вожаҳо алоқамандӣ доранд,

дар муомилотанд. Калимаҳои ин гурӯҳ сода, сохта мураккаб ва ибора-истилоҳ мебошанд. Дар сохтани истилоҳоти нав морфемаҳои луғавии умумиистеъмолии **саг** ва **къч//куч** “саги мода” сермаҳсуланд. Бо ин калимаҳо воҳидҳои луғавии **мочасаг // кучсаг**; **къчък //къчук // къчъкбача**; **қанчиқсаг** “саги мода” барои шеваҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқӣ муштарак бошанд, вожаи **къҷбела//къҷвела** “гурӯҳи сагон (гургу рӯбоҳон), ки гушн мераванд” ба гурӯҳи лаҳҷаҳои шимолии Кӯлоб хос мебошад.

Анвои **саг** бо калимаҳои дигар бидуни иштироки вожаи **саг** ва **къчък** ҳам мавҷуд аст, ба синну сол, ранг ва таъинот ишора мекунанд. Воҳиди луғавии **тозин** ба маънии “тозӣ, сагӣ шикорӣ” барои шеваҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқӣ умумӣ аст: тозин шавум-ъ шикор кънъм заргуш-а, ойина шавъм, бача бъбин-а ру-ш-а (фолк.). Калимаи **йагбарфа** “яксола”, ки фақат дар Лахш ба қайд гирифта шудааст, мантиқан ба яксола будани саг ишора мекунад: къчък йагбарфа шид Воҳиди луғавии **тавқи́** хоси лаҳҷаҳои қаротегинӣ ва минтақаи Дарвоз буда, ба маънии “саги гардансафед, алогардан” мустаъмал аст; саги гарда-ш съфеди дига ҷоо-ш сийаҳ-а тавқи́ меган (Хум.); Калимаи **чақишмиш** аз рӯйи маводи мо танҳо дар лаҳҷаҳои ғарби Кӯлоб дида шуд, бо феъли кардан меояд: **чақишмиш кардан** (Оқб.) алоқаи ҷинсӣ кардан(дар нисбати сагон): саго чақишмиш кардан.

Бо ибораҳо баён кардани ин гурӯҳ ҳам маъмул аст. Ибораҳо навъи сагро аз рӯйи муайянкунандаҳояшон тасвиб мекунанд. Онҳо ба ранг, ҷинс, таъинот, хосият, ҳаҷму ҷуссаи саг ва ғайра далолат мекунанд.

Таъинот: къчъки тозӣ // тозин ба маънии “сагӣ шикорӣ” муродифи вожаи **тозин** аст; **саги гъдък** (Ҷк.) саги пайгир; **саги тайғанзур** (Ҷк., Шк.) саги гурггир: саги тайғанзур ай гърг-ам зур-ай (Ёл); **саги къта** (Қ., Вқ.) саги калонҷуссаи чӯпонӣ: и йаг саги кътай баде ҳаст, ки меҷака (Ҳиҷ.).

Хосиятҳои гуногун: Истилоҳи **къчъки сайқу** танҳо дар деҳаи Оқсой (Вқ.) вомехӯрад, ки дар дигар гурӯҳҳои шеваҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқӣ гунаҳои **саги дайду// саги сарҳуй** “саги оворагард; кучуки (саги) дайду” низ дорад. Истилоҳоти **саги гирънда //саги гърънда** “саги газанда”; **саги овӣ** “саги обӣ”, **саги нулак//нулък** “саги чашмгурусна” барои шеваҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқӣ муштараканд. Ибораи **саги нулак//нулък** сермаъно аст ва маҷозан аз рӯйи семантикаи “одами чашмгурусна” низ истифода мешавад: и саги нулак-ай, ҳар ҷо хъ-ш-а мезана (Мӯм.).

VII. Истилоҳоти марбут ба хелҳои гурба. Гурба ҳам яке аз ҳайвонҳои хонагӣ аст. Истилоҳоти ин гурӯҳ зиёд нест. Шакли шевагии вожаи гурба **пъшак // пъшък // пъшик // пишък** бошад ҳам, морфемаи луғавии гурба дар шеваҳо истифода мешавад. Калимаи **пъшък** аз асоси **пиш//пъш**, ки калимаи тасвири овозист ва пасванди -ак//-ък ба вуҷуд омадааст: дар-а хуй кънен, пъшък бъдъройа (Шм.); пъшък-о рӯй кучо-о бин, оли уман да йанда гармак (Ванҷ).

Барои ифодаи “бачаи гурба” калимаи мураккаби тобеъ сохта шудааст, ки вожаи асосӣ дар мавқеи дуюм ҷойгир аст: **пъшакбача // пъшъкбача // пъшикбача** пишакбача, бачаи гурба: ҳами бара қади пъшъкбача бъд, иқа шидай (Зир.); оли вомет йа пъшъкбача-т бъд-ъм (Ванҷ, Р.).

Тавассути ибораҳо ду истилоҳ ба як маънии “гурбаи ваҳшӣ (ёбоӣ)“ сохта шудааст: **пъшъки адири́** дар минтақаи Балҷувон (Ғк.) ба қайд гирифта шудааст ва муродифи он **пъшъки ҷангали́**, ки барои дигар гурӯҳҳои шеваи ҷанубӣ ва шеваи ҷануби шарқӣ хос аст.

Вожаҳои **мав** ва **маваст** истифода мешаванд, ки калимаҳои тақлиди овозӣ нисбат ба овози гурба мебошанд. Морфемаи лексикии **мав** дар минтақаи Балҷувон (Ғк.) маънии гурбаро бо забони кӯдакон ифода мекунад. Бо феъли **кашидан** (Ғк.) семантикаи “гушн рафтан, зарурат ба алоқаи ҷинсӣ кардани модагурба”-ро мефаҳмонад: пишак мав мекаша, хорави́ намемона (Ош.). Дар шеваи ҷануби шарқӣ бо феъли **кардан** меояд: шави дъроз мав-мав кар-ан пъшък-о (Дарв.Ҷ.). Вожаи **маваст** (Ҷк.,Роғ.) ҳам бо феъли кардан мустаъмал аст: пъшък маваст мекъна (Роғ).

VIII. Калимаву истилоҳоти марбут ба хелҳои дигари ҳайвонити хонагию ваҳшӣ: гург, шер, паланг, оҳу, хирс, суғур, рӯбоҳ, шағол, шутур, хуг ва ғайра хеле каманд ва

асосан бо забони меъёр, ба истиснои баъзе тафовутҳои савтӣ, мувофиқат мекунанд ва овардани онҳоро зарур надонистем. Онҳо дар сохтани калимаю ибораҳои зиёде фаровон истифода мешаванд, ки дар забони адабиёти классикӣ ва забони имрӯзаи тоҷикӣ ҷиҳати ташаккули таркиби луғавӣ мусоидат кардаанд.

IX. Калимаву истилоҳоти марбут ба афзору асбоби асп[8]. Дар такмили луғати шеваҳо номи афзору асбоби асп низ мусоидат кардааст. Истилоҳоти ин гурӯҳ мисли анвои воҳидҳои луғавии марбут ба асп хеле зиёд ва гуногуннавъ мебошад. Вожаҳои асосии ин гурӯҳ: **зин, рикоб, ҷилав** дар "Фарҳанг" (1969) ва **узангу, аил//айил** дар "Фарҳанги тафсирӣ" (2008) шарҳ ёфтаанд ва дар забони адабиёти классикии форсу тоҷик маъмул буда, бо воҳидҳои фразеологӣ ҳам меоянд. Дар шеваҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқӣ истилоҳоти афзори асп хеле ташаккул ёфтааст, ки алоқамандии мардумро ба ин ҷонвар нишон медиҳад. Дар шакли сода, сохта, мураккаб ва ибораҳо зуҳур намудаанд. Ин истилоҳот ифодакунандаи намадзин, қуши зин, пуштанг, ҷилав**,** узангу, рикоб, пораҳои филизӣ барои зиннати танаи зин, сагаки лаҷом, қӯшҷилав, тасмаи дутораи лаҷом, тасмаҳои рикоб, мехи бастани асп, ресмон, тасмаи зин, шона барои тоза кардани бадану ёли асп ва ғайраҳо мебошанд.

Барои ифодаи баъзе аз афзор чанд синоним ба вуҷуд омадааст, аммо ҳудуди интишори онҳо якхела нест. Масалан, морфемаҳои лексикии **ҷилав// ӯлав; барак; қушлаҷом //қушҷилав** як маъно доранд. Минтақаҳои истифодаи ин муродифот гуногун аст: калимаи **ҷилав// ӯлав** дар Ванҷу Дарвоз: мекашӣ, Мирумад ду hасп дошт кор-ъш ӯлавкашӯ би (Кев., Дарв.); вожаи **барак** дар гурӯҳи қаротигинӣ ва вахиёи-қаротегинӣ; лексемаи **қушлаҷом // қушҷилав** дар гурӯҳи ғарбию шарқии Кӯлоб ва кӯлобии ҳисорӣ истифода мешавад: лаҷом бо (боз) бе қушҷилав на́мешава (Дб.). Агар навъи дигари лаҷом: **йакалиҷом// йаккаҷилаб// йакаҷилав** лаҷоми яктора**,** яккаҷилав фақат дар гурӯҳи қаротегинӣ ва вахиёи-қаротегинӣ дучор ояд, истилоҳи **зълфак** сагаки лаҷом, ҳалқаи ҳайвоноти боркашу суворӣ дар тамоми минтақаи шеваи ҷанубӣ дида мешавад. Ҳамин гуна ҳолат бо калимаи ифодакунандаи **рикоб** дида мешавад: **узангу // узанги́ // изангу // езанги// езангу // изанги**, **айзангу** дар ҳами шеваҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқӣ вомехӯрад: изангу-нда ҳаму кавш қати мерафтем (Кд.); ӯзанги́ ай оҳан-ъ тасмай пӯст мешава, дар зин-ай (Р., Ванҷ,); вале **рикоб** аз рӯйи маводи мо фақат дар шеваи ҷануби шарқӣ дида мешавад: рикоб: айзангу по-ш-а дар рикоб мунда би, ки асп тури, ума за чъпӯшт (Ҷ., Дарв.). Дар ин ҳайат вожаи **чапсагак**, ки номи ҷузъи узангу мебошад, дар Ховалинг (Шк.) вомехӯрад.

Теъдоде аз истилоҳот дар қолаби калимаҳои сода, сохта ва мураккаб ҷиҳати ифодаи анвои гуногуни банду тасмаҳои афзори асп дар муомилот мебошанд ва интишори гуногун доранд, ки ихтисоран, дар қавсайн, дода мешаванд. Аз ин даста вожаи **қанҷиғабанд** (Шк.) ва **қуш** (Вқ.,Қ.,Шк.) синониманд, як маъно доранд: тасмаи зин; банди борики чармин, ки аз таги думи асп гузаронида аз ду сӯ ба ду канори зин насб мекунанд. Ҳамин ҳолат дар калимаҳои **гързини́** (Шк.) ва **гирбан // гирбанд // гърбан// гирдав** (Шк.) дида мешавад, ки дорои семантикаи "тасмаи борики атрофи зин" мебошанд. Калимаҳои дигар, ки барои ифодаи тасма ё банди афзори асп хизмат мекунанд, чунинанд: **калаги́** (Шк.) банди ҳалқашакли нӯхтаи асп; **узангубоғ // изангубоғ // изангибоғ // езангибоғ** (Шк.) тасмаҳои рикоб, тасмаест, ки узангуҳоро ба зин васл мекунад; **товбърор** (Шк.) ҳалқаи нӯхта ё гарданбанди ҳайвонот, ки барои нигоҳ доштани арғамчин аз печидан хизмат мекунад; **таҳкълйаки́** (Қ.) зерманаҳӣ, ҷузъи лаҷому нӯхта; **фалақлаҷум** (Қ.) оҳани лаҷом, ки дар даҳони асп меистад. Калимаҳои **пордъм** "пордум", **таҳманаги́//тäманаги́// таҳманаҳи́// тäманаҳи́ // тäманайи́** "ҷузъи нӯхта ё лаҷом, ки аз зери манаҳ меистад" ва **лаҷумак** "лаҷом" барои шева ҷанубӣ ва ҷануби шарқӣ муштараканд.

Барои ифодаи тасмаи махсусе, ки бо он полонро ба ҳайвони саворӣ мебанданд, калимаҳои дар шеваҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқӣ муштараки **айил // аҳил**; **пъштаранг //**

[8] Доир ба шарҳи истилоҳоти **зълфак**, **барак, ҷаҳлик// ҷаҳлъқ // ҷайлъқ, ҷъгит, тинко** ниг.: (Ҷӯраев, 1981. 203)

пъштъранг // пъштанг // пуштанг истифода мешаванд. Дар навбати худ **аил** чанд қисм дорад, ки бо калимаҳои зерин баён мешаванд: **торқу//тарқу** (Ғк., Шк.)**//торқу** (Вқ., Қ.) тасмачаи чармини нӯги аил, ки як сари аил ба сари дигараш баста мешавад; **чъръмкаш** (Вқ.,Қ.) тасмачаи борики нӯги аил, ки он ба сагаки нӯги дигари аил васл карда мешавад; **ҳалқа// ҳълқа** (Шк.,Вқ.)// **алқа** (Ҷк.) // **хълқай аҳил** сагак, ҳалқаи нӯги аил; (Шк.); **сагак** сагак, ҳалқаи оҳании тасма, аилу камарбанд: сагаки тасма шъкаст (Шм.).

Теъдоде аз калимаҳо барои ифодаи "арақчини зери полону зин" мутадовиланд, ки дар қолаби калимасозии мухталиф ба вуҷуд омада, дар минтақаҳои гуногуни шеваҳо истифода шуда, муродифи якдигаранд: **ҷӓлик// ҷӓлъқ// ҷаҳлик// ҷаҳлъқ** (Вқ., Қ.), **ҷайлъқ** (Ғк.), **ҷаɛлик// ҷаълъқ** (Кҳ., Вқ., Шк.) арақчин; намадзин: ҷӓлъқ на́боша, пъшти асп йора мешава (Ск.); **чирги́//чъргӣ// чиргин//чъргън** (Қ., Шк.), **чургӣ** (Ғк.) чиргӣ, арақчини аспу хар (дар зери зин ё полон мегузоранд): ай тайи ҷайлъқ чъргӣ места(Дб.); **тагчъргини́** (Қ.) намадзин, арақчини зери полону зин; **таҳчиргини́** (Вқ.) чиргӣ, намадзин, пораи намад, ки аз зери зини асп ва полони хар мегузаронанд: таҳчиргиниҳо-ра ай пъшти асп бъги́;

Барои ифодаи болопӯши асп, ёлпӯш ва ифодаи порчаи матое, ки чашми аспро дар ҷувоз мепӯшонад, вожаҳои махсус мустаъмаланд. Дар ин ҷо вожаҳои **ҷил, дъкак, купчък//кубчик** синонимад ва дар байни онҳо морфемаи серистеъмол **ҷил** "болопӯши асп барои фасли сармо" мебошад, дар шеваҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқӣ дида мешавад. Ғайр аз ин воҳидҳои луғавии зерин дида мешавад: **дъкак** (Вқ.) ҷили пурнақш (барои асп); **купчък //кубчик** (Вқ., Шк., Ғк.) кӯрпачаи кампахтаи махсуси болои зини асп; **йолпуш** (Шк.) ёлпӯши асп; **чъшмбандък // чашмбандак // чъшмбанд** (Вқ.,Қ., Шк.) пораи чарми оро додашуда, ки чашми аспи ҷувозро то нимааш паноҳ мекунад**.**

Ҷиҳати ифодаи афзору олоти асп истилоҳот дар шакли воҳидҳои луғавии сода, мураккаб ва ибораҳо мавҷуданд**: қум** (Шк.,Ғк.) болиштаки зери полон, намадзин; **тинка** (Вқ.) пораҳои филизие, ки барои зебу зинат ба танаи зин кӯфта мешавад; **йакамех** яккамех, мехи калон барои бастани асп; **қарчағу // қарчағун** (Ғк., Шк., Вқ.)// **қачоғу // қарчоғу** (Қ.) қашав, олати шонамонанде, ки бо он бадан ва ёли аспро тоза мекунанд; **мехқолаб** (Вқ., Шк., Дарв.) қолаби махсусе, ки бо ёрии он мехи наъл тайёр карда мешавад; **асптақакънак** (Вқ.) болғачаи наълбандӣ (наългарӣ).

Истилоҳоти ин гурӯҳ бо ибораҳо чандон ривоҷ наёфтааст. Ба ибораҳои зерин таваҷҷӯҳ шавад: **қарчағуйи оҳани́** (Қ) қашави оҳанин; **қарчағуйи чуви́** (Қ) қашави чӯбин: асп-а қарчоғу кун-у бийо чой хур (Ҳак.); **қоши зин** (Қ., Шк.) қуши зин; **гирдави зин** (Ванҷ) гирбанд: **йолпуши ботахлид** (Вқ.) пурнақш: йолпуши ботахлид-а пушонд ас-да.

Ҳамин тавр, калимаю истилоҳоти марбут ба ҳайвонот як қабати махсуси таркиби луғавии шеваҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқии забони тоҷикиро ташкил намудааст, ки бо роҳу воситаҳои гуногун ба вуҷуд омадаанд ва таърихи дуру дарози истифода доранд. Дар ташаккули онҳо калимаҳои содаи гурӯҳ, воситаҳои ёрирасони нутқ (вандҳо), васлшавии калимаҳо ва ибора-истилоҳот нақшгузор мебошанд.

Ихтисораҳо

ФТР - Фарҳанги тоҷикӣ-русӣ
ФЗТ- Фарҳанги забони тоҷикӣ
ҒЛ - Ғиёс-ул-луғот
ШҶЗТ - Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ

Ихтисораҳо марбут ба маҳали зисти гӯйишварон:

Вқ. - гурӯҳи вахиёӣ-қаротегинӣ
Ғк. - гурӯҳи ғарбии Кӯлоб
Дарв. - гурӯҳи дарвозӣ
До.- Дехи Охун (Қ.)
Ёз. - Ёзганд (Вқ.)
Ёх.- Ёхсӯ (Шк.)
Кан. - Кангурт (Ғк.)
Каҳ.- Каҳдара (Қ.)

Кд. - Кӯлдара (Шк.)
Кк. - Кӯли калон (Вқ.)
Кб. - Кулумбаи Боло (Вқ.)
Кҳ. - гурӯҳи кӯлобии ҳисорӣ
Қ. - гурӯҳи қаротегинӣ
Кпн. - Кишти поён (Шк.)
Қӯш. - Қӯшағба (Вқ.)
Лан. - Лангар (Вқ.)
Мх. - Муҷихарф (Қ.)
Мт. - Майдонтерак (Вқ.)
Мс. - Марғзори Сир (Қ.)
Нд. - Навдонак (Қ.)
Нӯш. - Нӯшор (Вқ.)
Оқ. - Оқсой (Вқ.)
Оқб. - Оқбулоқ (Ғк.)
Пд. - Пилдон (Вқ.)
Пор. - Порвор (Ҷк.)
Сам. - Самсолиқ (Қ.)
Сд. - Сангдара (Шк.)
Сғ. - Сари ғор (Ҷк.)
Уч. - Учкӯл (Ҷк.)
Хов. - Ховалинг (Шк.)
Ҳак. - Ҳакимӣ (Қ.)
Хм. - Хилмонӣ (Қ.)
Ҳиҷ. - Ҳиҷборак (Вқ.)
Ҷк. - гурӯҳи ҷанубии Кӯлоб
Чс. - Чорсада (Қ.)
Шк. - гурӯҳи шимолии Кӯлоб
Шлп. - Шулупту (Ғк.)
Шх. - Шехмизон (Шк.)

Адабиёт:

1. Касимов О. Картина жовотного мира в «Шахнаме» Абулкасима Фирдоуси. -Душанбе: Дониш 2011, 135с.
2. Маҳмудов М., Ҷӯраев Ғ. Луғати шеваҳои забони тоҷикӣ. -Душанбе, 1997. -288с.
3. Маҳмудов М., Бердиев Б. Луғати мухтараси лаҳҷаҳои Бухоро.-Душанбе: Дониш,1989. -278 с.
4. Мирзоев Ҳ. Истилоҳоти соҳаи асппарварӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ. -Душанбе, 1997. 185с.
5. Мирзозода С. Фарҳанги яғнобӣ-тоҷикӣ. Душанбе, 2008.279с.
6. Муҳаммад Ғиёсуддин. «Ғиус-ул-луғот». -Душанбе: Адаб, Ҷ.1.1987, 480с. Ҷ.2. 1988. 416 с. Ҷ.3.304с.
7. Расторгуева В.С. Очерки по таджикской диалектологии. -М.,1952-1961.Вып.I.1952; Вып.2.1952; Вып.3.1956; Вып.4.1961. Вып.5. -М.,1963
8. Розенфельд А.З. Бадахшанские говоры таджикского языка.-Л.,1971.-192 с.
9. Розенфельд А.З. Таджикско-русский диалектный словарь /Юго-Востоный Таджикистан/.-Л.,1982.-240 с.
10. Саймиддинов Д. Вожасозии забони форсии миёна. Душанбе: 2001, 310 с.
11. Фарҳанги забони тоҷикӣ (аз асри Х то ибтидори асри ХХ): -М.: Сов. энциклопедия,1969. Ҷ. 1. 951 с. Ҷ. 2., 1904 с.
12. Ҷӯраев Ғ. Лексика // Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ. ҷ.1.-Душанбе: Дониш, 1980, с.87-328.
13. Ҷамшедов П., Толиби Розӣ. -Душанбе, 2005, 1203.

14. معین محمد. **فرهنگ** فارسی. تهران،1375، عبارت از 5 جلد
15. عمید حسن. **فرهنگ** عمید. تهان، 1375، عبارت از 3 جلد

ТЕРМИНЫ ОБОЗНАЧАЮЩИЕ НАЗВАНИЯ ЖИВОТНЫХ

Хоркашев С., Мирганова Н.Р.

В южных и юго-восточных говорах таджикского языка термины, обозначающие названия животных, составляют особый пласт лексики. Пути и способы их образования являются актуальной проблемой в диалектологии. Авторы статьи, классифицируя их на девяти группах ,определяют словообразовательные пути и их деривационные модели.

Ключевые слова: говор, группа, анализ, словообразование, простой, производный, сложный, вид, лошадь, осёл, корова, овца, коза, собака, кошка, животный, домашний, дикий, сбруя.

TERMS REGARDING THE NAMES OF ANIMALS

Khorkashev S.,Mirganova N.R.

The terms denoting the names of animals constitutes a special layer of the of lexis in the southern and southern and eastern dialects of Tajik language. The ways and the methods of their formation are actual problem in dialectology. Having classified them into nine groups, the author of the article defines word formation ways and their derivation models as well.

Key words: dialect, group, analyze, word formation, simple, derivative, compound, type, horse, donkey, cow, sheep, gout, dog, cat, animal, domestic, harness.

Сведения об авторах: Хоркашев Сахидод – кандидат филологических наук, заведующей кафедрой таджикского языка Таджиского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни,тел.: (+992) 919 002178

Мирганова Нигина Рауфовна – кандидат педагогических наук, доцент, начальник отделом науки и инновации Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни, тел.: (+992) 93 5584538.

Information about authors*:* Khorkashev Sakhidod, PhD in philology, associate professor, Head of Tajik language Chair in Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, tel. (+992) 919 002178

Mirganova Nigina Raufovna, PhD in pedagogical sciences, associate professor, Chief of science and innovation department in Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, tel. (+992) 93 5584538.

УДК: 8 тоҷик+002+379

МАВҚЕИ ОЧЕРК ДАР РАДИОИ ТОҶИКИСТОН

Саидмуроди Хоҷазод,
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Очерк яке аз жанрҳои калонҳаҷми радио мебошад. Дар даврони шӯравӣ очеркҳои калонҳаҷм дар барномаҳои «Маънии рӯзгори мо», «Насли муосир» садо медод. Ҳаҷми очеркҳо аз 40 дақиқа то ба як соат мерасид. Қаҳрамони онҳо асосан намояндаҳои тамоми қишрҳои ҷомеа мебошанд, ки натиҷаи амалашон нисбати дигарон беҳтар буда, дар ҷомеа намунаи ибратанд. Агар лавҳа як ё ду пораи ҳаёти қаҳрамонро дар бар гирад, очерк лаҳзаҳои ҳаёти ӯро таҷассум менамояд. Ба ин минвол симои қаҳрамон шакл мегирад. Хислати он барои шунаванда пурра кушода мешавад.

Пажуҳишгарони жанрҳои радио дар мавриди намудҳои очерк ақидаҳои гуногун доранд. Пажуҳишгари тоҷик Иброҳим Усмонов ба ғайр аз очеркҳои портретӣ, проблемавӣ ва сафарӣ боз очеркҳои таърихӣ ва судиро пешниҳод намудааст. Ба ақидаи

ӯ «дар очерки таърихӣ фақат қаҳрамон ва воқеа асоси публисистӣ доранд. Воқеаҳои дигар, персонажҳои дигарро муаллиф месозад. Дар очерки судӣ бошад, фақат ҷиҳати тадқиқ ба очерк наздикӣ дорад» [8,351]. Пажуҳишгар К. Ковалевский очеркро ба чор намуд - портретӣ,рӯйдодӣ – проблемавӣ, сафарӣ ва лавҳа, А.Алексеев ба се намуд - беадрес, ҳуҷҷатӣ ва сафарӣ, П. Автономов ба чор намуд – портретӣ, проблемавӣ, сафарӣ ва эссе, Б.Михайлов ба чор намуд – рӯйдодӣ, проблемавӣ, сафарӣ ва портретӣ, В.Смирнов ба панҷ намуд – портретӣ, таърихӣ, тарҷумаиҳолӣ, проблемавӣ, сафарӣ ва рӯйдодӣ ҷудо намудаанд. Ба ақидаи пажуҳишгарони тоҷик «ба се намуд ҷудо кардани очерк - як навъ рамзӣ ҳам ҳаст, зеро очерке нест, ки дар он аз сарнавишти инсон қисса нашавад. Дар ҳар гуна очерк ҳатман муаммое, сафаре, таассуроте, ёддоште ба ёд оварда мешавад» [7, 56]. Ақидаи мо, ба мавзуҳои зиёд ҷудо намудани очерк зарурият надорад, чунки дар се намуди он (портретӣ, проблемавӣ ва сафарӣ)унсурҳои намудҳои дигари очерк зуҳур мекунанд ва дар маркази тамоми намудҳои ин жанр ҳаёти одам мавриди тасвир қарор мегирад.

Дар солҳои 1997 – 2006 очеркҳои портретӣ дар радиои Тоҷикистон зиёд шуд. Онҳо асосан тавассути барномаҳои «Ситораҳои беғуруб» ва «Чароғи ҳунар» пахш мегардиданд. Силсилаи очеркҳои портретӣ дар барномаи «Ситораҳои беғуруб» [2]махсусиятҳои худро дорад. Муаллиф қабл аз он ки дар мавриди қаҳрамон сухан гӯяд, ба руҷӯи лирикӣ андармон шуда, суханро обу ранг медиҳад. Ба ақидаи муаллифи барнома чунин тарзи кор гӯё шунавандаро барои шунидани очерк омода месозад. Ба фикри мо, чунин тарзи кор дар радио чандон дуруст нест, зеро хислати кори радио инро намеписандад. Чунин тарзи ифода ба рӯзнома хос аст. Барои мисол, дар барномаи рӯзи 28 – уми сентябри соли 2001 қабл аз оғози очерк бо чунин руҷӯи (тасвири) лирикӣ ба шунаванда муроҷиат мешавад: *«Омадем ба кошонаи шумо, аз дуриҳои дур дар ин рӯзи муборак. Қисмате аз гуфтори мо зоҳир асту ранҷур асту шикебо, вале шукрона, ки қисмати дигар сабур асту матин асту тавоно. Эй ҳамватанон, дар қадами барномаи мо матои ҳусну таровати худро пойандоз бинмоед. Аз баҳри дили бузургаш баҳра гиред. Охир ин бор барномаи мо омада, то мастона дар замину самои Худо наъра занад! Ба ҷароҳатҳои шаҳри куҳнаи фарҳанги Аҷам даст ниҳода, аз андарзҳои рӯзгори пешин, аз губори лабхандҳои ниҳон ва аз розу ранҷҳои сӯзони нобигаҳои он даврон қисса мекунаду аз дардҳои қалбҳои шикастаи соҳибкарамон фигон мекашад»* [2]. Сароҳанги барнома, ороиши он ва руҷӯи лирикӣ се дақиқаи барномаро ташкил додааст. Қазоват намоед: се дақиқа бо суханбозиҳои камарзиши беҳадаф ба ҷуз аз пур кардани вақти барнома масъулияти дигаре нахоҳад дошт. Аммо баъзе собиқадорони соҳа руҷуъҳои лирикиро ба махсусияти очеркҳои радиои Тоҷикистон марбут медонанд.

Дар барномаи «Манзари адаб» [1] гоҳе очеркҳои бе сабт (бе овози қаҳрамон ё бе садои нафароне, ки дар бораи қаҳрамон сухан мегӯянд) садо медоданд. Ҳарчанд баъзе унсурҳои ин жанр бо садои гӯянда ифода гардандҳам, вале дар асл он ба лавҳаи рӯзнома шабоҳат пайдо мекунад. Дар барномаи мазкур очерки Абдуҷаббор Раҳмонов бахшида ба 70 – солагии академик Соҳиб Табароваз хислатҳои қаҳрамон оғоз гардидааст: *«Шахсро дар роҳи шинохти пешбурди ормонҳои маънавӣ раҳнамун сохтан ва ба ӯ маърифати ҳақиқати азалиро таълим додан беҳтарин ва арзишмандтарин сифатҳои инсони покрав ба ҳисоб меравад. Устод Соҳиб Табаров аз зумраи чунин касонанд, ки розҳои зиёдеро кушода, дар инкишофи илму фарҳанги ҷумҳурӣ саҳми зиёд гузошта ва дар шарҳи вуҷуди «инҷенери руҳи одамизод» комёбиҳои назаррасро мушарраф гаштанд»* [1]. Сипас, сухан дар бораи офаридаҳои Соҳиб Табаров меравад. Сухан ба нақши асосии қаҳрамон дахл дорад. *Дар «Очерк ва ҳикоя жанри ҷанговари насри имрӯзаи тоҷик»,«Ҳамлаи пардапӯшона ба повести «Дар он дунё», «Гуфтор дар бораи инсон ва инсонгарӣ», «Услуби бадеӣ ба насри муосири тоҷик», «Вафодорӣ ба услуб», «Бақои умр» барин силсилаи мақолоту тақризҳояш, ки ҳамагӣ ба эҷодиёти Фазлиддин Муҳаммадиев бахшида шудаанд, хусусияти фавқуззикро мушоҳида намудан мумкин аст. Дар баробари хизматҳои пуарзиши Соҳиб Табаров нақши ӯ дар пешрафти адабиётшиносии тоҷик ба тариқи нек арзёбӣ шудааст. Дар миёни адабиётшиносон ва мунаққидони тоҷик кам*

пажуҳишгаре ёфт мешавад, ки мисли Соҳиб Табаров иштиёқи том ба осори адибон, шоирон, драматургон дошта бошад». Иқтибос аз нигоштаҳои академик Ян Рипка ва Иржи Бечка ба хотири барҷастатар нишон додани мақоми Соҳиб Табаров дар адабиёти тоҷик оварда шудааст. *«Академик Ян Рипка ва шогирдаш Иржи Бечка борҳо таъбири «мактаби адабиётшиносии Табаров»- ро истифода карда, ӯро дар радифи бузургтарин шарқшиносони ҷаҳонӣ қарор медиҳанд. Дар воқеъ, мактаби нақдии Соҳиб Табаров арзиши баландеро сазовор аст…»* [1]. Ҳамин тариқ, зина ба зина лаҳзаҳои ҳаёти қаҳрамон тавассути хати сюжет таҳвият меёбанд, характери ӯ кушода мегардад,симои қаҳрамон шакл мегирад. Очерк бо таъкиди саъю кӯшиши Соҳиб Табаров ҷиҳати пешрафти мактаби нақди миллии тоҷик ва роҳҳои ба камол расонидани адабиётшиносони ҷавон анҷом меёбад. Хуб мебуд дар очерк сабти овози қаҳрамон ва андешаҳои дигарон истифода мегардид.

Баъди солҳои 2000 – ум очеркҳои портретии радиои Тоҷикистон вижагиҳои тоза касб намуданд. Қаблан аксари очеркҳо аз як хати сюжет иборат буданд. Лекин дар ин давра очеркҳои бисёрсюжет рӯи кор омаданд, ки мо онро шартан очерки рамздор ва ё мармуз мегӯем.Зеро ҷаҳони ботинии инсон маҷозан бо манзараҳои табиат тавассути ибораҳои рамзнок тасвир мешаванд. Силсилаи очеркҳои Шаҳобиддини Ҳақназар дар барномаи «Суруди зиндагӣ» бо номи «Нақш дар оҳанги дил» (Адолат Комилова), «Оҳанги ашк» (Тӯхта Иброҳимова), «Сафинаи сафед» (Ҳалим Сангинов), «Оҳанги вафо» (Дилбар Мирфаёзова), «Рӯди ҷавонӣ» (Давлат Назриев), «Ҳамсози дарё» (Абдулло Султонов), «Зангӯлаи умр» (Бурҳон Раҳмонов), «Пири кор» (Мансур Султонов) бисёрсюжетӣ буда, шомили ин гуруҳанд. Дар даврони Истиқлолият очерк ба маънои томаш ба як асари мураккаби гуруҳи жанрҳои публисистӣ –бадеии радио табдил ёфт.

Очеркҳои қаблии мусиқӣяк хати сужа доштанд. Ҳангоми қироати ду гӯянда сужаи асосиро ба ду ҷудо намуда, дуовоза мехонданд. Дар очеркҳои мусиқии солҳои охир (бахусус очерки рамздор) портрети эҷодии қаҳрамон тавассути ду ва ё се сужа офарида мешавад. Муаллиф пеш аз он ки ба ҷаҳони ботинии овозхон ва ё оҳангсоз роҳ паймояд, манзара ва муҳити атрофро ба риштаи калом мекашад. Маҳсули эҷоди қаҳрамон сужаи алоҳида аст. Барои намуна пораеро азбарномаи «Садои дили ромишгар» [4] меорем, ки ба фаъолиятиоҳангсозХайрулло Абдуллоев бахшида шудааст. Тасвири манзара-дамидани субҳ, гуфтугӯ бо рӯд ва ғайра хати сужаи аввалро ташкил медиҳад.*«Субҳ ба дилу дидаҳо нур мекашид, ин насими руҳнавоз навдаҳои маҷнунбедро чун кокулони арӯсон бод медод. Мургакон суруди сапедадамро замзама мекарданд. Олами хоболуд оҳиста – оҳиста чашм боз менамуд, субҳро дар ҳамин савту наво меёфт»* [4]. Хати сужаи дуввум рӯзгору офаридаҳои қаҳрамонро бозгӯ мекунад.Дар ин сужаафкори журналист оид ба қаҳрамонбо меҳр рӯи коғаз мерезад. Чунончи; *«суруду таронаҳояш гоҳ касро ба андеша мекашанду гоҳ ба шӯру шавқ меоваранд. «Чор рақс» барои оркестр гӯё аз чаҳор унсурибтидо ёфта, контатаи«Садои Осиё»- садои дил шуд, ба достони шоир пару бол бахшид»* [4]. Сужаи саввум аз қалби қаҳрамон бармехезад. Гӯё ба гӯши рӯд гуфт: *«имсол ман ба гирифтани Ҷоизаи давлатии Абӯабдуллои Рӯдакӣ ноил гардидам, маҳз барои сурудҳои «Душанбе», «Фалак»…»* [4]. Аз пайванди се хати сужа симои қаҳрамон хубтар, ҷолибтар ва зеботар аён мегардад. Агар очеркҳои мусиқии яксужаро ба расми сиёҳу сафед шабеҳ намоем, пас очеркҳои мусиқии бисёрсужа ба расми ранга монанданд.

Дар очерки портретии «Ӯро фалак мекард гӯш» [6] зиндагиномаи ҳунарманди писандидаи мардум Одина Ҳошим ба риштаи тасвир кашида шудааст. Муаллиф тавассути се сужа ҷаҳони ботинии қаҳрамонро мекушояд. Сужаи аввалро гӯянда аз тасвири манзараҳои табиат оғоз мекунад. Ин сюжет ба мисли лавҳаҳои дигар дар ибтидо ба анҷом намерасад. Он дар байн ва анҷоми очерк зуҳур мекунад. Сужаҳои асосиро қувват медиҳад, пурра менамояд: *«Бод наво мезад. Абрҳо ба ҳам меомаданд. Хуршед гоҳ - гоҳ аз зери мег нур мекашид, рух менамуд… Фалак гӯё оҳангҳои фалакӣ менавохт»* [6]. Ин ҷо гиряву хандаи табиат рамзист. Матлаб мусиқии фалак аст, ки гоҳ ғаму гоҳе нишоти инсонро ифода мекунад. Дар сюжети дуюм симои Одина Ҳошим бо обу ранги бадеӣ тавъам бо асрори табиат оғоз шудааст: *«Ҳафт қабати осмон дар оҳанги*

фалакӣ гирд мегашт ва симои ҷиддиию андешаманди устод Одина Ҳошим аз он оҳангҳо падидор мешуд. Ӯ думбра дар даст бо фалак роз мегуфт, қисса мехонд, ҳикоят аз рӯзгори худ, аз лаҳзаҳои рангину дилнишин ва дилрешу ҳазини худ мекард….Симои ӯ равшантар мегардад. Хаёл гул мекунад. Одинаи Ҳошим бо синаи пур аз савту наво ба сӯи мо меояд. Ман Одинаи Ҳошим… Ҳамон Ҳошими Қосими ҳофизи номдорро писараш…» [6]. Сужаи сеюм дидаву шунидаҳои шахсони воқеӣ, ҳамкорону ҳунармандонро дар бораи қаҳрамон дар бар гирифтааст. Ин сужаидомадиҳандаи лаҳзаҳои хотирмони одамон дар бораи қаҳрамон аст: *«- Каме исто… ба чанд шахси наздик омада суол кард: - Одина Ҳошимовро мешиносӣ? Онҳо ба ҳайрат ба ӯ нигариста: Кӣ ӯро намешиносад. Суруд шунидан мехоҳӣ? – Чаро не, ҳо,ҳо…ба рӯи хасу хок нишасту ба сурудхонӣ даромад. Ҳама гирд гирифтанд ӯро… Вале нигоҳи фарзанд мегуфт: «Падар, барои чӣ ин корро хуш доред?.Дар ин дашт, дар ин роҳ консерт барои кӣ лозим?» Нигоҳи устод Одина Ҳошим мегуфт: «Эй фарзандам, ҷони падар, ту аз куҷо донӣ, ки дар дили ман чиҳо хуфта. Агар ин дили дардмандамро, ки ба танг омада, аз дарди догҳои замона холӣ накунам, бемор мешавам…»* [6]. Ҳамин тавр боз манзараи табиат (сужаи аввал), тасвири симои Одина Ҳошим (сюжети дуюм) ва хотироти шахсони воқеӣ дар бораи қаҳрамон пайи ҳам такрор мешаванд. Сужаҳо кӯтоҳанд, онҳо лаҳза ба лаҳза ифода мегарданд. Симои қаҳрамон тадричан офарида мешавад. Сужаҳо ба ҳам меомезанд ва ҳамроҳи унсурҳои ёридиҳанда (мусиқӣ, эфектҳои овозӣ, имкониятҳои техникии радио) дар ҳамбастагӣ чеҳраи қаҳрамонро меофаранд. Воқеаҳои кӯтоҳ, ки тавассути сужаҳои якуму сеюм амал мекунанд, ба фаъолияти қаҳрамони асосӣ нигаронида шудаанд. *«Навозанда ӯ буд… нигоҳҳо ба ҳам печиданд. Маҳфил буд дар ҳавлии Одинаи Ҳошим. Ҳунари Одинаи Ҳошим овозхони Эрон Муҳаммадризои Шаҷариёнро моту мадҳуш карда, ба ҳайрат оварда. Ин шуҳрат то ба Эрон рафту ӯро ба он ҷо даъват намуданд…Дил месарояд ва симои ӯ падидор мегардад, овозаш ба гӯшҳо танин меандозад…»* [6]. Ва бешак, ин яке аз очеркҳои беҳтарини радиои Тоҷикистон аст.

Дар маркази таваҷҷуҳи очерки дигар, ки сафарист, бардошти муаллиф аз сафар қарор дорад. Муаллиф ҷузъиёти сафарро тасвир менамояд, фикру андешаҳои одамонро истифода мекунад. Ҷараёни сафарро нақл мекунад. Ин унсурҳо ба образи қаҳрамон нигаронида шуда, дар якҷоягӣ барои возеҳ сохтани хулқу атвор ва симои он мусоидат менамояд. Очерки «Афсонаи марди роҳ» [3] аз тасвири манзараҳои табиат оғоз мегардад. Муаллиф ҳангоми сафар бо табиати дилфиреб, ки қаҳрамон дар оғӯши он ба воя расидааст ошно мешавад: *«Роҳ… роҳи куҳистон… Ҳазор гардиш, ҳазор печу хам. Куҳҳо андешаманду пуртаҳаммул. Дарёи Зарафшон газалхону қиссакунон бо ҷӯшу хуруш пеш меравад… Роҳ касро имкон намедиҳад, ки бо худ дар гуфтугӯ шавад, хотираҳоро пеши назар орад. Мо бо мошини боркаш сӯи Мастчоҳ равон, ҳамон роҳе, ки қадаммонӣ, рафту омадҳои дӯсти қаламкаши ман Мирзоҳомид Маликовро ёд дорад…»*[3]. Аз ҷониби дигар, заҳмати пурмашаққати мардуми куҳистон бо ҳаёти қаҳрамон пайванди мантиқӣ дорад. Роҳҳои куҳистон пасту баланданд ва ин шебу фароз дар ҳаёти воқеии қаҳрамон нақши муҳим дорад. Сипас, хати сюжети дуюм аз хотироти муаллиф, ки ҳамзамон тавассути мошин ҷониби диёри қаҳрамон равон аст, падид меояд. *«Бори аввал ману Мирзоҳомид барои таҷрибаомӯзӣ ба ноҳияи Қалъаи Хум рафтем. Ба куҳҳо нигаристу гуфт: Ба куҳҳои Мастчоҳ монанданд,вале камдарахт. Гуфтамаш: Пас чаро аз Мастчоҳи сабзу хуррам ба Бӯстон кӯч бастед. Гуфт:*

Ман агбара сар кардам ба пушти бурсҳо,
Сад сол гузарад, дилам кашоли Масчо» [3].

Зина ба зина дар баробари бардоштҳои сафар, бо симои қаҳрамон бештар ошно мешавем.Симои қаҳрамон асосан тавассути хати сужаи дуюм аз хотироти муаллиф шакл мегирад. Моҳияташ кушода мешавад. Шунаванда дар бораи сифатҳои хубаш, ҳамчунин оид ба кору рӯзгораш иттилоъ пайдо мекунад. *«Хандон буд, гаму дардро асло ба сар намегирифт. Дар Кумитаи телевизион ва радио кораш хуб буд. Дар барномаҳои «Ахбор» ва шуъбаи ҳаёти деҳот ва охир мудири шуъбаи мактубҳо буд… Обрӯ дошт, кордон буду ҳақиқатгӯ ва ҳақиқатнигор, аз ин рӯ, баъзе ҳамкасбонаш ҳам ҳазар доштанду ҳам нотавонбинӣ…»* [3]. Муаллиф дар баробари овардани хотираҳои ҷолиб аз

ҳаёти қаҳрамон ва таассуроти сафар, фикру андешаҳои мардумро нисбат ба қаҳрамон, ҳамчунин хусусиятҳои хоси мардуми деҳаи Падрохро ба риштаи тасвир кашидааст. *«Чӣ гӯем, ки инсон пас аз марг буд ё набуд, вале ҳаминро бояд бигӯем, ки ӯ инсони комил буд, журналисти соҳибкасб буд ва қурбони ноҳақиҳо гардид»* [3]. Дар хотима муаллиф боварӣ дорад, ки корҳои хуби Мирзоҳомид Маликов аз лавҳи хотирҳо сутуда намешаванд. Инсонҳои покдилу ҷасуру нотарс роҳи ӯро идома хоҳанд дод. *«Акнун ӯ афсона гашта, гоҳ – гоҳе дар ёдҳо, дар хобҳо ӯ меҳмон мешавад, бо ҳамон чеҳраи гарми сабзина, бо ҳамон табассуми самимӣ, бо ҳамон чашмони барқпош, бо ҳамон қомати баланду мӯйҳои парешон ва баҳс мекунад, баҳси ҳақталошӣ, ҳақгузорӣ … Ӯ меояд… Роҳи ӯро идома медиҳем, охир ӯ ба дилҳо роҳ гирифта…»* [3]. Мусиқии форам, ки оҳанги маҳзун дорад, дар тасаввури шунаванда пораҳои рӯзгори қаҳрамонро зинда мекунад. Аз анҷоми очерк ба хулосае омадан мумкин аст, ки суханиҳақро завол нест. Роҳирост ҳамаро ба кӯи мурод мебарад. Агар нафаре дар ин роҳбамурод нарасид, шахсони дигар онро идома медиҳанд. Дар очерк лаҳзаҳо табиӣ сурат гирифтаанд, тасвири бадеӣ онҳоро пурғановат намудааст.

Дар очерки «Дилам бар «Шашмақом» сӯзад» [5]муаллиф омилҳои паст рафтани ҳунари ҳирфавии классикии ниёгон, ба эстрада рӯй овардани ҷавонон ва мушкилоти сохтани асбобҳои миллӣ, бунёди лабораторияи махсус барои ҷӯр намудани садои асбобҳои мусиқиро дар маркази таваҷҷӯҳ гузоштааст, ки яке аз очеркҳои проблемавии солҳои охир аст. Маврид ба зикр аст, ки очерк дар радио мақоми худро нигоҳ дошта, гоҳ- гоҳ садо медиҳад. Вале он дар матбуоти даврии солҳои охир мақому манзалати пешинаи худро аз даст дода, тухми анқо шудааст.

Пайнавишт:

1. Радиои Тоҷикистон. 1994, 22.11.
2. Радиои Тоҷикистон. 2001, 28.09.
3. Радиои Тоҷикистон. 2005, 10.02.
4. Радиои Тоҷикистон. 2005, 23.04.
5. Радиои Тоҷикистон. 2005, 18.05.
6. Радиои Тоҷикистон. 2007, 25.06.
7. Саъдуллоев А.,Гулов С.Жанрҳои журналистикаи радио. -Душанбе:Эҷод,2005.-72 с.
8. Усмонов И.К.Журналистика. қ. 1. -Душанбе: Империал Групп, 2005.- 480 с.

МЕСТО ОЧЕРКА В РАДИО ТАДЖИКИСТАНА

Саидмуроди Ходжазод

Автор, говоря о занимаемом месте в жанре очерка в радио, на основе примеров исследует происходящие в этом жанре изменения в различные годы развития. Согласно исследованиям автора, жанр очерка в радио Таджикистана до настоящего времени не уступил своё место другому жанру. Появился новый вид радиоочерка – которым является многосюжетный очерк.

Ключевые слова: очерк, радио, сюжет, передача, жанр, мгновение, образ, особенность

THE POSITION OF RADIO ESSAY IN TAJIKISTAN

Saidmurodi Hodzhazod

Author speaking about ranking essay in Radio Tajikistan, based on examples investigated (considering) in this genre, the changes in the various years of development. According to the author the essay genre in Radio Tajikistan till present and didn't give it's place and in the period of independence appeared a new type of radio essay - which is multi-subject essay.

***Key words*:** essay, radio, story, program, genre, moment, particularity

Сведения об авторе: Саидмуроди Ходжазод – кандидат филологических наук, старший преподаватель кафедры методики изучения таджикского языка и литературы Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни, тел.: (+992) 93 8555299, e-mail: Saidmurod70@mail.ru

Information about the author: Saidmurodi Hodzhazod, PhD in philological science, senior lecturer in Tajik language and literature chair in Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, tel. (+992) 93 8555299, e-mail: Saidmurod70@mail.ru

КЛАССИФИКАЦИОННАЯ ХАРАКТЕРИСТИКА СТРУКТУРЫ И СРЕДСТВ ВЫРАЖЕНИЯ ТЕМПОРАЛЬНЫХ ОТНОШЕНИЙ В СЛОВОСОЧЕТАНИЯХ В АНГЛИЙСКОМ И ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКАХ

Иномова С.А.

Педагогический колледж Худжанского государственного университета имени Б. Гафурова

Темпоральные словосочетания в таджикском и английском языках в основном используют типологически характерные для каждого языка виды подчинительной синтаксической связи, семантико-синтаксические отношения и ПОРЯДОК СЛЕДОВАНИЯ КОМПОНЕНТОВ, которые формируют их структуру и семантику в АЯ (английский язык) и ТЯ(таджикский язык) и в РЕПРЕЗЕНТАЦИИ КОТОРЫХ ОБА ЯЗЫКА ПРОЯВЛЯЮТ СУЩЕСТВЕННЫЕ РАЗЛИЧИЯ. В формировании отношений, складывающихся между главным и зависимым компонентами словосочетания принимают участие как формы распространителей, грамматические свойства подчиняющих лексем, так и лексическое наполнение обеих. При таком выражении возможно взаимовлияние компонентов аналитической структуры, которая создает сложную номинацию. [Успенская 1958, 12-13.]

Комплекс структурных признаков может служить достаточным основанием для определения сущности характеристики темпоральных словосочетаний и их различных типов.

Темпоральные словосочетания состоят из определенных компонентов, тесно связанных между собой как части целого и располагающихся друг за другом в установленном порядке.

Структурно-грамматический анализ темпоральных словосочетаний становится еще более важным аспектом исследования в сопоставительном плане, так как такая линия таджикского и английского языков проявляет специфические особенности в структурно-грамматической организации темпоральных словосочетаний, исходящие из специфики грамматического строя этих языков.

Структурно-грамматический аспект изучения темпоральных словосочетаний предполагает учет нескольких факторов, определяющих особенности организации темпоральных словосочетаний в сопоставляемых языках. Прежде всего, структурная организация темпоральных словосочетаний предполагает изучение словосочетаний в аспекте их синтактико-грамматического соотношения. [Ярцева 1981, 65]

Темпоральные словосочетания по своей структуре не отличаются от других типов словосочетаний и конструктируются по существующим в каждом языке моделям или структурным схемам.

Анализ темпоральных словосочетаний по данному признаку охватывает структурные разновидности темпоральных словосочетаний сопоставляемых языков и раскрывает внутреннюю форму и способен выявить их специфические особенности в каждом из языков и их отличительные черты во внутреннем строении в обоих сопоставляемых языках.

Как показывает сопоставительный анализ структурных особенностей темпоральных словосочетаний, структурно-грамматическая организация темпоральных

словосочетаний в таджикском и английском языках осуществляется с учетом тех особенностей, которые составляют общие или специфические признаки темпоральных словосочетаний в сопоставляемых языках. Следует в целом выделить следующие структурно-грамматические признаки, которые обуславливают конструктивную организацию темпоральных словосочетаний в сопоставляемых языках:

1.Признак грамматической природы темпоральных словосочетаний:

- способ морфологического выражения стержневого слова;
- особенности морфологического оформления компонентов темпоральных словосочетаний;
- способы и средства синтактико-грамматической связи компонентов в темпоральных словосочетаниях. Оба языка объединяют типы подчинительной синтаксической связи: примыкание и управление, в ТЯ выделяется также изафетная, а также послеложная подчинительная связь. Для АЯ определяющим является примыкание.
- порядок следования компонентов в темпоральных словосочетаниях.

2. Признак компонентной организации в зависимости от количественного состава:

- двукомпонентные словосочетания;
- многокомпонентные словосочетания;

Тип однокомпонентных темпоральных словосочетаний представляет собой наречия или другие примыкающие к глагольному сказуемому формы глагола, например: *пагоҳирӯзӣ, субҳдам, пагоҳ* - *in the morning* - *утром, пагоҳӣ бедор шудан* - *wake in the morning* - проснуться утром. *Пагоҳӣ ба сайру гашт рафтан* - *Go in the morning on walk* - Пойти утром на прогулку, состоящие либо из одного слова, либо из сочетания с предлогом; *бегоҳӣ, бегоҳирӯзӣ, шомгоҳӣ* - *in the evening* – вечером; *рӯзона* - *daytime, by day* - днём; *in the afternoon; this afternoon* - сегодня днём; *зимистон, дар зимистон, дар фасли зимистон* - *in winter* - зимой*; соатҳо* - *for hours* - часами; *соатҳо хомӯш истодан* - *keep quiet hour* - он молчал часами - и т. д.

Тип двухкомпонентных темпоральных словосочетаний включает в том и в другом языке два знаменательных слова, которые, однако, слились в одну семантическую единицу, сохраняя лишь свою прежнюю структуру; ср: *тамоми рӯз* - целый день*, рӯзи дигар* – другой день и т. д. В английском языке этот тип обстоятельств также представлен; ср.: *every day, early in spring, an hour later, knee deep* и т.д.

Темпоральные значения формируются в простых и сложных конструкциях, объединяющих в себе субстантив или субстантивное единство, атрибут и детерминированный глагол. При соединении лексем в словосочетании учитывается их синтаксическое и семантическое сочетание. Основным фактом семантической сочетаемости выступает совместимость значений сочетающихся словоформ, необходимых для реализации значения господствующего слова.

Совмещение этих признаков, взятых в общей взаимосвязи, составляет устойчивую соотнесенность свойств, которая может быть положена в основу определения «тип словосочетания как единица сопоставления» [Аракин 1987, 195].

Как свидетельствует материал сопоставляемых языков, на типологичекую характеристику темпоральных словосочетаний существенное влияние оказывают также способ иатериальной организации составляющих компонентов конструкций. В организации семантики темпоральных отношений в словосочетаниях в сопоставляемых языках принимают участие слова различных частей речи, что влияет не только на способ вербализации данного значения, но и в определенной степени на сферу охватываемых словосочетанием семантических отношений темпоральности. В завистмости от этого мы считаем необходимым в круг типологических признаков темпоральных словосочетаний следует включить также признак лексико-грамматического способа выражения компонентного состава словосочетаний.

Категориально-грамматическая природа темпоральных словосочетаний многообразна, прежде всего, она отражает лексико-грамматическую семантику

компонентов темпоральных словосочетаний и обусловленность становления понятийного содержания темпоральных словосочетаний лексико-грамматическими особенностями оформления компонентного состава, соотнесенность компонентов темпоральных словосочетаний с определенной частью речи, значимость грамматической характеристики стержневого слова и специфика реализации морфологических форм, свойство структурной организации темпоральных словосочетаний на основе связи компонентов в темпоральных словосочетаний, особенности порядка следования компонентов в темпоральных словосочетаниях и др.

При анализе темпоральных словосочетаний по признаку категориально-грамматической природы существенным является учет свойства темпоральных словосочетаний с точки зрения их эквивалентности той или иной части речи. При этом за основу классификации в одних работах берутся лексико-грамматические свойства стержневого слова

На этом основании в зависимости от того, к какому грамматическому классу принадлежит стержневое слово, определяется также тип темпоральных словосочетаний.

В нашей работе при классификации чловосочетаний по грамматической организации темпоральных словосочетаний мы придерживаемся взгляда об обусловленности типо-видовых отношений в структуре темпоральных словосочетаний соотнесенностью стержневого слова к определенному лексико-грамматическому типу.

В зависимости от данного признака темпоральные словосочетания, равные по структуре словосочетаниям, подразделяются на следующие два основных типа:

- глагольные;
- наречные (адвербиальные).

Наибольшую группу темпоральных словосочетаний английского и таджикского языков представляют глагольные. Разнообразны они также по структуре, как по конструктивным свойствам самого стержневого глагольного компонента, так и по способу представления зависимой части, характеризующейся многообразием лексико-грамматического выражения и соотношения с различными частями речи, богатством структурных типов в обоих сопоставляемых языках.

Адвербиальные темпоральные словосочетания – это словосочетания, стержневые слова в которых выражаются наречиями; в силу морфологических особенностей таджикского и английского языков, в которых слабо представлены категориальные грамматико-морфологические признаки прилагательного и наречия, наречные темпоральные словосочетания в сопоставляемых языках представлены в меньшей степени.

Темпоральные словосочетания образуются по моделям переменных сочетаний слов по определенной структурной схеме, опорным для которой является стержневое слово словосочетания.

Анализ грамматической организации словосочетаний направлен на выявление основных типов структурных схем или моделей темпоральных словосочетаний в языке. В анализе темпоральных словосочетаний предпринято моделирование структуры словосочетаний. Однако к настоящему времени еще далеко не однозначно принято направление моделирования в синтаксисе словосочетаний. Многие важнейшие проблемы структурной типизации, которые основывают принципы моделирования, остаются еще не разработанными.

Таким образом, типологической основой классификации темпоральных словосочетаний в данной работе служат универсальные признаки словосочетаний в английском и таджикском языках, которые сводятся к характеристике свойств, исходящих из взаимосвязи типов подчинительной связи и особенностей синтаксических отношений.

Моделирование темпоральных словосочетаний отражает грамматическую однотипность структуры, которая характерна для темпоральных словосочетаний и на основе проявления которой выделяются типы и классы словосочетаний. Модели словосочетаний являются универсальными, они охватывают все пространство темпоральных словосочетаний языка. [Широкова 2000, 65]

Структурные модели темпоральных словосочетаний в сопоставляемых языках воспроизводят (имитируют) грамматическое устройство словосочетаний, отображая существенные структурно-грамматические свойства темпоральных словосочетаний в сопоставляемых языках.

Валентность является одной из важнейших способностей глагола в таджикском и английском языках. Глагол проявляет наибольшую развитость способности вступать в синтаксические связи с другими элементами в структуре предложения. Подчеркивая важность сочетательных возможностей глагола в синтаксической реализации структуры предложения, еще Л.Теньер, впервые вводивший этот термин в науку о языке, относил ее только к глаголу, а другие лингвисты структурную организацию компонентного состава предложения ставили в прямую зависимость от валентности глагола.

Синхронная или диахронная валентность глагола как стержневого слова отражается в структурных моделях словосочетаний, образованных по словосочетательным возможностям слов. Как показывает материал сопоставляемых языков, в обоих языках представлены разнообразные структурные схемы глагольных темпоральных словосочетаний, фактически представляющие все возможные модели глагольных словосочетаний.

Представляя модель как наиболее абстрактную схему, в моделеобразующие элементы глагольных темпоральных словосочетаний в работе включаются наиболее необходимые, существенные компоненты словосочетаний, отвлекаясь от несущественных. В организации структурных моделей различных темпоральных словосочетаний участвуют разные компоненты в зависимости от того, какая реальная структурно-семантическая и структурно-грамматическая модель представляется.

Литература:

1. Аракин, В.Д. Сравнительная типология английского и русского языков. – Л. Просвещение, 1979 – 241 с.
2. Успенская Л. В.. Основные структурные особенности современного таджикского языка по сравнению с русским языком//Материалы 1 Межреспубликанской научной конференции по вопросам улучшения преподавания русского языка в национальных школах. Ташкент, 1958. – С., 12-13.
3. Широкова А.В.Сопоставительнаятипология разноструктурных языков /А.В.Широкова. – М.:Добросвет, 2000. - 196 с.
4. Ярцева В. Н. Контрастивная грамматика / В. Н. Ярцева. – М.: Наука, 1981.-110 с.

КЛАССИФИКАЦИОННАЯ ХАРАКТЕРИСТИКА СТРУКТУРЫ И СРЕДСТВ ВЫРАЖЕНИЯ ТЕМПОРАЛЬНЫХ ОТНОШЕНИЙ В СЛОВОСОЧЕТАНИЯХ В АНГЛИЙСКОМ И ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКАХ

Иномова С.А.

В статье исследуются вопросы сопоставительного анализа темпоральных словосочетаний в английском и таджикском языках, устанавливаются типологические признаки темпоральных словосочетаний в сопоставляемых языках.

Ключевые слова: темпоральность, синтаксические средства, типология темпоральных словосочетаний.

THE CLASSIFICATION CHARACTERISTIC OF STRUCTURE AND MEANS OF EXPRESSION OF THE TEMPORAL RELATIONS IN PHRASES IN ENGLISH AND TAJIK LANGUAGES

Inomova S.A.

In article questions of the correlative analysis in English and Tajik languages are investigated, typological signs of temporal phrases are established in correlated languages.

Key words: temporality, syntactic means, typology of temporal phrases.

Сведеня об авторе: Иномова Сурайё Абдузафаровна – преподаватель кафедры английского языка педагогического колледжа Худжанского государственного университета имени Б. Гафурова, тел.: (+992) 92 7894666.

Information about the author: Inomova Surayo Abduzafarovna, lecturer of the English language Department of Pedagogical college, Khujand state University named after academician B. Gafurov. tel. (+992) 92 7894666

ИСТОРИЯ ПЕРЕВОДА ПРОИЗВЕДЕНИЙ Ф.МУХАММАДИЕВА НА РУССКИЙ ЯЗЫК

Бакаева М.Т.

Таджикский государственный педагогический университет им.Садриддина Айни

История таджикского художественного перевода и в связи с ней проблемы взаимосвязи, взаимодействия и взаимообогащения родственных литератур, в нашем случае многовековые контакты между таджикской и русской литературой до настоящего времени малоисследованная проблема в отечественном литературоведении. Таджикское литературоведение располагает большим количеством трудов, в которых данная проблема рассматривалась на примере творчества отдельного писателя и перевода его произведений в разрезе историко-сопоставительного анализа одной работы, хотя и здесь пробелов еще немало, не достигнут все еще уровень изучения вопроса в комплексе, например, по этапам возникновения, становления, совершенствования и обновления контактов в контексте общественно- политического развития, происходящих перемен и преобразований в обществе и самой природе литературных взаимоотношений. По всей видимости, к таким поискам литературоведение пока не приступило по причине отсутствия надлежащей научной базы. Наука все ещё остается во власти синхронного изучения истории художественно-эстетических связей, занята локальными проблемами, что вполне закономерно. Далеко не всякий писатель обладает специфическим даром переводчика, даром литературного перевоплощения. Не случайно на протяжении классического века русской прозы мы можем насчитать лишь несколько рассказов и пьес, переведенных великими русскими писателями А. Н. Островским, И. С. Тургеневым, Л. Н. Толстым и др. Из них, кроме, пожалуй, перевода «Евгении Гранде» молодого Достоевского, ни один не стал дл; русской литературы открытием нового творческого явления, не положил начала русской традиции восприятия произведений зарубежного писателя. А такие мастера перевода, как И. Введенский, П. Ганзен, при всей подчас неприемлемости для нас их принципов и методов, создал и русского Диккенса и русского Ибсена. А маленький сборник «Смерть после полудня» ознаменовал в 30-х годах нашего века рождение русского Э Хемингуэя. И все это сделано переводчиками- профессионалами, писателями, целиком посвятившими себя художественному переводу. В советское время несколько русских писателей- прозаиков занялись переводом с подстрочника произведений литератур народов СССР. Среди них можно назвать JT. Соболева, С. Бородина, Ю. Либединского, Н. Чертову, К. Горбунова, В. Смирнову, М. Юфит, 3. Шишову, М. Никитина, К. Симонова, А. Борщаговского, А. Мусатова и др. Но ни один из назвайных литераторов не переводит зарубежную прозу, хотя некоторые отлично знают иностранные языки. Лучшие и наиболее значительные произведения мировой и советской прозы, собрания сочинений классиков, книги крупнейших современных писателей сегодня представлены русской читающей публике мастерами перевода, работающими только в этой области. Того этапа в развитии нашей литературы, когда переводная проза, не желая больше мириться с положением бедной родственницы в литературной семье, завоевывает себе равноправное место в современной прозе. Переводная проза сбрасывает оковы мертвой книжности, она обновляется за счет

живой современной речи, она приобретает естественность и гибкость словаря и синтаксиса, которые рождаются не столько из книг, сколько из жизни . И открытия, требующие подлинного таланта и закрепляющие на много лет в нашем художественном восприятии облик того или другого иноязычного писателя, в последние десятилетия, как никогда прежде, связаны с именами мастеров художественного перевода. Такие открытия за последние годы встречаются в нашей таджикской литературе все чаще.

Выбор произведений таджикского писателя Фазлиддина Мухаммадиева как объект исследования не случаен. Он относится к числу таких писателей советской таджикской литературы, которые в 60-е годы своим творчеством дали новый импульс развитию таджикского литературного языка.

Художественной манере **Ф**.Мухаммадиева присущ также тонкий своеобразный юмор. Благодаря этим особенностям его произведения вызывали интерес самых требовательных читателей. Произведения **Ф**.Мухаммадиева были подвергнуты глубокому анализу и оценке видных учёных и литераторов, таких как М.Шукуров, А.Борщаговский, С.Баруздин и других, и это не случайно, ибо Ф.Мухаммадиев затрагивает актуальные, острые проблемы не только в жизни своего народа но и такие вечные темы человеческого общества, как добро и зло, разные характеры людей, любовь, ненависть, моральные устои, противоречие человеческого бытия.

Давая свою оценку творчеству таджикского писателя С.Баруздин отмечает: "Проза Мухаммадиева только внешне не громка. Глубина её в бесстрастно изменяющейся жизни, в развитии характера людей - от самых простых до постоянно усложняющихся, в борьбе негативного и позитивного в каждом человеке. И последнее у писателя не однозначно, как мы к тому привыкли по многим литературным произведениям. Далеко не всегда у Мухаммадиева действие развивается от зла к добру и не всегда добро побеждает» [1. с.364].

Конечно, **Ф**.Мухаммадиев отличается собственным стилем, своеобразным видением и отражением действительности. Вместе с тем следует отметить, что всё им созданное построено не на голом месте. Писатель мастерски использует средства выражения таджикского языка, создавая при этом свои авторские формы. С этой точки зрения одной из наиболее характерных особенностей языка произведений Ф. Мухаммадиева является его мастерское умение использовать народные пословицы и поговорки.

Для выявления национальной специфики пословиц и поговорок нами выбраны те произведения Ф.Мухаммадиева, которые могут послужить добротным, надёжным материалом для исследования. Выбор произведений великого мастера слова можно обосновать ещё и тем, что его произведения,

как и многих других таджикских классиков и современных писателей, переведены на русский язык, а затем и на другие языки мира.

Общеизвестно, что художественные произведения, созданные одним народом, привлекают внимание других народов и становятся достоянием мировой культуры. Отсюда возникает проблема перевода данного произведения на другие языки. Благодаря переводу вообще, художественному переводу в частности, читатель познает мир, знакомится с достижениями мировой культуры Все это порождает необходимость специального изучения функциональный аспект межъязыковых соответствий.

В последние годы многие произведения русских и зарубежных литераторов стали доступными для таджикского читателя. Особенно в 50-60- е годы таджикский читатель, благодаря таким переводчикам , как Хабибу Ахрори, Шамси Собиру, Э.Муллокандову и многим другим, получил возможность познакомиться с уникальными произведениями русского народа и народов зарубежных стран.

Отрадно, что, в свою очередь, произведения таджикских писателей, как классических, так и современных, благодаря переводу, перешагнули национальные рамки и стали доступны миллионам читателей мира. И мы гордимся тем, что творения Рудаки, Фирдауси, Саади, Хафиза,-Хайяма,

Джами и многих других наших писателей и поэтов входят в составную часть сокровищницы мировой культуры.

Одновременно можно утверждать, что хотя уже достаточно много переведено произведений на таджикский язык и с таджикского на другие языки, однако до сих пор отсутствуют серьёзные теоретические работы о качестве этих переводов, за исключением одной монографии Муллоджоновой З.М. и нескольких рецензий.

Пожалуй, говорить подробно о значении художественного перевода в культурной жизни того или иного народа нет необходимости, так как об этом много писалось и говорилось. Нам хочется лишь напомнить ещё раз суждение выдающегося писателя-переводчика К.И.Чуковского: "Перевод-это окно в другой мир"» [4.С.231] и согласиться с его трактовкой. Действительно, в наше время, особенно, когда в мире происходят глубокие политические, экономические, культурные и научные изменения и ощущается острая необходимость сотрудничества, взаимодействия между народами, перевод приобретает особую роль Народы, которые до недавних времён находились в рамках тоталитарного режима, приобрели свою независимость и самостоятельность. Их просветительские, гуманистические, общечеловеческие идеи перешагнули рамки национального и стали весьма значимыми в масштабе мировой культуры и никакие формально- географические разграничения не могут препятствовать развитию связей и отношений в деле сотрудничества различных стран. Для свободного плодотворного взаимодействия недостаточно взаимопонимание лишь между государственными лицами.

Помимо этого читатели узнают о жизни других народов посредством художественных произведений, В этом смысле художественный перевод продолжает оставаться высшей формой переводческой деятельности. В связи с этим нужно внести ясность в один момент. Имеется в виду вопрос о том, что главное в переводе. Перевод - работа языковая или литературная. Не следует отрицать, что художественный перевод - работа творческая и чтобы заниматься художественным переводом, нужно иметь писательские способности. И, конечно, в художественном переводе, главное суметь сохранить идейное содержание, в точности передать образы, изображённые в текстах оригинала. Вместе с тем следует признать и то, что перевод - это огромная работа над языком как оригинального текста, так и языка перевода. Иногда в процессе перевода переводчик "воюет" с чужим языком, а чтобы без насилия устранить эти языковые барьеры, переводчику необходима достаточная языковая подготовка. Отсюда напрашивается простая аналогия: если в переводе литературу назвать "содержанием", то язык - это "форма". А Форма и Содержание как парные категории диалектики не могут существовать друг без друга. Для полноценности перевода необходимо соответствие содержания перевода к определённой форме, т.е. любое содержание - не автономно и выражается определёнными средствами - как в оригинале, так и в переводе. С этой точки зрения уместно будет констатировать существующую ныне тенденцию, относящую теорию и практику переводе к общей филе логической дисциплине, и согласиться с этой позицией. В конкретных случаях, конечно, речь может идти, исходя из целей и задач исследования, только о господствующем характере одного из аспектов.

Как отмечалось выше, в многочисленных исследованиях по теории и практике перевода, наибольшему анализу подвергалось именно "Содержание" переведённого материала. А специальных монографий, затрагивающих вопрос о том, каким образом, посредством каких конкретных языковых элементов выражено то или иное содержание в оригинале и какие средства выражения может потребовать это же содержание в языке перевода, до последнего времени отсутствуют.

У разных народов можно легко обнаружить схожие мысли, суждения, умозаключения, всё то, что составляет содержание. А каковы при такой схожести содержания соответствия языковых единиц? Отсюда переводческие материалы и выступают наглядным примером для выявления общих и специфических особенностей языков, в данном случае таджикского и русского.

Кроме того, уместность творчество таджикского писателя как объекта исследования объясняется самой целью переводчиков, поставленной при переводе произведений, анализируемых в диссертации - как можно ближе познакомить русского читателя с жизнью, бытом и культурой таджикского народа посредством художественных произведений. Впрочем, приблизить перевод к оригиналу - цель любого переводчика. А близость "к подлиннику, - как отмечает В.Белинский - состоит в предании не буквы, а духа создания». [2.С.231]. В переводческой деятельности пословицы и поговорки являются одним из основных факторов приближения или отдаления от подлинника. Успех переводчика зависит от того, насколько он знаком с такими особенностями творений народа оригинала, как пословицы и поговорки, которые трудно передаются на чужой язык. В категорию "непереводимости" входят национальные реалии. При этом следует иметь в виду, что теорией перевода уже определены некоторые пути решения этой проблемы.

Таким образом, практика перевода доказывает ту мысль, что "и непереводимое переводимо", о чём свидетельствуют способы решения данной проблемы, широко применяемые в переводческой практике.

Книги Фахлиддина Мухаммадиева печатались у нас в стране не однажды, но впервые на русском языке таджикский писатель **Ф**.Мухаммадиев возник в повеете «Японский шелк», переведенных А.Борщаговским. Как отметила Хуршеда Хамракулова в своей рецензией «Чтобы в сердце не умирал мир детства» по поводу перевода произведения **Ф**.Мухаммадиева «Хочется выразить особую признательность А.Борщаговскому, бережно донесшему до русского читателя содержание рассказов **Ф**.Мухаммадиева, умело передавшему средствами русского языка писательскую манеру таджикского прозаика, его тонкий юмор и ироничность»[3.с.92] .

Надо отметить, что эта книга отражает по своему составу и содержанию, по качеству переводов содержательную сущность и жанрово-стилевую природу прозы **Ф**.Мухаммадиева, ведь это первый сборник, который представляет русскому читателю его творчество в относительно полном объеме, в лучших, избранных образцах. Двухтомник таджикского писателя **Ф**.Мухаммадиева «Избранное», который объединяет его произведения от самых ранних очерков, до написанных в последнее время рассказов, повестей и романов, показывают одну очень примечательную черту его творчества все, что вышло из- под пера Ф.Мухаммадиева, написано, прежде всего, человеком отзывчивым, добрым. Конечно же, доброта и отзывчивость - прекрасные качества для писателя, но одной добротой не объяснишь особенности таланта. Но в нашем случае стоит уточнить Фазлиддина Мухаммадиев, по свойству своего дарования ощущает мир контрастно, в остром борении света и тени, истины и фальши, его взгляд не отворачивается от сложностей жизни со всеми ее противоречиями и нерешенными проблемами.

Литература:

1. Баруздин С.Н. Переводная школа .-М.: Наука, 1998.-453 с.
2. Белинской В.Г.О сочинениях А.С.Пушкина.- М.: Художественная литература, 1986.-254 с.
3. Хамракулова Х. Чтобы в сердце не умирал мир детства // Памир.-№4.- 1997.-С.45-51.
4. Чуковский К.И. Школа мастерства.- М.: Наука, 2007.-342 с.

ИСТОРИЯ ПЕРЕВОДА ПРОИЗВЕДЕНИЙ Ф.МУХАММАДИЕВА НА РУССКИЙ ЯЗЫК

Бакаева М.Т.

В этой статье автор исследует переводы произведений известного таджикского писателя Фазлиддина Мухаммадиева на русский язык. На основе обширного материла, исследуется, как русские переводчики перевели его произведения на русский язык.

Ключевые слова: перевод, писатель, материал, язык, проблема, история, читатель, книга.

HISTORY OF THE TRANSLATION OF THE WORKS OF F.MUKHAMMADIEVA ON RUSSIAN LANGUAGE

Bakaeva M.T.

In this article, the author explores the translation works of the famous Tajik writer Fazliddina Mukhammadieva on Russian language. Based on an extensive material it shows how Russian translators have translated his works into Russian language.

Key words: translation, writer, the material, the language problem, the story, the reader, the book.

Сведения об авторе: Бакаева Мехриниссо Тугаловна – старший преподаватель кафедры русской и мировой литературы Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни, тел.: (+992) 919 037503, e-mail: misis.mehriniso@mail.ru

Information about the author: Bakayev Mehrinisso Tugalovna, Senior lecturer of Russian and world literature chair in Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, tel. (+992) 919 037503, e-mail: misis.mehriniso@mail.ru

ТАҲҚИҚИ ВОҲИДҲОИ ЛУҒАВИИ МАРБУТ БА АСБОБИ РӮЗГОР

Сахидод Хоркашев

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Дар баробари анвои гуногуни хӯрок асбобу анҷом барои тайёр кардани онҳо низ ба вуҷуд омадааст (ТКД, 1966, 1970). Луғати сохтаю мураккаб ва ибора-истилоҳоти ин гурӯҳ дар такмили таркиби луғавии шеваҳо нақши муҳим доранд. Мутобиқи вазифаҳое, ки ин асбобҳо доранд, онҳоро ба гурӯҳҳо ҷудо кардан мумкин аст. Ин нуктаро муаллифони «Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ» боарзиш дониста, таъкид менамоянд, ки «номҳои асбобҳои рӯзгор ҳам мувофиқи зарурат ва аҳамияти дар хоҷагии инсон доштаи предметҳо ба гурӯҳҳои зиёд ҷудо мешаванд» (Ҷӯраев, 1980, 121) ва тафсилоти ҳамаи онҳоро дар доираи тадқиқоти худ аз имкон берун медонанд. Ин қабати луғавии истилоҳотро ба гурӯҳҳои зерин ҷудо намудан мумкин аст:

1. Номи зарфҳои марбути кор бо оташ
2. Номи зарфҳо марбут ба об
3. Номи зарфҳои марбут ба таҳияи нону хӯроки хамирӣ
4. Номи зарфҳои марбут ба дег ва анвои он
5. Номи зарфҳои марбут ба табақ ва анвои он
6 .Номи зарфҳои марбут ба коса ва анвои он
7. Номи зарфҳои марбут ба қошуқ, корд ва анвои он
8. Номи зарфҳои марбут ба равган
9. Номи зарфҳои марбут ба маҳсулоти ширӣ

Пеш аз ҳама бояд хотирнишон сохт, ки барои ифодаи номи умумии ин гурӯҳ дар шеваҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқӣ калимаи **ҷога**[1]//**ҷогаҳ** (Вқ., Қ.) ва ибора-истилоҳоти **санг-ъ сафол** (Вқ., Дарв.), **косав-ъ табақ** (Қ.) ва **ҷов-ъ ҷога** (Шк., Вқ., Ванҷ) мустаъмал аст. Калимаи **ҷога** // **ҷогаҳ** ба назари мо аз вожаи **ҷой** ва пасванди маконсози **-гоҳ** сохта шудааст ва мухаффафи калимаи сохтаи **ҷойгоҳ** аст. **Ҷойгоҳ** мутобики шарҳи “Фарҳанг” панҷ маънӣ дорад, ки яке аз маъноҳо нишемангоҳ ва маҳалли зисту зиндагӣ мебошад (ФЗТ, 1969, 785), ки ба ду маънои дар шеваҳои мазкур истифодашаванда: 1.пинҳон шудан (дар таркибҳои **ҷога шъдан, ҷога кардан**); 2. ҷойи хоб дар шакли ихтисории **ҷога** бо феълҳои **дохтан**, **кардан** наздик аст: ҷога надохт-ан чъ хел хов мере-м (Вқ.).

[1] Доир ба шарҳи луғавӣ ва мавқеи ин калима ниг.: ШҶЗТ, 1980, 121.

Мутобиқи маънои дуюм (**пинҳон**) дар лаҳҷаҳои Бухоро низ истифода мешавад (Маҳмудов,1989, 276). Маънои сеюми ин вожаи сохта дар шеваҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқӣ номи умумии зарфҳост, ки дар қолаби ибора-истилоҳот муродифи **санг-ъ сафол, косав-ъ табақ** ва **ҷовъ ҷога** низ дорад: ҷога надоштъм, агане йа шиша дору-т мийовардъм (Шх.); да йак ҷогаҳ ҳамин бъринҷ-а авқот мекъни́, ки даҳантанг боша (Тд.). Дар баробари ин истилоҳот калимаи **хърма** (Шк.,Вқ.)//**хърмача** (Вқ., Ванҷ.) дар ифодаи зарф барои гирифтани маҳсулоти гуногун: шир, нон, намак, равған ва ғайра хизмат мекунад: **хърмачай говҷуши́** (Вқ.Қ.) навъи хурмачаи сафолӣ; **хърмачай нъмъков** (Вқ.,Қ.) хурмачаи намакобгирӣ: **хърмачай руғангири́ (**Вқ.,Қ.) хурмачаи равғангирӣ; **хърмачай руғанҷума** (Вқ.,Қ.) хурмачаи равғангирии ҷувоз; **хърмачай сузани́** (Қ.) хурмачаи дастадори нақшдор. Барои ифодаи хурмаи калони якгӯшаи дастадор вожаи **лавак** (Вқ.) аст, ки чун муродифи **хърма** омадааст**.**

1.Номи зарфҳои марбути кор ба оташ. Дар ҳаёти мардумон оташ нақши муҳим дорад ва барои пӯхтани нону анвои гуногуни хӯрок истифода мешаванд. Ин аст, ки аз қадимулайём ба оташ аҳамияти махсус медиҳанд ва оини зардуштиён-қавмҳои қадимии мардуми ориёинажод ба ин вожа мансубияти бевосита дорад. “Дар паҳлавӣ дар маънои “оташ” вожаҳои “одур” ва ”отахш” ба кор рафта, ки ҳар ду низ идомаи ду гунаи як вожаи авестоӣ маҳсуб мешаванд; одур< отур <ав.отар-ф.н.одар//озар; отахш<ав.отарш”. (Саймиддинов, 2001, 192) Дар шеваи ҷанубӣ барои ифодаи **оташ** калимаи **алов (**Маҳмудов, Ҷӯраев, 1997, 29**)** роиҷ аст ва ҳомилони лаҳҷаҳои Бухоро дар шакли **олав//олаб** истифода мекунанд (Маҳмудов, 1989, 174). Агар маълумоти “Фарҳанг”-ро меъёр донем, вожаи **алов** бо ҳар гуна варианташ (алоб, алав, олаб, олоб) дар адабиёти классикӣ дида намешавад.

Барои сокинони шеваи ҷанубӣ маънои калимаи оташ комилан равшан аст, аммо дар ҳаёти воқеи **алов**ро истифода намуда, дар таркибҳои **алов задан**; **алов кардан; ай чъшм алов паридан (**дарғазаб шудан); **алови чъшми** *касеро* **гирифтан** (тарсондан, муттаҳам кардан) ва ғайра истифода мешавад. Ҳамчунин, бо вай вожаҳои зиёде ба вуҷуд омадааст, ки на танҳо ба истилоҳоти марбут ба хӯрокворӣ, балки барои баёни маросимҳои қадимӣ низ дахл мегирад, ки аз муқаддас будани он далолат мекунад. Ин ҷо вожаи мураккаби **аловпарак** (аз болои алов паридан бо пасванди -ак) дар назар аст, ки дар рӯзҳои Наврӯз, идҳои гуногун ва тӯйҳои арӯсӣ ва ғайра бо паридан аз болои оташ анҷом мегирад ва хусусияти маросими умумихалқӣ мебошад, вале ин оини қадимӣ хеле ва хехе кам шудааст. Калимаи **аловпъфкънак** (Вқ.) дар зинаи дуюми калимасозӣ бо пасванди -ак сохта шуда, маънои маҷозӣ касб намудааст ва ба шахси дасисакор, фитнангез ишора мекунад. Дар исми шахси **Аловиддин** ҳам вожаи алов истифода шудааст, аммо маъноях оташи дин нест, балки ин калима аз пешоянди арабии **ало** (бо, барои, ба, бар, ба таври) (ФЗТ, 1969, 58) ва морфемаи “дин” сохта шуда, семантикааш “бо дин” ва ё “барои дин” мебошад.

Сокинони шеваҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқӣ барои кор бо оташ ҷою макон ва асбоби махсус истифода мекунанд, ки онҳо бо калимаҳои сохтаю мураккаби тобеъ номгузорӣ шудаанд: **аловга, аловхона // аловхуна**. Ин калимаҳо ишора ба он нест, ки он ҷо хонаи оташ бошад, балки ишора ба макони асбобҳои бо оташ хӯрокпазанда мебошад, яъне ошхона ва матбах аст. Дар даҳсолаҳои охир бо пайдо шудани газ ва истифодаи он калимаи **газхуна** ба маънои ошхона мустаъмал гардидааст ва то андозае ҷойи нонпазиро аз хӯрокпазӣ ҷудо кардааст. Ба ин маънӣ дар маҳаллаҳое, ки газ истифода мешавад ва хӯрокро бо он мепазанд, он ҷоро **газхуна** ва маконеро, ки дар он ҷо нон мепазанд **аловхуна** ном мебаранд. Барои ифодаи ин маънӣ вожаи **аловистон //аловистун** дар гурӯҳи лаҳҷаҳои шимолии Кӯлоб бо пасванди маконсози -истон вуҷуд дорад, ки хусусияти маҳаллӣ дорад. Дар “Ғиёс-ул-луғот” ба маънии **ошпазхона** калимаи “боварчихона” ва ба маънии **ошпаз “**боварчӣ**”** омада, ҳамчун калимаҳои тоҷикии ҳиндишуда (ҒЛ, 1989, ҷ3, 11) ишора мешаванд.

Дар дохили аловхуна ва ё берун аз он оташдони зиёд мавҷуд аст, ки ҳар кадом барои пӯхтани яке аз анвои нон, ғизо ва ё чой хизмат мекунанд. Онҳоро асосан аз гилу

лой месозанд ва баъзе узвҳои оҳанӣ низ доранд. Барои сохтани онҳо устоҳои махсус сафарбар мешаванд. Махсусан, барои нони хуб пӯхтан танӯри хуб сохтан лозим меояд ва ин аст, ки устои моҳир ва заҳмати зиёд сарф мешавад. Дар баробари ин, асбоби зиёде мавҷуд аст, ки зимни муроҷиат ба оташ истифода мешаванд ва маҳсули аловӣ низ дар канори онҳост. Аз ин ҷиҳат оташдон барои пӯхтани нон, учоқ барои чой, асбобҳои кор бо оташ ва маҳсулоти аловӣ дар канори ҳаманд:

А. Оташдон барои пӯхтани нон. Калимаҳои ин гурӯҳ ифодакунандаи оташдони махсус аст, ки ба таври доимӣ ва ё муваққатӣ сохта мешаванд. Оташдони доимӣ дар дохили **аловхуна** ва оташдони муваққатӣ дар дохил ва қароргоҳҳои муваққатӣ берун аз **аловхуна** сохта мешаванд, ки ба ҳаёти кишоварзӣ ё чорводории мардум вобаста аст. Сохти морфологии ин калимаҳо сода, сохта, мураккаб ва дар шакли ибора-истилоҳ мебошанд. Барои бастани нон асосан **тандър** (Вқ.); **чагдон// чагдун// чакдон// чаҳдон** (Вқ., Ғк., Қ., Шк., Ҷк.); **чаҳлак** (Вқ.,Қ., Шк.)**//чӓлък** (Ҷк.)**//чаҳлакча** (Вқ, Қ.); **дегдон//дегдун// дейдон** (Шк., Кҳ., Вқ.)// **дегдонкалун// дейдонкалун** (Қ.) истифода мешвавад. Вожаи **тандър** шакли лаҳҷавии калимаи танӯр аст, ки дар забони адабӣ, адабиёти классикӣ (ФЗТ, 1969, 325) истифода шудааст. Бо ин калима дар забони форсӣ вожаҳои мураккаби **танӯрхона** ва **танӯрдон** сохта шуда бошад ҳам, худи вай (мақсад танӯр) дар “Фарҳанги имлои забони форсӣ” (صادقی1389, 180) зикр наёфтааст, аммо дар “Фарханги рӯзи сухан” ду маънои калимаи танӯр ва маъноҳои маҷозии аз он беруномада зикр ёфтаанд, ки яке аз маъноҳои асосӣ “кӯрае маъмулан барои пӯхтани нон” мебошад. (انوری، 1383، 343). Танӯр ба ҷоҳ шабоҳат дорад. Ин аст, ки дар шеваи ҷанубӣ бо истифода аз морфемаи -дон калимаи **чаҳдон** (ШҶЗТ, 1980, 126) ва вариантҳои зикршудаи вай сохта шудаанд, ки маънии танӯрро доранд. **Дегдон** ва вариантҳои вай вожаи сохта буда, аз асоси **дег** ва пасванди -дон пайдо шуда, тавре аз номаш маълум аст, барои дег аст, ки дар он хӯрок мепазанд. Дар баробари хӯрок пӯхтан нон ҳам пӯхта мешавад. Вобаста ба анвои нон номҳои дегдон ҳам гуногунанд, аз сода ва ё аз ибора-истилоҳ иборатанд. Бо калимаҳои сода пасванди -ча меояд, ки шаклсоз аст: **дегдонча//дегдунча// дегдуча //дедунча** танӯри хурд. Ибораҳои **дегдуни гирдачабанди́** ва **дегдуни нонпази́** дар гурӯҳи лаҳҷаҳои шимолии Кӯлоб; **дегдуни нунбанди́** дар гурӯҳи лаҳҷаҳои қаротегинӣ истифода мешаванд. Тавре ки болотар гуфта шуд, танӯрҳои муваққатӣ низ мавҷуд аст, ки аз муайянкунандаҳо ин маънӣ зоҳир мегардад: **дегдуни саргардун** дар гурӯҳи лаҳҷаҳои шимолии Кӯлоб; **дегдучай гарду // дегдучайи гарду** (танӯрчаи муваққатии аз лой сохташуда); **дегдучай гардуник, дегдучай келинги́** дар гурӯҳи лаҳҷаҳои вахиёӣ-қаротегинӣ ба маънои оташдони сангини муваққатӣ, ки дар сари девлох сохта мешавад. Вожаи **товасанг** дар гурӯҳи лаҳҷаҳои шимолии Кӯлоб ба маънои санги паҳни калон, ки чӯпонҳо дар рӯйи он нон мепазанд, ки дар дигар лаҳҷаҳо дида намешавад: нуни товаги́, дар товасанг пъхтаги́ бамаза-ай (Ёх.). Калимаи **шълък** дар гурӯҳи лаҳҷаҳои вахиёӣ-қаротегинӣҳам истифода мешавад, ки бо он даҳони чақдонро мепӯшанд**.**

Б. Оташдон барои чою хӯрок, ки аз рӯ сохти морфологӣ сода, сохта, мураккаб ва дар шакли ибора-истилоҳ мебошанд: **учоқ** оташдон: а дъхта тез бъра да учоқ чой къ (Ёз). Ба қавли “Фарҳанг” калимаи **учоқ//уҷоқ** туркӣ аст ва маънии “дегмон” ва ё “оташдон”-ро дорад (ФЗТ, 1969, 399), ки ба ҳарду маънӣ дар шеваи ҷанубӣ мустаъмал аст. Ба ин маънӣ калимаҳои **тафдун** дар деҳаи ЛаҒмони гурӯҳи лаҳҷаҳои шимолии Кӯлоб истифода шавад, **овчушонак** дар гурӯҳи лаҳҷаҳои ғарбии Кӯлоб ва **почъки́** дар ҳамаи гурӯҳҳо мустаъмал буда, доираи васеъро дар бар мегирад. **Тафдун** барои он мегӯянд, ки дар он ҷо чойро дам медиҳанд ва ё картошка, ҷугорӣ ва дигар маҳсулотро тагаловӣ карда, таф дода, мехӯранд: да тафдун ҷъгори́-ра ба картъшка тайи алов мекадем (Лаг.). Калимаи **почъки́** оташдони муваққатӣ аст, ки пояҳои (почъко) филизӣ дорад ва номаш аз рӯйи сохташавиаш гузошта шудааст. Вожаи **овчушонак** (Дб.) аз номаш маълум аст, ки барои зарфҳои чойҷӯшонӣ аст, вале дар он барои дег ҳам ҷой мавҷуд аст. Бо истифода аз калимаи “дегдун” ва “учоқ” ибора-истилоҳоти **дегдуни чойҷушуни́** дар гурӯҳи лаҳҷаҳои шимолии Кӯлоб; **учоқи гардон// учоқи гардонак** дар

гурӯҳи лаҳҷаҳои қаротегинӣ сохта шудааст, ки вазифаашон аз муайянкунандаҳо маълум аст.

В. Асбобҳо барои муроҷиат бо оташ дар **аловхуна** ҷойгиранд ва яке аз ашёи зарурӣ мебошад, зеро мусаллам аст, ки оташро бо дасти урён гирифтан намешавад. Номи асбоби ин гурӯҳ вобаста ба вазифааш гузошта шуда, рехта, сохта ва мураккабанд. Рехта: **лъви́** (Қ.)// **лъфчък** (Дарв., Шк, Роғ)// **лукик** (Шк.)// **лъвик//левик** (Шк., Ҷк.) чӯби нимсӯхтае, ки чун оташков истифода мешавад. Вожаи **лъвӣ** аз асоси **алов** ҳамон чӯби **аловӣ** аст, ки нимсӯхта шуда, баъдан барои кофтани алов истифода мешуд, вале ҳоло ҳар гуна чуб ва ё оҳанро, ки оташро ба тартиб меоранд **лъвӣ// лъфчък// лукик//лъвик//левик** мегӯянд: калай лъвик-а сини гърго фър мета (Ток.); йа левик бъд, гур-ъш кардъм (Хов.). **Калимаҳои сохта** дар қолаби вожаи мустақилмаъно ва пасванд меоянд. Калимаи **каҷак** // **каҷа** дар гурӯҳи лаҳҷаҳои шимолии Кӯлоб ва **кули́** дар гурӯҳи лаҳҷаҳои вахиёӣ-қаротегинӣ ба маънии оташгирак аст. Аммо дар гурӯҳи лаҳҷаҳои қаротегинӣ ва лаҳҷаҳои Ванҷ калимаи **каҷук** // **каҷък** ба маънии чангакчаест, ки бо он нон мекананд. Бо ин қолаб лексемаи **остинча**// **остънча** ба маънии **“**олати мудаввари пахтаю латтагӣ”, ки бо он ба танӯр нон мечаспонанд, дар гурӯҳи лаҳҷаҳои вахиёӣ-қаротегинӣ ва ванҷӣ роиҷ аст. **Вожаҳои мураккаб**. Дар байни калимаҳои мураккаб вожаҳои **аловроскън** (танзимкуни оташ); **аловгирак** (асбоби оҳании дастадарози анбӯрмонанд, ки ба воситаи он ба самовор лахча ва ангишт меандозанд); **аловковак** (оташков) дар шеваҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқӣ муштарак, аммо вожаи **лахчагир** (оташгирак) дар гурӯҳи лаҳҷаҳои вахиёӣ-қаротегинӣ; **аловкашак** дар гурӯҳи лаҳҷаҳои қаротегинӣ; **аловшур**, **лъвиковак// лувиковак** (оташков) дар гурӯҳи лаҳҷаҳои шимолии Кӯлоб истифода мешаванд: лувиковак-а бъте, алов-а бъковъм (Б.).

Г. Маҳсулот барои оташ дар ҷойҳи махсус нигоҳ дошта мешавад ва дар сурати зарурӣ ба **аловхуна** оварда мешаванд. Асосан, дар ин кор аз маҳсулоти чӯбӣ, тапак ё лал (саргини лундакардаи гов ва дигар ҳайвонот), коҳу гиёҳҳои хушкшуда, барги дарахтон ва ғайра истифода мекунанд. Номи умумии ин маҳсулот **аловӣ** аст, ки аз исму пасванд сохта шудааст ва аз ин асос дар зинаи дуюми калимасозӣ дар деҳаи Кичигзии гурӯҳи вахиёӣ-қаротегинӣ вожаи **аловидун** (ҳезумхона) ба вуҷуд омадааст. Барои нигоҳдории **тапак** вожаи мураккаби тобеи **тапакхуна, лалхона, хасхуна, ҳезумхона** сохта шулааст, ҷузъи асосӣ дар ҷойи дуюм аст. Маҳсулоте, ки барои сӯзишворӣ истифода мешаванд бо вожаҳои сода, сохта ва мураккаби **езъм, хас, лал, тапак, кънда, кънда**бед, **кънда**арча, **търоша** ифода мегарданд, ки на танҳо барои лаҳҷаҳои шеваи ҷанубӣ ва ҷануби шарқӣ, балки дар шакли адабиашон барои ҳамаи тоҷикон умумианд. Дар ин ҳайат лексемаи **таҳгируни́** мавҷуд аст, ки хоси гурӯҳи лаҳҷаҳои вахиёӣ-қаротегинӣ мебошад ва маънии “пешдаргирон, ҳезуму хаси хушк”-ро дорад.

Калимаи **тапак** бо пасванди -ак ва **търоша** //**туроша** бо морфемаи -а сохта шудаанд. Вожаи **кънда** чанд маънӣ дорад ва яке аз маъниҳояш “лӯндаи буридаи дарахт” аст, ки онҳоро бо асбобҳои махсус пора-пора карда, дар ҷойи мувофиқ нигоҳ медоранд. Аз ин калимаи сода лексемаҳои мураккаб аз роҳи факки изофат, ки қисми аввал асосӣ аст, сохта шудааст: **кънда**бед (Мт.) кундаи дарахти бед; **кънда**арча (Лаг.) кундаи дарахти арча. Калимаҳои дигар низ сохта шудаанд, ки ҷузъи асосӣ дар ҷойи дуюм меистад: **таҳкънда** (Вқ.) // **таҳкъндаги́** (ин ҷо -гӣ шаклсозаст) (Вқ.)// **зеркънда** (Лахш) зеркунда, барои пора кардани ҳезум; **кънда**алов (Шк., Қ.); **кундалочик** (Қ.) чӯби нимсӯхт, ки аз асоси **кънда**алов сохта шудааст (кънда**лочък**-кънда**ловчък**); **езъмалов:** ай езъмалов дуди бур мебройа (Оқ.).

Дар аловхуна **аловдонак** (Қ.) “дудкаш” насб мекунанд, ки вазифааш берун кардани дуд аст. Калимаи **аловдонак** (Қ.) ҳам ду зинаи вожасозиро тай кардааст. Аввал аз асоси **алов** бо пасванди -дон морфемаи **аловдон** (оташдон) ва баъдан аз асоси **аловдон** бо пасванди -ак **аловдонак** пайдо шуда, маънии дудкашро ифода мекунад.

2.Номи зарфҳо марбут ба об. Об барои тамоми башарият яке аз анвои нӯшокиҳоест, ки бе вай зиндагӣ давом надорад. Дар ташаккули таркиби луғати шеваҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқӣ ин гурӯҳи истилоҳот нақши муҳим доранд. Барои

ифодаи ин мафҳум дар шеваҳо **ов** роиҷ аст, ки гунаи шевагии калимаи **об** буда, хусусияти умумихалқӣ дорад. Об барои тайёр кардани хӯрок ва нӯшикиҳои ташнашикан (мисли чой, шарбат), ки дар ин ҳолат коркард мехоҳад ва ҳамчун нӯшокӣ бидуни коркард мустаъмал аст. Барои интиқол, нигоҳдорӣ ва аз вай истифода бурдан истилоҳоти зиёде ба вуҷуд омадааст, ки ҷиҳати бароварди эҳтиёҷоти мардумон хизмат мекунанд. Ин истилоҳотро мувофиқи вазифаашон метавон ба ду қисм тақсим кард:

А. **Истилоҳот барои интиқол ва нигаҳдории об.** Зарфҳое, ки барои нигаҳдории об истифода мешаванд, асосан, аз зарфҳои сафолии мисли кӯзахои гуногун, хурмаҳои обгирӣ ва ҳамчунин кадуи хушккарда иборатанд. Дар қарни охир зарфҳои оҳанин ва ё аллюминӣ роиҷ шудааст. Дар бунёди ин гурӯҳ калимаҳои умумихалқии **ов** ва **кӯза** нисбатан серистеъмоланд, зеро вожаҳои марбута тавассути онҳо сохта шудаанд. Вожаи **ов** дар ташкили калимаҳои мураккаби тобеъ иштирок мекунад ва аксарияти ин вожаҳо характери умумӣ доранд: **овдаста** (Қ.), **овкаш** (Шк.), **овкаду** (Шк., Қ.). Калимаҳои **дасовезак** (Қ.), ва **дъстовгирак** (Шк.) ду зинаи калимасозӣ дорад. Дар зинаи якум аз қолаби исм+исм+асоси замони ҳозираи феъл калимаҳои **дасовез** (дастобрез) **ва дъстовгир** (дастобгир), ки ба шахс далолат мекунанд, сохта шуда, баъдан бо пасванди -ак воҳиди луғавии дигари ифодакундаи “зарфи обрезӣ” ба вуҷуд омадааст. Аммо дар гурӯҳи лаҳҷаҳои вахиёӣ-қаротегинӣ ва ванҷӣ бидуни пасванди -ак дар зинаи якуми зинаи калимасозӣ дар шакли **дъстовгир** ба маънии “зарфи обрезӣ” роиҷ аст.

Ғайр аз ин, дар калимаҳое, ки ба воситаи пасванди -ак ба амал омадаанд, калимаи **ов** нақши асосӣ дорад: **овбарак** (Қ.), **овгирак** (Шк.), **овхърак** (Вқ.,Шк.).

Куза ҳам яке аз зарфҳои муҳими ҳаётии умумиистеъмол аст. Ба ин вожаи пасванди -ча ҳамроҳ шуда бошад ҳам, шаклсоз аст: **кузача** (Вқ., Шк)// **кузича** (Вқ.)// **кугича** (Лан.) кӯзача. Дар шакли ибора-истилоҳ терминҳои **кузай мис** (Қ.) кузаи мисӣ; **кузай сафолӣ́** (Ғк.); **кузайи ширченкъни́** (Қ.) кӯзаи хурде, ки бо вай шир андоза мешавад, ташкил шудаанд. Дар лаҳҷаҳои Бухоро дар ин қолаб истилоҳоти **кӯзи саврӣ** “кӯзаи сафолии бесир” ва **кӯзи шинни́** “кӯзаи шинниандозӣ” роиҷ будааст (Маҳмудов, 1989, 133) ва барои маҳсулоти хӯрокворӣ истифода мешаванд. Ғайр аз ин, калимаҳои умумиистеъмолии “сател” ва “фақер” пасвандҳои шаклсози -ак ва -ча гирифта, бо намуди **сателак//сателча, фақерча** мураввaҷанд**.** Бо пасвандҳои -ак//-ък//-ик, пешванди бе- аз исмҳо ва калимаҳои тақлиди овозӣ калимаҳои ин гурӯҳ тақвият меёбад: **дъмбък//думбак, машрабак, нулък//нулик, қадоқак, гургак, дулък, къмбонак, кълқълак // қулқулак// кълкъла // қулқула //қълқъли, кълкълича, бенук.** Дар қолаби калимаҳои мураккаби тобеъ низ чанд калима хизмат мекунанд: **йагдъста, лавдъста, лавкаҷак калғъдора, капакаду.**

Маънӣ ва ҳудуди интишорӣ вожаҳои мазкур гуногун аст. Дар гурӯҳи лаҳҷаҳои шимолии Кӯлоб калимаҳои **сателак** “зарфи обгирӣ”; **дъмбък//думбак** “дӯлча, зарфи хурди дастадори обхӯрӣ”; **гургак** “навъи зарфи обгирӣ, ки шаклан ба мурғобӣ монанд аст”; **кълқъли** “зарфи обгирӣ”; **капакаду** “кадуи обнигаҳдорӣ ва оббиёрӣ”; **йагдъста** “зарфи дастадори обгирӣ”, **машрабак** “зарфи хурди обгирӣ, ки аз тунука ё гил сохта шудааст”: ай кълол машрабаки лойи́, сиба меша (Мӯм.); ҳаму сателак ов надора, ки дасти меҳмоно-ра ов гири́ (Мӯм.).

Ба маънии **сателак,** ки бо -ак дар шимоли Кӯлоб роиҷ аст, дар гурӯҳи лаҳҷаҳои вахиёӣ-қаротегинӣ ва ванҷӣ бо -ча вожаи **сателча, фақерча** дида мешавад ва бо ҳамин маъно дар гурӯҳи лаҳҷаҳои ғарбии Кӯлоб **қадоқак** роиҷ аст.

Ҳамчунин дар гурӯҳи лаҳҷаҳои вахиёӣ-қаротегинӣ калимаҳои зерин марбут ба обгирӣ мавҷуд аст: **лабдаста** “кӯзачаи дастадор”; **лабкаҷак** “кӯзачаи дастаноки бе ҷуммак”; **калғъдора** кӯзачаи дастадори хурд, ки гӯша (даста) надорад”: майдатар-ш-а калғъдора, лъмбтар-ш-а ғъдора мегар (Каҳ.); **дулък** “кӯзачаи гулӯборики дастадор, ки бо вай аз хум ва дег об гиранд”; **нулък//нулик** “кӯзачаи чумакдор”: нулък-а бъбар дъсто-ра бъшуван (Кб.). Дар гурӯҳи лаҳҷаҳои қаротегинӣ **бенук** “хурма, хурмача; сабӯ, сабӯча”: бенук-ънда ов-у шир медозан (Шм.).

Калимаи **къл̣къли́** “зарфи обгирӣ” ки дар гурӯҳи лаҳҷаҳои шимолии Кӯлоб номбар шуд, бо гунаҳои савтии гуногун дар дигар минтақаҳо истифода мешаванд. Масалан, агар **къл̣къ́лак // кулқулак** барои ҳамаи лаҳҷаҳои шеваҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқӣ муштарак бошанд **къл̣къ́ла // кулқула // къл̣къ́лича** хоси гурӯҳи лаҳҷаҳои қаротегинӣ мебошад. **къмбонак** бошад дар гурӯҳи лаҳҷаҳои шимолии Кӯлоб ва вахиёӣ-қаротегинӣ дида мешавад: къл̣къли́-ра къртъқ-ъш танг-ай (Мӯм.).

Б. Истилоҳот барои чойҷӯшонӣ. Ибора-истилоҳи **чойникъ санг** ба маънии чойник ва зарфҳои гуногун чун ифодакунандаи номи умумии ин гурӯҳ шуда метавонад. Барои тайёр кардани чой аз зарфҳои гуногун истифода мекунанд**: кура** (Вқ., Қ.) қарабоӣ, чойники тунукагии сирнок: кура-ра гир, дъст-а ов гирем (Фат.); тоба; **дамқал** (Қ.)// **данқол** (Вқ.) //**манқалак** (Қ.) чойники филизии чойҷӯшонӣ, ки борои чойҷӯшонӣ ва обрезӣ истифода мешавад; **қарабойи́** (Кҳ., Қ.): қарабойи́ сирдор-ай, у мисийо-ш аку нестак (Дтҳ.); **афтова // афтоба // афтован** (Қ., Шк.) офтоба; а бача и-ра бар, афтова-ра бъте ма-ра (Зир.); **чойҷуш** (Вқ.,Қ.) як навъи кӯра; чойҷуши чийани́ ку? (Ҳак.); **курайи дъстаакдор** (Вқ.) навъи кӯра. Доир ба хусусияти умумиистеъмолии калимаҳои ”афтова” ва “чойҷӯш” ибдоли хуруф намуда, профессор Ғ.Ҷӯраев дар китоби “Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ” (1980) роҷеъ ба муайян намудани таносуби истилоҳоти ифодакунандаи асбобҳои рӯзгор таҳқиқот бурда, ба ин ақида меояд, ки “калимаҳои алоҳидае ҳаст, ки чи аз ҷиҳати ҳудуди интишор ва чи аз ҷиҳати ифодаи маънӣ аниқ кардани онҳо душвориҳо пешовард. Намунаи он калимаи ”дамқал” мебошад” (ШҶЗТ, 1980, 123) ва онро ҳамчун исми ашёи чойҷӯшон маънидод карда, интишори онро Қаротегини поён донистанд. Маводи ҷамъовардаи мо ҳам ин фиркро тасдиқ менамоянд. Дар асоси вожаи **чойҷуш**, ки як навъи зарфи чойҷӯшонист бо пасванди –ак калимаи **чойҷушак** (Вқ.,Қ.) ба маънии зарфи сафолин барои нигоҳдории шир сохта шудааст. Анвои офтоба бошад, дар шакли ибора ҳам номгузорӣ шудааст, ки муайянкунандаҳо навъи онро нишон медиҳанд: **афтовайи сафоли́** (Шк.) **афтовайи дъстадор (**Қ.); **афтобайи ҷулъкдор** (Қ.).

Калимаҳои **кура, дамқал, қарабойи́, афтова, чойҷуш** дар ҳаёти ҳамарӯза на танҳо барои ҷӯшонидани об, балки барои таҳорат, даст об гир гирифтан, захира кардани об ва ғайра истифода мешванд. Дар баробари ин ашёе мавҷуданд, ки барои чой дам кардам истифода мешаванд ва морфемаҳои ифодакунандаи онҳо дар қолибҳои гуногуни калимасозӣ ва ибора-истилоҳот ба вуҷуд омадаанд. Калимаи **чойник// чойнък** ва **пийола**, ки моҳияти умумиистеъмолӣ доранд, дар шеваҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқӣ дар қолаби исмҳои мураккаб ва ибора чанд истилоҳ сохтаанд, ки маъноҳои зерин доранд: **нимпийола** (Шк., Қ..) пиёлаи калон; **пийолайи балғами́** (Қ.) пиёлаи чойхӯрии сабзранг; **пийолайи чойхъри́** (Қ.) пиёлаи чойхӯрӣ; **пийолайи қирмизи́** (Вк., Қ.) пиёлаи арғувонӣ; **пийолайи дуғови́** (Вқ., Ванҷ, Дарв.) косаи чини́: йа пийолайи дуғови́ бийор (Мт.); **пийолайи лъмба** (Вқ.) косаи калони чинӣ; **чойники дастовгири́** (Шк., Вқ., Дарв.) чойники тунукаи сирдор, ки бо он даст мешӯянд; **нимчойника** (Қ.) чойники миёна: йа қъти чой-а йаке медохт ҳаму нимчойники́-нда (Қ.). Ҳамчунин, дар канори ин вожаҳо калимаҳои дигаре низ маълум аст, ки зимни ҳаёти ҳаррӯза барои нигоҳдории чой, сарднашавии он ва ғайра робита доранд, барои ҳамаи маҳалҳои шеваҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқӣ умумианд: **чойхалта** (Вқ., Шк., Қ.) халтачаи чойнигаҳдорӣ; **чойпуш// чойникпушак** (Каҳ., Қ., Шу.) чойпӯши гулдӯзӣ; **чойҷушкашолкънак** (Лахш) симе, ки бо он чойҷӯшро болои оташдон овезон мекунанд: ва и чойҷушкашолкънак чойҷуш-а кашол менан; **кашак** (Шк.) чӯбе, ки дар ду сари он сател гирифта об мекашонанд. Калимаи **исконак** дар гурӯҳи лаҳҷаҳои қаротегинӣ ба маънии қадаҳи дастадор истифода мешавад, ки шакли лаҳҷавии **истаконак** мебошад.

Дар шеваҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқӣ барои ифодаи қисмҳои кӯза, чойник ва ғайра чандин вожа истифода мешавад. Онҳо аз асосҳои исмӣ ва пасванди -ак барои ифодаи сарпӯши чойник, дастаю ҷумак истифода мешаванд. Дар гурӯҳи лаҳҷаҳои қаротегинӣ калимаҳо **даҳанак//даҳанък** “сарпӯши чойник”, **қадаҳак** “зарфи чӯбӣ барои даҳони кӯза”, **қарпъқак** “сарпӯш”. Дар гурӯҳи лаҳҷаҳои вахиёӣ-қаротегинӣ **дъмчък**

“дастаи чойник, кӯза”, **дъмбък** “сарпӯши дастадори зарфҳои кулолӣ”. Чанд вожаи дигаре мавҷуд аст, ки дар ҳамаи минтақа истифода мешаванд: **нулък** (Вқ., Шк., Қ.,Ванҷ), **//нълък** (Ҷк.) ҷумак: къл-къли-ра къртъқ-ъш танг-ай, нулък надора (Мӯм.); **ҷулик** (Шк.,Ғк.)// **ҷулък** (Вқ.,Қ.,Ҷк.) ҷумак; нӯли кӯза, чойник, самовор ва ғ.; ғ. Дар як маврид калимаи мураккаб дар шакли **қалпуш** (Қ.,Шк.) барои ифодаи сарпӯши чойник истифода мешаванд**.**

3. Номи зарфҳои марбут ба таҳияи нону хӯроки хамирӣ. Калимаҳои ин гурӯҳ номи зарфҳое мебошад, ки барои хамир кардан, ҳамвору тунук намудан, заволаю тунук кардани хамир ва буридани хамири таомҳои ордӣ, барои ордгирию нонгирӣ ва монанди инҳо истифода мешаванд. Маълум аст, ки барои нон пӯхтан хамир кардан лозим меояд. Хамирро дар **карсуна** (Қ.) ва ё дар **карсун// карсу// карсон, корсон// корсун**[2] (Вқ.,Шк.) мекунанд, ки вай табақи калони чубӣ аст, ки калимаи сода аст. Ба воситаи ин калима дар шакли ибора истилоҳи ифодагари зарфи дигар сохта шудааст: **карсуни чуви́** (Вқ.) табақи чӯбӣ; **карсуни ҷоми́** (Лахш) тағораи оҳанин. «Фарҳанги тоҷикӣ ба русӣ» онро дар шакли **карсон** оварда «блюдо для хранения съестных припасов» шарҳ додаас (ФТР, 2006, 281), ки ин яке аз маъноҳои дар шеваи ҷанубӣ истифодашаванда мебошад. Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» калимаи **карсана** ба маънои ғалладонае монанди мош (ФЗТ, 1969, 542) оварда шудааст. Эҳтимол меравад, ки морфемаи **карсуна** дар шеваҳо аз **карсана** дар адабиёти классикӣ маншаъ бигирад ва ба гузашти айём на чиз, балки зарф барои гирифтани чизеро ифода кунад. **Карсун** ҳам барои хамир кардан ва ҳам барои нигоҳдории нон истифода мешавад. Барои хамир кардан аз масолеҳи аллюминӣ тағора месозанд, ки дар гурӯҳи лаҳҷаҳои ҷанубии Кӯлоб онро **тънъки́** // **тънъка** ном мебаранд. Барои нигоҳдории нон аз **дасархон // дарсахун // дъсархон // дъсорхон //дъсорхун, дастархун// дъсторхун** истифода мешавад ва порчаи матоъ аст, ки онро паҳн карда, болояш нону дигар хӯрданиҳо мегузоранд, ки барои ҳамаи шеваҳои забони тоҷикӣ хос аст. «Дастархон ҳозир ба маънои суфраи форсӣ, моидаи арабӣ меояд, ки ба рӯяш нону таъом ва дигар мева, шираву шарбат мегузоранд. Аммо дар забони дарӣ дастархон ба шакли таркиби изофӣ – дастори хон аз ду ҷузъ иборат будааст» (Зеҳнӣ, 1987, 31). Дар забони адабиёти классикӣ барои ифодаи ин маънӣ калимаи «шелон» истифода шуда, маҷозан семантикаи «зиёфат, меҳмондорӣ ва базм»-ро (ФЗТ, 1969, 580.) доштааст.

Вожаҳое мавҷуданд, ки ифодакунандаи ҷойи мондани хамир, росту ҳамвор кардани онро ифода мекунанд, ки онҳо дар қолаби калимаҳои сохта, бо пасванди -а, -ак; калимаҳои мураккаб дар қолаби калимаҳои мураккаби тобеъ ба вуҷуд омадаанд ва аксарият моҳияти умумишевагӣ доранд: **чува //чувак** (Вқ., Шк.) тираки хамир; **гирдак** (Қ.) кундаи доирашакле, ки дар болои он хамир мекунанд; **тирак** (Ғк., Қ.) чӯби хамиртунуккунӣ; **ғалтак** // **ғалтък** (Вқ., Қ., Шк., Дарв.) тирак барои ҳамвору тунук кардани хамир: **нунроскън// нонроскън// нунтънъккун** (Шк., Дарв.) // **нунроскънак, нонроскънак** (Вқ., Ҷк.) асбоби махсус, ки дар болояш нон рост мекунанд; **тахтатирак** тахтаву тирак (Вқ., Ванҷ); **ғалтакчув** (Шк.): ғалтакчув қати чақун тънък мешава; **нунтънъккуни́** (Яр.) тираки нонтунуккунӣ.

Дар шакли ибора-истилоҳ омадани онҳо низ ба назар мерасад ва аз рӯйи муайянкунандаҳо маълум аст, ки онҳо маҳз асбоби ин гурӯҳ мебошанд: **тахтай нунроскън** (Қ.)// **тахтай нунроскъни́** (Вқ., Қ.) тахтаи махсус барои завола гирифтан. Ифодаи **тахтавъ тирак** (Вқ., Ванҷ) низ мустаъмал аст.

Ҷиҳати тоза шудани орд онро аз асбоби ордбез мегузаронанд, ки бо калимаҳои дар қолаби сода, мураккаб ва ибора ифода меёбад: **елакча** (Вқ.); **катакбез** (Шк.) ғалбери сӯрохкалон; **елаки шаҹл** (Қ.) элаки майдасӯрох.

Пеш аз бастани нон дар танӯр, заволаи паҳншударо гул медозанд. Барои ин кор асбоби махсус аст, ки онро аз парҳои мурғ месозанд. Номи ин асбоб **мъхпар** (Вқ.) ва **мурсар** (Дб.) аст, ки ҳарду шакли шевагии **мурғпар** мебошанд (ШҶЗТ, 1980, 129). Барои ордгирӣ ва ё гирифтани хокистар белчаи чӯбину оҳанин истифода мешавад, ки онро

[2] Доир ба маъно ва вазифаҳои ин гурӯҳ ниг.: ШҶЗТ, 1980 , 122-128.

қалоқча (Вқ.) мегӯянд, ки баромади туркӣ дорад. Дар қолаби калимаҳои сохтаи сифат+пасванд вожаи **каҷик** // **каҷук** // **каҷък** (Вқ., Шк.) сохта шуда, ифодакунандаи номи асбоби оҳанини дандонадорест, ки бо он хамири ба корсон часпидаро мегиранд: ва каҷик кати карсун-а метарошем (Ск.).

Барои паҳн кардан ва буридани хамири угро асбобҳои махсус истифода мешаванд. Онҳо дар қолаби калимаҳои мураккаб ва ибораҳо сохта шудаанд. Калимаҳои мураккаб, асосан, дар гурӯҳи лаҳҷаҳои шимолии Кӯлоб ба қайд гирифта шудааст: **оштахта** «тахтаи махсус, ки дар рӯйи он угро мебурранд»; **оталабърак** «асбоби махсусе, ки бо он хамири угро мебуранд»; **ошғалтък**; **оштънъкъ** // **оштънъкън** // **оштънъкъ** «тирак, чӯби махсусе, ки бо он завола тунук мекунанд»; **оштънъкъни́** тахта ва тираки ош: бъра оштънъкъни́-ра бийор, оши тъпа кънем (Кан.). Дар гурӯҳи лаҳҷаҳои вахиёӣ-қаротегинӣ ва қаротегинӣ ибораи **тахтай ош** “тахта барои зуволаи хамири угро”, ки бо **оталабърак** дар шимоли Кӯлоб ҳаммаъно аст. Зимни баррасии хусусиятҳои лексикии шеваи ҷанубӣ профессор Ғ.Ҷӯраев роҷеъ ба вожаи **оштънък** баён месозад, ки “аз силсилаи номбурда воҳиди луғавии **оштънъкъ** низ ҷолиби диққат аст. Аввалан, он танҳо дар шимолии Кӯлоб ба қайд гирифта шудааст. Сониян, аз ҷиҳати сохт мураккаб буда, аз се ҷузъ ош+тънък+кън, яъне исм+феъли таркибии номӣ сурат ёфтааст. Зоҳиран, ҷараёни ташаккули ин калима ба амали тунук кардани хамир асос ёфта бошад ҳам, дар ин таркиб маънии луғавии ҷузъи аввал **ош** як қадар аҷиб менамояд. Бар хилофи чашмдошт дар ин таркиби мураккаб калимаи **ош** на ба маънои муқаррарии худ, балки ҳамчун синоними **хамир** омадааст. Ба назари мо чунин мерасад, ки дар ибтидо калимаи “**хамир**” ҳамчун тобеъкунандаи “**ош**” (ҳамчун хамири ош) воқеъ буда, дар айни барқароршавӣ ва ба қолаби муайян даромадани **оштънъкъ** соқит шуда, маънои луғавии худро ба “ош ” зам намудааст. Дар акси ҳол маънидоди этимологии калимаи **оштънъкъ** ба мантиқ рост намеояд, яъне алоқаи мантиқии “ош”, ки ба маънии “хӯрок” фаҳмида мешавад, бо феъли “тунук кардан” аз имкон дур аст”(Ҷӯраев, 1980, 128). Вожаҳои **ошғалтък** муродифи **оштънъкън** мебошанд, ҷузъи дуюми калимаи оштънъкън “тънъкън” маънии “ғалтък”-и вожаҳои **ошғалтък**-ро дорад. **Ошғалтък** бо муродифаш тирак вазифаи “**оштънъкън”**-ро доранд. Бо ин ҳол, **ғалтък** чӯби лулаи дарозшакл ва ош хамир барои хӯрок пӯхтан аст ва “**ғалтък**” на хӯрок, балки хамирро тунук мекунад. Ин аст, ки мебоист **хамирғалтък** ном мегирифт, вале чун хамир барои ош (хӯрок) кардан аст, онро **ошғалтк** ном ниҳоданд.

4. Номи зарфҳои марбут ба дег ва анвои он. Калимаҳои ин гурӯҳ чандон зиёд нестанд ва онҳо ифодакунандаи анвои дег, дастаи зарфҳо, сарпӯши дег, чанбараки зери дег ва монанди инҳо мебошад. Он аз оҳан, аллюминӣ ва чӯб сохта шудаанд. Сода, сохта, мураккаб ва дар қолаби ибора сохта шудаанд. Барои ифодаи деги хурд калимаҳои **дегак** (Шк.) ва **дегча** (Қ) истифода шаванд, ҷиҳати ифодаи таҳдегӣ вожаҳои **дегмонак** (Шк.), **қасқун** (Вқ.), **таҳдег** // **таҳдеги́** // **тӓдеги́** (Қ., Вқ., Шк.) роиҷ аст, ки аксаран барои тамоми ҳомилони шева умумианд. Дар ифодаи сарпӯши дег морфемаҳои **сарпуша** // **сарпъша** // **сарпушак** хусусияти умумиистеъмолӣ дошта бошанд, калимаи **тахтък** дар гурӯҳи лаҳҷаҳои шимолӣ ва ҷанубии Кӯлоб, калимаи **дастак** дар гурӯҳи лаҳҷаҳои қаротегинӣ, **гушагир** дар гурӯҳи лаҳҷаҳои вахиёӣ-қаротегинӣ ва **қълпуша** “дастгираки дегбардорӣ” дар гурӯҳи лаҳҷаҳои ҷанубии Кӯлоб ифода мешаванд. Вожаҳои **гушък** // **гушик** дар гурӯҳи лаҳҷаҳои қаротегинӣ ва **гъргак** дар гурӯҳи лаҳҷаҳои шимолии Кӯлоб ифодагари “дастаи дег” мебошанд.

Дар қолаби ибора анвои дег, аз чи сохташавӣ, ҳаҷм ва намуди зоҳии он равшан маълум мегардад: **деги алименти́//алумени́** (Шк.,Қ., Ванҷ); **деги бадаста** (Қ.) тобачаи дастадор; **деги дъмана** (Вқ.) деге, ки дар он як ман биринҷ пӯхтан мумкин аст; **деги мийонаги́** (Қ.) деги миёнахел; **деги чийани́** (Шк.) деги чуянӣ; **деги чоргушък** (Дарв.) деги чоргӯша. **дегчайи дъсти́** (Вқ.) дегчаи дъста-ра ай ҳамсойа гъръфтъм (Сам.).

5. Номи зарфҳои марбут ба табақ ва анвои он. Ба ин гурӯҳ калимаҳоеро дохил кардан мумкин аст, ки ифодагари навъи табақ, асбоб барои гирифтани меваҳои хушконидашуда, масолеҳи нугул, асбоби реза намудан ҳама гуна хӯрокворӣ хизмат

мекунанд. Дар шеваҳои ҷанубӣ, ҷануби шарқӣ ва дигар шеваҳои забони тоҷикӣ калимаи **табақ** чун ифодакунандаи мафҳуми зарф барои хӯрок хӯрдан маълум аст. Бо ин маънӣ ва чандин маъниҳои дигар дар забони адабӣ ва адабиёти классикӣ истифода шуда, дар калимасозӣ ва маъниофаринӣ фаъол аст (Ниг.: ФЗТ, 1969, 293)

Табақҳо аз тарафи устоҳои табақтарош аз ҷӯби тут, арча, чормағз, чинор сохта мешаванд. Раванди сохта шудани он вақти зиёдро мегирад ва барои ин асбобҳои алоҳида аст, ки дар ҷояш баррасӣ хоҳад шуд. Аз рӯйи шакл ва ҳаҷм хурду калон, якқабатаю дуқабата буда, барои корҳои гуногун истифода мешаванд, ки дар номҳои онҳо таҷассум ёфтааст. Ғайр аз ҷуб барои сохтани табақ аз сафолу оҳану мис ва дигар анвои метал истифода мешавад, ки дар шакли ибораҳои ифодакунандаҳои номи анвои онҳо баён мешаванд: **тавақи оҳанӣ, тавақи мисӣ, тавақи тиллоӣ тавақи лойи́**; **тавақи санги́**; **тъвоқи чуви́**; **тавақи сафоли́//табақи лойи́**; **тавақи зарчашкън**; **табақи чени́; тавақчай найи́** ва ғайра.

Калимаи мазкур дар шеваҳо гунаҳои савтии **табақ// тавак// тавоқ // тъвоқ** дошта, ибора-истилоҳоти номбаршуда номи анвои зерин аст: **тавақи лойи́** “табақи гилӣ”; **тавақи санги́** “табаке, ки аз санг тарошиданд”; **тъвоқи чуви́** “табақи чӯбин”; **тавақи сафоли́** “табақи сафолӣ». Дар гурӯҳи лаҳҷаҳои шимолии Кӯлоб **тавақчай найи́** “косаи чӯбии сирдор” ва **табақи чени́** “табаке, ки бо он ғалла чен карда мешавад” ва дар гурӯҳи лаҳҷаҳои қаротегинӣ **тавақи зарчашкън** ба маънии “табақи зарчошкунӣ” истифода мешавад.

Табақҳои ҳаҷман хурд тавассути пасванди -ча бо вожаи умумиистеъмолии **табақча// тавақча** маъмул аст. Дар қолаби калимаҳои мураккаби тобеъ, ки ҷузъи дуюм асосӣ аст, дар гурӯҳи лаҳҷаҳои қаротегинӣ вожаи **чакантъвақ** ба маънии “табақи чӯбини дурушт тарошидашуда”, дида мешавад: и чакантъвоқ ай ма-ай, барои хъд-ът созтар-ш-а мета (Фар.). Табақҳои чӯбине, ки дуқабатаанд бо истилоҳи **андартабақ // андартавақ** хоси гурӯҳи лаҳҷаҳои қаротегинӣ ва **дътавақа** хоси гурӯҳи лаҳҷаҳои вахиёӣ-қаротегинӣ ва қаротегинӣ буда, дар қолаби пешванд+исм ва шумора+исм+пасванд сохта шудаанд. Ин калимаҳо дар дигар шеваҳои забони тоҷикӣ бо ин маънӣ дучор намешавад. Онҳо моҳияти ин гуна татабақро нишон дода тавонистаанд. **Андартавақ** яъне табақ дар табақ ва ё морфемаи **дътавақа** аз ду қабат иборат буданро ифода мекунад: дар дътавақойи ката дъ-се тавақ шурво-му овардан (Қӯш.). Ҳамин ки дар тавақ хӯрок оварда мешавад, асбоби махсусе ҳам барои зери табақ меоранд, ки ҷиҳати ба тарафе майл нахӯрдани табақ мусоидат мекунад. Барои ифодаи ин ашё калимаи сохта **ахмақак** дар гурӯҳи лаҳҷаҳои вахиёӣ-қаротегинӣ ва калимаи **тайтавақи́ // таҳтавақи́** дар гурӯҳи лаҳҷаҳои қаротегинӣ истифода мешавад, ки дар зинаи аввали калимасозӣ аз факки изофат вожаи **тайтавақ** (ки умумиистеъмол аст**)** ва дар зинаи дуюм лексемаи **тайтавақи́ // таҳтавақи́** ба вуҷуд омадааст: ош-а мо тайтавақи́ кати мебийорем, баройе ки на́реза (Обл.). Ғайр аз ин дар баёни ин маънӣ ибораи **даани амак** дар гурӯҳи лаҳҷаҳои қаротегинӣ маъмул аст.

Дар канори табақ асбобҳои дигаре мавҷуданд, ки барои реза кардани сабзӣ, пиёз, карам, сабзавот, кӯбидану майда кардан ва нигаҳдории онҳо истифода мешаванд. Ин воҳидҳои луғавӣ дар қолаби калимаҳои сохта ва мураккаб сурат гирифтаанд: **тахтина** дар гурӯҳи лаҳҷаҳои қаротегинӣ ба маънии **“**тахтачаи сӯфтаи ҳамвор” барои реза намудани сабзӣ, пиёз, карам, сабзавот ва ғ.; **пемокча // пемочка** дар гурӯҳи лаҳҷаҳои шимолӣ ва ҷанубии Кӯлоб ба маънии “зарфи сафолӣ, барои меваҳои хушк, тутмавизу ғалла”. Ҳамчунин, дар дар гурӯҳи лаҳҷаҳои шимолии Кӯлоб калимаҳои **търбрезакънак** “турбтарошак”; **нъгълкувак // нугулкубак // нъгълкътак// нъгълчъкак бо семантикаи “**асбоб барои кӯбидан ва ё реза кардани нугул”, роиҷ аст, ки дар гурӯҳи лаҳҷаҳои қаротегинӣ бо як вариант **нъгълчък** мустаъмал аст: нъгълкътак-а бийор, пийозо-ра бъкътем (Сх.).

6. Номи зарфҳои марбут ба коса ва анвои он. Коса дар баробари табақ яке аз воситаҳои муҳим дар байни истилоҳоти марбут ба асбобҳои таомхӯрӣ мебошад. Гуногуннавъии вай далолат ин маънист ва таърихи қадимӣ дорад. Дар забони адабӣ

(ФЗТ, 1969, 563) ва шеваҳои забони тоҷикӣ (Расторгуева, 1956; Маҳмудов, Ҷӯраев, 1997; Маҳмудов, 1989) калимаи **коса** мустаъмал буда, бо он воҳидҳои луғавии косагар, косагардон, косалес, косанавоз, косапушт ва ғайра сохта шудааст. Бо ин калима дар шеваи ҷанубӣ ҳам як силсила вожаҳо дар қолаби калимаҳои сохта, мураккаб ва ибора-истилоҳ дар муомилот аст.

Барои ифодаи маънии коса дар қолаби исмҳои сохта бо пасвандҳои -ӣ, -ък, -чӣ, -а калимаҳо сохта шудаанд, вале баъзе аз калимаҳо морфемаи калимасоз дошта бошад ҳам, асоси онҳо маънии луғавӣ надорад ва онҳоро ба гурӯҳи вожаҳои рехта ҳамроҳ кардан лозим меояд. Ба ин гуна воҳидҳои луғавӣ вожаи **шипък** (Вқ.,Шк.)- ро, ки як намуди зарф аст, дохил кардан мумкин аст: да шипъко авқот мекашан (Яшм.). Воҳидҳои луғавии **дуғови́** дар гурӯҳи лаҳҷаҳои қаротегинӣ ва **гулоби́** дар гурӯҳи лаҳҷаҳои шимолии Кӯлоб дар як қолаб сохта шуда, навъҳои косаанд. Асосҳои ин калимаҳо **дуғов** ва **гулоб** мураккаби тобеъ буда, аз ибораҳои **ови дуғ** ва **оби гул** пайдо шудаанд. Дар зинаи дуюми калимасозӣ аз асосҳои мураккаб бо пасванди -ӣ **дуғови́** ва **гулоби́** ба вуҷуд омадааст. Дар асл ин калимаҳо муайянкунандаҳои калимаи **коса** мебошанд: косай **дуғови́** ва косай **гулоби́.** Ба ин ҳодиса морфемаи **чини́//чъни́** (Шк.,Ҷк., Кх.) ҳам дучор шудааст. Бо мурури замон субстантиватсия шуда, номи зарфро мустақилона ифода мекунанд. Воҳидҳои луғавии **дуғови́** ва **чини́//чъни́** пурра субстантиватсия нашудаанд. Дар шакли ибораҳо **косайи чъни́** ва **косаи дъғови́** истифода шудани ин мафҳум гувоҳи ин маънӣ аст. Вожаи **кушчи́** дар гурӯҳи лаҳҷаҳои ғарбии Кӯлоб як хели зарфи сафолиро мефаҳмонад ва бо пасванди -чи́ шакл гирифта, асоси он ба вожаҳои ин гурӯҳ чандо робитаи мантиқӣ надорад.

Калимаи **ғъдора** (Вқ., Қ.) ба назари мо шакли вайроншудаи тағора аст, аз сафол сохта мешавад ва “мушоҳидаҳо илҳо менамоянд, ки бо маънии “косаи сафолӣ” ифода ёфтани **ғъдора** дар бештари маҳалҳо дучор меояд. Ин маъниро маълумотҳои зерини китоби “Таджики Каратегина и Дарваза” низ тақвия дода менависанд: Чойро пештар дар зарфҳои махсуси сафолие менӯшиданд, ки **ғъдора** ном дошту устоҳои маҳаллӣ тайёр мекарданд. Онҳо минбаъд бо зарфҳои на чандон калони чинӣ ва истеҳсоли русӣ буду пийола номида мешуд, иваз гардиданд. **Ғъдора** ҳамчун косаи гилӣ (сафолӣ) хурд ва калон мешавад. Дар баъзе маҳалҳо барои ифодаи ҳар ду навъи ин предмет калимаи “ғъдора” истифода шавад, дар маҳалҳои ҷудогона, баръакс, онҳо бо ду термини **калғъдора** (хурд) ва ғъдора (калон) ном бурда мешаванд. Лекин дар калимаи мураккаби **калғъдора** ҷузъи “**кал**” на ба хурдии предмет, балки ба бегӯша будани он ишора менамояд” (Ҷӯраев, 1980, 122). Калимаҳои мураккаби сохташудаи ин гурӯҳи мавзӯӣ аз рӯйи морфемаҳои тобеашон маъниҳои гуногун дорунд: **косапорък** (Шк.) аз асоси косапора (ин вожа аз ибораи косаи порашуда) бо пасванди -ък сохта шуда, маънии шикастаҳои косаро далолат мекунад; **ҳалқакоса** (Қ.) як навъи косаи сафолӣ, ки зертабақ низ дорад; **қопакоса** (Қ.) косаи калон; **нимчинийа** (Шк.) нимкосаи чинӣ;**нимкоса** (Шк.) нимкоса, пиёлаи калон: **шаҳкоса** (Вқ., Шк., Қ., Дарв., Ванҷ) косаи калони чӯбӣ ё сафолӣ; **дъстадорък** (Ҷк.) косаи оҳанин ва алюминии дастадор. Дар шакли ибора дар гурӯҳи лаҳҷаҳои қаротегинӣ **косайи най(и́) “**косаи чӯбини сирнок”; ва дар гурӯҳи лаҳҷаҳои вахиёӣ-қаротегинӣ **косайи қъргъзи́** “як хели косаи чӯбӣ” роиҷ аст. Ибораи **косайи сафоли́** дида мешавад, ки барои ҳамаи шеваҳои тоҷикӣ умумиистеъмоланд. Бо иштироқи воҳиди луғавии **коса,** дар гурӯҳи лаҳҷаҳои қаротегинӣ, дар қолаби ибора истилоҳи **косайи шарбатдор** (Қ.) сохта шудааст, ки истилоҳи ҷашни арӯсист: шахсеро далолат мекунад, ки зарфи ширинидорро ба назди домод мебарад ва аз домод тӯҳфа мегирад.

Дар ин гурӯҳи мавзӯӣ воҳиди луғавии **кули́** дар гурӯҳи лаҳҷаҳои вахиёӣ-қаротегинӣ дучор омад, ки ба маънии “зарфи хуммонанди гилӣ барои нигоҳдории ғалладона, талқони тут ва баъзан равған” мустаъмал аст. Ин маънӣ дар гурӯҳи лаҳҷаҳои шимолии Кӯлоб бо ибораи **куливу куни́** ифода мегардад, ки дар ҷумлаи зерин равшан дидан мумкин аст: имсол ғала-ву донай бисйоре гирифтем, ки кули-ву куни́ пъ шидай (Кан.). Ин зарф ҳаҷман аз косаҳо калонтар аст ва вазифаи **хамбаро** (Ҷӯраев, 1980, 108) низ иҷро мекунад. **Кулӣ** ба маънии **оташгирак** ҳам роиҷ аст, ки болотар баррасӣ

шуд. Бо пасванди -ча омада шакли тасғирро додааст: кулича-ра ба лойи бакаҳ рағд-ъш мекади-ву санг-ъш мезади (Дб.). Аммо бо пасванди -ак воҳиди луғавии **кулийак** дар гурӯҳи лаҳҷаҳои ғарбии Кӯлоб сохтааст, ки "зарфи чӯбии ба соғу монанд"-ро мефаҳмонад.

Зарфҳое, ки барои нигоҳ доштани намак мустаъмаланд бо вожаи намак робитаи бевосита доранд. Вожаҳои **намакдун// нъмакдун// нъмъкдун** хусусияти умумимиллӣ доранд. Аммо **намакҷога** дар гурӯҳи лаҳҷаҳои қаротегинӣ, **намакҷума // нъмъкҷума** дар гурӯҳи лаҳҷаҳои вахиёӣ-қаротегинӣ ва қаротегинӣ; **намаковдун // нъмъковдун** дар гурӯҳи лаҳҷаҳои ҷанубии Кӯлоб, Ванҷ ва Роғ, **намаковҷума // нъмъковҷума** дар гурӯҳи лаҳҷаҳои вахиёӣ-қаротегинӣ ба маънии **"**намакобдон, зарфи намакобгирӣ" ки дар қолаби калимаҳои мураккаб сохта шудаандт. Намакҳои хушк дар **намакҷога**, **намакҷума // нъмъкҷума** ва намакоб дар **намаковдун // нъмъковдун // намаковҷума // нъмъковҷума** нигаҳдорӣ мешаванд.

7. Номи зарфҳои марбут ба қошуқ, корд ва анвои он. Калимаҳои марбут ба ин гурӯҳ анвои қошуқ ва кордро фаро мегиранд, ки чандон зиёд нестанд (доир ба луғати корд ва кордсозӣ дар шеваҳои забони тоҷикӣ ниг.: Мурватов, 1982, 89-103; Маҳмудов, 2005, 97-108). Барои ифодаи ин мафҳумҳо, асосан, калимаҳои умумихалқии марбут ба забони туркии **қошък// қошуғ// қошъғ** ва воҳидҳои луғавии тоҷикии **чъмча// чумча "**қошуқи чубини маҳаллӣ" истифода мешавад. Дар баробари ин дар гурӯҳи лаҳҷаҳои вахиёӣ-қаротегинӣ ва ванҷу дарвозӣ вожаҳои **кавлез// кафлез, кавлезча// кавлеча** зарфи оҳанин ва ё алюмении ба қошуқ монанд барои обгирӣ; **кавлък** дар гурӯҳи лаҳҷаҳои қаротегинӣ; **калък "**қошуқи навъи маҳаллӣ"; **кафгир** "кафгир" дар гурӯҳи лаҳҷаҳои вахиёӣ-қаротегинӣ; дида мешавад. Вожаи **кавлез** шакли шевагии **кафрез** буда, бо калимаи **кафгир** дар як қолиб (исм+асоси замони ҳозираи феъл) сохта шудаанд. Дар шакли ибора **қошъқи найи́** "қошуқи чӯбини сирдор" (найин); **қошъқи фарки́** "қошуқ аз дарахти фарк" дар гурӯҳи лаҳҷаҳои шимолии Кӯлоб истеъмол мешавад.

Воҳиди луғавии **кавлък**, **калък** дар гурӯҳи лаҳҷаҳои қаротегинӣ мустаъмал аст, ки чанд маъниро ифода мекунад: а) қошуқи маҳаллӣ барои кӯдакон; б) зарфи оҳании дастадор барои аз сател об гирифтан. в) зарфи хурди сафолӣ, ки вазифаи дӯлчаро дорад. Ҷиҳати нигоҳдории қошуқ калимаи умумиистеъмолӣ бо фарқияти савтӣ **қошуқдон // қошуғдун // кошъғдун** истифода мешавад**.** Ин предмед аз навдаи дарахт бофта мешаванд ва дар он на танҳо қошуқ, балки кафлес, кафгир ва монанди инҳо нигоҳ дошта мешавад. Ғайр аз ин, дар шакли сабат қошуқдон сохта мешавад, ки онро бо истифода аз вожаи сабат ва пасванди -ак **сабатак** ном гузоштаанд. Ибораи **халтайи қошъқдози́** ҳам барои ин маънӣ роиҷ аст, ки дар он қошуқ, кафлес, кафгир ва ғайра нигоҳ медоранд.

Ҷиҳати ифодаи мафҳуми **корд** ҳам аз калимаҳои умумихалқӣ истифода мешавад. Барои баёни анвои **корд** калимаҳои сода, сохта, мураккаб ва ибораҳо саҳм доранд. Пасванди -ча ва -ак барои шакли хурдию навозиш додани ашё истифода гардидааст: **корд // кордча // корча**: корча дъст-ма бърид, устағон-да кора кад (Кан.); **корчаак** (Қ.);. Калимаҳои мураккаб дар қолаби вожаҳои мураккаби тобеъ меоянд: **качкорд** (Шк., Қ.), **кашкорт** (Вқ.) каҷкорд, ки, асосан, косибон истифода мебаранд; **шофкорча** (Вқ., Қ.) корди калони қассобӣ; **ошпър// ошбър** корди калони махсус, ки бо он угро ва туппа мебуранд. Дар ибораҳо бошад, ҷузъи муайянкунанда навъи кордро шарҳ медиҳад: **корчайи дъсти́** дар гурӯҳи лаҳҷаҳои шимолии Кӯлоб ба маънии "кордчаи кисагӣ"; **корди қасоби́** дар гурӯҳи лаҳҷаҳои вахиёӣ-қаротегинӣ**; корди кънда**лаки́ дар гурӯҳи лаҳҷаҳои қаротегинӣ, ки синоними **корчайи кънда**ла дар гурӯҳи лаҳҷаҳои шимолии Кӯлоб ба маънии "кордчаи кунд" дорад.

Воҳиди луғавии **шофкорча** аз рӯйи маъноияш маълум аст, ки аз асоси **шоҳ** ва **корча** сохта шудааст ва **шоф** маънои луғавӣ надорад. Дар забонамон бо калимаи **шоҳ** сохтани калимаҳое, ки бузургиро далолат мекунанд (шоҳбайт, шоҳроҳ), кам нестанд ва дар шеваи ҷанубӣ вожаи **шофбърут** ба маънии "оне, ки бурутҳои калон дорад" ва **шаҳкоса**, ки болотар баррасӣ шуд, истифода мешавад.

Истилоҳи **корди кӣндалакӣ // корчайи кӣндала** ва калимаи сохтаи **кӣндалакӣ** барои ифодаи як маъно истифода мешаванд. Ҳарчанд бо сифати **кӣндала** ва пасванди **-акӣ** калимаи **кӣндалакӣ** сохта шудааст, вале ҷойи ибораҳои мазкурро то имрӯз нагирифтааст.

8.Номи зарфҳои марбут ба равған. Барои гирифтани равған зарфҳои гуногун истифода мешавад, ки дар ифодаи онҳо калимаҳое истифода мешаванд, ки аксаран вожаи равған дар он истифода мешавад. Пасванди -дон дар сохтани ҷойи нигаҳдории ашёи гуногун маъмул аст ва дар ин ҷо низ вазифаашро иҷро карда, аз асоси руған **руғандун** (Қ.) сохтааст, ки ҷойи равғанғуншавии ҷувозро далолат мекунад: руған-а ай дурни руғандун ба лоқ мегиран (Ним.). Дар ин қолаб бо пасавнди -ӣ вожаи **мундӣ//мъндӣ** (Шк.), **мунда** (Қ.) бунёд гардида, ки зарфи махсуси сафолин барои равған мондан мебошад. Истилоҳоти дигар дар қолаби калимаҳли мураккаби тобеъ сохта шудааанд: **руғангирак // руғангърак** (Шк.) зарфи равғангирӣ; **руғанкаду** (Қх.) зарфи равғаннигоҳдорӣ, ки аз чӯбкаду бошад; **руғанчума** (Вқ.,Қ.) // **руғануна** (Қ.) зарфи махсуси равғангирӣ дар ҷувозхона; **руғанрез** (Ҷк.); **руғанрезак** (Қ., Шк., Дарв.) зарфи равғангирию равғанрезӣ: руғанрезак ай тънука мешава (Обл.).

9.Номи зарфҳо марбут ба ба маҳсулоти ширӣ. Зарфи махсусе, ки дар қолаби калимаҳои муракаби пайваст сохта шудааст важаи **чархдег // чахдег // чағдег** (Ғк., Кх., Шк.), **чарахдег // чарағдег**[3] (Вқ.,Қ., Ванҷ) мебошад, ки қаблан сафолин буд ва ҳоло барои ин кор аз зарфҳои оҳанин ва сирдор истифода мекунанд, ки барои шеваҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқӣ умумиистеъмол аст. Бинобар ин, истилоҳи **чахдеги оҳанӣ** дар қолаби ибора сохта шудааст: кълолчӣ мо-да йаг чағдеги калон карда бъд (Сч.). Зарфи хурдтарашро бо **чархдегча//чағдегча** (Вқ.,Қ., Ванҷ) ном мебаранд. Калимаи **чархдег** аз ду ҷузъ **чарх** ва **дег** иборат буда, дар қолаби калимаҳои мураккаби копулятивӣ сохта шудааст. Асбоби дуғкашии чархдег қисмҳои гуногун дорад: **чаҷчув, манҷила, тасмайи чархчув, тасмайи дуғкашӣ** ва ғайра.

Ҷиҳати нигоҳдории чака ва қурут халтаҳою сабати махсус таҳия мешавад, ки бо ибораҳо номгузорӣ шудаанд: **халтайи дуғ** (Қ.) халта барои чакка; **халтайи дуғрезӣ** (Шк.) **сабати хучак** (Ғк, Қ.) сабади қурутнигоҳдорӣ. Ҳамчунин, истилоҳоти **ширполо** (Вқ., Қ.) **ширполак** (Шк.) // **ширполунак** (Вқ..Қ.,Шк.); **елакчайи ширполонӣ** (Шк.) барои полидани шир истифода мешавад, ки моҳияти умумиистеъмолӣ доранд.

Дар ифодаи асбобҳои ин гурӯҳ калимаҳои хос истифода мешаванд. Дар гурӯҳи лаҳҷаҳои қаротегинӣ: **алукак** ба маънии асбобе, ки дар он табақи ширро овезон мекунанд; **чиғаш-челек** “зарфи сафолӣ, ки бо вай бузу гӯсфанд меҷӯшанд”; дар гурӯҳи лаҳҷаҳои каротегинӣ ва вахиёӣ-қаротегинӣ **чалак**; дар гурӯҳи лаҳҷаҳои шимолӣ ва ғарбии Кӯлоб: **челак** зарфи чӯбӣ, барои хобондани ҷурғот ва дӯғкашӣ; **чувкаду** “кадуи махсуси дарозрӯяи дарунхолӣ барои гирифтани дуғ”.

Ихтисораҳо:

ТКД-Таджики Каратегина и Дарваза
ФТР - Фарҳанги тоҷикӣ-русӣ
ФЗТ- Фарҳанги забони тоҷикӣ
ҒЛ - Ғиёс-ул-луғот
ШҶЗТ - Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ

Ихтисораҳо марбут ба маҳали зисти гӯйишварон:

Вқ. - гурӯҳи вахиёӣ-қаротегинӣ
Ғк. - гурӯҳи ғарбии Кӯлоб
Дарв. - гурӯҳи дарвозӣ
До.- Дехи Охун (Қ.)
Ёз. - Ёзғанд (Вқ.)
Ёх.- Ёхсӯ (Шк.)

[3] Доир ба этимологияи ин воҳиди луғавӣ ниг.: (Ҷӯраев 1980,126).

Кан. - Кангурт (Ҷк.)
Каҳ.- Каҳдара (Қ.)
Кд. - Кӯлдара (Шк.)
Кк. - Кӯли калон (Вқ.)
Кб. - Кулумбаи Боло (Вқ.)
Кҳ. - гурӯҳи кӯлобии ҳисорӣ
Қ. - гурӯҳи қаротегинӣ
Кпн. - Кишти поён (Шк.)
Қӯш. - Қӯшағба (Вқ.)
Лан. - Лангар (Вқ.)
Мх. - Муҷихарф (Қ.)
Мт. - Майдонтерак (Вқ.)
Мс. - Марғзори Сир (Қ.)
Нд. - Навдонак (Қ.)
Нӯш. - Нӯшор (Вқ.)
Оқ. - Оқсой (Вқ.)
Оқб. - Оқбулоқ (Ҷк.)
Пд. - Пилдон (Вқ.)
Пор. - Порвор (Ҷк.)
Сам. - Самсолиқ (Қ.)
Сд. - Сангдара (Шк.)
Сғ. - Сари ғор (Ҷк.)
Уч. - Учкӯл (Ҷк.)
Хов. - Ховалинг (Шк.)
Ҳак. - Ҳакимӣ (Қ.)
Хм. - Хилмонӣ (Қ.)
Ҳиҷ. - Ҳиҷборак (Вқ.)
Ҷк. - гурӯҳи ҷанубии Кӯлоб
Чс. - Чорсада (Қ.)
Шк. - гурӯҳи шимолии Кӯлоб
Шлп. - Шулупту (Ҷк.)
Шх. - Шехмизон (Шк.)

Адабиёт:

1. Маҳмудов М., Бердиев Б. Луғати мухтасари лаҳҷаҳои Бухоро. –Душанбе: Дониш, 1989.
2. Маҳмудов М., Бердиев Б. Луғати мухтасари лаҳҷаҳои Бухоро. –Душанбе: Дониш, 1989.
3. Маҳмудов М. Луғат ва истилоҳоти тахассусӣ дар гӯйишҳои забони тоҷикӣ (Луғат ва истилоҳоти кордсозӣ) // Номаи пажӯҳишгоҳ, №8-10. Фаслномаи пажӯҳишҳои эроншиносӣ. Пажӯҳишгоҳи фарҳанги форсӣ-тоҷикӣ. –Душанбе, 2005, саҳ. 97-108.
4. Маҳмудов М., Ҷӯраев Ғ. Луғати шеваҳои забони тоҷикӣ. -Душанбе, 1997. -288с.
5. Мурватов Ҷ. Назаре ба луғати кордсозӣ // Забоншиносии тоҷик. Душанбе: Дониш, 1982. - С. 89-103.
6. Расторгуева В.С. Очерки по таджикской диалектологии. -М.,1952-1961.Вып.I.1952; Вып.2.1952; Вып.3.1956; Вып.4.1961. Вып.5. -М.,1963
7. Саймиддинов Д. Вожасозии забони форсии миёна. Душанбе: 2001, 310 с.
8. Фарҳанги забони тоҷикӣ (аз асри X то ибтидори асри XX): -М.: Сов. энциклопедия,1969. Ҷ. 1. 951 с. Ҷ. 2. 1904 с.
9. Ҷӯраев Ғ. Лексика // Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ. ҷ.1.-Душанбе: Дониш, 1980, с.87-328.
10. انوری حسن. **فرهنگ** روز سخن. تهران- 1383. 1386 ص.
11. صادقی علی اشرف، **فرهنگ** املا یی خط فارسی. تهران، 1389،919 ص.

АНАЛИЗ ЛЕКСИЧЕСКИХ ЕДИНИЦ ОТНОСЯЩИЙСЯ ДОМАШНЕМУ УТВАРЬЮ

Хоркашев С.

Анализ лексических единиц (ЛЕ) относящийся домашнему утварью в южных и юго-восточных говорах является актуальным. Эти ЛЕ классифицируются на девять тематические группы и каждая группа разделяется на подгруппы. Подвергается анализу простых, производных, сложных ЛЕ и термины обозначающие словосочетаниями.

Ключевые слова: говор, диалект, анализ, группа, утварь, посуда, простой, производный, сложный и термин-словосочетание.

ANALYSES OF LEXICAL UNITES REGARDING THE DOMESTIC UTENSIL

Khorkashev S.

Analyses of lexical unite regarding the domestic utensil in southern and southern and eastern dialects is actual. These lexical unites are classified into nine thematic and each group is divide into subgroups as well as. Simple, derivative, composite, and compound lexical units and terms denoting word combination are analyzed in the article as well.

Key words: dialect, analyze, group, utensils, dish, simple, derivative compound, word combination.

Сведения об авторе: Хоркашев Сахидод – кандидат филологических наук, заведующей кафедрой таджикского языка Таджиского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни,тел.: (+992) 919 002178

Information about the author*:* Khorkashev Sakhidod, PhD in philology, associate professor, Head of Tajik language Chair in Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, tel. (+992) 919 002178

ХУСУСИЯТҲОИ БАДЕИИ МУЛАММАОТИ САЪДӢ

Мафтунахон Ваҳҳобова
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Бобоҷон Ғафуров

Шайх Саъдии Шерозӣ ба унвони яке аз номдортарин сухансароёни ҷаҳон ва ҳамчун муаллими ахлоқ эътироф шудааст. Шоире, ки андешаҳои нуронӣ ва афсунгарҳои ҳунарии ӯ дар сухан чунон растохезе барпо карда, ки ӯро дар замонҳо ва маконҳо ба шоистагӣ сурудаанд.

Саъдиё хуштар аз ҳадиси ту нест
Тӯҳфаи рӯзгори аҳли шинохт
Офарин бар забони ширинат
К-ин ҳама шӯр дар ҷаҳон андохт(5,540).

Дар таърихи адабиёти форсу тоҷик дар баробари он ки Саъдӣ ҳамчун муаллими ахлоқ ва паямбари ғазал шинохта шудааст, хусусиятҳои эҷодиёти ӯ аз ҳар ҷиҳат ба мақоми ҳунариаш ишорат мекунанд. Аз ҷумла, ба сурати хоса мавриди истифода қарор додани санъати бадеии муламмаъ дар баробари ишорат ба огоҳии шоир ба виҷагиҳои хоси забони арабӣ ва фарҳанги беназири исломӣ ба шеваи ҳунарии истифодаи арзишҳои адабиву бадеӣ дар шеъри ӯ таъкид дорад. Аз ин рӯ, зимни баррасии шеваҳои хоси корбурди муламмаъот дар ашъори Саъдӣ қаблан зарур аст, ки ба чигунагии ин санъат аз назари қудамо ва донишвари улуми адабӣ бипардозем.

Родуёнӣ дар китоби «Тарҷумон-ул-балоғат» роҷеъ ба ин санъат чунин навиштааст:

«Дигар аз санъатҳо он аст, ки шоир қасидае бигӯяд байте бо порсӣ ва байте тозӣ ба як вазну қофия бар сабили тарҷума» (4,87).

Аммо фаротар аз ҳамагон, ки санъати муламмаъро таъриф додаанд, Рашидуддини Ватвот мебошад (4, 109), ки ҳатто бандҳои форсиву арабӣ омадани шеърро низ муламмаъ қабул медорад. Ин муҳаққиқи забардаст бар он назар аст, ки бандҳо бояд дар вазну қофияи ягона гуфта шавад (4, 110). Ба гуфтаи Рашиддудини Ватвот то даҳ байт арабӣ ва даҳ байт форсӣ ҳам раво бошад ва аз ин зиёда набошад (4, 17).

Дар "Луғатнома"-и Алиакбари Деҳхудо оид ба шарҳи калимаи "муламмаъ" чунин гуфта шудааст: "Ин санъат чунон бошад, ки як мисраъ тозиву як мисраъ форсӣ.

Раво бувад, ки як байт тозӣ ва яке порсӣ ва ё ду байт тозиву порсӣ ва ё даҳ байт тозиву даҳ порсӣ биёваранд. Шеъре, ки ҷумлаҳо ё мисраъҳое дорад, ғайри забоне, ки шеър дар он суруда шудааст, мардуми Ҳинду Покистон рехта ҳам гӯянд" (1, 5134).

Ҳамчунин, ин шеваро Захрои Хонларӣ (9, 45), Муҳаммад Муин(2, 4350 - 4351), Ҳасани Амид (7, 741), Ғиёсуддини Ромпурӣ (3, 314), муаллифони "Луғати истилоҳоти адабиётшиносӣ" (11, 59), муаллифони "Фарҳанги забони тоҷикӣ" (6, 725) низ пеша кардаанд. Яъне, дар осори лексикографии донишмандони мазкур муламмаъ бо тамоми маонии маъруф ташреҳ ёфтааст, вале баъзе аз фарҳангномаҳо танҳо ба баёни маънии луғавии муламмаъ маҳдуд шуда, шарҳи истилоҳии онро аз маърази назар берун кардаанд ва шояд онҳо баёни ин матлабро ба фарҳангҳои истилоҳӣ вогузошта бошанд.

Агар муаллифони фарҳангномаҳо бештар таваҷҷӯҳ ба маънии луғавии он доранд, дар луғоти соҳавии адабиётшиносӣ ва осори таҳқиқии адабӣ ин санъат, пеш аз ҳама, аз назари истилоҳӣ тавзеҳ дода шудааст.

Ин санъат чунон аст, ки шоир мисраеро ба арабӣ ва мисраеро ба тоҷикӣ, ё байтеро ба арабӣ ва байтеро ба тоҷикӣ меорад. Агар мисрае ба арабӣ ва мисрае ба тоҷикӣ гуфта шуда бошад ё нимаи мисраъ тоҷикӣ ва нимаи дигар туркӣ бошад, муламмаи макшуф (кушода), вагарна муламмаи маҳҷуб (пӯшида) ном дорад. Ба забони гуфтугӯ чунин шеъри ба ду забонро **ширу шакар** меноманд.

Алло ё айюҳа-с-соқӣ адир каъсан ва новилҳо
Ки ишқ осон намуд аввал, вале афтод мушкилҳо (Ҳофиз) (10,211)
(Ҳой, эй соқӣ, гардон кун қадаҳе ва бидеҳ онро)

Равшан аст, ки дар таърихи адабиёти форсӣ муалламаъро ба тоҷикию туркӣ ҳам гуфтаанд. Чунончӣ ғазали зеринро, ки ба тоҷикию туркӣ гуфта шудааст, ба Абдураҳмони Ҷомӣ нисбат медиҳанд:

Эй лабат пурхандаву чашми сиёҳат масти хоб,
Икки зулфинг орасида ой юзингдур офтоб.
Мастии май мекунад рӯи туро гарқи арақ,
Бода ичсанг тӯкулур икки қизил юздин гулоб…

Тӯрақул Зеҳнӣ дар китоби «Санъати сухан» навиштааст, ки «Гоҳе дар мухаммасҳо банде ба тоҷикӣ ва банде ба туркӣ ва ё мисраъ ба тоҷикӣ ва ними мисраъ ба забони дигар гуфта мешавад. Санъати мазкур дар эҷодиёти даҳонии халқ низ бисёр дучор мешавад(8,саь65).

Ва «талмеъ» дар лущат-рангоранг гардонидан аст. Ва важьи тасмия зоьир аст.

Бинобар ин қасоиду ғазалиёти байни абёти форсӣ ва арабии он назм вуҷуд надошта бошад мулламаъ шумурда намешавад.

Нуктаи муҳим дар ин таърифҳои рӯй оварда онаст, ки иштироки онҳо дар як маврид аст ва он назму тартиби хос аст, ки дар мулламаъ риоя мешавад, як мисраъ лозим аст пеш аз ҳар мисраи форсӣ як мисраи арабӣ ё беш аз як ё ду байти форсӣ як ду байти арабӣ оварда шавад. Дар Девони Саъдӣ шеваҳои мухталифи нигориши муламмаъот ба чашм мерасад ва ба назар мерасад, ки Шайхи Шероз маҷмӯи қавоиди марбут ба муламмаъ зикр намудаи пешиниёнро риоят кардааст, ки байни мисраҳо бо абёти форсӣ ва арабии он ба назар мерасад.

Таваҷҷӯҳ ба таърихи пайдоиши муламмаъ дар адабиёти форсу тоҷик собит месозад, ки нахустин гӯяндаи ин навъ шеър Шаҳид ибни Ҳусайни Балхӣ мебошад, ки ақдом ба сохтани муламмаъ карда аст ва авфе дар Лубоб-ул-албоб қасидаи арабишакл

навиштааст. Родиёнӣ дар Тарҷумон-ул-балоғат пур аз таърифе, ки аз муламмаъ мекунад байте бинад.
Як қасидаи Шаҳидро меёварад, ки дар инҷо нақл мешавад:

яра муҳананӣ сумма яхфаз албусаро
фадатҳу нафсӣ тароҳу қад суфаро
Донад казӯ баман ҳаме чӣ расад
Дигар бора зи ишқ бе хабарро

Дар қарни X камтар шоире аст, ки ба ин санъат таваҷҷӯҳ карда бошад. Дар як тағаззуле, ки аз Робиа бинти Каъб шоираи муосири Рӯдакӣ дар даст ҳаст байти арабӣ мушоҳида мешавад, вале мушаккал тавон қабул кард, ки қасди Робиа дар сохтани тағаззул сохтани муламмаъ буда аст, зеро аввалин шарти муламмаъ он аст, ки риояи байти абёти форсӣ ва арабӣ аст ва дар тағаззули ӯ ҳадде риояи ин тартиб нашуда аст.

Шоире дорем ба ном Абӯ Муҳаммад Бадеъ ибни Маҳмуди Балхӣ, ки дар васфи баҳор ва мадҳи амир қасидае дорад, мутаассифона тамоми он дар даст нест. Дар ин қасидаи нотамом ду мисраи арабӣ бо риояти назм оварда шуда аст, вале бидуни нотамом будани қасида маълум нест, ки оё дар абёти боқии ин назм байни порсӣ ва тозӣ риоя шудааст? Вале дар чанд байти боқимонда, ки зайлан нақл мешуд назму тартиб дар абёти порсӣ ва арабӣ машҳуд аст.

Нақирро бар фурӯри дин баромад
Зи бонги абр бонги рӯд оҷиз
Бадон мангар, ки маснӯъ аст махӯр
Бивақтил вард шурбул хамр ҷоиз
Нигоре бояд акнун халқе зод
Бар хораи бут Чинро маҷоҳиз
Ба мйдони нишот андар хар омад
Набаста бар қадаҳ ҳал ман мубориз
Ба ёди сайди ҳурони олам
Абӯ яҳя аллазӣ яҳя ба из
Магард эй чархи гардон ҷуз ба некӣ
Бар ин рустами дил ҳотами ҷавоиз

Мулоҳиза мешавад, ки дар қарни X сохтани шеър ба ду забон форсӣ ва тозӣ чандон ривоҷ надошта аст, танҳо чанд шоири ақдом ба сохтани муламмаъ кардааст. Дар қарни XI ҳам шуаро бо ин санъат камтар таваҷҷӯҳ доштаанд. Манучеҳрӣ бо ин ки бо адабиёти араб тасаллути комил дошт ба сохтани муламмаъ ақдом накарда, танҳо ба тазмини оёт ва аҳодис ва ашъори арабӣ иктифо карда аст, вале Саноию Ғазнавӣ илова бар тазмини оёт ва ашъори арабӣ бо истифода аз ин санъат яке ду ғазал муламмаъ шумурда аст.

Дар қарни XII каму беш шеърҳое ҳастанд, ки бо ин санъат таваҷҷӯҳ доштаанд, аз ҷумла Заҳирии Форёбӣ, ки илова бар қасоид ва ғазалиёти арабӣ муламмаъ ҳам сохта аст.

Давраи камоли муламмаъ қарни XIII ва XIV аст. Саъдӣ ва Ҳофиз таваҷҷӯҳи хос ба ин санъат доштанд. Саъдӣ илова бар ғазал дар қасида ҳам аз ин санъат истифода кардааст. Мусалассро, ки навъе аз муламмаъ аст метавон аз ибтикороти Шайх донист, чун на дар Тарҷумон-ул- балоғат ва на дар Ҳадоиқ-ус-сеҳр, ки соли таълифи онҳо қабл аз Саъдӣ аст номе аз мусалассот бурда нашуда, фақат дар Абдаъ-ул-бадоеъ ба мусалассот ишора шуда аст. Ҳофиз чанд ғазали муламмаъ дорад, ки дар девони ӯ якҷо ҷамъ нашудаанд. Хотамуш шуаро Ҷомӣ дар қарни XV аз шуарое аст, ки зиёд бо ин санъат таваҷҷӯҳ дошта аст ва дар девони ӯ шеъри муламмаъ дида мешавад. Дар осори Ҷомӣ ва Навоӣ муламмаъҳои тоҷикиву ӯзбекиро дидан мумкин аст. Бисёр аз муҳаққиқон бар онанд, ки дар назми форсӣ муламмаоти тоҷикию туркӣ (ӯзбекӣ) дар асри XV дар эҷодиёти Ҷомию Навоӣ пайдо шудааст.
Ғазали зер яке аз муламмаоти ӯст:

Аҳанна шавқан ила диёр лақият фиҳа ҷамоли сулмӣ
Ки мерасонад аз он навохе навбад лутфе бачо набо
Ба водии гам манам фитода зимоми фикрат зидаст дода
На бахти ёвар на ақли раҳбар на тан тавоно на дил шикебо
Зиҳи ҷамоли ту қиблаи ҷони ҳарим кӯи ту каъбаи дил
Фаинна саҷадано илайка насҷуду ва иннасаъяно илака насаъю…

Мулоҳиза мешавад, ки пас аз қарни XVI нишонаи кӯчактарини таҳаввул дар ин санъат пайдо нест ва ҳамон назму тартиб, ки дар муламмаъи қарни XV риоя шуда аст, дар муламмаъи қарни XVI ҳам дида мешавад, фақат тағйире дар чигунагии назм байни мисраҳо ё абёти порсӣ ва арабӣ рух додаанд, масалан дар муламмае, ки аз Ҷомӣ дар ин ҷо нақл шуда аст назми хос мушоҳида мешавад бад ин тартиб, ки мисраҳои аввалин арабӣ аст ва пас аз як байти порсӣ мисраи дуввум аз байти саввум арабӣ аст ва бораи назм пас аз як байт порсӣ такрор мешавад ва мурод аз давраи камоли муламмаъ ҳам давраест, ки шеърро бештар бо ин санъат таваҷҷӯҳ кардаанд. Чун дар саросари қарнҳо моро зикри ҳеҷ гуна таҳаввуле дар ин санъат рух надода аст, вале нуктае пеш меояд, ки оё ин санъат дар шеър мавриди истифода қарор гирифт ё ҳамон сурат ки навъеро дошт бо ин ки ҳастӣ соддатар ва ибтидоитар аст то ҳол боқӣ мондааст?

Манзур ин аст, ки оё метавон тазмини оёти қуръон ва аҳодиси набавӣ ва ашъору амсолу ҳикоми арабиро ибтидои кори муламмаъ донист? Шояд таърифе, ки аз муламмаъ шуда аст ҷавоби ин суолро бидиҳад.

Балки чунин тасаввурот кардан мумкин, ки дар он давра чунин осоре ҳам вуҷуд дошт, зеро дар қарни саввум, ки шоирон саъяшон бар ин буд, ки дар ашъори хеш аз забони арабӣ истифода накунанд ва кӯчактарин итилоъи ҳам аз саноеъи адабӣ, ки баъдҳо дар шеъри форсӣ мавриди истифода қарор гирифт надоштанд, чӣ гуна метавонад муламмаъ, ки як такаллуфи адабӣ аст камтар аз панҷоҳ сол дар шеъри форсии он давра рӯ ба такомул равад? Пас бояд муламмаъро таҚлиде бидонем, ки аз забонҳои дигар шуда, вале муслим аст, ки чӣ дар забонҳои форсӣ-тоҷикии пеш аз ислом ва чӣ дар забони арабӣ асаре, ки дар он муламмаъ вуҷуд бошад шоҳиде нест ва фарз ин, ки ин санъат дар забони дигаре ғайр аз забонҳои мазкур вуҷуд дошта, бояд ба назар супурд.

Муламмаъи аввал:

Ту хуни халқ бирезию рӯй бар тобӣ
Надонамат чӣ мукофоти ин азал ёбӣ
Тасдаъунӣ- ил-ҷавру ван-наво лекин
Илайка қалбӣ я гоят-ул-мано собӣ(1)
Чу андалеб чӣ фарёдҳо, ки медорам
Ту аз гурури ҷавонӣ ҳанӯз дар хобӣ
Ила-л- гадоти васалтум ва тусбиҳунаҳум
Ва фи видадикум иннӣ ҳаҷарту аҳбобӣ(2)
На ҳар кӣ соҳиби ҳусн аст, ҷавр пеша кунад
Туро чӣ шуд, ки худ андар камини асҳобӣ
Аҳиббатӣ амарунӣ битарки зикроҳ
Лақад атаъту ва локинна ҳуббуҳу обӣ(3)(2,сах151)

1-Имтиноъ мекунӣ аз ман ба василаи ҷавру дурц, вале ошиқ аст қалбам ба ту эй мунтаҳои орзуям

Маро дар медиҳад ҷавру дурӣ, лекин Туро эй ғояти тақдир дили ман мепарастад.

2-Ба душманон пайвастед ва дӯстӣ мекунед бо эшон вале ман дар дӯстии шумо дур шудам аз дӯстонам

Ба ногаҳ расидед ва саҳар мекунад ва дар дӯстии шумо аз дӯстонам ҷудо шудам

3- Дӯстонам гуфтанд, ки тарк кунам бо доваро ман итоат кардам аммо дӯстии ӯ имтиноъ мекунад.

Дӯстонам маро амр карданд, ки ёди туро тарк кунам Ман итоат кардам, лекин ишқи ӯ гардан тофт (сар печид)

Ғамат чигуна бипӯшам, ки дида бар рӯят
Ҳаме гувоҳӣ бар ман диҳад, ки каззобӣ
Маро ту бар сари оташ нишонда эй аҷаб он-ки
Манам дар оташу зи ҳоли ман ту дар тобӣ
Ман аз ту сер нагардам, ки соҳиби истисқо
На мумкин аст, ки ҳар гиз расад ба-серобӣ

Муламмаъи дуввум:

Вақтҳо як дам баросудӣ танам
Қола Мавлоӣ битарфӣ лоанам(1)
Асқиёнӣ ва даъонӣ афтазиҳ(2)
Ишқу мастурӣ наёмезад баҳам
Мо ба мискинӣ силоҳ андохтем
Ло таҳиллу қатла ман алқа-с-сулам(3)
Ё гариб-ул-ҳусни рифқан ли-л-гариб(4)
Хуни дарвешон марез, эй мӯҳташам
Гар накардастӣ ба хунам панҷа тез
Мо ли зокал-л- каффи махзубан бидам(5) (2,сах152)

1-Сурури ман гуфт ба эҳтимонам ки нахоб
Гуфт Мавлоям ба чашмам намехустам
2-Бинӯшонид ба ман ва бигзор буд, ки расво шавам
Маро об дод ва наздаш хонд, ман фош шудам
3-Ҳалол несл қатли касе, ки таслим ба тамост. Ишора аст ба ояти сураи Нисо: ﴿٩٠﴾ سَبِيلًا عَلَيْهِمْ لَكُمُ ٱللَّهُ جَعَلَ فَمَا ٱلسَّلَمَ إِلَيْكُمُ وَأَلْقَوْا۟ يُقَٰتِلُوكُمْ فَلَمْ ٱعْتَزَلُوكُمْ فَإِنِ
Ҳалол надонед қатли он касро, ки салом дод.
4-Эй соҳиби ҳусни беҳамто мадоро кун бо ғариб
Эй он, ки ҳусни аҷоиб дорӣ, некие кун ба ғариб
5-Пас чист иллати он дасти оғӯшта ба хун
Пас чаро он каф олуда ба хун аст?

Қад малакта-л- қалба мулкан доиман(1)
Хоҳӣ акнун адл кун, хоҳӣ ситам
Гар бихонӣ в-ар биронӣ, бандаам
Ло уболӣ ан даонӣ ав шатам,(2)
Ё казиб-ул- бони мо ҳозо-л вуқуф(3)
Гар хилофи сарв мехоҳӣ, бичам
Умрҳо парҳез мекардам зи ишқ
Мо ҳасабту-л-она илло қад ҳаҷам(4)

1-Мусаххар кардӣ қалбамро барои ҳамеша
Соҳиб шудӣ дилро ба таври ҳамешагӣ
2-Парвое надорам, ки маро наздат мехоҳӣё накӯҳиш мекунӣ
Аҳамият намедиҳам инки агар маро бихонад бо дашном диҳад маро
3-Эй росқомат ин боз истодан чист?
Эй шохабон ин истодан чист?
4-Он чӣ ҳисоб мекардам, акнун хуҷум кард
Тасвир акнунро намекардам магар инки батаҳқиқ руй овар шуд

Ҳаллиёнӣ наҳва манзури ақиф(1)
То чу шамъ аз сар бисӯзам то қадам
Дар азал рафтаст манро дӯстӣ
Ло тахунинӣ ва аҳдӣ ма-нсарам(2)
Базлу рӯҳӣ фики амруҳин(3)
Худ чӣ бошад дар кафи Ҳотам дирам
Бандаам, то зиндаам бе зинҳор
Лам азал аҳдӣ ва авсоли наам(4)

1-Бигзоред маро, ки бо бастам ба сӯи маъшуқам
Бигзоред то пеши манзурам истам
2-Хиёнат накунед ба ман пас паймони ман шикастани нест
Ба ман хиёнат накунед ва аҳди ман нагузаштааст
3-Тӯҳфаи ҷонам дар ту корест, ки ҳин
Базал ҷон дар роҳи ту кор баст бар осон
4-Аҳдам ва вуслҳоям ҳанӯз боқист
Ҳамеша бандаи ту ҳастам дар ҳоле, ки аъзоям пӯсида бошад
Шунъат-ул-аззоли индӣ лам туфид(1)

К-аз азал бар ман кашиданд ин рақам
Ақлу сабр аз ман чӣ мехоҳӣ, ки ишқ
Кулла мо ассасту бунёнӣ ҳадам(2)
Анта фӣ қалбӣ а лам таълам биҳи(3)
К-аз насиҳатгӯ намебинад алам
Гар бинолам вақте аз захме қидам
Ло талумунӣ фаҷарҳӣ ма-лтаҳам(4)

1-Сарзаниши сарзанишкунандагон назди ман фоидае надорад
Бадии рақиб ба ман фоида накард
2-Он чиро сохтам бунёдашро ишқ вайрон кард
Ҳар дафъа, ки бунёдамро ниҳодам, вайрон кард
3-Ту дар қалби манӣ оё намедонӣ?
Ту дар дили манӣ, оё онро намедонӣ?
4-Маломат мекунед маро захми ман ниём пазир нест
Маро маломат накунед, захми ман ба ҳам намояд (сиҳат намешавад)

Ин турид маҳва-л-бароё фанкашиф(1)
То вуҷуди халқ резӣ дар адам
Саъдиё, ҷон сарф кун дар роҳи дӯст
Инна гоята-л-амонӣ таґтанам.(2)

1-Агар мехоҳӣ аз байн бибарӣ мардумро пас рух бинмо
Агар хоҳӣ маҳви мавҷудотро пас берун баро
2-Ғояти амният ганимат мешавад
Мунтаҳои орзуҳоро ганимат бишмор

Дар маҷмӯъ, баррасии ашъори Шайх Саъдӣ бозгӯ аз он аст, ки ин шоири соҳибноми форсу тоҷик дар истифодаи муламмаъ мақоми шоёни ҳунарӣ зоҳир намудааст ва аз сӯи дигар ин навъ ашъори ӯ ба огоҳии комилаш дар забони арабӣ ва инчунин фарҳанги исломӣ ишорат намуда, маҳорати Саъдиро дар офариниши шеър на танҳо дар забони форсӣ, балки дар забони арабӣ низ ба субут мерасонад.

Адабиёт:

1. Деҳхудо, Алиакбар. Луғатнома. - ҷ.14. - Теҳрон, 1372.
2. Муин, Муҳаммад. Фарҳанги форсӣ (иборат аз 6 ҷилд), ҷ. IV. - Теҳрон, 1371ҳ.ق.
3. Муҳаммад Ғиёсуддини Ромпурӣ. Ғиёс-ул-луғот. - ҷ. 2.- Душанбе, 1989.
4. Мунтахаби “Тарҷумон-ул-балоға” ва “Ҳадоиқ-ус-сеҳр”. - Душанбе: Дониш, 1987.
5. Муслиҳиддин Саъдӣ / бо тасҳеҳи Муҳаммад Алии Фурӯғӣ. Куллиёт. – Теҳрон: Ҳермес, 1385
6. Саъдии Шерозӣ. Куллиёт. - ҷ. 1. - Душанбе: Адиб, 1988.
7. Фарҳанги забони тоҷикӣ, иборат аз 2 ҷилд. - ҷ. 1. - Москва, 1969.
8. Ҳасани Амид. Фарҳанги Амид. (иборат аз 3 ҷилд), ҷ. 3-Теҳрон 1365 ҳ.
9. Ҳусайнӣ Атоулло. Бадоеъ-ус-саноеъ. – Душанбе, нашриёти «Ирфон»: 1974
10. Заҳрои Хонларӣ. Фарҳанги адабиёти форсӣ. - Теҳрон 1360 ҳ.
11. Зеҳнӣ, Тӯрақул. Санъати сухан. - Душанбе: Ирфон, 1979.
12. Ҳодизода Р., Шукуров М., Абдухабборов Т. Луғати истилоҳоти адабиётшиносӣ. - Душанбе. 1964.

ХУДОЖЕСТВЕННАЯ ОСОБЕННОСТЬ “МУЛАММА” В ПОЭЗИИ САДИ ШИРАЗИ

Мафтунахон Ваххобова

В данной статье рассматривается способы умения использовать поэтическое исскуство муламма и его расположение в поэзии Саади Ширази. Исследователь в первую очередь объясняет терминологические и лексические значения слова муламма на основе теории учёных литературных наук, затем устанавливает его место и расположение в стихах поэта.

***Ключевые слова*:** муламма, Шейх Саади, газели, касыди, строка, мастерство поэта.

ARTISTIC FEATURES OF "MULAMMA" IN THE POETRY OF SA'DI SHIRAZI

Maftunahon Vahhobova

This article discusses how to use poetic art of mulamma skill and its location in the poetry of Sa’di Shirazi. The researcher first explains the terminology and lexical meaning of mulamma based on the theory of literature sciences and then establishes his place and location in the verses of the poet.

Key words: mulamma, Sheikh Saadi, Gazelles, kasida, string, skill of the poet.

Сведения об авторе: Вахобова Мафтунахон – аспирант кафедры таджикского языка и литературы Худжандского государственного университета им. Б. Гафурова. Тел.: (+992) 92 8787836, e-mail: maftunakhon05@mail.ru

Information about the author: Vahobova Maftunahon, postgraduate student of Tajik language and literature chair in Khujand State University named after academician B. Gafurov. tel. (+992) 92 8787836, e-mail: maftunakhon05@mail.ru

М У Н Д А Р И Ҷ А

ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ (ФИЛОСОФИЯ, ПОЛИТОЛОГИЯ)			
1.	*Файзуллоев Г. Ф., Норбоев Ю.*	Ташаккули равияи «Ихвон-ус-сафо» ва оғози фалсафаи онҳо	3
2.	*Назаров Азиз Акбарович, Исломова Зебинисо*	Стратегические направления в развитии промышленности Таджикистана	6
3.	*Солиев Б.Х.*	Взаимоотношение современного политического ислама с процессами глобализации и модернизации	10
4.	*Мураталиева Замира Тулкуновна*	Россия в Центральной Азии: анализ модификации интересов	17
5.	*Мухамедходжаева П.А.*	Чувственное восприятие мира и учение муджаддидия об эзотерическом опыте	21
6.	*Азамов Х.С.*	Об основных положениях складывающейся теории демократии	28
ТАЪРИХ ВА ҲУҚУҚ (ИСТОРИЯ И ПРАВО)			
7.	*Мирзоев Абдулҳақ*	Ахлоқ аз дидгоҳи Ихвон-ус-сафо	36
8.	*Зарифов Н.*	Ликвидация неграмотности среди женщин в Таджикской Автономной Советской Республике (1924 1929гг.)	39
9.	*Хакназаров А. Мусоев А.*	Вклад В.В.Бартольда в таджикской историографии	44
10.	*Алимов Д. Х., Джалилов М. Ш.*	История переселения дехканских хозяйств и освоение целинных земель нижне-кафирниганской оросительной системы	51
11.	*Алимов Искандар*	Проблемы реформирования системы образования в первые годы независимости Таджикистана	56
12.	*Химатов Хабибулло Неъматович*	Некоторые особенности правового регулирования отношений собственности супругов в Таджикистане (в период 1917 - 1998 гг.)	64
13.	*Махсудов Х.А.*	Михйар Ад-Дайлами в арабских средневековых источниках	68
14.	*Гаибова Ф.М.*	Историческая значимость газеты «Урват–ул - вуско» в странах Восток - Запада	74
15.	*Марями Ризоифар, Насрулло Убайдуллоев*	Заминаҳо ва марҳилаҳои ба қудрат расидани Нодиршоҳ дар тасвири «Оламорои Нодирӣ»	81
16.	Сайнаков С. П	Из истории присоединения памира к россии	88
17.	*Сафаркулова Гулмох*	Развития культуры гбао в годы советской власти	101
ИҚТИСОДИЁТ (ЭКОНОМИКА)			
18.	*Ходжаев П.Д.*	К вопросу качества логистического сервиса на пассажирском транспорте	107
19.	*Ҳасанов Ш. Қ.*	Ҷаҳонбинии зиддикоррупсиони Ҳолланд дар ташаккули иқтисод	111
20.	*Ҳасанов Ш. Қ. Гафуров Ғ.С.*	Ҷанбаҳои зиддикоррупсиони Олмон дар пешгирии иқтисоди пасипардавӣ	117
21.	*Умаров. М.А. Қосимова М.Д.*	Шеваҳои компютерӣ дар луғатнигорӣ	121
22.	*Мараимов Б.М.*	Основные направления развития розничной торговли в Республике Таджикистан	125
23.	*Одинаев Ш. Т. Гадоев Ш.К., АмоноваМ.М.*	Факторы, определяющие инвестиционную деятельность региона	129
24.	*Шарипов Б.М.*	Новая институциональная форма посредничества на финансовом рынке Таджикистана	134

ПЕДАГОГИКА ВА МЕТОДИКАИ ТАЪЛИМ (ПЕДАГОГИКА И МЕТОДИКА ПРЕПОДАВАНИЯ)			
25.	*Маҷидова Бибиҳафиза, Ибронова Ҷавҳарбӣ*	Ба вуҷуд омадан ва зоҳиршавии душвортарбия будан дар кӯдакони хурдсол	142
26.	*Хамид Маджидов Зафар Давлатов*	Формирование мыслительных способностей бакалавров в вузах Республики Таджикистан	147
27.	*Умаров Абдурахмон, Сабзаалии Раджаб*	Формирование информационной компетентности у будущих педагогов иностранного языка	155
28.	*Сайидаббоси Сайиднур Ҳамид Ходими Масҷидӣ*	Пешбинии шеваҳои фарзандпарварии фарзандони духтар (мақтаи раҳнамоӣ) аз тариқи дидгоҳи тарбиятии модар	159
29.	*Гараева Альфия Кахировна*	Средства современных информационных технологий в системе дистанционного обучения немецкому языку	165
30.	*М.Саидов, Ф.Махзумзаде Бушеҳри*	Фаҳмиши муосири омӯзиши проблемавӣ дар таҳлили муқоисавӣ мактабҳои Ҷумҳурии Исломии Ирон ва Тоҷикистон	170
31.	*Абдурахмонов Р.*	О разработке теоретических основ дидактических принципов	174
32.	*Мирганова Н.Р.*	Роль русского языка в постсоветском пространстве	177
33.	*Сияхаков С.М.*	Роль и задачи спецкурсов в подготовке специалистов на основе кредитной системи обучения	181
34.	*Атақулова Д.*	Усулҳои навиштани шарти масъалаҳои физикии ҳисобӣ (миқдорӣ)	184
35.	*Файзиев И. Д. Умаров У. С. Файзиева Г. И.*	Экологические производственные технологии и особенности их использования в практике преподавания предметов естественнонаучного цикла	188
36.	*Бурханов Курбонбой Турсунраджабович*	Вклад Х. Кузиева в развитии математического образования в школах Таджикистана	192
37.	*Расулов Т.М., Расулов С.М.*	Актуализация проблемы качества профессионального педагогического образования	197
38.	*Латипов С., Ташпулатова Ф.*	Организации самостоятельной работы студентов для формирования информационной компетентности студентов в условиях кредитной системы обучения	203
39.	*Булбулов Чумъа*	Макоми такмили ихтисос дар таъмини мустақилияту худинкишофдиҳиии омӯзгорон	207
40.	*Ниятбекова А. Ю.*	Обучение категории модальности русского языка в таджикской школе	210
41.	*Куджов Р.*	Критерии, показатели и признаки эффективности общепедагогической подготовки будущих учителей	213
42.	*М.Саидов Ф.Махзумзаде Бушеҳри*	Технологияи навини омӯзиш дар татбиқи илм	217
43.	*Зайнаби Фараҷзодаи Беболон*	Тасбити рушди иҷтимоъи дар даврахои хурдсолӣ	220
44.	*Гулмадов Ф.*	Оила пойдевори тарбияи арзишҳои маънавӣ-ахлоқии мактаббачагони хурдсол	224
45.	*Базарова С.Ш., Аджиджимиль Г.Д.*	Критерии отбора старшеклассников для подготовки к исследовательской деятельности во внеклассной работе	230
46.	*Ахадов З.Н. Саидов М.В.*	Дидактическая система средств активизации обучения школьников	235
47.	*Вахобова А.А.*	Технология развития коммуникативной культуры студентов в условиях межнационального общения	238
48.	*Мухаббат Иззатова*	Формирование нормативно-правовых основ и учебно-методической базы дошкольных учреждений	243

49.	*А. Ходжаназаров*	Ж.Ж. Руссо о свободном воспитании и естественном последствии поощрения и наказания	248
50.	*Мавлянова Н.Д.* *Раджабов Т.Б.* *Бегимов Х.Х.*	Приобщение младших школьников к исследовательским деятельности в процессе обучения математики	253
51.	*Раджабов Б.Ф.* *Бобиев Г.М.* *Комилов Ф.С.*	Из истории фармацевтики Таджикистана	257
52.	*Рустамова Гуландом Рустамовна*	Идея свободного воспитания Льва Толстого	263
53.	*Валиджанова С.Р.*	Роль художественного текста в формировании лингвокультурной компетенции в содержательном аспекте	266
54.	*Хаким-зода Сабохат*	Понятие «особый ребёнок»	270
55.	*Назаров Ҳотам*	Масъалаҳои одобу ахлоқ дар осори шоҳ Неъматуллоҳи Валӣ	273
ЗАБОН ВА АДАБИЁТИ ТОҶИКӢ, РУСӢ ВА АНГЛИСӢ (ТАДЖИКСКИЙ, РУССКИЙ, АНГЛИЙСКИЙ ЯЗЫКИ И ЛИТЕРАТУРА)			
56.	*Исломова Дж.М.*	Переводы лексики и фразеологии на таджикский язык	278
57.	*Мирзо Ҳасани Султон*	Шеваи корбасти истилоҳоти нуҷумӣ дар осори манзуми Насириддини Тӯсӣ	283
58.	*Кулобиев А.*	Вопрос о номинативных предложениях в современном таджикском языке	288
59.	*Олимов Р. Ш.* *Соҳибназарзода Р.С.*	Категорияи номуайянии исм тавассути артикли «е» ва «як» ва ифодаи он дар забони франсавӣ	292
60.	*Холов Х. Р.*	Пушкин и Фирдоуси	297
61.	*Ҳоҷи Ҳусайн Мӯсозода*	Таҷассуми маъниҳои орифонаи вожаи об дар «Девони Шамси Табрезӣ»	301
62.	*Abdolreza Bagherzadeh Nimchahi*	Motivation and interlanguage pragmatics in Tajik English language learners	304
63.	*Ёрова Мужда*	Понятие категории пространственности и ФСП пространственности в языкознании	312
64.	*Махкамов С.Б.*	Нақши санъатҳои бадеӣ дар достонҳои ишқии романтикии асри XV	317
65.	*Орипова Ф. М.*	Лексико-семантическое микрополе «крупный рогатый скот» в английском и таджикском языках	323
66.	*Валиев Н.У.*	Понятие мифа и предмет его изучения	327
67.	*Боймурод Шарифов*	Таҷдиди матлаъ дар Қасойиди Хоқонӣ	330
68.	*Ғаффоров А.О.*	Ибораҳои феъли муносибати пуркунандагӣ бо пешоянди «бар» дар «Бадоеъ-ул-вақоеъ» -и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ	338
69.	*Хоркашев С.,* *Мирганова Н.Р.*	Истилоҳоти марбут ба ҳайвонот	341
70.	*Саидмуроди Хоҷазод*	Мавқеи очерк дар радиои Тоҷикистон	356
71.	*Иномова С.А.*	Классификационная характеристика структуры и средств выражения темпоральных отношений в словосочетаниях в английском и таджикском языках	361
72.	*Бакаева М.Т.*	История перевода произведений Ф.Мухаммадиева на русский язык	365
73.	*Сахидод Хоркашев*	Таҳқиқи воҳидҳои луғавии марбут ба асбоби рӯзгор	369
74.	*Мафтунахон Ваҳҳобова*	Хусусиятҳои бадеии муламмаоти Саъдӣ	382

ТАРТИБИ ҚАБУЛ ВА НАШРИ МАҚОЛА

Маҷаллаи «Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ» нашрияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

«Дар бораи матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма» интишор мешавад.

Дар маҷалла натиҷаи корҳои илмӣ тадқиқотии профессорону омӯзгорони Донишгоҳ ва олимони ватанаиву хориҷӣ нашр карда мешавад.

Ҳайати таҳририя, ки ба мутахассисони соҳаҳои мухталифи илм шомил мегарданд, бо фармони Ректори Донишгоҳ тасдиқ карда мешавад.

Маҷалла мақолаҳои илмиро тибқи қарори кафедра ва Шӯрои олимони факултет қабул менамояд.Мақолаҳое, ки ба сӯроғаи маҷаллаи «Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ» ирсол мешаванд бояд ба талаботҳои зерин ҷавобгӯ бошанд:

1. Дар мақолаҳои илмӣ ҳалли масъалаҳои аниқ ва равшан ифода гарданд.
2. Ҳаҷми мақола якҷоя бо расм, ҷадвал, диаграмма, графика ва матни аннотатсия (0,5 сах) аз 10 саҳифаи чопӣ зиёд набошад.
3. Дар ҳар як мақолаи илмӣ тибқи тартиб зикри мафҳумҳои калидӣ ва аннотатсия бо ду забон: русӣ ва англисӣ риоя шавад.
4. Мақолаҳо бояд дар компютер тибқи барномаи Winword дар дискета ё флешкарт бо шрифти Times New Roman Tj., ҳурифи 14 пешниҳод карда мешавад. Фосилаи байни сатрҳо 1 см., ҳошия аз тарафи чап 3 см., аз тарафи рост 2 см., аз боло 3 см., ва аз поён 2, 5 см. - ро ташкил менамояд, матни мақола аз тарафи рост саҳифабандӣ карда мешавад.
5. Дар саҳифаи аввали мақола ному насаби муаллиф, ном ва муассисаи корӣ дарҷ гардад.
6. Дар мақолаҳои илмӣ истифодаи адабиёт, тарзи гузоштани иқтибос тибқи тартиби муайянкардаи стандарти давлатӣ риоя шавад.
7. Дар охири мақола маълумот оид ба ҷойи кор, вазифаю унвони илмӣ, суроғa, рақами телефон ва имзои муаллиф ҷой дода шавад. Ба муаллифоне, ки масъули асосии ҳифзи сирри давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд нишон додани маълумотҳои мушаххас зарур намебошанд.
8. Ҳайати таҳририя ҳуқуқ дорад, ки мақолаи илмиро ихтисор ва ислоҳ намояд
9. Дастхати мақолаҳо баргардонида намешавад.

Ҳайати таҳририя

ПОРЯДОК ПРИЁМА И ИЗДАНИЯ СТАТЬИ

Вестник Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни издается в соответствии Законом Республики Таджикистан «О печати и других средств массовой информации».

В журнале публикуется основные научные результаты диссертаций на соискание учёной степени кандидата и доктора наук отечественных и зарубежных исследователей.

Редакционная коллегия утверждена по приказу Ректора университета.

Статьи принимаются с протоколом кафедр, научного Совета факультетов и с отзывами научных руководителей.

Статьи, которые отправляются в адрес университета, должны соответствовать следующим требованиям:

1. Основное содержание издания должно представлять собой оригинальные научные статьи.
2. Представленные статьи совместно с рисунками, диаграммами, графиками, аннотациями должны быть не менее десяти страниц.
3. Каждая научная статья в обязательном порядке принимается с ключевыми словами и с аннотациям на русском и английском языках.
4. Статьи принимаются в формате Microsoft Word, шрифтом Times New Roman (Times New Roman Tj.), размер шрифта 14. Все поля обязательны для заполнения независимо от формы (бумажной или электронной) научного издания. Интервал между строками с левой стороны 2 см., с правой стороны 2см, сверху 2 см, снизу 2 см., текст статьи номеруется с правой стороны.
5. На первой странице статьи указывается фамилия имя отчество и место работы автора.
6. У всех публикуемых научных статьях должны быть пристатейные библиографические списки, оформленные в соответствии с правилами издания, на основании требований, предусмотренных действующими ГОСТами.
7. В публикуемых материалах указывается информация об авторах, их месте работы и необходимые контактные данные. Авторы, имеющие допуск к государственной тайне Республики Таджикистан имеют право не указывать место работы и контактные данные.
8. Редакционная коллегия имеет право сократить и исправит научную статью.
9. Представленные научные статьи автору не возвращаются.

Редакционная коллегия

THE PROCEDURE OF AN ARTICLE ACCEPTANCE AND PUBLICATION

The journal of "Herald of the Pedagogical University" as the publication of Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini is published on the basis of the Law on "Press and Mass Media".

The results of the research works of University professors and teachers as well as internal and external scientists is published in the journal.

The editorial staff that includes the scientists who work in different fields of science is approved by order of Rector of the University.

The research papers (articles) will be accepted in compliance with the decree of Chair and Faculty Academic Council.

The articles sent to the journal "Herald of the Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini" should meet the following requirements:

1. The content of the article should clearly and deeply express the results of research work.
2. The volume of the article should be no more than 10 printer's sheets including picture, table, diagram, graphic and annotation (0,5 page).
3. The articles should be submitted in disc or memory card in Times New Roman Tj font, 14 prin, and according to WinWord Program.
4. The space between the lines - 1 cm, left margin – 3 cm, right margin – 2 cm, upper margin – 3 cm, bottom margin – 2,5 cm and the text composition should be from the right side.
5. The author's name and the name of working place will be written in the first page of the article.
6. The place of employment, position, academic title, address, phone number and signature of the author will be written at the end of article.
7. The references in accordance with standards should be mentioned at the end of article.
8. The editorial staff has right to shorten and correct the article.
9. The pen script of the article will not be returned.

Editorial staff

Ба нашр 02.07.2014 иҷозат дода шуд.
Андозаи 60×84 1/8 Қоғази офсетӣ 70 гр.
Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 49,25. Теъдоди нашр 80.
Супориши № 11

Матбааи «Сабрина-К»

ш. Душанбе, к.М.Турсунзода х.91